**ISSN 2413-5151**

# ПАЁМИ
## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ

2022. №7.

---

# ВЕСТНИК
## ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия социально-экономических и общественных наук

2022. №7.

---

# BULLETIN
## OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of economic and social sciences

2022. No.7.

**МАРКАЗИ**
**ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА**
**ДУШАНБЕ – 2022**

**ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**БАХШИ ИЛМҲОИ ИҶТИМОӢ–ИҚТИСОДӢ ВА ҶАМЪИЯТӢ**

**Муассиси маҷалла:**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.

***САРМУҲАРРИР:***

| | |
|---|---|
| **Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло** | *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

***08.00.00 –иқтисод***

| | |
|---|---|
| **Ғаниев Таваралӣ Бобоевич** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Давлатзода** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Қудрат Қамбар** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Чая Влидимир Тигранович** | *(Федератсияи Россия)* |
| **Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Исайнов Ҳисайн Раҳимович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Исраилов Мукаш Исраилович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор (Ҷумҳурии Қиргизистон)* |
| **Калемуллоев Мунир Воҳидович** | *Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент* |
| **Кодирзода Диловар Баҳриддин** | |
| **Низомов Самариддин Фахриевич** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Низомова Туҳфамо Давлатовна** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Одинаев Ҳаёт Абдулҳақович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Умаров Ҳоҷимуҳаммад** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Файзуллоев Машраб Курбоналиевич** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Шамсов Илёс Сафарович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |

***12.00.00 – ҳуқуқшиносӣ***

| | |
|---|---|
| **Азиззода Убайдулло Абдулло** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Ғаюров Шукрулло Кароматуллоевич** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Диноршоев Азиз Мусоевич** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ* |
| **Раҳмон Дилшод Сафарбек** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Сотиволдиев Рустам Шарофович** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Шарипов Тақдиршо Шарифович** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |

***23.00.00 –сиёсатшиносӣ***

| | |
|---|---|
| **Зокиров Гулмаҳмад Нозимович** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор* |
| **Курбонов Абдураҳмон Шерович** | *Доктори илмҳои фалсафа, профессор* |
| **Маҳмадизода Нозим Давлатмурод** | *Доктори илмҳои фалсафа, профессор* |
| **Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ* |
| **Нуриддинов Раймалихон Шаҳбозович** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор* |
| **Потселуев Сергей Петрович** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор (Федератсияи Россия)* |
| **Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ** | *Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент* |
| **Сафранчук Иван Алексеевич** | *Номзади илмҳои сиёсӣ (Федератсияи Россия)* |

*Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016 ворид гардидааст.*

*Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои зерини илмро барои чоп қабул менамояд:*

***Дар соҳаи илмҳои иқтисодӣ:*** *08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.*

***Дар соҳаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ:*** *12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.*

***Дар соҳаи илмҳои сиёсӣ:*** *23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.*

*Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст.*

*Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.*

*Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (*www.vestnik-tnu.com*).*

**Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ**
– 2022. – №7.
ISSN 2413-5151

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №181/МҶ-97 от 19.02.2021 ба қайд гирифта шудааст.

Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад. Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ДМТ, 2022

**ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
**СЕРИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ И ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК**

**Учредитель журнала:**
Таджикский национальный университет
**Журнал основан в 2012 г.**

***ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:***
**Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт** — *Доктор экономических наук, профессор, ректор Таджикского национального университета*

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:**
**Сафармамадов Сафармамад Мубаракшоевич** — *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета*

***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***
**Исмонов Кароматулло** — *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:

***08.00.00 – Экономика***

| | |
|---|---|
| **Ганиев Таварали Бобоевич** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Давлатзода Кудрат Камбар** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Иброхимзода Илхомуддин Раджабали** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Исайнов Хисайн Рахимович** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Исраилов Мукаш Исраилович** | *Доктор экономических наук, профессор (Кыргызская Республика)* |
| **Калемуллоев Мунир Вохидович** | *Кандидат экономических наук, доцент* |
| **Кодирзода Диловар Бахриддин** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Низомов Самариддин Фахриевич** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Низомова Тухфамо Давлатовна** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Одинаев Хаёт Абдулхакович** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Умаров Ходжимухаммад** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Файзуллоев Машраб Курбоналиевич** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Чая Влидимир Тигранович** | *Доктор экономических наук, профессор (Российская Федерация)* |
| **Шамсов Илёс Сафарович** | *Доктор экономических наук, профессор* |

***12.00.00 – Юриспруденция***

| | |
|---|---|
| **Азиззода Убайдулло Абдулло** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Гаюров Шукрулло Кароматуллоевич** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Диноршоев Азиз Мусоевич** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Муртазозода Джамшед Сайдали** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Насриддинзода Эмомали Сайфиддин** | *Доктор юридических наук, профессор, член-корр. НАНТ* |
| **Рахмон Дилшод Сафарбек** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Сотиволдиев Рустам Шарофович** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Шарипов Таќдиршо Шарифович** | *Доктор юридических наук, профессор* |

***23.00.00 – Политология***

| | |
|---|---|
| **Зокиров Гулмахмад Нозимович** | *Доктор политических наук, профессор* |
| **Курбонов Абдурахмон Шерович** | *Доктор философских наук, профессор* |
| | *Доктор философских наук, профессор* |
| **Махмадизода Нозим Давлатмурод** | *Доктор политических наук, профессор, член-корр. АН РТ* |
| **Муњаммад Абдурахмон Навруз** | |
| **Нуриддинов Раймалихон Шахбозович** | *Доктор политических наук, профессор* |
| **Поцелуев Сергей Петрович** | *Доктор политических наук, профессор (Российская Федерация)* |
| **Сафарализода Худжамурод Куддуси** | *Кандидат политических наук, доцент* |
| **Сафранчук Иван Алексеевич** | *Кандидат политических наук (Российская Федерация)* |

Журнал входит в Перечень рецензируемых научных изданий ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации от 03.06.2016.

Журнал принимает научные статьи по следующим научным специальностям:

**В области экономических наук:** *08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.*

**В области юридических наук:** *12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.*

**В области политических наук:** *23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.*

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).

Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.

Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.vestnik-tnu.com).

**Вестник Таджикского национального университета.**
**Серия социально-экономических и общественных наук.**
– 2022. – №7.
ISSN 2413-5151
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.
Свидетельство №181/ЖР-97 от 19.02.2021 г.
**Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.**
**Адрес Издательского центра:**
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ТНУ, 2022

**BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**Series of economic and social sciences**
**Founder of the journal:**

**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**The journal is established in 2012.**

***CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Khushvakhtzoda Kobildzhon Khushvakht** | *Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University* |

**DEPUTY CHIEF EDITOR:**

| | |
|---|---|
| **Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich** | *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-rector for Science of the Tajik National University* |

***DEPUTY CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Ismonov Karomatullo** | *Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University* |

MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:

***08.00.00 - Economy***

| | |
|---|---|
| **Ganiev Tavarali Boboevich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Davlatzoda Kudrat Kambar** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Chaya Vladimir Tigranovich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor (Russian Federation)* |
| **Ibrohimzoda Ilhomuddin Rajabali** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Isainov Khisain Rakhimovich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Israilov Mukash Israilovich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor (Kyrgyz Republic)* |
| **Kalemulloev Munir Vohidovich** | *Candidate of Economic Sciences, Associate Professor* |
| **Kodirzoda Dilovar Bahriddin** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Nizomov Samariddin Fakhrievich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Nizomova Tuhfamo Davlatovna** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Odinaev Hayot Abdukhakovich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Faizulloev Mashrab Kurbonalievich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Shamsov Ilyos Safarovich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Umarov Khojamuhammad** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |

***12.00.00 – Jurisprudence***

| | |
|---|---|
| **Azizzoda Ubaydullo Abdullo** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Gayurov Shukrullo Karomatulloevich** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Dinorshoev Aziz Musoevich** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Murtazozoda Jamshed Saidali** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Nasriddinzoda Emomali Saifiddin** | *Doctor of Law, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan (NAST)* |
| **Rahmon Dilshod Safarbek** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Sotivoldiev Rustam Sharofovich** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Sharipov Taqdirsho Sharifovich** | *Doctor of Law, Professor* |

***23.00.00 – Political sciences***

| | |
|---|---|
| **Zokirov Gulmahmad Nozimovich** | *Doctor of Political Sciences, Professor,* |
| **Kurbonov Abdurakhmon Sherovich** | *Doctor of Philosophy, Professor* |
| **Mahmadizoda Nozim Davlatmurod** | *Doctor of Philosophy, Professor* |
| **Muhammad Abdurahmon Navruz** | *Doctor of Political Sciences, Professor, Corresponding Member of the NAST* |
| **Nuriddinov Raimalikhon Shahbozovich** | *Doctor of Political Sciences, Professor* |
| **Potceluev Sergey Petrovich** | *Doctor of Political Sciences, Professor (Russian Federation)* |
| **Safaralizoda Khujamurod Quddusi** | *Candidate of Political Sciences* |
| **Safranchuk Ivan Alekseevich** | *Candidate of Political Sciences, Associate Professor (Russian Federation)* |

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific journals of the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016.

The journal accepts scientific articles on the following scientific specialties:

**In the field of economic sciences:** 08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.

**In the field of jurisprudence:** 12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.

**In the field of political sciences:** 23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI).

The journal is printed in Tajik, Russian and English languages.

Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.vestnik-tnu.com).

**Bulletin of the Tajik National University. Series of economic and social sciences**
– 2022. – №7.
ISSN 2413-5151

The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.

**The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.**
**Address of the Publishing Center:**
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan,
Web site of the journal: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

©TNU, 2022

УДК: 332.368(575.3)

# ТАҲЛИЛИ ИСТИФОДАИ ЭКОЛОГИВУ ИҚТИСОДИИ ЗАМИНҲОИ КИШОВАРЗӢ

*Хушвахтзода Қ.Х., Асомуддини Р.К.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Солҳои охир дар ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ, ки бевосита бо истифодабарии захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист алоқаманд мебошанд, зарурати ҳарчи бештар аз лиҳози экологиву иқтисодӣ асосноккунии қарорҳои хоҷагидорӣ эҳсос шуда, он имкон медиҳад, на танҳо сабабҳо ошкор гарданд, балки роҳҳои воқеии бартараф намудани тамоюлҳои манфӣ дар иқтисоди истифодабарии заминҳо низ пешбинӣ карда шавад.

Ин тамоюлҳо, аз ҷумла, дар афзоиши камбуди як қатор захираҳои табиӣ ва ифлос гардидани муҳити зист аз партовҳои истеҳсолӣ зоҳир меёбанд.

Асосноккунии экологиву иқтисодии қарорҳои хоҷагидорӣ проблемаи хеле мушкилу бисёрсамта буда, на ҳамаи ҷанбаҳои он дар илм инъикос гардидааст.

Муносибати экологиву иқтисодӣ имкониятҳои васеъро барои рушди комплексиву интенсивии соҳаи кишоварзӣ дар шароити бозсозии хоҷагии халқ бозгӯӣ мекунад. Аммо барои татбиқи ин имкониятҳо имрӯз дигар дар чорчӯби тасаввуротҳои қабат–қабат ҷамъ гардида роҷеъ ба мақсаду воситаҳои кишоварзӣ, ки ба назари мо, аксаран нақши онро дар системаи истифодабарии сотсиалистӣ таҳриф мекунанд, ё беасос маҳдуд менамоянд, боқӣ мондан мумкин нест.

Ҷомеаи байналмилалӣ эътироф кардааст, ки биёбоншавӣ дар ҳама минтақаҳои ҷаҳон ба проблемаи калони иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ мубаддал гардидааст.

Хушксолӣ падидаи табииест, ки он ҳангоми кам шудани теъдоди боришот нисбат ба сатҳи муътадили ба қайд гирифташуда ба амал меояд ва баробарии гидрологиро ба таври ҷиддӣ вайрон намуда, ба ҳосилнокии захираҳои замин таъсири номусоид мерасонад.

Дар айни ҳол, зери мафҳуми ташкили биёбоншавӣ, асосан, на васеъшавии биёбонҳои аллакай мавҷудбуда, балки таназзули хок ба тарафи хушкшавӣ ва нимхушкшавии заминҳо, ки асоси онро дар навбати аввал, фаъолияти инсон ва тағйироти иқлимӣ ташкил медиҳад, фаҳмида мешавад.

Замин аксаран барои ба даст овардани фоидаҳои гуногун истифода мешавад, масалан, барои истеҳсолоти маҳсулоти аграрӣ, нигоҳ доштани гуногунии биологӣ, сифати об ва нигоҳдории ҳаёти одам. Барои таъмини устувории дарозмуддат, ба моликони замин лозим меояд, ки омилҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва экологиро дар назар гиранд [5].

Зимни таҳқиқоти проблемаи тезутунди биёбоншавӣ ва таназзули заминҳои кӯҳистон, муайян гардид, ки дар тули асри охир дар заминҳои кӯҳистони Тоҷикистон раванди биёбоншавӣ идома ёфта, нишебиҳои кӯҳӣ ва заминҳои ҳамвори камконтурӣ, ки дар кӯҳҳо васеъ паҳн гардидаанд, ба эрозия рӯбарӯ шудаанд. Сатҳи ҳосилхези хок ба таври интенсивӣ шуста шуда, ин раванд сол то сол суръат мегирад [2,с.85].

Тавре маълум аст солҳои охир дар адабиёти илмӣ дар баробари самаранокии иқтисодии истифодаи захираҳои замин, инчунин, захираҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ истифода бурда мешавад [6,с.32].

Ба ақидаи К.А. Содиков, тибқи пайомадҳои иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ ҳушдор медиҳанд, ки ин раванд барои кишвар хатари калон дорад. Ин чунин шарҳ дода мешавад, ки Тоҷикистон сарзамини кӯҳӣ буда, 93% онро кӯҳҳо ишғол кардаанд, аз ҷониби дигар, ҳама шаҳрҳо ва маҳаллаҳои аҳолинишини он ва водиҳои дар ҳамворӣ воқеъбуда дар иҳотаи кӯҳҳо мебошанд [12,с.95].

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки тағйири иқлим ба ҳосилнокии ғалладонагиҳо дар минтақаҳое, ки ҳосили калон ҷамъоварӣ мешавад, метавонад таъсири манфӣ расонад [13,с.26]. Дар натиҷа, ҳосилнокии заминҳои кишоварзӣ то соли 2100 метавонад то 30% дар баъзе ноҳияҳои кишвар паст шуда, ба зиндагии қариб то 2 миллион нафар, ки зери хатти амнияти озуқаворӣ қарор доранд, аз ҷумлаба 800 ҳазор нафари он бевосита хатари гуруснагӣ таҳдид мекунад, таъсир расонад [9,с.71].

Тағйирёбии иқлим метавонад ба норасоии об, паст шудани сатҳи рутубат, биёбоншавии захираҳои замини таъиноти кишоварзӣ оварда расонад.

Ҳалли проблемаи биёбоншавӣ ва мубориза бо пайомадҳои хушксолӣ, инчунин, дигар масъалаҳои вобаста ба онро эътироф намуда, Тоҷикистон дар соли 1997 ба Конвенсияи байналмилалӣ доир ба биёбоншавӣ ҳамроҳ гардид.

Истифодаи нодурусти минбаъдаи захираҳои замин ба проблемаҳои глобалии экологӣ ва иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва деградатсия замин оварда мерасонад.

Деградатсияи замин дар муҳлатҳои тулонӣ маънои паст ва ё аз даст додани вазифаҳои системаи экологӣ ва маҳсулотнокиро дорад, ки дар натиҷаи дахолати одамон ба амал омада, баъди он замин дигар хусусияти ба таври мустақилона барқарор шуданро аз даст медиҳад. СММ деградатсияи заминро ҳамчун “паст ва ё аз байн рафтани маҳсулотнокии биологӣ ва иқтисодӣ ва сохтори мураккаби заминҳои киштшавандаи лалмӣ, заминҳои киштшавандаи обёришаванда ва ё чарогоҳҳо, ҷангалҳо ва қитъаҳои ҷангалӣ дар натиҷаи истифодаи замин, ё таъсири як ё якчанд равандҳо, аз ҷумла бо фаъолияти инсон ва сохтори ҷойгиршавӣ шарҳ медиҳад, аз ҷумла ба монанди” [8,с.3]:

- эрозияи хок дар натиҷаи шамол ва ё об;
- баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ ва мутобиқан афзоиши шӯршавии заминҳои обёришаванда;
- бад шудани хусусиятҳои физикӣ, химиявӣ, биологӣ ва ё иқтисодии замин;
- ба муҳлати дароз аз байн рафтани қабати болоии табиии хок;

Ҳамзамон, деградатсияи заминҳои обёришаванда ба муҳити атроф, сатҳи иқтисодӣ, соҳаи кишоварзӣ ва ҷомеа таъсири гуногун мерасонад. Аксари ин таъсирҳо экстремалӣ мебошанд, яъне онҳо ба бозори замин таъсири мустақил намерасонанд. Ҳамин тариқ, ҳангоми қабули қарорҳое, ки ба истифодаи замин алоқаманд мебошанд, ба ҳисоб гирифта намешаванд. Олимони ватанӣ чунин меҳисобанд, ки сабаби асосии деградатсияи замин дар ҷумҳурӣ инҳоянд:

-мавҷуд набудани барномаи самараноки рушди истифодаи замин;
-истифодаи ғайрисарфакоронаи идораи истифодаи замин;
- маблағгузории нокифояи буҷетӣ барои истифодаи замин;
-сарфи назар кардани банақшагирии истифодаи замин ва барқарор кардани ҳосилнокии он;
- таъмини номунтазами минтақаҳои алоҳида бо об;
-рӯ овардан ба методҳои ғайри самараноки истифодаи захираҳои замин, об, хӯроки чорво [9,с.73].

**Ҷадвали 1. Сохтори истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаз. га**
**Table 1. Structure of agricultural land use in the Republic of Tajikistan thousand hectares**

| Нишондодҳо / Минтақаҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2018 | 2019 | 2020 | **Дар муқоиса ба ҳаҷми умуми заминҳо дар ҳама категорияҳо бо %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳаҷми умумии замин | | | Заминҳои обёришаванда дар ҳама категорияҳои хоҷагиҳо | | | |
| Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ | 3669,4 | 3674,1 | 3673,6 | 602,5 | 604,2 | 604,5 | **16,4** |
| ш. Душанбе | 0,08 | 0,08 | 2,2 | 0,06 | 0,06 | 2,2 | **100** |
| ВАБК | 507,7 | 505,4 | 506,8 | 13,8 | 13,8 | 13,9 | **2,7** |
| Вилояти Суғд | 783,7 | 784,8 | 782,3 | 240,0 | 242,0 | 242,9 | **31,0** |
| Вилояти Хатлон | 1452,7 | 1456,9 | 1457,7 | 272,1 | 272,2 | 272,0 | **18,6** |
| НТҶ | 925,1 | 926,8 | 926,7 | 75,9 | 75,9 | 73,4 | **7,9** |

Манбаъ: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистан // Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе, АСПРТ, 2021. - С.62-63

Хусусияти асосии хок ҳосилнокии он ба ҳисоб меравад. Қобилияти он қонеъ гардонии талаботи зироати кишоварзӣ буда, ҳамин тариқ метавонад ба талаботи ҳосилнокии маҳсулоти органикӣ дастрасӣ ёбад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақрибан ба 98%-и масоҳати заминҳои кишоварзӣ таъсири антропогенӣ расонда мешавад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки раванди истифодаи замин дар ҷумҳурӣ тағйироти куллиро аз сар мегузаронад. Майдонҳои нав барои заминдории обёришаванда аз ҳисоби захираҳои давлатии замин ба вуҷуд оварда шуда, киштзорҳои камҳосил ихтисор мешавад. Инҷо ихтисори бесобиқаи заминҳои таъиноти кишоварзиро ба фоидаи хонаҳои истиқоматӣ, васеъ гардидани шаҳрҳо ва шаҳракҳо қайд накардан номумкин аст. Дар натиҷа, тағйири сохтори киштзорҳои ҷумҳурӣ сурат мегирад.

Таҳлили ҷадвали 1 аз он гувоҳӣ медиҳад, ки заминҳои обёришаванда дар соҳаи кишоварзӣ 16,4% аз ҳаҷми умумии майдони заминҳои ҷумҳуриро ташкил менамояд ва ин нишондоди хеле паст дар қиёс ба кишварҳои рушдёфтаи ҷаҳон мебошад. Ҳаҷми зиёди заминҳои обёришаванда ба вилояти Суғд рост меояд, ки 31% масоҳати умумии таъиноти кишоварзидоштаро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда дар вилоти Хатлон 18,6%, ВМКБ 2,7%, НТҶ 7,9%-ро ташкил медиҳад.

Қайд кардан зарур аст, ки заминдории обёришаванда самти асосии интенсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ буда, бо ду омил маҳдуд мегардад: мавҷудияти захираҳои замин, ки аз лиҳози техникӣ, иқтисодӣ, хоку мелиоративӣ ва шароити экологӣ ба ин мақсад коршояманд. Мавҷудияти захираҳои об барои бо обтаъминкунии системаҳои ирригатсионӣ, бидуни расондани зарар ба истифодабарандагони оби ғайриирригатсионӣ [1,с.51].

Яке аз вазифаҳои асосии самти экологизатсия бояд проблемаҳои баланд бардоштани самаранокии заминҳои обёришаванда, ба таври сарфакорона истифода бурдани захираҳои обӣ барои обёрӣ истифодашаванда ва нигоҳдории сифати он бошад [7,с.5].

**Ҷадвали 2. Вазъияти мелиоративии захираҳои замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то 01.01.2022**

**Table 2. Ameliorative state of land resources in the Republic Tajikistan as of 01.01.2022**

| Нишондодҳо / Минтақаҳо | Майдони умумии заминҳои мелиоративӣ, га | Вазъияти мелиоративии заминҳои обёришаванда, гектар | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Хуб | Қаноат-бахш | Ғайри-қаноат-бахш | Аз ҷумла: | | |
| | | | | | Чуқурии хатарнок и обҳои зери-заминӣ | Шӯрнокӣ | Чуқурии хатарноки обҳои зеризаминӣ ва намакшавии хок |
| Минтақаи Қурғонтеппа | 252580 | 158353 | 80567 | 13660 | 7703 | 4936 | 1021 |
| Минтақаи Кӯлоб | 85617 | 42839 | 40347 | 2431 | 1564 | 735 | 132 |
| Ҳамагӣ Вилояти Хатлон | 338197 | 201192 | 120914 | 16091 | 9267 | 5671 | 1153 |
| Вилояти Суғд | 288922 | 211536 | 58333 | 19053 | 10093 | 6075 | 2885 |
| НТҶ | 106896 | 98059 | 8398 | 439 | 386 | 23 | 30 |
| ВАБК | 18511 | 16484 | 2027 | - | - | - | - |
| Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ | 752526 | 527271 | 189672 | 35583 | 19746 | 11769 | 4068 |

Манбаъ: Тибқи маълумоти Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Чунончи нишондиҳандаҳои ҷадвали 2 шаҳодат медиҳад, вазъияти мелиоративии захираҳои замин дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайриқаноатбахш ба ҳисоб меравад. То соли 2022 35583 га. замин ба сабаби нодуруст обёрӣ шудан ва сарбории антропогенӣ аз гардиши кишоварзӣ баромадааст.

Солҳои охир инфрасохтори хоҷагии об ва вазъияти мелиоративии заминҳои хоҷагии об бад шуда истодааст. Ба иллати равандҳои деградатсионӣ дар вилояти Хатлон, дар натиҷаи аз ҳад зиёд камшавии намнокии заминҳо аз гардиши кишоварзӣ бештар аз 6,0 ҳазор гектар замин бароварда шуд, ки аз он 2,8 ҳазор гектар бо сабаби вайрон кардани режими обёрӣ ва корношоям шудани насосҳои обкашонӣ ба вуқуъ пайвастааст. Ин тамоюл ба баланд гардидани сатҳи обҳои зеризаминӣ, инчунин, шуршавии заминҳои обёришаванда оварда расонидааст.

Истифодаи интенсивии заминҳои обёришаванда ба он оварда расонд, ки сатҳи сифати хок ба суръати баланд бад гардида, тавозуни гумус дар хок манфӣ ва зарари он дар давраи солҳои 1993-2015 18,4 тонна/гектарро ташкил дод [10,с.18].

Барои соҳаи кишоварзӣ пайомадҳои калони фоҷиабор ин афзудани сатҳи шӯрнокии майдони заминҳо ҳисоб мешаванд. Яке аз сабабҳои афзудани ин майдонҳо баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ дар Тоҷикистон дар давраи вегетатсионӣ мебошад. Ҳамчунин, бо сабаби болоравии сатҳи обҳои заминҳои обёришаванда ба ҳисоби миёна дар ҳудуди

Тоҷикистон ҳар сол на камтар аз 200 ҳазор гектар замин зарар мебинанд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки ҳар сол 2500 гектар заминҳои ҳосилхези обёришаванда ба шӯразор мубаддал гардида, пурра аз гардиши кишоварзӣ мебарояд.

Бидуни шак, чунин вазъиятро ҷомеа бояд ҳамчун офати табиӣ эътироф кунад, зеро аз рӯи пайомадҳои ниҳоии худ он фоҷеаи иҷтимоиро инъикос мекунад [11,с.214].

Ҳосилнокии гандум ва зироатҳои лубиёӣ дар вилояти Хатлон нисбат ба дигар минтақаҳо хуб буда, аз рӯи ҷамъоварии умумии гандум дар ҷумҳурӣ ҷои якумро ишғол менамояд. Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2020 63,1% ҷамъоварии ғалладона ва зироати лубиёгӣ ба ҳамин минтақа рост меомад.

Сарфи назар аз афзоиши маҷмуи маҳсулоти умумӣ, аз рӯи ҳисоб дар 100 гегтар киштзор, дар соҳаи кишоварзӣ зимни истифодаи захираҳои замин тағйирот ба назар мерасад. Аз як тараф, ғайрисарфакорона истифода шудани замин ва сарбории антропогенӣ ба таназзул ва шӯршавии он оварда расонда, аз ҷониби дигар, истифодаи замин ба мақсадҳои дигар, аз ҷумла, сохтмони ғайриқонунии хонаҳо дар деҳот, корхонаҳо, фабрикаҳо боиси ихтисор шудани он гардид.

Масалан, дар давраи солҳои 2015-2020 дар ноҳияи Рӯдакӣ 1230 га. замини кишоварзӣ ба дигар мақсадҳо истифода бурда шудааст, ҳол он ки дар ин заминҳо 31,2 ҳазор донагӣ ва зироатҳои лубиёӣ ба маблағи 193,3 ҳазор сомонӣ парвариш кардан мумкин буд [3,с.90].

**Ҷадвали 3. Ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳама категорияҳои хоҷагиҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаз. тонна**

**Agricultural production volume in all categories farms in the Republic of Tajikistan, thousand tons**

| Солҳо / Маҳсулот | 2015 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020 в % нисбат ба соли 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Гандум | 1392,7 | 1447,6 | 1296,2 | 1414,6 | 1561,4 | 12,2 |
| Пахта | 270,0 | 386,5 | 300,3 | 403,0 | 396,0 | 46,6 |
| Картошка | 887,4 | 782,9 | 964,6 | 994,4 | 1022,5 | 15,2 |
| Сабзавот | 1667,8 | 1859,1 | 2119,4 | 2182,6 | 2479,3 | 48,6 |
| Лалмӣ | 529,4 | 631,4 | 641,7 | 701,2 | 756,9 | 42,9 |
| Мева | 299,3 | 405,1 | 447,9 | 473,7 | 467,8 | 56,2 |
| Ангур | 203,8 | 228,3 | 241,9 | 247,1 | 239,1 | 17,3 |
| Гӯшт | 217,7 | 248,7 | 261,9 | 272,5 | 300,2 | 37,8 |
| Шир | 888,9 | 950,0 | 983,0 | 1000,6 | 1020,9 | 14,8 |

Манбаъ: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистан // Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе: АСПРТ, 2021.- С.160-190.

Чунончи аз нишондодҳои ҷадвали 3 бармеояд, динамикаи афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар тамоми намудҳои маҳсулот ба мушоҳида мерасад. Рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, аз қабили мевагӣ, сабзавот, лалмиҳо, пахта ва гӯшт хуб буда, афзоиши онҳо аз 37 то 56,2%-ро дар як сол ташкил мекунад.

Барои он ки рушди маҳсулоти ин соҳаро дар оянда таъмин карда шавад, дақиқтараш, пайомади тағйири иқлим дақиқтар пешгӯӣ гардад, инчунин, сиёсати мақсадноки мутобиқшавии кишоварзӣ ба тағйири иқлим пешгӯӣ шавад, бояд омилҳое, ки ба нишондодҳои натуралии самаранокии зироати кишоварзӣ (ҳосилнокии донагиҳо ва зироати лубиё), хоҳ тағйири иқлим бошад, хоҳ прогресси техникӣ (идораи маводи серғизо) таъсир мерасонанд, ошкор гарданд.

Ҳамбастагии шароиту омилҳо бо он шарҳ дода мешавад, ки кишоварзӣ дар худ такрористеҳсолкунии табиӣ ва такрористеҳсолкунии ҷомеаро тавъам мегардонад. Бинобар ин, ба ҳосилнокӣ, ҳамзамон, шароити иқлимӣ (ҳарорат, боришот, рутубати ҳаво) ва омилҳои технологӣ (киштгардон, истифода пору (нуриҳои минералӣ) таъсир мерасонанд.

Самаранокии истифодаи захираҳои замин, инчунин, аз натиҷаҳое, ки дар натиҷаи ҷорӣ кардани технологияҳои илман асоснокшудаи захирасарфкунанда дар кишоварзӣ ба даст оварда шудааст, дида мешавад. Дар чунин шароит нақши омили инсонӣ ҳамчун маҷмуи омилҳои психологӣ ва хислатҳои физиологии корманд, аз ҷумла бо назардошти дарки арзишҳои экологӣ дар фаъолияти истеҳсолӣ ба маротиб меафзояд.

Дар ҳама марҳилаҳои рушди ҷомеаи башарӣ иқтидори иқтисодии замин ва истифодаи он чун захираи ивазнашаванда дар мадди аввал буд. Вобаста ба ин, дар шароити фароҳамёбии ҷомеаи иттилоотӣ, яке аз вазифаҳои асосӣ ташкили мониторинги истифодаи самараноки захираҳои замин дар заминаи технологияҳои инноватсионӣ мебошад. Дар навбати аввал, эҷоди чунин система ва ба роҳ мондани коркарди маълумот оид ба нишондиҳандаҳои кишоварзӣ, аз татбиқи таҷрибаи байналмилалии истифодаи инноватсияҳо дар заминистифодабарӣ ва иттилоотонии истеҳсолоти кишоварзӣ шаҳодат медиҳад [4,с.222].

Тағйири иқлим яке аз гурӯҳҳои асосии хатарҳо (таваккал) аст, ки ба мавҷудият ва дастрасии озуқаворӣ, эътидоли системаи озуқаворӣ, хулоса, ба амнияти озуқавории кишвар таъсир мерасонад.

Мусоидат ба мутобиқшавии молитсеҳсолкунандагон дар масъалаи тағйири иқлим, ҳамгироии иқтисодӣ, техникӣ ва қарорҳои таҳқиқотиро ба шумули таҳияи сиёсатҳо, нақшаҳо ва барномаҳои адаптатсионӣ талаб мекунад.

Ин метавонад дар чорчӯби яке аз муносибатҳо ба дигаргуншавии системаҳои кишоварзӣ дар шароити нави тағйирёбии иқлим – аз лиҳози иқлимӣ оптимизатсияшуда ба роҳ андохта шавад [14,с.270]. Ин муносибат ба паҳн гардидани чораҳои байнисоҳавие, ки онро муҳаққиқон, сохторҳои хусусӣ ва мақомоти сиёсати аграрии давлатиро муайянкунанда ба майдон меоранд, асос меёбад.

Принсипҳои асосии кишоварзии аз лиҳози иқлимӣ оптимизатсияшуда инҳоянд:

– истеҳсоли (афзоиши сатҳи устувори истеҳсолоти кишоварзӣ ва фоидаи молистеҳсолкунандагон);

– адаптатсия (рушди системаҳои устувори истеҳсолӣ, ки ба тағйири иқлим мутобиқ шудаанд);

– нарм кардани пайомадҳои тағйири иқлим (кам кардани партовҳои газҳои гулханӣ) [15,с.28].

Ҳамин тариқ, ҳалли масъалаи ба таври васеъ ҷорӣ кардани методҳои мусоиди экологӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ танҳо дар сурате имконпазир мешавад, агар истифодабарандагони замин ба тамоюли ҳифзи табиат дар истеҳсолот манфиатдор шаванд. Истифодабарандагони замин ҳамаи омилҳоро дар системаи пешбарии фаъолияти худ дар соҳаи кишоварзӣ ба назар гирифта, дар пешбурдӣ кишоварзӣ ба таҷрибаи дигар гузаранд, агар ин система барои онҳо фоидаовар бошад. Дар қаринаи мазкур зарурати объективии такмили идораи давлатӣ дар истифодабарии замин мебошад, ки моҳияти онро метавон ба ташаккули системаи ҳавасмандкунии истифодабарандагони замин, ки ба истифодаи сарфакоронаи захираҳои замин водор мекунад, нисбат дод.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Исайнов Ҳ.Р.**

**АДАБИЁТ**


1. Абдурахманова И.К. Состояние и использование земельно-водных ресурсов Узбекистана (Орошаемое земледелие) / И.К Абдурахманова, Р. Вафоев, О. Сайлиев // Вестник Прикаспия. - 2018. -№1(20). -С.49-56.
2. Азизов Ф.Х. Устойчивое развитие аграрного сектора экономики. Монография / Ф.Х. Азизов, Х.У. Умаров. -М.: Экономическое образование, 2018. -117 с.
3. Арабов Ф.П. Инвестиционное обеспечение эколого-экономического развития сельского хозяйства. Экономика сельского хозяйства России. - 2022. -№ 2. -С. 88-93.
4. Асомуддини Р.К. Истифодаи инноватсияҳо дар кишоварзӣ ва иттилоотикунонии замининстифодабарӣ / Асомуддини Р.К. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2022. -№ 2. -С. 222.
5. Барфиев К.Х. Конкурентоспособность сельскохозяйственного производства и её учетно-аналитические основы: теория, методология, организация. На материалах Республики Таджикистан / К.Х. Барфиев // Кыргызский национальный университет им. Ж. Баласагына, Кыргызско-Российский (Славянский) университет им. Б.Н. Ельцина. -Бишкек, 2019.
6. Барфиев К.Х. Основные направления и система статистических показателей эффективного использования земельных ресурсов / К.Х. Барфиев // Экономика и бизнес: теория и практика. - 2016. -№1. -С.28-37.
7. Ганиев Т.Б. Эффективность экологизации развития сельского хозяйства: на примере орошаемого земледелия Таджикской ССР / Т.Б. Ганиев. -Душанбе: Ирфон, 1991. -180 с.
8. Глобальный механизм по борьбе с опустыниванием. Глобальный экологический фонд. Программа развития ООН // Интегрированная финансовая стратегия для устойчивого управления земельными ресурсами в Кыргызстане. -Бишкек, 2012. -С.3.

9. Исайнов Х.Р. Инвестиции в земельно-водные ресурсы Таджикистана: механизм управления их эколого-экономического использования / Х.Р. Исайнов, Ф.П. Арабов. – Душанбе, 2021. -217 с.
10. Исайнов, Х.Р. Земельно-водные ресурсы сельскохозяйственного назначения Республики Таджикистан: эколого-экономические и инвестиционные аспекты / Х.Р. Исайнов, Ф.П. Арабов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2019. -№8. -С.15-22.
11. Обидов Ф.С. Отрицательные последствия деградации земель и пути их предотвращения / Ф.С. Обидов, М.П. Турсунова // Вестник Таджикского национального университета серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2016. -№2/9. -С.211-216.
12. Содиков К.А. Совершенствование механизма управления водно-ирригационного потенциала аридного региона: эколого-экономический аспекты. Монография / К.А. Содиков. –Душанбе, 2021. -178 с.
13. Climate smart agriculture: Building resilience to climate change / Ed. By L. Lipper, N. McCarthy, D. Zilberman, S. Asfaw, G. Branca / FAO. – Cham: Springer, 2018. – 630 p.
14. Climatic impacts on winter wheat yields in Picardy, France and Rostov, Russia: 1973-2010 / R. Licker, C.J. Kucharik, T. Doré, M.J. Lindeman, D. Makowski // Agric for Meteorol. – 2013. –P. 25-37.
15. Muller C, Salgado R, Duran M, Le Coq JF, de Varax M, Gamba-Triminio C, Howland F, Chia E, Andrieu N, Gallardo O. Innovation Platform for Climate-Smart Agriculture in Honduras. CCAFS Policy Brief. Wageningen, the Netherlands: CGIAR Research Program on Climate Change, Agriculture and Food Security (CCAFS), 2018.

**ТАҲЛИЛИ ИСТИФОДАИ ЭКОЛОГИВУ ИҚТИСОДИИ ЗАМИНҲОИ КИШОВАРЗӢ**

Дар мақола масъалаҳои истифодаи экологиву иқтисодии заминҳои кишоварзӣ баррасӣ мешавад. Қайд мегардад, ки дар шароити идомаи равандҳои паст шудани ҳосилнокии табиии заминҳо дар кишоварзӣ, интихоби самтҳои муосири такмили истифодабарии заминҳо ба яке аз масъалаҳои мубрам мубаддал гардидааст. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи категорияҳои замин таҳлил шуда, зимни таҳлил ошкор гардидааст, ки раванди деградатсияи захираҳои замин ҳар сол афзуда, вазни қиёсӣ заминҳои кишоварзӣ камтар мешавад. Зикр мегардад, ки барои ҳарчи бештару фаъолтар ҷорӣ кардани равишҳои мусоид дар истеҳсолоти кишоварзӣ, бояд ба таъмини экологии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва нигоҳдории ҳосилнокии замин рӯ оварда шавад. Муҳимтарин шарт ташаккули механизми идораи истифодабарии заминҳои кишоварзӣ мебошад, ки моҳияти онро ба таъмини системаи ҳавасмандгардонӣ, ки ба истифодаи сарфакоронаи (ратсионалӣ) захираҳои замин водор мекунад, нисбат додан мумкин аст.

**Калидвожаҳо:** истифодабарии замин, обёрӣ, мелиоратсия, экология, иқтисод, таназзул, эрозия, кишоварзӣ.

**АНАЛИЗ ЭКОЛОГО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ЗЕМЕЛЬ**

В данной статье рассматриваются вопросы эколого-экономического использования сельскохозяйственных земель. Отмечается, что в условиях продолжающихся процессов снижения естественного плодородия земель в сельском хозяйстве, актуальной задачей является выбор направлений совершенствования современного землепользования. Анализирован объем производства сельскохозяйственной продукции во всех категориях земли. В ходе анализа было выявлено, что процесс деградации земельных ресурсов каждом год увеличивается и удельный вес сельскохозяйственных земель уменьшается. Отмечается, что для реализации более активного внедрения благоприятных методов сельскохозяйственного производства, должно ориентироваться на обеспечение экологичности производства сельскохозяйственной продукции и сохранение плодородия почв. Важнейшим условием является формирование механизма управления сельскохозяйственным землепользованием, суть которого можно свести к обеспечению системы стимулов, которые побуждали бы рационально использовать земельные ресурсы.

**Ключевые слова:** землепользование, орошение, мелиорация, экология, экономика, деградация, эрозия, сельское хозяйство.

**ANALYSIS OF THE ENVIRONMENTAL AND ECONOMIC USE OF AGRICULTURAL LAND**

This article discusses the issues of ecological and economic use of agricultural land. It is noted that in the context of ongoing processes of reducing the natural fertility of lands in agriculture, an urgent task is to choose directions for improving modern land use. The volume of agricultural production in all categories of land is analyzed. The analysis revealed that the process of degradation of land resources increases every year and the share of agricultural land decreases. It is noted that in order to implement the pains of active implementation of favorable methods of agricultural production, one should focus on ensuring the environmental friendliness of agricultural production and maintaining soil fertility. The most important condition is the formation of a mechanism for managing agricultural land use, the essence of which can be reduced to providing a system of incentives that would encourage the rational use of land resources.

**Keywords:** land use, irrigation, melioration, ecology, economy, degradation, erosion, agriculture.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректор. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **kobil_barfiev@mail.ru**. Телефон: **(+992) 919-16-98-64**
***Асомуддини Рамазони Каримзода*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи иқтисод ва идора дар КАС. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **sarichashma_2009@list.ru**. Телефон: **(+992) 918-42-87-82**

**Сведение об авторах:** ***Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт*** – Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор, ректор. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **kobil_barfiev@mail.ru**. Телефон: **(+992) 919-16-98-64**
***Асомуддини Рамазони Каримзода*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры экономики и управления АПК. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **sarichashma_2009@list.ru**. Телефон: **(+992) 918-42-87-82**

**Information about the authors:** ***Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht*** - Tajik National University, Doctor of Economics, Professor, Rector. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **kobil_barfiev@mail.ru.** Phone: **(+992) 919-16-98-64**
***Asomuddini Ramazoni Karimzoda*** - Tajik National University, applicant for the Department of Economics and Management of the Agroindustrial Complex. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **sarichashma_2009@list.ru**. Phone: **(+992) 918-42-87-82**

УДК 338.24

# ИДОРАКУНИИ ХАВФИ ҚАРЗӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА РАВАНДИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ

*Сайфуров К.Ф.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити муосири иқтисодӣ яке аз масоили муҳим ин роҳандозии самараноки фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дониста мешавад. Ҷиҳати таъмини фаъолияти устувори бонкҳои тиҷоратӣ ва ноилгардӣ ба ҳадафҳои гузоштешуда, бонкҳоро зарур аст, ки стратегияи самаранокро таҳия намоянд. Ҳадафи асосии ҳар як бонки тиҷоратӣ, пеш аз ҳама, ба даст даровардани фоида дониста мешавад. Таъмини даромаднокии бонк дар шароити густаришёбии муносибатҳои пулию қарзӣ ва болоравии рақобатнокӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ боз ҳам мушкил мегардад. Дар ин самт омилҳои зиёде метавонанд ба раванди фаъолияти бонкҳо таъсири манфии худро гузоранд. Яке аз чунин омилҳои таъсирбахш ин, хавфи қарзӣ дониста мешавад, ки пешгирӣ ва коҳишдиҳии он ҳадафи асосии бонкҳо мебошад.

Ҳамин тавр метавон зикр намуд, ки низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ниҳодҳои асосии иқтисодиёти кишварро ташкил намуда, дар рушду нумуи он саҳми назаррас дорад. Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дузинагӣ буда, аз Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзию молиявӣ иборат мебошад. Дар натиҷаи бурдани назорати қатъӣ аз болои фаъолияти бонкҳо ва андешидани чораҳои таъхирнопазир аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон аз соли 2016 сар карда дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиротҳои ҷиддӣ ба амал омаданд, ки боиси таҳкимёбии низоми бонкӣ гардид.

Яке аз нишондиҳандаи муҳимми фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷумла бонкҳо ин нишондиҳандаи пардохтпазирӣ ба хисоб меравад. Ин нишондиҳанда ба санаи 31 декабри соли 2020 дар низоми бонкии Тоҷикистон ба 71% баробар шуда, аз меъёри муқарраргардида 41 банди фоизӣ зиёд мебошад, ки ин дар маҷмуъ аз пардохтпазирии низоми бонкӣ шаҳодат медиҳад.

Андешидани тадбирҳои саривақтӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати дастгирии пардохпазирии низоми бонкӣ, махсусан дар давраи хуруҷи пандемияи коронавирус (COVID-19) паст кардани меъёрҳои захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд, муваққатан аз 01 апрели соли 2020 то 31 декабри соли 2020 бо пули миллӣ ба андозаи 2,0 банди фоизӣ ва бо асъори хориҷӣ ба андозаи 4,0 банди фоизӣ имкониятҳои молиявии ташкилотҳои қарзиро дар ин давра беҳтар намуда, ба маблағи 241,7 млн. сомонӣ дастрасии манбаъҳои иловагии пардохтпазириро барои ташкилотҳои қарзӣ таъмин намуд.

Чи тавре, ки А.И. Архипов дарҷ менамояд , хавф ҳамчун “эҳтимолияти сар задани зарар дар фаъолият ва амалиёт” ба ҳисоб меравад [15,с.25]. Хавф дар корҳои илмӣ таҳқиқотии А.В. Смирнов “ҳамчун эҳтимолияти ба вуқуъ пайвастани ягон ҳодиса ё оқибати нохуш мебошад, ки ба хисороти мустақим ё зарари бавосита оварда мерасонад” шарҳ дода шудааст [10,с.17].

Дар ин самт, П.Роуз низ таҳқиқотҳои илмӣ анҷом додааст ва хавфро ҳамчун “номуайянӣ, ки бо ҳодисаи муайян алоқаманд аст” таъриф додааст [1,с.743]. Илова бар ин, дар сарчашмаҳои илмии иқтисодӣ хавфи бонкро бештар бо кохишёбии даромади бонк низ алоқаманд медонад, ки ин, пеш аз ҳама, аз низоми идоракунии хавфҳо вобастагӣ дорад [2,с.118]. Воқеан, низоми идоракунии хавфҳо агар ба таври комил роҳандозӣ гардида бошад, метавонад самаранокии фаъолияти бонкро таъмин созад. Ба ақидаи Алиева З. мавқеи роҳбарияти бонк дар чунин шароит, вобаста аз он, ки ҳадафи асосӣ устуворӣ ва даромаднокӣ мебошад, метавонад консервативӣ (хавфи ҳадди ақал) ва шаддид (бо умеди даромади баландтар ба хавф афзалият додан) бошад. Ба таври идеалӣ, мувозинати ин ҳадафҳоро бояд нигоҳ дошт, танҳо он вақт бонк муваффақ хоҳад шуд [1,с.75]. Ҳамзамон хавфи бонкиро аз таҳдид фарқ мекунанд, чунки якум мафҳум бо фаъолияти қонунии тиҷоратии бонк ва амалиёти он алоқамандӣ дошта, мафҳуми “таҳдид” дар фаъолияти зиддиинсонӣ ва ғайриқонунӣ шарҳ меёбад. Идоракунии хавфҳо самти муҳим дар соҳаи

бонкдорӣ мебошад, ки самаранокии он, хусусан дар ҳолати бесуботии имрӯзаи муҳити молиявӣ вобаста аст. Ба ақидаи мо, идоракунии хавфҳои бонкӣ бояд аз иҷрои муттасили вазифаҳои идоракунӣ иборат бошад. Истифодаи пайдарпайи вазифаҳои зерин тавсия дода мешавад: банақшагирӣ, ташкил, арзёбӣ, танзим ва назорат. Раванди идоракунии бонкҳои тиҷоратӣ татбиқи пайвастаи ҳамаи ин вазифаҳоро дар бар мегирад. Банақшагириро метавон ба стратегӣ ва амалиётӣ тақсим кард.

Яке аз муҳимтарин вазифаҳои банақшагирӣ таҳияи сиёсати лимити хавфҳо мебошад. Илова бар ин, сохтори ибтидоии системаи идоракунии хавфҳо мавқеи махсус дорад. Дар ин самт марҳилаи муҳим ба нақша гирифтани фаъолияти бонк дониста мешавад. Раванди фаъолияти бонк ба таври самаранок идора намуда шавад, дар он ҳолат даромаднокӣ ва вазъи молиявии бонк метавонад таъмин гардад. Шароити муосир нишон медиҳад, ки менеҷмент дар аксари бонкҳои тиҷоратӣ хуб ба роҳ монда нашудааст. Зеро дар ин самт заминаи моддӣ-техникӣ дар бонкҳо мавҷуд нест. Идоракунӣ, пеш аз ҳама, бояд ба самти хавфҳои бонкӣ нигаронида шуда бошад. Идоракунии хавф дар ташаккули фаъолияти бонк, асосан ба дараҷаи роҳбарӣ ва менеҷерони он вобаста аст. Ташкили дуруст дар идоракунии хавфҳо муҳим аст. Зеро бонк бояд воҳиди алоҳидаи идоракунии хавфҳо дошта бошад ва тақсимоти ваколатҳо дар ин самт дар байни воҳидҳои мухталифи бизнес, ки фаъолияташон воқеан ба хавфҳои муайян дучор мешавад, самараноктар бошад. Дар ин самт, Ҳикматов У.С. ба маврид қайд намудааст, ки бюроҳои қарзӣ барои кам кардани хавфҳо, пеш аз ҳама, хавфҳои қарзӣ бо роҳи пешниҳоди иттилооти ҷорӣ ва таърихӣ оид ба пардохти қарзҳо аз ҷониби мизоҷ мусоидат менамоянд [14,с.22-25]. Тибқи нишондоди сарчашмаҳои илмӣ низоми идоракунии хавф, ин унсури калидӣ дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ мебошад. Раванди пешниҳодкунии қарз ва самаранокии баргардиши он аз баҳодиҳии оқилонаи хавфҳо вобастагӣ дорад. Аз самаранокии роҳандозии ин низом фаъолияти пурраи ташкилотҳои қарзӣ вобастагии калон дорад. Дар ин самт бояд кадрҳои балндихтисос ба ташкилотҳои қарзӣ ҷалб карда шаванд. Зеро, идоракунии хавфҳо малакаи баланди тахассусиро талаб менамояд.

Ташкилотҳои қарзӣ бояд мунтазам раванди идоракунии хавфҳоро бо мақсади таъмини пуррагӣ, мустаҳкамӣ ва боэътимодии ин низом таҳлил кунанд. Ин амал метавонад барои паст намудани таъсири манфии хавфҳо ба фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ оварда расонад ва самаранокии фаъолияти онҳоро баланд бардорад.

Ҳамин тавр, метавон зикр намуд, ки идоракунии хавфҳо дар ташкилоти қарзӣ яке аз масъалаи муҳим буда, дар ин самт Бонки миллии Тоҷикистон заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ таҳия намудааст, ки ҳамчун дастур бояд бонкҳо аз он истифода намоянд. Танзими хавфҳо дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи роҳнамо «Дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои қарзӣ» ва Дастурамали БМТ №181 “Дар бораи талабот ба низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилоти қарзӣ” идора карда мешавад [11,с.22; 4,с.25]. Вобаста ба нишондоди санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ҳадди ақали низоми идоракунии хавфҳои карзӣ дар ҳуҷҷатҳои зерини ташкилоти қарзӣ бояд инъикос гардад: -сиёсати карзӣ, -стандартҳо ва тартиби қабули қарор оид ба додани қарзҳо, -маъмурикунонии қарзҳо, -мониторинги қарзҳо, -идоракунии қарзҳои ғайрифаъол, -низоми иттилоотии идоракунӣ, -назорати дохилӣ, баҳогузории самаронокии низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ аз тарафи аудити дохилӣ ва ғ. Гузашта аз ин, тибқи Дастурамали №181-и БМТ “Дар бораи талабот ба низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилоти қарзӣ” низоми идоракунии хавфҳо – ин равандест, ки чор унсури асосиро дар бар мегирад: -баҳодиҳии хавф, -андозагирии хавф, -назорати хавф, -мониторинги хавф [2,с.3]. Вобаста ба ин, мавриди қайд аст, ки идоракунии хавфҳои бонкӣ ва махсусан хавфи қарзӣ яке аз вазифаҳои мушкил дар раванди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ба ҳисоб меравад. Зеро баҳодиҳӣ, мониторинг, банақшагирӣ ва назорати ҳар як амалиёти бонк бояд таҳти танзими пайваста бошад. Дар санадҳои меъёрии зикргардида паҳлуҳои гуногуни идоракунии хавфҳои бонкӣ ва усулҳои муосири он баррасӣ ва тавсия гардидааст.

Нишондиҳандаи дигари муҳимми низоми бонкӣ, ин ҳаҷми карзҳо ба соҳаҳои мухталифи иктисодиёти кишвар мебошад. Дар соли 2020 бақияи қарзҳои бонкҳои анъанавии кишвар ба 8 809 млн.сомонӣ баробар шуд, ки он нисбат ба ҳамин давраи соли 2016, 687 млн. сомонӣ ё 8,5% зиёд аст. Ин дар ҳоле мебошад, ки дар ин давра фаъолияти 4

бонки тиҷоратӣ, аз ҷумла: ҶСК "Агроинвестбонк", ҶСК "Тоҷиксодиротбонк", ҶСП Тоҷпромбонк" ва ҶСП "Фононбонк" бозхонд гардид. Ҳаҷми қарзҳои батаъхирафтода бошад, дар ин давра аз 3 171 млн.сомонӣ, то ба 1 149 млн. сомонӣ коҳиш ёфт, ки ин ҳам яке аз нишондиҳандаҳои солимгардии низоми бонкӣ ва пастшавии хавфи қарзӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, дар ин давра бақияи умумии пасандозҳо 18,2% зиёд шуд, ки он нишонаи баланд шудани эътимоди мардум ба низоми бонкии мамлакат мебошад.

Дар сатҳи зарурӣ ташаккул ёфтани сармояи худии бонкҳо дар ҳама ҳолат гарави эътимоднокии ҳар як ташкилоти қарзию молиявӣ мебошад. Ба дараҷаи зарурӣ ташаккулёбии сармояи худии бонкҳо на танҳо зарур аст, балки қисми ҷудонашавандаи захираҳои молиявии бонк ба ҳисоб рафта, барои ҷалби маблағҳои муваққатан озоди аҳолӣ аҳамияти муҳим дорад. Дар сатҳи зарурӣ ташаккул додани сармояи худии бонкҳо барои он муҳим аст, ки қарздиҳандагон (маблағгузорон) бояд боварӣ дошта бошанд, ки дар лаҳзаҳои мушкил онҳо метавонанд ба сармояи худии бонк, бо назардошти хавфҳои мавҷудаи қарзӣ ва кафолати баргардонидани пасандозҳои худ такя намоянд (ҷадвали 1). Ҳамчунин, зиёдшавии сармояи бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир барои пешниҳоди хизматрасониҳои сифатан хуб ва самаранок замина мусоидро фароҳам оварда, ба даромаднокӣ ва вазъи молиявии онҳо таъсири мусбӣ хоҳад гузошт. Яке аз мушкилоти асосӣ имрӯз дар бахши бонкии кишвар низ ҳамин аст, яъне афзоиши ғайримуътадили сармояи бонкҳо. Дар ин самт, идоракунӣ ва назорати хавфи қарзӣ нақши калидӣ дорад. Маълум аст, ки зиёда 80%-и даромади бонкҳои тиҷоратии кишвар аз амалиёти қарзӣ вобаста аст. Аз ин хотир, идоракунӣ ва баҳодиҳии хавфи қарзӣ дар фаъолияти бонкҳо бояд дар мадди аввал бошад.

**Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2016-2020, бо млн.сомонӣ)**

**Table 1. Financial indicators of commercial banks of the Republic of Tajikistan (for 2016-2020, in million somoni)**

| **Нишондиҳандаҳо** | 2016 | 2020 | **Фарқият бо %** |
|---|---|---|---|
| Дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ дар маҷмуъ | 18 672 | 22 643 | 21,3 |
| аз ҷумла, дороиҳои пардохтпазир | 6 048 | 6 969 | 15,2 |
| Уҳдадориҳои бонкҳои анъанавӣ | 14 011 | 16 635 | 18,7 |
| Сармояи бонкҳои анъанавӣ | 4 661 | 6 009 | 28,9 |
| Ҳаҷми умумии бақияи пасандозҳо дар бонкҳои анъанавӣ | 8 849 | 10 463 | 18,2 |
| аз ҷумла, пасандозҳои (амонатҳои) дархостшаванда | 3 273 | 5 719 | 74,7 |
| Бақияи қарзҳо дар маҷмуъ | 8 122 | 8 809 | 8,5 |
| Ҳаҷми қарзҳои батаъхирафтода | 3 171 | 1 149 | -63,8 |
| Фонди пушонидани талафотҳои имконпазир (ФПТИ) аз рӯи қарзҳо | -1 673 | 1 790 | -7,0 |

Сарчашма: Бюллетени омори бонкӣ- № 12, 2016, 2018, 2019,2020.

Бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир яке аз институҳои муҳим дар низоми хоҷагидории ҳар як кишвар дониста мешавад ва ҳамчун дигар субъектони иқтисодӣ дар раванди фаъолияти худ ба хавфҳои гуногун дучор мегардад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бонкҳои тиҷоратӣ дучори хавфҳои зиёде мегарданд, ки баҳодиҳӣ ва идоракунии онҳо бояд дар мадди аввал гузошта шавад. Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон сол аз сол инкишоф ёфта истодааст ва дороиву сармояи ташкилотҳои қарзӣ афзуда истодаанд. Таҳлили ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки дороиҳои низоми бонкӣ дар соли 2020 маблағи 22 643 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2016 ба маблағи 3 971 млн. сомонӣ ё 21,3% зиёд шуданд. Уҳдадориҳои умумӣ ва сармояи тавозуни бонкҳо бошанд, мувофиқан ба 16 635 млн. сомонӣ ва 6 009 млн. сомонӣ баробар шуда, зиёдшавии онҳо дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2016 мутаносибан 18,7% ва 28,9%-ро ташкил кард. Дар соли 2020 сармояи бонкҳои тиҷортии кишвар дар маҷмуъ 6 009 млн. сомониро ташкил намуд, ки он нисбат ба соли 2016 ба андозаи 1 348 млн. сомонӣ ё 28,9% афзудааст.

Масъалаи калидии дигар дар раванди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ин баҳодиҳӣ ва мониторинги пайвастаи сандуқи қарзӣ аст, ки сатҳи даромаднокии бонкҳоро инъикос менамояд (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Сифати сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон (млн.сомонӣ)**
**Table 2. Quality of loan portfolio of commercial banks of Tajikistan (mln. somoni)**

| Нишондиҳандаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020/2016 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Сандуқи қарзӣ | 8 122 | 6 811 | 6 607 | 7 578 | 8 809 | 8,5% |
| Қарзҳои қолабӣ | 2 679 | 3 398 | 3 301 | 4 929 | 5 879 | 119,42% |
| аз он ҷумла бо % | 33% | 50% | 50% | 65% | 66,8% | 33,75% |
| Қарзҳои зери назоратӣ | 1 053 | 519 | 784 | 239 | 486 | -53,82% |
| аз он ҷумла бо % | 13% | 7,6% | 12% | 3,2% | 5,5% | -7,45% |
| Қарзҳои ғайриқолабӣ | 994 | 518 | 231 | 31 | 209 | -78,94% |
| аз он ҷумла бо % | 12% | 7,6% | 3,5% | 0,4% | 2,4% | -9,87% |
| Қарзҳои шубҳанок | 206 | 336 | 450 | 150 | 930 | 351,46% |
| аз он ҷумла бо % | 2,6% | 4,9% | 6,8% | 2,0% | 10,5% | 8,02% |
| Қарзҳои беэътимод | 3 189 | 2 040 | 1 841 | 2 229 | 1 305 | -59,09% |
| аз он ҷумла бо % | 39,4% | 29,9% | 27,8% | 29,4% | 14,8% | -24,45% |

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои бюллетени омори бонкӣ- № 12, 2016, 2018, 2019,2020.

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2 дидан мумкин аст, ки сифати сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2016 то соли 2020 тағйиротҳои ҷиддӣ ба вуҷуд омаданд. Яъне, дар баробари зиёд шудани ҳаҷми сандуқи қарзӣ (зиёда аз 8,5%) ҳиссаи қарзҳои қолабӣ аз 32,99%-и соли 2016 ба 66,74% дар соли 2020 расида, ҳаҷми қарзҳои беэътимод аз 39,26% то ба 14,81% кам шуд. Ин гувоҳи он аст, ки бонкҳои тиҷоратӣ бо назардошти рушди иқтисодиёт ва инкишофёбии муносибати иқтисодӣ фаъолияти худро ба роҳ монда, оид ба беҳтарсозии сифати сандуқи қарзӣ ва беҳтарсозии ташкили ҷараёни пешниҳоди қарз чораҳои заруриро андешидаанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тайи солҳои охир дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон болоравии баъзе аз намудҳои хавфи бонкӣ ба монанди: хавфи фоизӣ, хавфи асъорӣ, хавфи амалиётӣ, хавфи талафи пардохтпазирӣ ба назар мерасад. Илова бар ин, дар доираи ҳадафгириҳои мақсадноки Бонки миллии Тоҷикистон низоми танзими хавфҳои бонкӣ то андозае ин раванд мароми худро ёфтааст. Яъне, ҳаҷми қарзҳои беэътимод ва қарзҳои аз ҳадафмандона идора намудани хавфҳои қарзӣ самаранокии фаъолияти ташкилоти қарзӣ вобастагии калон дошта, аз ҷумла, барои таъмини кифоятии сармояи танзимшаванда, зиёд шудани дороиҳо, баланд шудани эътимоднокии бонк дар назди муштариён мусоидат менамояд.

Бо мақсади назорати пурра ва мақсадноки сифати дороиҳо дар ташкилотҳои Бонки миллии Тоҷикистон тартиби ягонаи ташкил ва истифода намудани захираи хавфҳои қарзӣ ва пӯшонидани талафоти имконпазирро аз рӯи дороиҳо муқаррар намудааст. Тибқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии муайяннамудаи БМТ ташкилоти қарзӣ барои нигоҳ доштани пардохтпазирӣ, мусоидат намудан ба ҳифзи манфиатҳои саҳмиядорон ва муштариёни худ бояд саривақт дороиҳои ғайрифаъолро ошкор намуда, ҷиҳати пешгирии талафоти ба онҳо алоқаманд чораҳои зарурӣ андешанд.

Вобаста дар ин самт, ташкилотҳои қарзӣ бояд сохтори дахлдори идоракуниро барои муайянкунӣ, баҳодиҳӣ, мониторинг ва назорати хавфи қарзии амалиёти бонкӣ дошта бошанд.

Баҳодиҳии сифати дороиҳо, баҳодиҳии вазъи молиявии муштарӣ, пеш бурдани таснифот, муайян кардани арзиши фурӯши молу мулки ба гарав гузошташуда ва ташкил намудани фонд бояд дар алоҳидагӣ аз ҷониби ташкилоти қарзӣ гузаронида шавад, бахусус дар робита бо қарзҳои ба ҳам алоқаманд, қарзҳои шахсони вобаста, ҳамаи қарзҳои ғайрифаъол ва қарзҳои аз меъёри муайяншуда зиёд. Чунин баҳодиҳӣ бояд аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ доимо гузаронида шуда, натиҷаҳои он дар парвандаҳои қарзӣ нигоҳ дошта шавад. Бонки миллии Тоҷикистон ҳаҷми қарзҳои калонро аз меъёри муайяншуда ба маблағи 100 000 (сад ҳазор) сомонӣ, ё, ки 2%-и сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзӣ муайян намудааст. Гузашта аз ин, дар санадҳои дастурии БМТ вобаста ба ҳолати молиявии муштариён қарзҳо гурӯҳбандӣ шудаанд, ки тибқи онҳо сифати сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ муайян ва таҳия карда мешавад. Ҳамин тавр, қарзҳо ба таври зерин гурӯҳбандӣ шудаанд [4,с.24]:

− қолабӣ;

– зери назорат;
– ғайриқолабӣ;
– шубҳанок;
– беэътимод.

Вобаста ба таснифоти дар боло овардашуда, метавон зикр намуд, ки қарзҳои "қолабӣ" ҳамон қарзҳоеро меноманд, ки ҳолати молиявии мизоҷ хуб аст ва қарз бо фоизаш сари вақт пардохт мегардад. Қарзҳои "зери назорат" ин қарзҳое мебошанд, ки муштарӣ намметавонад сари вақти маблағи қарз ва фоизи онро пардохт намояд. Агар муштарӣ дар давоми аз 8 то 30 рӯз маблағи қарзашро напардозад, он гоҳ бонк чунин қарзҳоро ба гурӯҳи қарзҳои "зери назорат" ворид менамояд. Қарзҳои "ғайриқолабӣ" қарзҳои ба ҳисоб меравanд, ки муҳлати пардохти онҳо аз 30 то 60 рӯз гузуштааст ва муштарӣ вазъи молиявии бад дорад. Чунин қарзҳоро бонкҳо ба гурӯҳи қарзҳои ғайриқолабӣ мегузаронанд. Қарзҳои "шубҳанок" чунин қарзҳое ба ҳисоб мераванд, ки вақти пардохти онҳо аз 60 рӯз гузаштааст ва маблағи қарз ба суратҳисоби бонк пардохт нашудааст. Қарзҳои "беэътимод" ин қарзҳое дониста мешаванд, ки вазъи молиявии муштарӣ дар ҳолати носолим қарор дорад ва муштарӣ наметавонад қарзро баргардонад [5,с.7].

Ин нишонаи он аст, ки бонкҳо ҷиҳати кам кардани хавфҳои қарзӣ дар ин давра чораҳои зарурӣ андешидаанд. Ҳамзамон, қайд кардан ба маврид аст, ки солҳои охир назорат аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон нисбати кам кардани хавфҳои қарзӣ зиёд шудааст.

Маълум аст ки, қарзи барнагашта барои ташкилоти қарзӣ ин маънои кам шудани қисме аз дороиҳоро дорад. Ҳамзамон, набояд фаромӯш кард, ки сабаби асосии барнагаштани қарз, ин, аввалан масъулияти ташкилоти қарзӣ мебошад, на ин ки муштарӣ. Фаъолияти бонк, ки амалиётҳои гуногунро дар бар мегирад, сарчашмаи муҳайё намудани шароит барои сари вақт баргаштан ё барнагаштани қарз мебошад. Дар ин гуна шароит, бо назардошти мушкилиҳои мавҷудаи хавфҳои карзӣ, бонкҳоро зарур аст, ки муносибатҳои ба амал омадаро дар фаъолияти худ фарохтар баҳо диҳанд.

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ ва молиявӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд баҳодиҳии сифати таъминнокии қарз ва мушкилиҳои баргаштани он на танҳо аз рӯи зарурият ва пуррагии таъминот, балки аз рӯи пуррагии он натиҷагирӣ карда шавад. Пуррагии сифати баҳодиҳии таъминотро муносибати байни қарздеҳ, қарзгир ва субъекти сеюм- баҳогузори мустақил, ки метавонад ҳамчун шахси бетараф иштирок карда, таъминоти пешниҳодшударо холисона баҳогузорӣ намояд, ташкил менамояд. Яке аз сабабҳои асосии ба вуҷуд омадани хавфҳои қарзӣ (барнагаштани қарзҳо ва фоизҳои онҳо), дар қатори дигар хатогиҳо, ин роҳ додан ба камбудиҳо дар идоракунии корпоративии бонкҳо маънидод карда мешавад.

Вобаста ба ин, идоракунии дурусти хавфҳои қарзӣ яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани эътимоднокии ташкилотҳои қарзӣ, таъмини кифояти сармоя ва дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ буда, ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки ба ин масъала диққати ҷиддӣ диҳанд. Ҳар як ташкилоти қарзӣ бояд сари вақт ва мукаммал ба низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ аҳамият диҳад. Дар раванди фаъолият ва қабули стратегияҳои дохилӣ бонкҳоро зарур аст, ки бо назардошти вазъи муосири иқтисодӣ ва густариши муносибатҳои пулию карзӣ, хавҳои қарзиро баҳогузорӣ намоянд.

**Муқарриз: н.и.и., муаллими калон Ғаюров Ғ.Ҳ.**

**АДАБИЁТ**


1. Алиева З.Р. Формы и методы управления рисками в банковской практике / З.Р. Алиева // УЭПС. - 2016. -№4. - С.75-82.
2. Гаюров Г.Х. Особенности организации и развития маркетингового потенциала в банковском секторе Республики Таджикистан / Г.Х. Гаюров // Вестник ТНУ. – 2014. -№2/3(135). -С.253-256.
3. Гаюров Г.Х. Развитие инвестиционно-кредитной деятельности банков в условиях высокого риска / Г.Х. Гаюров // Вестник ТНУ. – 2015. -№ 2/4(169). -С.223-226.
4. Дастурамали №181 "Дар бораи талабот ба низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилоти қарзӣ". Тағйирот бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон таҳти №20 аз 31 марти с. 2017 тасдиқ шудааст.

5. Дастурамали №215 “Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пушонидани талафоти имконпазир аз рӯи дороиҳо” Илова бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон 171 аз “26” декабри с.2019 тасдиқ шудааст.
6. Дастурамали №240 “Дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфи амалиётӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ” Бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №128 аз 24 октябри соли 2019 тасдиқ шудааст.
7. Зотов А.Н. Риски кредитных организаций с точки зрения инспектора / А.Н. Зотов // Деньги и кредит: теоретич. и научно-практич. журнал. - 2015. -№2. -С.32-33.
8. Одинаев С.П. Бонки миллии Тоҷикистон ва нақши он дар танзими фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ / С.П. Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъятӣ. – Душанбе, 2021. -№2. -С.179-186.
9. Одинаев С.П. Бонкҳои тиҷоратӣ: нақш, мақом ва аҳамияти онҳо дар муносибатҳои иқтисодии муосир / С.П. Одинаев // Ахбори АИ ҶТ. -Душанбе, 2019. -№4(257). -С.143-148.
10. Рогов М.А. Риск-менеджмент / М.А. Рогов. -М.: Финансы и статистика, 2001. -118 с.
11. Роҳнамо «Дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои қарзӣ». Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоқикистон аз 16 майи соли 2019 тасдиқ шудааст.
12. Сайфуров К.Ф. Баландбардории сифати сандуқи қарзӣ ва таҳкими он дар шароити муосир / К.Ф. Сайфуров // Вестник ТГУК. – Душанбе, 2021. -№4/2(39). -С.283-291.
13. Умаров Х.У. Денежно-кредитные проблемы развития национальной экономики / Х.У. Умаров, З.С. Зарифова. – Душанбе: Ирфон, 2005. -120 с.
14. Хикматов У.С. Необходимость и значение кредитного бюро в сокращении рисков микрофинансирования / У.С. Хикматов, М.С. Хикматов // Вестник Кыргызско-Российского (славянского) университета. - 2013. -Т. 13. -№2. - С.22-25.
15. Экономический словарь / Багудина Е.Г., Большаков А.К. [и др.]; отв. Ред. А.И. Архипов. -М.: ТК Велби, Изд-во проспект, 2004.
16. [Электронный ресурс]. URL: www.nbt.tj.

## ИДОРАКУНИИ ХАВФИ ҚАРЗӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА РАВАНДИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ

Дар мақола яке аз масоили мубрам дар раванди фаъолияти бонкҳо, яъне идоракунии хавфи қарзӣ дар раванди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Воқеан, идоракунии хавфҳо дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ мавқеи махсус дорад ва ба вазъи молиявии онҳо таъсиргузор мебошад. Фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ пайваста бо хавфҳои гуногун алоқамандии бевосита дорад ва идоракунии оқилонаи он метавонад рушди минбаъдаи онҳоро таъмин намояд. Муаллиф бар он ақидааст, ки хавфи қарзӣ дар таҳкими пардохтпазирии бонк ва вазъи молиявии он метавонад таъсири худро расонад. Асоснок карда шудааст, ки идоракунии хавфи қарзӣ бояд стратегияи махсуси коркардшударо доро бошад, то бонк тавонад дурнамои хавфҳои қарзиро муайян созад. Дар асоси маводи оморӣ, муаллиф сифати сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратии кишварро дар маҷмуъ таҳқиқ намудааст. Ҳамчунин паҳлуҳои назариявӣ ва амалии идоракунии хавфи қарзӣ ба таври васеъ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст ва роҳҳои идоракунии он дар шароити муосири иқтисодӣ муайян гардидааст. Ҳамин тавр, муаллиф вобаста ба идоракунии самараноки хавфи қарзӣ ва раванди иҷроиши он тавсияҳо пешниҳод намудааст, ки метавонад дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Калидвожаҳо:** низоми бонкӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, хавфи қарзӣ, идоракунии хавфи қарзӣ, сифати сандуқи қарзӣ, фонди пушонидани талафоти имконпазир.

## УПРАВЛЕНИЕ КРЕДИТНЫМИ РИСКАМИ И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ПРОЦЕСС КОММЕРЧЕСКИХ БАНКОВ

В статье рассматривается один из ключевых вопросов банковской деятельности - управление кредитным риском в банковской системе Республики Таджикистан. Действительно, управление рисками занимает особое место в деятельности коммерческих банков и других кредитных организаций и влияет на их финансовое состояние. Деятельность кредитных организаций постоянно напрямую связана с различными рисками, и разумное управление ими может обеспечить их дальнейшее развитие. Автор утверждает, что кредитный риск может повлиять на укрепление ликвидности и финансового состояния банка. Обосновывается, что для управления кредитным риском должна быть разработана конкретная стратегия, чтобы банк мог определять прогнозы кредитного риска. На основе статистических данных автором исследовано качество ссудного портфеля коммерческих банков страны в целом. Также были широко изучены теоретические и практические аспекты управления кредитным риском и определены пути управления им в современных экономических условиях. Таким образом, автор дает рекомендации по эффективному управлению кредитным риском и процессу его реализации, которые могут быть использованы в деятельности кредитных организаций.

**Ключевые слова:** банковская система, коммерческие банки, кредитный риск, управление кредитным риском, качество ссудного портфеля, фонд покрытия возможных потерь.

## CREDIT RISK MANAGEMENT AND ITS IMPACT ON THE COMMERCIAL BANKS PROCESS

The article examines and examines one of the key issues in the banking process - credit risk management in the banking system of the Republic of Tajikistan. Indeed, risk management takes a special place in the activities of commercial banks and other credit institutions and affects their financial condition. The activities of credit institutions are constantly directly related to various risks, and their reasonable management can ensure their further development. The authors argue

that credit risk can affect the strengthening of a bank's liquidity and financial condition. It is argued that a specific strategy must be developed to manage credit risk so that the bank can determine forecasts of credit risk. On the basis of statistical data, the authors investigated the quality of the loan portfolio of commercial banks in the country as a whole. The theoretical and practical aspects of credit risk management were also widely studied and ways of managing it in modern economic conditions were determined. Thus, the authors give recommendations on effective credit risk management and the process of its implementation, which can be used in the activities of credit institutions.

**Keywords:** banking system, traditional banks, credit risk, credit risk management, loan portfolio quality, fund to cover possible losses.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сайфуров Кароматулло Файзуллоевич*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи кори бонкӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 935-56-29-92.** E-mail: **karom.bank@mail.ru**

**Сведение об авторе:** ***Сайфуров Кароматулло Файзуллоевич*** **-** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой банковской деятельности. **Адрес**: 734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 935-56-29-92.** E-mail: **karom.bank@mail.ru**

**Information about the author:** ***Sayfurov Karomatullo Fayzulloevich*** **-** Tajik National University, candidate of economics, head of banking department. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 935-56-29-92.** E-mail: **karom.bank@mail.ru**

УДК 336.2

# ХУСУСИЯТҲОИ АНДОЗБАНДИИ МОЛИКИЯТИ ЗЕҲНӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

*Гулов Ш.М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикисон**

Бо инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ ва тағйироти ақидаҳо оиди инкишофи ҷомеа ва давлат намудҳо, шаклҳо ва нақши андозҳо низ тағйир меёбанд. Андозбандӣ ва муносибатҳои андозӣ вобаста ба шароит ва давраи таърихӣ ба вуҷуд меояд. Андозҳо низ дар баробари рушди ҷомеа ва тақозои замон тағйир меёбанд. Ба таҳаввулоти низоми андоз мафҳуми андоз низ метавонад тағйир ёбад [3].

Дар шароити имрӯза шарҳи мафҳуми андоз дар модаи 23-юми Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин оварда шудааст: “Андоз пардохти ҳатмии муқаррарнамудаи Кодекси андоз ба буҷет мебошад, ки ба андозаи муайян амалӣ гардида, хусусияти ҳатмии бебозгашт ва беподош дорад (ба истисноИ андози иҷтимоӣ)” [5,с.36].

Дар амалияи ҷамъиятӣ ва мувофиқи назарияи олимони гуногун саволе ба миён омадааст, ки оё объекти моликияти зеҳнӣ мавриди андозбандӣ қарор мегирад ё не? Барои ба ин масъала ҷавоб ёфтан ба объекти моликияти зеҳнӣ таваҷҷуҳ менамоем. Мувофиқи моддаи 1125-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми моликияти зеҳнӣ ин ҳуқуқҳои амволӣ ва (ё) ғайриамволии шахсӣ нисбат ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, воситаҳои фардикунонии иштирокчиёни аҳдҳои гражданӣ, фардикунонии маҳсулот, корҳо ё хизматрасонии иҷрошаванда (воситаҳои фардикунонӣ) ва ҳамчунин, объектҳои дигари ба онҳо баробаркардашуда мебошад [7,с.3].

Ба объектҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ инҳо дохил мешаванд:

1) натиҷаҳои фаъолияти эҷодии зеҳнӣ:

-асарҳои илмӣ, санъат ва адабиёт, аз ҷумла барномаҳо барои мошинҳои электронии ҳисоббарор, барномаҳои компютерӣ ва маҷмуи маълумот;

-иҷро намудан, фонограммаҳо, ташкили намоиши эфирӣ ё намоиши кабелӣ;

-ихтироот, моделҳои муфид, намунаҳои саноатӣ; -дастовардҳои селексионӣ; -топологияи микросхемаҳои интегралӣ;

-маълумоти дорои сирри хизматӣ ё тиҷоратӣ.

2) воситаҳои фардикунонии иштирокчиёни аҳдҳои гражданӣ, молҳо, корҳо ва хизматрасонӣ:

-номи фирмавӣ;

-тамғаи молӣ ва тамғаи хизматрасонӣ;

-номи маҳалли истеҳсоли мол ва нишондоди истеҳсолӣ.

3) натиҷаҳои дигари фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои фардикунонии ба онҳо баробаркардашуда, ки мутобиқи қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд.

Андозбандии объектҳои моликияти зеҳнӣ дар Кодекси амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас оварда нашуда, балки дар якчанд моддаҳо ва вобаста ба даромадҳои алоҳида андозбандӣ карда мешаванд. Дар моддаи 15-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайрисоҳибкорӣ оварда шудааст. Барои мақсадҳои андозбандӣ ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ фаъолияти мустақилонае, ки таҳти таваккали шахсон амалӣ гардида, барои ба даст овардани даромад (фоида) аз ҳисоби истифодаи молу мулк, фурӯши мол (иҷрои кор ё хизматрасонӣ) равона гардидааст.

Фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯи андозаи даромади умумӣ ба намудҳои зерин ҷудо карда мешавад:

1) фаъолияти соҳибкории хурд - фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва шахсӣ-ҳуқуқие, ки даромади умумии онҳо дар 12 моҳи пайдарпайи (муттасили) тақвимии гузашта аз 1 000 000 (як миллион) сомонӣ кам мебошад;

2) фаъолияти соҳибкории миёна - фаъолияти шахсӣ-ҳуқуқие, ки даромади умумии он дар 12 моҳи пайдарпайи (муттасили) тақвимии гузашта аз 1 000 000 (як миллион) сомонӣ то 25 000 000 (бисту панҷ миллион) сомонӣ мебошад;

3) фаъолияти соҳибкории калон - фаъолияти шахсӣ-ҳуқуқие, ки даромади умумии он дар 12 моҳи пайдарпайи (муттасили) тақвимии гузашта зиёда аз 25 000 000 (бисту панҷ миллион) сомонӣ мебошад [5,с.23].

Аз адбиётҳои иқтисодӣ ба мо маълум аст, ки соҳибкор фаъолияти худро дар асоси навоварӣ ба роҳ мемонад. Навоварӣ натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ба шумор рафта, қисме аз даромади ба даст оварда, вобаста ба фаъолияти навоварӣ сурат мегирад. Аз ин бармеояд, ки қисми андози даромад ва фоидаи субъктони иқтисодӣ ин андоз аз объекти моликияти зеҳнӣ мебошад.

Дар моддаи 2-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади андозбандӣ мафҳумҳои асосии дигаре низ истифода мешаванд, ки натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ мебошанд:

- Маҳсулоти кишоварзӣ - натиҷаи (маҳсули) ибтидоии парвариши растаниҳо ва чорво, дороиҳои дигари биологӣ, ки таҳти коркарди саноатии минбаъда қарор нагирифтааст.
- **коркарди саноатӣ** - амалиёти технологие, ки бо истеҳсоли маҳсулоти тайёр аз ашёи хоми кишоварзии аз коркарди аввалия гузашта алоқаманд мебошад.
- **роялти** - пардохти маблағ барои:

а) ҳуқуқи истифодаи захираҳои табиӣ дар ҷараёни истихроҷи канданиҳои фоиданок ва (ё) коркарди ташкилаҳои техногенӣ;

б) истифодаи ҳуқуқҳои муаллифӣ, таъминоти барномавӣ, патентҳо, нақшаҳо, тамсилаҳо, тамғаҳои савдо ё дигар моликияти саноатӣ ва ё зеҳнӣ ё додани ҳуқуқи истифодаи онҳо ба шахсони дигар;

в) истифодаи таҷҳизоти саноатӣ, тиҷоратӣ ё илмию таҳқиқотӣ ё додани ҳуқуқи истифодаи онҳо ба шахсони дигар;

г) истифодаи ноу-хау;

д) истифодаи кинофилмҳо, видеофилмҳо, сабтҳои овоз ё дигар шаклҳои сабт, ё додани ҳуқуқҳои истифодаи онҳо ба шахсони дигар;

е) расондани кумаки техникии иловагӣ ва ёрирасон вобаста ба ҳуқуқҳои дар ҳамин банд пешбинишуда [5,с.5].

Даромади фаъолияти зеҳнӣ дар баҳасибгории муҳосибӣ низ мушаххасан баҳисоб гирифта нашуда, балки бо дигар даромадҳо якҷоя ба ҳисоб гирифта мешвад. Вобаста ба шакли фаъолият ва низоми андоз даромади фаъолияти зеҳнӣ мавриди андозбандӣ қарор мегирад. Дар ҳолате, ки шахси ҳуқуқӣ тибқи низоми умумӣ фаъолият намояд, андоз аз даромади он ситонида мешавад. Даромади шахси ҳуқуқӣ хоҳ нохоҳ аз натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ низ сарчашма мегирад. Баҳисобгирии хароҷоти объектҳои моликияти зеҳнӣ низ хусусиятҳои худро дорад. Дар Кодекси андоз оиди баҳисобгирии хароҷоти марбут ба моликияти зеҳнӣ чизе гуфта нашудааст, вале дар ҳисоб намудани истеҳлоки дороиҳои ғайримоддӣ тартиби баҳисобгирии он оварда шудааст. Дар моддаи 203 тарҳи ҳиссаҷудокуниҳои истеҳлокӣ аз рӯи дороиҳои ғайримоддӣ оварда шудааст. Ба арзиши дороиҳои ғайримоддӣ хароҷот барои объектҳои ғайримоддӣ (объектҳои моликияти ғайримоддӣ ба монанди иҷозатнома, патент барои ихтироъ, тамғаи молӣ ва тамғаи хизматрасонӣ, ҳуқуқи муаллиф, шартнома оид ба истифодаи номи фирмавӣ, таъминоти барномавӣ ва объектҳои дигари моликияти зеҳнӣ), ки дорои муҳлати маҳдуди истифода мебошанд ва дар давоми на камтар аз дувоздаҳ моҳ истифода мегарданд, дохил мешавад. Андозсупоранда тарҳи истеҳлокиро, ки моддаи 198-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне барои дороии ғайримоддӣ иҷозат додааст, бо назардошти он, ки истеҳлок меъёрҳои зеринро ташкил медиҳад, ҳисоб менамояд:

- барои дороии ғайримоддӣ, ки муҳлати истифодаи муфиди он зиёда аз 10 сол мебошад, ё муайян намудани муҳлати истифодаи муфиди он имконнопазир аст – 10%;
- барои ҳар дороии ғайримоддии дигар - фоизи бо роҳи тақсим намудани 100% ба миқдори солҳои истифодаи муфиди дороии ғайримоддӣ [1].

Аз маълумотҳои Кодекси андоз бармеояд, ки ҳангоми муайян намудани даромади субъект, хароҷоти моликияти зеҳнӣ ҳамчун дороиҳои ғайримоддӣ тарҳ карда мешавад. Аз сабаби он, ки моликияти зеҳнӣ хусусияти ғайримоддӣ дорад, арзиши он мустақиман ба

объектҳои моддӣ мегузарад. Ҳангоми фурӯши молу хизматҳо андоз аз арзиши иловашуда ҳисоб ва пардохта мешавад.

Барои амалиётҳои андозбандишаванда ва воридоти андозбандишаванда меъёрҳои зерини андоз аз арзиши иловашуда муқаррар карда мешаванд:

1) меъёри стандартӣ – 15%;

2) меъёри пасткардашуда, ба истиснои воридоти андозбандишаванда ва таҳвили минбаъдаи моли воридшуда, нисбат ба иҷрои кори сохтмонӣ, хизматрасонии меҳмонхонавӣ ва хизматрасонии хӯроки умумӣ – 7% ва барои фурӯши маҳсулоти кишоварзии истеҳсоли дохилӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, хизматрасонии таълимӣ ва фаъолият оид ба хизматрасонии тиббӣ дар осоишгоҳҳо ва истироҳатгоҳҳо бе ҳуқуқи баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда – 5%;

3) меъёри сифрӣ.

Яъне натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ҳамчун арзиши ғайримоддӣ ба молу хизматҳо гузаронида шуда, шакли моддиро пайдо мекунад ва мавриди андозбандӣ аз арзиши иловашуда қарор мегирад.

Андозбандии хизматрасонии фосилавии шахсони хориҷӣ низ метавонад натиҷаи фаъолияти зеҳниро таҷассум намояд. Мувофиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз якуми январи соли 2022 мавриди амал қарор гирифт, хизматрасонии фосилавии шахсони хориҷӣ андозбандӣ мегарданд. Андозсупорандагон шахсони хориҷии бе макони фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда мешаванд, ки мустақиман ба шахсони воқеӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ, хизматрасонии фосилавиро анҷом медиҳанд ва маҳалли чунин хизматрасонӣ ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Ба хизматрасонии электронӣ хизматрасоние дохил мешавад, ки тавассути шабакаи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, аз ҷумла шабакаи иттилоотӣ-коммуникатсионии интернет, бо усули автоматӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ амалӣ карда мешавад.

Ба хизматрасонии электронӣ дохил мешаванд:

- додани ҳуқуқи истифодабарии таъминоти барномавӣ барои мошинҳои электронии ҳисоббарор (аз ҷумла бозиҳои компютерӣ) ва махзани электронии маълумот тавассути шабакаи иттилоотӣ- коммуникатсионӣ, аз ҷумла бо роҳи пешниҳоди дастрасии фосилавӣ ба онҳо, инчунин, таҷдиди онҳо ва имкониятҳои иловагии функсионалӣ;

- амалӣ намудани хизматрасонии рекламавӣ дар шабакаи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, аз ҷумла аз ҳисоби истифодаи таъминоти барномавӣ барои мошинҳои электронии ҳисоббарор ё махзани электронии маълумоти дар шабакаи иттилоотӣ коммуникатсионӣ истифодашаванда, инчунин, пешниҳоди майдонҳои рекламавӣ дар шабакаи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ;

- анҷом додани хизматрасонӣ оид ба ҷойгиркунии пешниҳодҳо дар бораи хариди (фурӯши) мол (кор, хизматрасонӣ) ва ҳуқуқҳои молумулкӣ дар шабакаи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ;

- анҷом додани хизматрасонӣ тавассути шабакаи иттилоотӣ- коммуникатсионӣ вобаста ба пешниҳодҳои техникӣ, ташкилӣ, иттилоотӣ ва имкониятҳои дигар, ки бо истифода аз система ва технологияҳои иттилоотӣ барои ташкил намудани алоқа ва бастани шартномаҳо (аҳдҳо) байни фурӯшандагон ва харидорон (тавассути майдонҳои савдои дар шабакаи интернет дар вақти воқеӣ амалкунанда, ки дар он ба харидорони воқеӣ арзиши мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) тавассути расмиёти автоматикунонидашуда пешниҳод гардида, тарафҳо ҷиҳати ба савдо баровардани онҳо, тариқи ташкили огоҳонии автоматӣ хабардор мешаванд);

- таъмин ва (ё) нигоҳдории фаъолияти иқтисодӣ, инчунин, дастгирии захираҳои электронии истифодабарандагон, аз ҷумла сомонаҳо ва (ё) саҳифаҳои сомонаҳо дар шабакаи интернет, таъмини дастрасии истифодабарандагони дигар ба шабакаи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ;

- бурдҳои интерактивӣ барои қиморбозӣ дар идораҳои букмекерӣ;

- таъмини дастрасӣ ба шабакаҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, инчунин, ба истифодабарандагон фароҳам овардани имконияти тағйир додани онҳо;

- нигоҳдорӣ ва коркарди иттилоот ба шарте, ки шахси чунин иттилоотро пешниҳоднамуда имконияти дастрасӣ ба онро тавассути шабакаи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дошта бошад;

- дар низоми вақти воқеӣ пешниҳод намудани иқтидорҳои ҳисобкунӣ барои дар низоми иттилоотӣ ҷойгир намудани иттилоот;

- пешниҳоди номгузории доменҳо, хизматрасонии хостингӣ;

- пешниҳоди хизматрасонӣ оид ба маъмурикунонии низоми иттилоотӣ, сомонаҳо дар шабакаи интернет;

- пешниҳоди хизматрасоние, ки ҳангоми аз ҷониби харидори хизматрасонӣ ворид намудани маълумот ба воситаи шабакаи интернет тариқи худкор анҷом дода мешавад, хизматрасонии автоматикунонидашуда оид ба ҷустуҷӯи маълумот, интихоби маълумот аз рӯи дархостҳо, ба воситаи шабакаҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба истифодабарандагон пешниҳод намудани маълумоти мазкур (аз ҷумла маълумотномаи биржаи коғазҳои қиматнок дар реҷаи вақти воқеӣ, интиқоли автоматӣ дар реҷаи вақти воқеӣ);

- додани ҳуқуқ барои истифодаи китобҳои электронӣ (нашрияҳо) ва нашрияҳои дигари электронӣ, маводи иттилоотию таълимӣ, тасвирҳои графикӣ, асарҳои мусиқӣ бо матн ё бе матн, асарҳои аудиовизуалӣ, аз ҷумла бо роҳи пешниҳоди дастрасии фосилавӣ ба онҳо ҷиҳати тамошо кардан ё шунидан, тариқи шабакаи интернет;

- пешниҳоди хизматрасонӣ ба фармоишгар доир ба дарёфт ва (ё) пешниҳоди маълумот оид ба харидорони эҳтимолӣ;

- пешниҳоди дастрасӣ ба низоми ҷустуҷӯӣ дар шабакаи интернет;

- пешбурди омор дар сомонаҳои шабакаи интернет.

Мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон супоридани андози арзиши илова барои чунин шахсон низ пешбинӣ гардидааст.

Шакли дигари андозе, ки натиҷаи фаъолияти зеҳниро дар бар мегирад, андозҳо барои истифодабарандагони захираҳои табиӣ мебошад. Ҳангоми истифода бурдани захираҳои табиӣ, аз ҷумла истифодаи онҳо дар доираи шартномаҳо оид ба истифодаи захираҳои табиӣ ва (ё) истифодабарии об барои истеҳсоли неруи барқ, андозҳо ҳисоб ва пардохт карда мешаванд.

Андозҳо барои истифодаи захираҳои табиӣ аз инҳо иборат мебошанд:

- бонуси обунавӣ; бонуси кашфи тиҷоратӣ; роялти барои истихроҷ; роялти барои об; рентаи содиротӣ.

Барои фаъолияти субъкҳои соҳибкорӣ якчанд низомҳо истифода карда мешавад. Низоми андозбандии фаъолияти соҳибкории шахсони воқеӣ дар асоси патент ё шаҳодатнома анҷом дода мешавад, яке аз қисматҳои низомҳои махсуси андозбандӣ мебошад. Фаъолияти соҳибкории шахсони воқеӣ низ дар асоси навоварӣ ба роҳ монда мешавад, ки натиҷаи фаъолияти зеҳниро нишон медиҳад. Патент ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии шахсони воқеӣ-резидентон ва ғайрирезидентон ҳамчун соҳибкори инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда мебошад. Меъёри андозҳои соҳибкори инфиродие, ки дар асоси патент фаъолият менамояд, аз рӯи намудҳои алоҳидаи фаъолият аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти коэффитсиентҳои минтақавии танзимкунанда муайян карда мешавад.

Шакли дигари низомҳои махсуси андозбандӣ, низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд ба ҳисоб меравад. Меъёри андози низоми содакардашуда 6%-ро ташкил медиҳад [5].

**Ҷадвали 1. Меъёрҳои андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ (фоида)**
**Table 1. Income tax rates for legal entities (profit)**

| Намуди фаъолият | Кодекси андози қаблӣ | Кодекси андози нав |
|---|---|---|
| Ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ширкатҳои мобилӣ | 23% | 20% |
| Дигар фаъолият | 23% | 18% |
| Истеҳсолот | 13% | 13% |
| Истихроҷи захираҳои табиӣ | 13% | 18% |

Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав барои фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ як қатор сабукиҳоро пешниҳод менамояд. Дар аксар намудҳои андоз паст шудани меъёри андоз дида мешавад.

**Ҷадвали 2. Меъёрҳои андоз аз арзиши иловашуда (ААИ)**
**Table 2. Value added tax rates (VAT)**

| Амалиёти андозбандишаванда | Кодекси андози қаблӣ | Кодекси андози нав |
|---|---|---|
| • меъёри стандарӣ | 18% | 15% |
| • меъёри пасткардашуда барои иҷрои корҳои сохтмонӣ ва хизматрасониҳои хӯроки умумӣ | 7% | 7% |
| • меъёри пасткардашуда барои хизматрасонии таълимӣ, хизматрасониҳои тиббӣ дар осоишгоҳҳо ва истироҳатгоҳҳо | 5% | 5% |
| • хизматрасонии меҳмонхонавӣ | 18% | 7% |
| • фурӯши маҳсулоти кишоварзии коркардшуда | 18% | 5% |

Аз таҳлилҳои овардашуда дида мешавад, ки меъёрҳои андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ (фоида) нисбат ба Кодекси андози қаблӣ паст гардидааст. Аз ҷумла андоз аз даромади ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ширкатҳои мобилӣ аз 23% ба 20% паст гардид. Андоз аз даромади дигар фаъолиятҳо низ ба андозаи 5% паст гардидааст. Андоз аз аризиши иловашуда яке аз андозҳои асосӣ барои фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ва натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ба шумор меравад. Меъёри андоз аз арзиши иловашуда дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 1-уми январи соли 2022 мавриди амал қарор гирифтааст, нисбатан паст гардидааст. Аз маълумолтҳои ҷадвали 2 дида мешавад, ки меъёри стандартӣ аз 18% ба 15% паст гардиааст. Аз хизматрасонии меҳмонхонавӣ ва фурӯши маҳсулоти кишоварзии коркардшуда низ пастшавии назарраси андоз аз арзиши иловашуда дида мешавад.

Хулоса андозбандии моликияти зеҳнӣ дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда нашуда бошад ҳам, дар истеҳсоли молу хадамот ҳамчун арзиши ғайримоддӣ истифода мегардад. Моликияти зеҳнӣ, ки метавонад сарчашмаи даромад гардад, аз натиҷаи он, яъне аз молу хизматрасонӣ андозбандӣ карда мешавад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсент Комилов А.Қ.**

**АДАБИЁТ**


1. Водопьянова В.А. Налоги и налогообложение. Учебное пособие / В.А. Водопьянова, О.Ю. Ворожбит. –М., 2018.
2. Гулов Ш.М. Современное состояние налоговой системы Республики Таджикистан / Ш.М. Гулов // Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2022. –№5. -С.194-199.
3. Гулов Ш.М. Становление и развитие интеллектуальной собственности в Республике Таджикистан / Ш.М. Гулов // Вестник ТНУ. Серия экономических наук. - 2014. -№2/6(144). -С.98-101.
4. Гулов Ш.М. Теоретические основы развития отношений интеллектуальной собственности в трансформационных условиях (на материалах Республики Таджикистан): дис. на соис. канд. экон. наук / Ш.М. Гулов. -Душанбе, 2018. -185 с.
5. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Нашриёти муосир, 2022.
6. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти тағйиру иловаҳо. 01.01.2017. –Душанбе: Шарқи озод, 2017.
7. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми сеюм) // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2005.
8. Маҷаллаи “Боҷу хироҷ”. [Манбаи электронӣ]. URL: www.andoz.tj
9. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2020. -С.344.
10. Островенко Т.К. Налоговая нагрузка на предприятие / Т.К. Островенко. – 2015. -269 с.
11. Улугходжаева Х.Р. Развитие налоговой системы Таджикистана за годы суверенитета и проблемы ее совершенствования / Х.Р. Улугходжаева // Вестник ТНУ Серия социально-экономических и общественных наук. - 2021. -№8.
12. Хакимова М.Ф. Comparative analysis of Monetary and Fiscal Policy and their Influence on Economic Development of the Republic of Tajikistan / М.Ф. Хакимова // В журнале: Таджикистан и современный мир. -Душанбе, 2018. -№3(62). -С.229-236.


**ХУСУСИЯТҲОИ АНДОЗБАНДИИ МОЛИКИЯТИ ЗЕҲНӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР**


Дар мақола аҳамият ва хусусиятҳои моликияти зеҳнӣ шарҳ дода шудааст. Мафҳуми моликияти зеҳнӣ вобаста ба Кодекси гражании Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шуда, объктҳои он мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Инчунин, хусусиятҳои андозбандии моликияти зеҳнӣ дар шароити имрӯза оварда шуда, тартиби андозбандии объектҳои моликияти зеҳнӣ дарҷ гардидааст. Объектҳои моликияти зеҳнӣ, ки хусусияти ғайримоддиро доро мебошанд, андозбандии онҳо вобаста ба арзиши молу хизматҳо таҳлил гардиааст.

Меъёри андозҳо аз молу хизматҳое, ки натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ мебошанд, дарҷ гардидааст. Андозбандӣ фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, дар асоси низомҳои гуногун ба роҳ монда мешавад ва вобаста ба ин, тартиби андозбандии дар низоми умумии андозбандӣ, низоми махсуси андозбандӣ ва низоми содакардашуда мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Тартиби ҳисоби истеҳлок аз аризишҳои ғайримоддӣ дар муайян намдуни даромади шахсони ҳуқуқӣ оварда шудааст. Инчунин, проблемаҳои асосии дар ин самт ҷойдошта таҳлил гардида, хусусиятҳои зоҳиршавии онҳо дар шароити низоми иқтисоди бозорӣ дарҷ гардидааст. Дар навбати худ, хусусиятҳои низоми амалкунандаи андоз ва таъсири он ба иқтисодиёт, бахусус соҳаи соҳибкорӣ оварда шудааст. Дар мақола фарқияти меъёри андозҳо ва тартиби андозбандии Кодекси андози қаблӣ бо Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав таҳлил гардида, афзалиятҳои он дар шароити имрӯза оварда шудааст.

**Калидвожаҳо:** моликияти зеҳнӣ, патент, ҳуқуқи муаллиф, андоз, низоми андозситонӣ, системаи миллии андоз, сиёсати фискалӣ, рушди иқтисодӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, молия, буҷети давлатӣ, даромадҳои буҷети давлатӣ, хароҷоти буҷети давлатӣ, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, иқтисоди бозорӣ.

## ОСОБЕННОСТИ НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОЙ СОБСТВЕННОСТИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В статье рассматриваются значение и особенности интеллектуальной собственности. Дано понятие интеллектуальной собственности в соответствии с Гражданским Кодексом Республики Таджикистан и проанализированы ее объекты. Также приведены особенности налогообложения интеллектуальной собственности в современных условиях и уточнен порядок налогообложения интеллектуальной собственности. Объекты интеллектуальной собственности нематериального характера, их налогообложение анализируются по отношению к стоимости товаров и услуг. Налоговые ставки на товары и услуги являются результатом интеллектуальной деятельности. Налогообложение субъектов хозяйствования осуществляется на основе разных систем, в связи с этим анализируется налоговый режим в общей системе налогообложения, специальной системе налогообложения и упрощенной системе. Приведен порядок учета потребления нематериальных активов в составе определенного вида доходов юридических лиц. Также проанализированы основные проблемы в этой области и отражены особенности их проявления в условиях системы рыночной экономики. В свою очередь, характеристика действующей налоговой системы и ее влияние на экономику, особенно в сфере бизнеса. В статье анализируются отличия налоговых ставок и порядка налогообложения действующего Налогового кодекса с Налоговым кодексом Республики Таджикистан в новой редакции и представлены его преимущества в современных условиях.

**Ключевые слова:** интеллектуальная собственность, патент, авторское право, налог, налоговая система, национальная налоговая система, фискальная политика, экономическое развитие, предпринимательская деятельность, финансы, государственный бюджет, доходы государственного бюджета, расходы государственного бюджета, валовой внутренний продукт, рыночная экономика.

## FEATURES OF INTELLECTUAL PROPERTY TAXATION IN MODERN CONDITIONS

The article explains the importance and characteristics of intellectual property. The concept of intellectual property is given in accordance with the Civil Code of the Republic of Tajikistan, and its objects are analyzed. Features of the taxation of intellectual property in today's conditions are also given, and the procedure for taxation of intellectual property is specified. Objects of intellectual property of intangible nature, their taxation is analyzed in relation to the value of goods and services. Tax rates on goods and services are the result of intellectual activity. Taxation of business entities is carried out on the basis of different systems, and in this regard, the tax regime in the general system of taxation, special tax systems and the simplified system is analyzed. The procedure for calculating the consumption of intangible assets in a certain type of income of legal entities is given. The main problems in this area are also analyzed and the features of their manifestation in the conditions of market economy system are reflected. In turn, the characteristics of the current tax system and its impact on the economy, especially in the business sector. The article analyzes the differences between the tax rates and the procedure for taxation of the previous Tax Code with the Tax Code of the Republic of Tajikistan in the new edition and presents its advantages in today's conditions.

**Keywords:** intellectual property, patent, copyright, tax, tax system, national tax system, fiscal policy, economic development, business activity, finance, state budget, state budget revenues, state budget expenditures, gross domestic product, market economy.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Гулов Шерали Махмадсаидович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи андоз ва андозбандӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 935-82-90-91**

**Сведение об авторе:** ***Гулов Шерали Махмадсаидович*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой налогов и налогообложения. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 935-82-90-91**

**Information about the author:** ***Gulov Sherali Mahmadsaidovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Taxes and Taxation. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone**: (+992) 935-82-90-91**

УДК:332.74(575.3)

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИСТИФОДАБАРИИ САМАРАНОКИ ЗАХИРАҲОИ ЗАМИН ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

*Камолов Д.Д.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин дар соҳаи кишоварзӣ, ғайр аз соҳаи иқтисодиёт, аҳамияти муҳимми иҷтимоӣ низ дорад, ки имрӯз дар робита бо афзоиши кӯчиши аҳолӣ аз деҳот махсусан муҳим аст. Махсусан дар ин замина бояд, манфиатҳои заминистифодабарандагонро барои афзоиши ҳосили замин, афзоиши ҳаҷми фоида ва ҳалли масъалаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим, ба монанди афзоиши музди меҳнат ва таъмини шароити ҷаззоби истеҳсолот, таъмини шуғли аҳолӣ дар тули сол тавассути васеъ кардани сеҳҳои нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар назар гирифта шавад. Ғайр аз ин, ҳама гуна тадбирҳое, ки ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот нигаронида шудаанд, бояд на танҳо аз нуқтаи назари иқтисодӣ, балки бо назардошти натиҷаи иҷтимоӣ (афзоиши музди меҳнат, сатҳи хизматрасонии иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, фароҳам овардани шароити бехатарии кор ва ғайра) баҳогузорӣ карда шаванд.

Самаранок истифодабарии захираҳои замин яке аз масъалаҳои гуногуншакл ва мураккаб маҳсуб меёбад. Ҳалли он аз бисёр омилҳо вобастагӣ дорад ва хеле муҳим аст, ки аз ҷамъи омилҳо он тағйиротҳои асосиро ҷудо намоем, то аз онҳо мо самараи дилхоҳи иқтисодӣ ва тағйиротҳои зарурии иҷтимоиро ба даст орем. Аз ин рӯ, баландбардории фаъолияти самараноки хоҷагии қишлоқ талаб менамояд, ки мо бо масъалаҳои зиёде рӯ ба рӯ гардида, диққати худро бояд ба масъалаҳое равона созем, ки ҳалли онҳо самаранокии истифодаи захираҳои заминро таъмин намоянд. Ҳамин тариқ зарур мешуморем, ки самараноки истифодаи захираҳои заминро ҳамчун категорияи иқтисодӣ муайян созем, ки алоқаро байни қисматҳои қонунҳои обективии иқтисодӣ ба миён меоранд ва яке аз паҳлуҳои муҳимми самаранок истифодабари захираҳои замин дар мамлакат мегарданд.

Чуноне, ки олимон В.Л. Аничин ва А.С. Литусков меҳисобанд, самараи иқтисодӣ аз истифодаи замин дар миқдори маҳсулоти бадастомада ва тағйирёбии вазъи захираҳои замин дар натиҷаи мутлақи фаъолияти истеҳсолӣ пешниҳод мегардад [1].

Барфиев Қ.Х. қайд менамояд, ки аз ҷониби заминистифодабарандагон табдил додани замин, ки дар натиҷаи ислоҳоти замини бахши аграрӣ ба вуҷуд омадааст, муносибатро ба замин ба куллӣ тағйир дод ва барои боздоштани равандҳои ғайрифаъолонаи истифодаи замин чораҳо андешида шуданд [3,с.12].

Ҳамагуна самаранокӣ, пеш аз ҳама, ба натиҷаи ниҳоии раванди фаъолият вобаста аст. Баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои замин низ, яке аз омилҳои муҳимтарини афзоиши истеҳсолот ва кам кардани хароҷот ба ҳисоб меравад.

Замин омили асосии истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ, қисми муҳимми заминаи моддию техникии он ва дар айни замон, сарвати бузургтарин ва ивазнашавандаи миллӣ мебошад. Муносибатҳои заминдорӣ, ки дар давраи ислоҳот ба тағйирот дучор омадаанд, ҳанӯз ниҳоят устувор ва муассир нагардидаанд, равандҳои табдилдиҳӣ идома доранд. Бояд қайд кард, ки тағйиротҳое, ки дар иқтисоди бозорӣ оғоз ёфтанд, ба рушди самараноки муносибатҳои заминдорӣ мусоидат накарданд, балки танҳо имкон доданд, ки замин ба таври қонунӣ истифода карда шавад. Ҷонибдорони моликияти хусусӣ чунин мешуморанд, ки танҳо чунин шакли истифодаи он қодир аст, ки самаранокии истифодаи заминро босуръат афзоиш диҳад, ҳифз ва ҳосилхезии заминро таъмин намуда, ба фаровонӣ ва амнияти озуқаворӣи мамлакат оварда расонад.

Дар замони муосир мафҳуми самаранокии истифодаи захираҳои замин бо мафҳуми «самаранокии иқтисодӣ» баррасӣ карда шуда, бо мафҳумҳои "самаранокии экологӣ", "самаранокии иҷтимоӣ" ва "самаранокии технологӣ", дар якҷоягӣ баҳо дода мешавад. Азбаски замин дорои хусусиятҳои зиёд аст, аз ин сабаб омӯзишӣ ҳамаҷонибаи самаранокии истифодаи захираҳои замин объективона хоҳад буд.

Дар адабиётҳои илмӣ мафҳуми самаранок истифодабарии захираҳои замин чунин маънидод карда шудааст. Масалан, Варламов А. А., чунин мешуморад, ки « самаранокии истифодаи замин, ин истифодаи замин бо мақсади истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати

иқтисодӣ фоиданок ва босифат барои хоҷагии халқ ва нигоҳдоштани тавозуни экологии тамоми омилҳои табиӣ» ва ё «чунин истифодаи замин, ки ... самаранокии он таъмин карда мешавад, яъне тибқи талаботи қонунгузорӣ истифодаи замин, азхудкунии уҳдадориҳое, ки ба бад шудани ҳолати дигар объектҳои табиӣ сабабгор намешавад, истифодаи мақсаднок ва саривақтии замин таъмин карда мешавад, ки ба хусусиятҳои иқлимӣ ва ҷуғрофии қитъаҳои алоҳидаи замин ҷавобгӯ бошад» [9].

Инчунин, Краснова И.О., дар зери мафҳуми самаранок истифодабарии замин, истифодаи самараноки қитъаҳои заминро пешниҳод мекунад, ки маънои ба даст овардани фоидаи максималии иқтисодиро аз воҳиди майдон мефаҳмонад [6].

И.А. Минаков, Н.И. Куликов ва О.В. Соколова бошанд чунин мешуморанд, самаранокии иқтисодии истифодаи замин ба маънои маҳдуд муқоисаи натиҷаҳои бадастомада бо масоҳат ё арзиши замин мебошад. Ба маънои васеъ, самаранокии истифодаи замин на танҳо дар зиёд кардани натиҷаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ, балки дар коҳиш додани хароҷот, баланд бардоштани ҳосилхезии хок, сифати маҳсулот, инчунин, дар риояи талаботҳои экологии истеҳсолот зоҳир мешавад.

Ғайр аз ин, дар шароити муосир асосан дар адабиётҳои тадқиқотӣ, ҳангоми муайян намудани моҳияти замин ва самаранок истифодабарии он, заминро ҳамчун омили истеҳсолот, объекти хоҷагидорӣ ва базаи нигоҳдории организмҳои зинда мавриди таҳлил қарор медиҳанд. Аммо таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки замин дар шароити муосир ҳамчун сармоя низ, баромад карда метавонад. Ҳамин тавр дар зери мафҳуми истифодаи самараноки захираҳои замин, ин ноил шудан ба самараи ҳадди аксар бо назардошти татбиқи ҳадафҳои истифодаи замин, ҳамкории судбахши замин бо дигар омилҳои табиӣ, ҳифзи замин ва дигар ҷараёнҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи кишоварзӣ фаҳмида мешавад.

Бинобар ин, ҳалли масъалаи самаранок истифодабарии замин тадқиқоти ҳамаҷонибаро боназардошти тамоми иқтидори замин, яъне, аз нуқтаи назариявӣ иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва истеҳсолию технологиро талаб менамояд.

Ташкили самаранок (аз нуқтаи назари иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва ғ.) истифодабарии захираҳои замин яке аз мушкилоти асосии фаъолияти соҳаи кишоварзӣ ба шумор меравад. Дар ин замина талаботҳои асосии истифодаи самараноки захираҳои замин инҳоро дар бар мегиранд:

1) талаботҳои агротехнологӣ:

- ҳосили ҳадди аксари зироатҳо;
- парвариши зироатҳо аз рӯи навъҳои гуногуни технологӣ вобаста ба шароит;

2) талаботҳои экологӣ - тавозуни бидуни норасоии гумус ва маводи ғизоӣ;

3) талаботҳои иқтисодӣ:

- истифодаи меъёрии захираҳои меҳнатӣ, моддӣ ва молиявӣ;
- афзоиши ҳаҷми истеҳсоли ҳамаи намудҳои маҳсулот;
- таъмини равандҳои такрористеҳсол;

4) талаботҳои беруна:

- дастгирии давлатӣ;
- нигоҳдорӣ, коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ;
- танзими нархҳои бозорӣ.

Истифодаи захираҳои замин дар он ҳолат метавонад самаранок ҳисобида шавад, ки агар он талаботҳои иқтисодиро дар доираи эҳтиёҷоти агротехникӣ ва вазъи экологӣ қонеъ гардонад ва фаъолияти иқтисодӣ бошад, бо риояи талаботҳои агроэкологӣ ва талаботи беруна, ки ба баланд шудани самаранокии истифодаи захираҳои замин нигаронида шудаанд, равона карда шавад. Инчунин, барои баҳодиҳии самаранокии истифодаи захираҳои замин, системаи нишондиҳандаҳои умумӣ, хусусӣ ва ёрирасон истифода бурда мешавад. Ба нишондиҳандаҳои умумӣ инҳо дохил мешаванд:

- арзиши аслии маҳсулот;
- меъёри фоида аз воҳиди замин.

Нишондиҳандаҳои хусусӣ инҳоянд:

- ҳосили зироатҳо;
- ҳосили воҳиди зироатҳо аз 1 гектар замин.

Нишондиҳандаҳои ёрирасони самаранок истифодабарии замин инҳоянд:

- арзиши аслии маҳсулот;

- фондғунҷоиш;
- шиддатнокии меҳнат;
- инчунин, фоида бо таносуби хароҷот аз 1 гектар аз рӯи арзиши миёнаи замин.

Дар раванди таҳлили нишондиҳандаҳои номбаршуда омилҳо ва роҳҳои баланд бардоштани самаранок истифодабарии захираҳои заминро муайян менамоем, ки яке аз принсипҳои асосии ташаккули нишондиҳандаҳои самаранокии истифодаи захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ гардида, боиси тараққиёти хоҷагии халқ мегарданд.

Яке аз омилҳои муҳимми баланд бардоштани самаранок истифодабарии захираҳои замин, ин такрористеҳсолии васеи ҳосилхезии замин ба ҳисоб меравад, ки дуруст истифодабарии он боиси таъмини бехатарии озуқавории насли ҷорӣ ва насли оянда мегардад. Аз ин рӯ, ҳангоми муайян намудани самаранок истифодабарии замин, истифодаи механизмҳои иқтисодии нигоҳдорӣ ва барқароркунии таркиби ҳосилнокии замин дар натиҷаи ҳаракатҳои манфии фаъолияти хоҷагидорӣ зарур аст.

Дар ин замина, дараҷаи таъсиррасониро ба хусусиятҳои ҳосилхезии замин ба кутоҳмуддат ва дарозмуддат ҷудо мекунанд.

а) Ба омилҳои таъсиррасони кутоҳмуддат инҳо дохил мешаванд:
- танзими намии хок;
- истифодаи нуриҳои минералии зудтаъсир;
- камшавии хок.

б) Ба омилҳои дарозмуддати таъсиррасонӣ ба ҳосилхезии замин инҳо дохил мешаванд:
- ғизодиҳии органикӣ;
- коркарди хокҳои шурашуда;
- мелиоратсияи замин.

Асоси баланд бардоштани ҳосилхезии таркиби хок, ин таъмин намудани нуриҳои органикӣ мебошад, ки манбаи асосии пур кардани гумус дар таркиби хок мебошанд. Ҳангоми истифодаи танҳо нуриҳои минералӣ бе нуриҳои органикӣ, таркиби гумус дар хок сол аз сол кам мешавад. Аз ин рӯ, тавсия дода мешавад, ки нуриҳои минералӣ дар якҷоягӣ бо органикӣ пошида шаванд. Шарти муҳимми ҳифз ва истифодаи оқилонаи замин, ин чораҳои муҳофизати хок аз эрозияи об ва шамол (ин ҳадди ақал коркард ва киштгардони зироатҳои муҳофизаткунандаи хок ва ғайра) ба ҳисоб мераванд.

Ҳаминтавр ба хулосае омадан мумкин аст, ки масъалаи истифодаи самараноки замин аз ду ҷузъи асосӣ иборат мебошад:

1) экологӣ - моҳияти он ҷорӣ намудани технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза буда, ки ба ҳифз ва баланд бардоштани ҳосилхезии хок ва таъмини истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза мусоидат мекунад;

2) иқтисодӣ – ба кам шудани хароҷоти истеҳсолӣ, ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат мекунад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҳалли масъалаи истифодаи оқилонаи замин асосан аз самаранокии ташкили сиёсати давлатии замин вобаста буда, асоси онро гуногуншаклии моликият ба замин ташкил медиҳад. Тавре ки маълум аст, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон замин моликияти давлат баҳисоб рафта, ташаккул ва ҷорӣ намудани гуногуншаклии моликият ғайриимкон аст. Дар ин замина оид ба масъалаи мазкур олимони ватанӣ чунин ақидаро пешниҳод намудаанд. Дар шароити моликияти давлатӣ ба замин барои ташаккули самараноки сиёсати давлатии замин, коркарди низоми муносибатҳои махсусӣ ҳуқуқӣ моликият зарур аст, ки қобилияти ба як ё якчанд субъектҳои хоҷагидорӣ додани ваколатҳои алоҳидаро дорад [17,с.14].

Натиҷаи тадқиқотҳо нишон медиҳад, ки равандҳои ислоҳоти замин, ки то имрӯз гузаронида шудааст, истифодаи иқтидори иқтисодию иҷтимоии заминро то ҳол пурра фаро нагирифтаанд. Дар ин замина, омӯзиши таҳлилҳои назариявӣ имкон дод, ки барои баланд бардоштани самаранок истифодабарии захираҳои замин ва мукаммалгадонии он мехнизмҳои зеринро пешниҳод намоем.

а) мукаммалгардонии механизми тартиби ба расмиятдарории қитъаи замин ва ҳиссаи истифодабарандаи замин;

б) мукаммалгардонии механизми баҳисобгирии кадастрӣ, тартиб ва муҳлати гузаронидани баҳои кадастрӣ;

в) муайяни намудани ҷанбаҳои ҳуқуқию ташкили танзимкунандаи гардиши заминҳои хоҷагии қишлоқ, ки ҳамчун заминаи асосии худсармоягузорӣ мегардад;

г) содагардонидани механизми бақайдгирии қитъаҳои замин дар ҳиссаи заминистифодабарандагон, ки бе шубҳа боиси ҳавасмандгардонӣ ва баландбардории ҳосилхезии замин аз тарафи заминистифодабарандагон мегардад;

д) бартараф кардани парокандагии вазифаҳои назорати байни мақомотҳои гуногун, ки боиси суст шудани суръати гардиши қитъаи заминҳои хоҷагии қишлоқ, ҳамчун обекти фаъолияти тиҷорати (субаренда) махсусан дар минтақаҳои камзамин гардидааст;

Лозим ба зикр аст, ки тағйиротҳои муҳимми институтсионалӣ, ки дар давраи гузариш ба муносибатҳои бозоргони ба вуҷуд омадаанд, боиси пастшавии интенсификатсияи сатҳи шиддатнокии истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ гардиданд. Барои дақиқтар намудани ин ҳолат, мафҳумҳои интенсификатсияи хоҷагии қишлоқ ва дараҷаи шиддатнокии хоҷагии қишлоқро маънидод менамоем.

Дар зери мафҳуми интенсификатсияи хоҷагии қишлоқ - ин ҷараёни равонкунии воситаҳои истеҳсолот ва меҳнат ба воҳиди қитъаи замини коркардшаванда, аз ҳисоби пешрафти илму техника, инчунин, ташкили механизми мукаммали хоҷагидорӣ бо мақсади афзоиш додани ҳаҷми истеҳсолот, сифати он ва коҳиш додани арзиши аслии маҳсулот фаҳмида мешавад.

Дараҷаи шиддатнокии хоҷагии қишлоқ, яъне корхонаҳои хоҷагии қишлоқ, хоҷагии деҳқонӣ фермерӣ – ин ҳаҷми хароҷотҳои истеҳсолӣ ба 1 га қитъаи замин, инчунин, арзёбии самаранокии хоҷагии қишлоқ, истеҳсоли иловагӣ, диверсификатсияи истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, маҷмуи даромад, фоидаи соф, ки ҳангоми истифодаи меҳнати иловагӣ ва воситаҳои иловагӣ ба даст оварда мешавад, фаҳмида мешавад.

Яъне дар давраи муосир тараққиёти хоҷагии қишлоқ ва иқтисоди миллиро пурра бо маблағгузорӣ арзёбӣ кардан дар шароити маҳдудияти онҳо, беистифодаи механизмҳои иқтисодӣ мувофиқи мақсад нест. Масалан, яке аз механизмиҳои муҳимми таъсиррасонанда ба самаранок истифодабарии замин, ин омилҳои инсонӣ ва дуруст будани механизми гирифтани рентаи замин мебошад.

Ҳангоми таҳлили фаъолияти истеҳсолкунандагони маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ба қатори манфиатнокии иқтисодии он дараҷаи ҳалли масъалаҳои бехатарии экологии он баҳои алоҳида дода мешавад. Дар назарияи иқтисодӣ қайд менамоянд, ки бехатарии экологию иқтисодӣ қисмҳои ҷудонашавандаи тараққиёти устувори иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Таҷриба нишон медиҳад, ки имрӯзҳо дар фазои истифодабарии замин тамоюли фаъолияти тиҷоратӣ афзоиш меёбад, мисоли он афзоиши иҷораи фаръӣ, ки эҳтимолияти ба оқибатҳои манфӣ оварда расонданро ҳам барои хоҷагиҳои деҳқонӣ фермерӣ ва ҳам давлат доро мебошад. Таҳлилҳои назариявӣ нишон медиҳанд, ки сабабҳои асосии ин раванд омилҳои зерин мебошанд:

а) мавҷуд набудани манфиати мустақим ё ин, ки ҳавасмандии доимӣ барои нигоҳдории ҳосилнокии таркиби замин аз тарафи заминистифодабарандагон;

б) мавҷуд набудани марказҳои назоратӣ оид ба истифодаи замин ва беҳтар намудани ҳолати вайроншавии экологии замин;

в) мавҷуд набудани механизмҳои ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ва санксияҳои ҷаримавӣ ҳангоми тағйир ёфтани ҳолати замин дар давраи истифодабарии замин.

Ҳамин тавр, мушкилоти баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои замин набояд танҳо бо афзоиши даромаднокии захираҳои замин маҳдуд карда шавад, балки бояд ҳамзамон, ҳифз ва баланд бардоштани ҳосилнокии хокро таъмин намуда, арзиши истеҳсоли воҳиди маҳсулотро ба ҳадди ақал расонд. Инчунин, дар охир меъёрҳои асосии танзими самаранок истифодаи захираҳои заминро аз ҷонибӣ давлат пешниҳод менамоем, ки заминаи асосӣ барои беҳтаршавии вазъи экологии захираҳои замин дар мамлакат оварда мерасонанд:

- нигоҳ доштани ҳолати экологии замин ва хок барои наслҳои ҳозира ва оянда;
- таъмини амнияти озуқаворecho кишвар, дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ;
- азнавтақсимкунии заминҳо ба шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ;
- ташкили фаъолияти муътадили бозори амволи ғайриманқул, ҷалби замин ба муомилоти мутамаддини шаҳрвандӣ;

- ташаккули механизми кушодаву шаффофе, ки дастрасии баробари шаҳрвандонро ба захираҳои замин таъмин мекунад;
- ташкили системаи самаранок баҳодиҳии замин ва андозбандии молу мулк;
- татбиқи сиёсати дахлдори шаҳрсозӣ ва дигар вазифаҳо.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Комилов А.Қ.**

## АДАБИЁТ


1. Азизов Б.М. Усулҳои самаранок истифодабарии замин дар минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Б.М. Азизов, Б.Қ. Абдулҳақов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2020. -№10. –С.68-71.
2. Аничин В.Л. Методы измерения экономического эффекта и эффективности использования сельскохозяйственных земель / В.Л. Аничин, А.С. Лицуков // Вестник Курской государственной сельскохозяйственной академии. – 2010. -Т.6. -№6. –С.16-18.
3. Барфиев К.Х. Анализ эффективности использования земельных ресурсов в дехканских (фермерских) хозяйствах Республики Таджикистан / К.Х. Барфиев, Д.Т. Расулов // Конкурентоспособность в глобальном мире: экономика, наука, технологии. - 2018. -№ 4 (63). -С. 12-15.
4. Вазиров А.К. Теоретический подходы к пониманию экологического развития сельского хозяйства региона / А.К. Вазиров, Ф.А. Вазиров, Махмадизода Ф.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2020. -№2. -С. 153-158.
5. Комилов Н.Б. Механизмы привлечения финансовых ресурсов в системы землепользования сельского хозяйства Таджикистана / Н.Б. Комилов // Вестник Кургантюбинского государственного университета имени Носира Хусрава. -Курган-Тюбе, 2017. -№1-3(47). -С.262-267.
6. Краснова И.О. Земельное право: элементарный курс / И.О. Краснова. -2-е изд., пер. и доп. -М.: Юристъ, 2003.
7. Краснощеков В.Н. Основные направления развития эколого-экономического механизма землепользования в сельском хозяйстве Таджикистана / В.Н. Краснощеков, Э.Н. Шералиев // Природообустройство. -М., 2013. -№4. -С.95-101.
8. Мадаминов А.А. Устойчивое развитие аграрного сектора Таджикистана (состояние и перспективы) / А.А. Мадаминов. -Душанбе, 2006. -228 с.
9. Макар С.В. Экономика природопользования: учебник / С.В. Макар, В.Г. Глушкова. -2-е изд., перераб. и доп. -М.: Юрайт, 2011. -563 с.
10. Мирсаидов С.А. Основные пути совершенствования институциональной инфраструктуры государственного регулирования воспроизводственных процессов в сфере аграрного производства / С.А. Мирсаидов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. -Худжанд, 2016. -Т.68. -№3. -С.5-13.
11. Одинаев Х.А. Эколого-экономический механизм регулирования природопользования в сельском хозяйстве. Монография / Х.А. Одинаев. -М.: МАКСПРЕСС, 2004. -240 с.
12. Панин А.В. Экономический рост в сельском хозяйстве на основе модернизации производства. Монография / А.В. Панин. -М.: Проспект, 2016. -240 с.
13. Пириев Д.С. Методические подходы к оценке природно-ресурсного потенциала сельского хозяйства Таджикистана / Д.С. Пириев // Доклады Таджикской академии сельскохозяйственных наук. -Душанбе, 2002. -№5-6.
14. Рассказова А.А. Определение факторов, оказывающих влияние на эффективность сельскохозяйственного землепользования в регионе / А.А. Рассказова // Землеустройство, кадастр и мониторинг земель. - 2014. -№10. -С.61-64.
15. Рязанцев, И.И. Теоретико-методологические аспекты развития земельных отношений в современных условиях / И.И. Рязанцев // Вестник Воронежского государственного агарного университета. -Воронеж, 2012. -№3. -С.125-131.
16. Ханбабаев Т.Г. Оценка эффективности использования земель сельскохозяйственного назначения / Т.Г. Ханбабаев, Г.Д. Догеев, Л.А. Велибекова // Международный научно-исследовательский журнал. - 2015. -№9(40). -Ч.2. -С.70-73.
17. Юсупов С.А. Трансформация земельной собственности как основа формирования земельного рынка в переходной экономике Республики Таджикистан., диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наука: 08.00.01 / С.А. Юсупов. –Душанбе, 2015. -145 с.


## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИСТИФОДАБАРИИ САМАРАНОКИ ЗАХИРАҲОИ ЗАМИН ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ


Дар мақолаи мазкур таҳлилҳои назариявии самаранок истифодабарии захираҳои замин, бо дарназардошти давраи гузариш ба муносибатҳои бозоргонӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Мақола дар он асоснок мегардад, ки ташаккули механизми самаранок истифодабарии замин, пеш аз ҳама, аз ислоҳоти институтсионалӣ вобаста аст. Омилҳои боздорандаи самаранокии истифодабарии заминҳои хоҷагии қишлоқ ошкор гардидааст. Таъсири самаранок истифодабарии замин дар фаъолгардонии фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фаъолнокии меҳнати дигар субъектҳо иқтисодӣ дар самти заминистифодабарӣ муайян карда шудааст. Мукаммалгардонии муҳити институтсионалӣ, ки ба танзими давлатии захираҳои замин ва самарабахшии бисёрсохтории истифодаи заминҳои кишоварзӣ мусоидат менамояд, асоснок карда шудааст. Таҳқиқот нишон дод, ки сохтори институтҳо, кумитаҳои замин, сари вақт

иҷро гаштани вазифаҳои онҳо, инчунин, муҳимияти механизми ҷамъ ва интиқоли иттилоот оид ба заминро ба истифодабарандагони он талаб менамояд. Нишондиҳандаҳо, омилҳо, инчунин, ҷорӣ намудани механизми бозории муносибатҳои заминдорӣ, ҳамчун омили махсуси муайянкунандадаи самаранок истифодабарии захираҳои замин муайян карда шудааст. Зарурияти ташаккули низоми чандир (гибкий) ва гуногуншакли истифодабарии замин ҳам барои заминҳои хоҷагии қишлоқ ва ҳам заминҳои барои ҷойгиркунии иншиоту таҷҳизотҳои саъноатӣ муқаррар шуда, асоснок карда шудааст. Барои ташаккули гардиши бозори замин ҳамчун институти муҳим механизми муайянкунии нархи замин муайян карда шудааст. Чи тавре, ки маълум аст, дар давлати мо, ҳиссаи моликияти давлатӣ ба замин баланд аст, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки нархи замин дар асоси принсипҳои нархгузории давлатӣ ва принсиҳои бозорӣ муқаррар карда мешавад.

**Калидвожаҳо:** захираҳои замин, ислоҳоти замин, мукаммалгардонии механизмҳои истифодабарии замин, шиддатнокии корхонаҳои хоҷагии қишлоқ, нигоҳдории ҳосилхезии замин, самаранокии истифодабарии замин, иқтидори захираҳои замин, ҳавасмангардонии иқтисодию ҳуқуқӣ.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ЭФФЕКТИВНОГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЗЕМЕЛЬНЫХ РЕСУРСОВ В УСЛОВИЯХ РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКИ

В данной статье рассматриваются теоретические основы эффективного использования земли, с учетом перехода к рыночным отношениям. Указывается, что формирование эффективного землепользования зависит, прежде всего, от осуществления институциональных преобразований. Выявлены факторы, сдерживающие эффективность использования земель сельскохозяйственного назначения. Определено влияние эффективного землепользования на стимулирование активности деятельности дехканских фермерских хозяйств и деятельности других субъектов в сфере землепользования. Акцентируется совершенствование институциональной среды, которая способствует государственному регулированию земельных ресурсов и многоструктурной эффективности использования земель сельскохозяйственного назначения. Исследование показывает, что особенно важны структуры институтов, земельных комитетов и своевременное исполнение их функций, а также механизмы собрания информации о земле и способе ее передачи землепользователю. Определены показатели, факторы и особенности внедрения рыночного механизма землепользования как особого фактора эффективного землепользования. Обоснована необходимость формирования гибкой и многообразной системы землепользования для земель как сельскохозяйственного назначения, так и пространственного назначения. Показано, что для формирования рыночного оборота земли важнейшим институтом является механизм определения цены земли. Как известно, в нашем государстве доля государственной собственности на землю выше, это свидетельствует о том, что цена земли должна определяться на основе принципа государственного ценообразования и принципа рыночного ценообразования.

**Ключевые слова:** земельные ресурсы, земельная реформа, рыночное землепользование, совершенствование механизма землепользования, интенсивность сельхозпредприятия, сохранение плодородия, эффективность землепользования, земельный кодекс, земельно-ресурсный потенциал, правовое и экономическое стимулирование.

## THEORETICAL FUNDAMENTALS OF EFFICIENT USE OF LAND RESOURCES IN MARKET ECONOMIC CONDITIONS

This article provides a theoretical analysis of the effective use of land resources, taking into account the transition period to market relations. The article is based on the fact that the formation of an effective mechanism of land use depends primarily on institutional reforms. Obstacles to the efficient use of agricultural land have been identified. The impact of effective land use on the activation of dehkan farms and labor activity of other economic entities in the field of land use has been identified. Improvement of the institutional environment, which promotes state regulation of land resources and multi-sectoral efficiency of agricultural land use, is justified. The study showed that the structure of institutions, land committees, the timely implementation of their functions, as well as the importance of the mechanism of collecting and transmitting information on land to its users. Indicators, factors, as well as the introduction of a market mechanism of land relations are identified as a special factor determining the effective use of land resources. The need for a flexible and diversified system of land use, both for agricultural land and for land for industrial facilities and equipment, has been identified and justified. An important institution for determining the market turnover of land is the mechanism for determining the price of land. As it is known in our country, the share of state property in land is high, which indicates that the price of land is determined on the basis of state pricing principles and market principles.

**Keywords**: land resources, land reform, improvement of land use mechanisms, intensification of agricultural enterprises, maintenance of land productivity, land use efficiency, land resource capacity, economic and legal incentives.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Камолов Давлатҷон Достович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи умумидонишгоҳи назарияи иқтисод. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **938-99-11-00**

**Сведение об авторе:** ***Камолов Давлатжон Достович*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры экономической теории. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **938-99-11-00**

**Information about the author:** ***Kamolov Davlatjon Dostovich*** - Tajik National University, doctoral Ph.D student of the Department of Economic Theory. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **938-99-11-00**

**УДК: 330**

# ОИД БА АСОСҲОИ ИЛМИИ КОНСЕПСИЯИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

*Самадова З.А., Ҳасанова М.И.*
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Дар ду даҳсолаи охир рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ҷомеаи ҷаҳониро водор сохтааст, ки ҳаёти рӯзмарраи худро бо технологияҳо алоқаманд созад. Натиҷаи ин тараққиёт ба пайдошавии мафҳуми «иқтисодиёти рақамӣ» оварда расонидааст. Дар адабиёти иқтисодӣ шарҳи ягона барои мафҳуми «иқтисодиёти рақамӣ» мавҷуд нест. Ҳар як олим аз нуктаи назари хеш категорияи мазкурро таҳлил намуда, ақидаи мушаххаси худро пешниҳод намуда истодаанд.

Умуман, таърихи пайдошавии мафҳуми «иқтисодиёти рақамӣ» чандон тулонӣ нест. Аввалин маротиба соли 1995 аз тарафи олими амрикоӣ Николас Негропонте мафҳум истифода бурда шудааст, ки зери моҳияти иқтисодиёти рақамӣ иқтисодиёти ҷадиди бо технологияҳои иттилоотӣ фаъолиятбарандаро фаҳмидааст [20,с.92]. Минбаъд ин мафҳумро Дон Тапскотт дар асараш чун иқтисодиёти дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ташкилшаванда шарҳ додааст [5,с.19].

Мавриди зикр аст, ки истилоҳи «иқтисодиёти рақамӣ» аз тарафи олимони ватанӣ низ мавриди истифода қарор гирифта истодаанд. Дар ҷадвали поён мо интихобан чанд ақидаи олимони ватаниву хориҷиро дарҷ намудем, ки ҳар як фикр моҳияту муҳтавои аниқ дорад:

**Ҷадвали 1. Назари иқтисодчиён оид ба истилоҳи «иқтисодиёти рақамӣ»**
**Table 1. Opinion of economists on the term "digital economy"**

| Сарчашма | Моҳият |
|---|---|
| Лейн Н. Продвижение цифровой экономики в 21 век // Границы информационных систем. – Вашингтон, 1999. - №1. – с. 317-320. [8] | Иқтисодиёти рақамӣ – ин якҷояшавии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва компютерӣ дар шабакаи интернетӣ ва пайдошавии маълумотҳову технологияҳои нав аст, ки ба рушди тиҷорати электронӣ ва тағйиротҳои куллӣ дар сохторҳои идоракунанда оварда мерасонад. |
| Головенчик Г.Г. Цифровая экономика. УМК. – Минск: БГУ, 2020. -С.13. [3] | Иқтисодиёти рақамӣ- ин низоми муносибатҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, технологӣ байни давлат, ҷамъиятҳои тиҷоратӣ ва аҳолӣ буда, ба тағйиротҳои куллии инноватсионии усулҳои идоранамоӣ оварда мерасонад |
| Ризоқулов Т.Р. Предпосылки цифровизации экономики и их влияние на отечественный рынок труда / Шамсов И.С // Таджикистан и современный мир. -Душанбе, 2019. -С. 33-43 [14] | Иқтисодиёти рақамӣ сохтори иқтисодиётро дигар мекунад ва шартҳои асосии ташаккули иқтисодиро тағйир медиҳад. |
| Мирзоахмедов Ф., Сафоев Н. Цифровая экономика в социально-экономическом развитии России: взгляд молодых. – М.: «Перо», С.187. [10] | Иқтисоди рақамӣ ҳамчун асоси рушди самараноки низоми идоракунии давлатӣ, иқтисодиёт, тиҷорат, соҳаи иҷтимоӣ ва тамоми ҷомеа фаҳмида мешавад. |
| Холматов М.М. Цифровая экономика современного Таджикистана // Таджикистан и современный мир. – Душанбе, 2020. -№1. -С. 99-108. [19] | Иқтисоди рақамӣ чун қисми таркибии иқтисодиёти анъанавӣ буда, гузариш ба тарзи ҳаёти нав, модели бурдани тиҷорат ва ҷараёни истеҳсолот мебошад. |
| Факеров Х.Н. Некоторые особенности становления системы электронной коммерции в Республики Таджикистан / Комилов С.Д. // Вестник ТГУК. 2019. - №4(29). – С.8-13. [17] | Шакли муосири ташаккули иқтисодиёт – иқтисоди рақами имкон медиҳад, ки давлат ва ташкилотҳо бо воситаи маҳсулот ва фаъолияти инноватсионии худ ба ҷомеа мавқеи лидериро касб намоянд. |

Сарчашма: Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Назарияҳои пешниҳоднамудаи олимони дар ҷадвали боло овардашударо таҳлил намуда, ба хулосае омадан имконпазир аст, ки ҳар як иқтисодчӣ доираи мафҳум ақидаи гуногун доранд. Агар яке иқтисоди рақамиро чун «маҷмуи муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ» фаҳмад, дигаре онро ҳамчун «шакли муосири ташаккули иқтисодиёти анъанавӣ» шарҳ додаанд. Аз ин лиҳоз, аз тарафи мо низ оид ба истилоҳи «иқтисоди рақамӣ» пешниҳод намудани таъриф саривақтӣ мебошад. Мо онро чунин шарҳ додем: «Иқтисодиёти рақамӣ – ин маҷмуи муносибатҳои иқтисодие, ки дар асоси истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии муосир дар кулли зинаҳои такрористеҳсолот ба миён омада, дар иттилоотикунонии фаъолияти ҷомеа ва ҷоришавии технологияи рақамӣ дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ инъикос мегардад, фаҳмида мешавад».

Умуман, агар дар таҷриба истифодабараии истилоҳи «иқтисоди рақамӣ»-ро дида бароем, на дар ҳама минтақаҳои дунё пазируфта шудааст. Қисми зиёди давлатҳои Аврупо ҳангоми ҳуҷҷатнигорӣ ин истилоҳро истифода мебаранд, дар давлатҳои қитъаи амрико бошад, онро чун Deloitte ё IBM ва баъзан API номгузорӣ кардаанд [21]. Дар умум асоси ин мафҳумҳо, ки хусусияти гуногунро доро ҳастанд, иқтисодиёт аст. Дар замони имрӯза иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба давраи постиндустриалии иқтисодиёти рақамӣ гузашта истодааст, ки куллан вазъиятро тағйир медиҳад, аз ҷумла:

- захираи асосӣ маълумот ба ҳисоб меравад ва аз истифодабарӣ кам намегардад;
- муҳити тиҷоратӣ дар интернет беохир мебошад;
- ҳаҷми фаъолиятҳои амалиётӣ бо ҳаҷми интернет маҳдуд аст [2,с.205].

Ҳангоми таҳлил намудани консепсияи иқтисодиёти рақамӣ аз нуктаи назари илмӣ, объекти асосии таҳлил таъсири навгониҳову ихтироотҳо ба фаъолияти субъектони хоҷагидорӣ ба ҳисоб меравад. Агар дар даҳсолаи аввали пайдошавии иқтисодиёти рақамӣ асоси рушди онро тиҷорат ва савдои электронӣ ташкил диҳад, пас ҳоло бошад, соҳаҳои рақамии маориф, тандурустӣ, давлатдорӣ (ҳукумати электронӣ), онлайн-банкингҳо фаъолият бурда истодаанд.

Рақамикунонии ҳуҷҷатнигорӣ ва пайдошудани имзоҳои рақамӣ имконият доданд, ки идоракунии давлат низ тариқи электронӣ идора карда шавад. Намунаи барҷастаи рақамикунонии соҳаҳои хоҷагии халқ, ин низомҳои Product Lifecycle Management (PLM), Business Process Management (BPM) [4,с.5] ва дигар системаҳои CAMP, ERP, PDM мебошанд. Дар амалия мо идорашавии фаъолиятҳоро дар давраи иқтисодиёти рақамӣ тариқи системаҳои номбаршуда қайд кардем. Олими амрикоӣ Томас Мезенбург бошад, соли 2001 дар асари худ иқтисодиёти рақамиро ба ҷузъҳои зерин ҷудо намудааст:

- инфрасохтори таъминкунанда;
- тиҷорати электронӣ;
- савдои электронӣ [3,с.12].

Ҷузъҳои асосие, ки Мезенбург иқтисодиёти рақамиро ҷудо намудааст, онҳоро шартан чунин шарҳ додан мумкин аст:

- инфрасохтор, ки муҳаррики асосии фаъолият ва рушд дар давраи рақамикунонӣ ба ҳисоб меравад, воситаҳои амалиётӣ, барномаҳои таъминкунанда, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва ғайраро дар бар мегирад;
- амалиётҳои савдо ё тиҷорати рақамӣ ҷараёни фаъолияти тиҷоратро қариб ба пуррагӣ фаро гирифта, фаъолият тариқи шабакаҳои компютерӣ дар доираи муоширати виртуалии субъектони бозор сурат мегирад;
- тиҷорати электронӣ ба худ тамоми транзаксияҳои молиявӣ ва тиҷоратиро дар бар гирифта, он низ тариқи шабакаҳои компютерӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар натиҷаи таҳлили ақидаҳои олимон, аз тарафи мо шартан соҳаҳои иқтисодиёти рақамӣ таҳия карда шуданд, ки дар расми зер оварда шудааст:

Дар расми болозикр мо иқтисодиёти рақамиро шартан ба таркибҳои зерин ҷудо намудем:

- тиҷорати рақамӣ, ки амалиётҳои тиҷоратиро тариқи шабакаҳои интернетӣ пеш бурдан дар назар дошта шудааст; - савдои рақамӣ, яъне муомилоти хариду фурӯши маҳсулот ва ё хизматрасонӣ тариқи сомонаҳои интернетӣ;
- ҳукумати электронӣ - идоранамоии сохторҳои давлатӣ, ташкилотҳову корхонаҳои хусусӣ ва пешниҳоди маълумот ба аҳолӣ тариқи технологияҳои иттилоотӣ-

**Расми 1. Соҳаҳои иқтисодиёти рақамӣ**
**Figure 1. Sectors of the digital economy**




Сарчашма: Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

коммуникатсионӣ. Аслан, ҳукумати электронӣ бо истифодаи фаровон, мукаммал ва самараноки технологияҳои иттилоотӣ бояд ба роҳ монда шавад. Дар амалия чор намуд ё худ модели ҳукумати рақамиро аз ҳам фарқ мекунанд: континенталӣ-аврупоӣ, англо-амрикоӣ, осиёӣ, россиянӣ [16; 12,с.189];

- суғуртаи рақамӣ- иҷро намудани амалиётҳои суғуртавӣ тариқи барномаҳои интернетӣ (КАСКО, ОСАГО ва ғайра);

- интернет-банкинг, яъне ба анҷом расонидани амалиётҳои молиявии тариқи барномаҳои махсуси интернетӣ, аз ҷумла пардохт ва интиқоли ғайринақдӣ (интернет-кошелёк, онлайн-оплата, оплата QR-код).

Чун қаблан дар бораи назария ва консепсияи мафҳум маълумот додем, акнун оид ба объекту субъект ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳо дар шароити рақамикунонӣ шарҳ медиҳем. Объекти омӯзиши иқтисодиёти рақамӣ асосан зери парадигмаи «одам-тиҷорат-маҳсулот» ниҳон аст. Ин парадигма фарогирандаи зиёда аз се ҳазор номгӯи фаъолият буда, қариб ду ҳазор намуди криптовалюта, маҳсулотҳои интернет-тиҷорат, ташкилотҳои молиявии шабакавӣ, биржаҳои асъории электронӣ, сармояҳои хусусӣ ва ҷамъиятии аксионерӣ ва ғайраҳоро дар бар мегирад.

Субъектони иқтисодиёти рақамӣ бошад, корпоратсияҳои трансмиллии рақамӣ, ба монанди Apple, Google, IBM, Microsoft, Samsung, LG, Sony ва ғайра. Инчунин, субъектони хоҷагидории истеҳсолкунандаи маҳсулотҳои технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, марказҳои инноватсионӣ, паркҳои технологӣ, шахсони воқеие, ки дар соҳаҳои рақамӣ кору фаъолият мебаранд, ба субъектони иқтисодиёти рақамӣ шомил кардан имконпазир аст.

Чун доираи категорияи иқтисодиёти рақамӣ ҳарф задем, мафҳуми ба он наздик, яъне рақамикунонӣ шарҳи худро мехоҳад. Рақамикунонӣ ин ҷараёни пурпечутоб, меҳнатталаб ва ҳассостарини гузариш аз иқтисодиёти анъанавӣ ба иқтисодиёти рақамӣ мебошад. Аз нигоҳи олими рус Бекбергенова Д.Е. рақамикунонӣ ин истифодабарии имкониятҳои дониши иқтисодӣ, омода намудани корхонаву ташкилотҳо ба ҷоринамоии самараноки маҳсулотҳои инноватсионӣ, интиқоли амалиётҳои тиҷоратӣ ба муҳити рақамӣ ва омӯзонидани кадрҳо бо донишу малакаи рақамикунониву кор бо технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мебошад [1,с.27]. Тараққиёту пешравии рақамикунонии иқтисодиёти минтақаро дар соҳаҳое мушоҳида намуда метавонем, ки дар он навоварӣ бисертар ба назар расад. Аз нигоҳи мо, самаранокии рақамикунонии иқтисодиётро аз дараҷаи иқтидори интеллектуалӣ ва имкониятҳои истифодабарии он муайян намудан имконпазир аст.

Мавриди зикр аст, ки рақамикунонии ҷараёни амалиётҳо, муносибату муомилотҳо хусусияти рушдкунандаро пеша кардааст, ки бевосита соҳаҳои хоҷагии халқро бо технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мепайвандад. Мафҳумҳои зерин аз инқилоби навбатии рақамӣ, ё худ электронӣ дарак медиҳанд: ҳукумати электронӣ, онлайн-банкинг, шаҳри доно, пулҳои электронӣ, автоматикунонии истеҳсолот, маориф ва тандурустии

фосилавӣ, хавопаймо ва мошинаҳои бесарнишин, тиҷорати электронӣ ва мафҳумҳои амсоли зикршуда.

Дар адабиёти иқтисодӣ якчанд самтҳои рақамикунониро аз ҳамдигар фарқ мекунанд [15,с.104]. Ба тариқи зайл мо онҳоро дар расми зерин ҷо намудем:

**Расми 2. Самтҳои асосии раванди рақамикунонӣ**
**Figure 2. The main directions of the digitization process**




Сарчашма: Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Шарҳи мухтасари онҳоро зикр мекунем. Зери самти автоматизатсияи ҷараёнҳои тиҷорат кам кардани шумораи коргарон дар назар дошта шудааст. Яъне, ба шарофати автоматикунонӣ дар иқтисодиёти рақамӣ имконияти стандартикнонии низомҳои идоракунӣ ба миён меояд, ки метавонад ба паҳншавии босурати он сабаб шавад. Ба ин мисол шуда метавонад, рақамикунонии хизматрасониҳо дар соҳаҳои маориф, яъне тариқи истифодаи шабакаҳои интернетӣ метавон хароҷотро камтар намуд.

Мафҳуми маҳсулотҳои интернетӣ бисёр ҷабҳаҳоро дар бар мегирад, ки дар натиҷа онҳо шабакаи ягонаи худкорро ба миён меоранд. Технологияи омӯзиши мошинӣ ва интеллекти сунъӣ низ самти асосии рақамикунонӣ ба ҳисоб меравад. Таҳти ин самт таҷҳизотҳои худкор, ҳавопаймоҳои бесарнишин, мошинаҳои автоматикунонидашуда ва ҳоказоро фаҳмидан мумкин аст.

Мафҳуми серистеъмол дар асри навин ин ҷаҳони виртуалӣ (виртуальная реальность) мебошад, ки тамоми ҳолат ва вазъиятҳои ҳаёти ҳақиқи тариқи барнома сохта шудааст. Либоси махсусро пӯшида, шахс дар ҷаҳони сохташуда қарор мегирад. Қисмати охирон ин 3Д-моделронӣ ва 3Д-чоп аст. Ин моделҳое мебошанд, ки тариқи интеллекти сунъӣ идора мешаванд ва маҳсулоти талабшударо дар ҳаҷм, андоза ва шакли реалӣ рӯи кор меоранд.

Дар амалия чӣ тавр будани вазъияти рақамикунониро дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дида мебароем. Айни замон сохторҳои институтсионалии иқтисодиёти мамлакат ислоҳталаб ҳастанд. Чун аз назарияи иқтисодӣ медонем, нақши институтҳо ва ташкилотҳои институтсионалӣ дар шароити рақамикунонӣ бо роҳи таҳия ва қабули қонунҳои устувор дар алоқамандии сохторҳо бо ҷомеаи шаҳрвандӣ номуайяниро дар ин раванд кам мекунад [6]. Ба сохторҳои институтсионалии иқтисодиёти рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон Хадамоти алоқаи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил карда шудааст.

Зинаи дигар дар таҳким бахшидани муносибатҳои иқтисодиёти рақамӣ, ин аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Прзиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ояндаи наздик таъсис додани Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар ин бора Пешвои муаззами миллат дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санаи 26.01.2021 ироа намуданд, зикр доштанд [11].

Ҷоиз ба тазаккур аст, ки мавриди танзими давлатии муносибатҳои бо рақамикунонӣ вобаста буда, дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дахлдор таҳия ва қабул карда шудаанд, аз қабили:

- Консепсияи ташаккули Ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2012-2020) бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2011, №643 тасдиқ карда шудааст;

- Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2019, №642 тасдиқ карда шудааст (17 банд ва 136 зербанд);

- Қарори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.11.2003, №1174 «Дар бораи стратегияи давлатии иттилоотӣ-коммуникатсионии технологӣ барои рушди Тоҷикистон» [9].

Дар замони муосир аксарияти давлатҳо рушди соҳаи телкоммуникатсияро нисбати дараҷаи рушди иқтисодиёт хеле бо суръати баланд тараққӣ дода истодаанд. Рушди ин соҳа дар мамлакати мо бошад, назаррасиаш камтар аст. Дар мамлакат инфрасохтори ягона барои фаъолиятҳои инноватсионӣ хеле суст рушд кардааст, ки ба ташаккули муҳити рақобатпазир ва такмили соҳибкории инноватсионӣ монеа ҳосил карда истодааст. Айни замон вазифаҳои инфарсохтори инноватсиониро ташкилотҳое, ки бо дастгирии соҳибкории хурду миёна машғул ҳастанд, иҷро намуда истодаанд. Илова бар ин, ба ташкилотҳои инноватсионӣ бедастгирии давлатӣ фаъолият бурдан мушкилтар аст ва ин самт тағйиротҳои куллиро талаб мекунад.

Аз ин рӯ, фаъолнокии инноватсионӣ дар қаламрави мамлакат на он қадар баланд аст. Омилҳои маҳдудкунандаи рушди соҳа инҳоянд:

- дониши кофии инноватсионӣ надоштани коргарони соҳа;
- иқтидори пасти инноватсионии ташкилотҳову корхонаҳо;
- норасогии дастгирии молиявӣ барои ворид ва ҷорӣ кардани навгонӣ;
- кам будани алоқамандии маориф ва тиҷорат [18,с.157].

Умуман, гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ин шарти асоси ҷаҳонишавӣ ба ҳисоб меравад ва агар ҳукумати мамлакат ин тағйиротро ба куллӣ қабул намояд, метавонад дар арсаи ҷаҳон рақобатпазир бошад. Бо таҳия ва қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии лозима, давлат метавонад муҳити муосид барои рушди инноватсионии мамлакат мусоидат намояд.

Дар ин ҳолат нақши асосии давлат [7,с.61], муайян кардани чорчӯбаи худ барои фаъолиятҳои инноватсионӣ ва танзиму назорати онҳо мебошад. Дар ин хусус ҳукумати мамлакат бояд захираҳои мавҷударо чунон тақсим намояд, ки дастрасии аҳолӣ ба технологияҳои рақамӣ баробар бошад. Аз ҷумла, дастрасӣ ба шабакаи интернет на танҳо дар шаҳру ноҳияҳои калон, инчунин, дар манотиқи дурдасти кишвар, таъмин будани соҳаҳои хоҷагии халқ бо технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва ғайра. Дар баробари зиёдшавии аҳолӣ иқтисодиёти рақамӣ танҳо бо тиҷорат ва хизматрасонии электронӣ набояд маҳдуд гардад. Агар ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ назар афканем, маълум мешавад, ки иқтисодиёти давлатҳои мутараққӣ (Япония, Сингапур, Дания, ИМА, Германия) то 90-95% рақамӣ кунонида шудааст [13].

Чун хулоса боиси қайд аст, ки технологияҳои навин ва платформаҳои махсус ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ имконият фароҳам меоранд, ки бо хароҷотҳои минималӣ муносибатҳои хешро бо объектони хоҷагидорӣ ба роҳ монанд. Дар натиҷа иқтисодиёт дар серверҳои шабакавӣ ба миён меояд, ки он метавонад рақамӣ ва ё электронӣ бошад.

Аз ин лиҳоз, рақамикунонии иқтисодиёти минтақа бояд дар истифодабарии имкониятҳои захираи маънавӣ, назарафканӣ ба соҳаҳои моликияти зеҳнии баланддошта, омода намудани корхонаҳо ва ташкилотҳои минтақа ба истеҳсоли молу маҳсулоти характери инноватсионидошта, ҳарчӣ бештар фаъолият намудан дар фазои интернет, омӯзонидани мутахассисони мақомотҳои давлатӣ, ташкилоту корхонаҳо ва аҳолӣ бо малакаи истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ коммуникатсиониву шабакаҳои интернетӣ асос ёбад.

Вобаста ба муҳити инноватсионии мамлакат зикр кардан ҷоиз аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати тараққикардаистода дар ин самт қадамҳои нахустину устувори худро гузошта истодааст ва дар қаламрави мамлакат эълон шудани солҳои 2020-2040 Солҳои рушди илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ аз он гувоҳӣ медиҳад. Дар доираи нақша-чорабиниҳои таҳиянамудаи ҳукумати давлат дар солҳо иқтидор ва неруи зеҳнӣ бештар ба илмҳои номбурда равона карда мешавад. Чун технологияи иттилоотӣ ҷузъи ҷудонашавандаи илми дақиқ аст, аз назар дур нахоҳад монд. Хуллас, дар ҷаҳони муосир, алалхусус дар соҳаи иқтисодиёт тағйиротҳои ҷиддӣ ба амал омада истодаанд, ки ба рушди технологияҳои иттилоотӣ – коммуникатсионӣ бо суръати кайҳонӣ ва бозори иттилоотӣ оварда истодааст. Ҷорӣ намудани ҳарчи бештари технологияҳои навин ба рушди

иҷтимоӣ-иқтисодии давлат, сатҳи некуаҳволии мардум ва рақобатпазирии иқтисодиёт дар арсаи ҷаҳонӣ таъсири амиқ хоҳад расонд.

**Муқарриз: н.и.и., муаллими калони ДМТ - Одинаев М.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Бекбергенова Д.Е. Подходы к содержанию и точки роста экономики знаний цифровизации региональной экономики / Д.Е. Бекбергенова // Экономика и Бизнес. -Оренбург, 2020. -№3-1(61). -С.27-29.
2. Воронцовский А.В. Цифровизация экономики и её влияние на экономическое развитие и общественное благосостояние / А.В. Воронцовский // Вестник Санкт-Петербургского университета экономики. – 2020. -№2(36). -С.189-216.
3. Головенчик Г.Г. Цифровая экономика. УМК / Г.Г. Головенчик. -Минск: БГУ, 2020. -312 с.
4. Добрынин А.П. Цифровая экономика – различные пути к эффективному применению технологий / А.П. Добрынин // International Journal of Open Information Technologies. - 2016. -№4(1). -С.4-8.
5. Дон Тапскотт. Электронно-цифровое общество: Плюсы и минусы эпохи сетевого интеллекта / Дон Тапскотт. -Киев: Релфбук, 1999. -432 с.
6. Институциональные вызовы развития цифровой экономики [Электронный ресурс]. URL: http://sn-ecoman.cfuv.ru/wp-content/uploads/2018/08/108-114.pdf.
7. Куприяновский В.П. Демистификация цифровой экономики / В.П. Куприяновский // International Journal of Open Information Technologies. - 2016. -№11(4). -С.59–63.
8. Лейн Н. Продвижение цифровой экономики в 21 век / Н. Лейн // Границы информационных систем. -Вашингтон, 1999. -№1. -С.317-320.
9. Маркази миллии қонунгузор назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. URL: www.mmk.tj (санаи муроҷиат 29.11.2021)
10. Мирзоахмедов Ф. Цифровая экономика в социально-экономическом развитии России: взгляд молодых / Ф. Мирзоахмедов, Н. Сафоев. -М.: Перо, -С.187.
11. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 26.01.2021.
12. Положихина М.А. Электронное правительство: опыт Запада и России / М.А. Положихина // Размышления, сообщения, комментарии. – 2019. -№2. -С.182-197.
13. Рейтинг стран по ЦЭ. [Электронный ресурс]. URL: URL:eulerhermes.com/ru_RU/latest-news/ehru-tsifrovizatsia_rpi_covid19.html
14. Ризокулов Т.Р. Предпосылки цифровизации экономики и их влияние на отечественный рынок труда / Т.Р. Ризокулов, И.С. Шамсов // Таджикистан и современный мир. -Душанбе, 2019. -С.33-43.
15. Скляр М.А. Цифровизация: основные направления, преимущества и риски / М.А. Скляр, К.В. Кудрявцева // Экономическое возрождение России. – 2019. -№3(61). -С.103-114.
16. Сомонаи махсуси иттилоотӣ [Манбаи электронӣ]. URL: URL:www.wikipedia.org – (санаи муроҷиат 02.12.2021).
17. Факеров Х.Н. Некоторые особенности становления системы электронной коммерции в Республики Таджикистан / Х.Н. Факеров, С.Д. Комилов // Вестник ТГУК. - 2019. -№4(29). -С.8-13.
18. Холматов М.М. Институциональные аспекты развития цифровой экономики Таджикистана / М.М. Холматов // Экономика Таджикистана. – 2019. -№3. -С.155-164.
19. Холматов М.М. Цифровая экономика современного Таджикистана / М.М. Холматов // Таджикистан и современный мир. -Душанбе, 2020. -№1. -С.99-108.
20. Negroponte Nicolas. Being Digital. -New York: Knopf, 1995. -270 c.
21. Report: «The Power of the API Economy. Stimulate Innovation, Increase Productivity, Develop New Channels, and Reach New Markets». - IBM Corp., 2014.


**ОИД БА АСОСҲОИ ИЛМИИ КОНСЕПСИЯИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ**


Дар мақолаи мазкур аз нигоҳи назариявӣ ба истилоҳи «иқтисодиёти рақамӣ» баҳо дода шудааст, нуктаи назари олимони ватаниву хориҷӣ доираи мафҳум шарҳ дода шуда, дар натиҷа таърифи худи муаллифон пешниҳод карда шудааст. Оғози асри навин, ки асри технологияҳои иттилоотӣ низ ном мебаранд, ҳаёти рӯзмарраи ҷомеаи ҷаҳониро бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ вобаста кардааст. Инфрасохтори иқтисоди электронӣ, базаи моддӣ-техникии соҳаҳои хоҷагии халқ, ки такмилталаб аст, дар мақолаи мо мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Мақсади асосии мақола бошад, аз нуктаи назариявӣ омӯхтани консепсияи иқтисодиёти рақамӣ, рақамикунонӣ ва таҳлили таркиби онҳо, омӯхтани муҳити инноватсионии мамлакат ва дар ин хусус пешниҳоди хулосаҳои муфид вобаста ба мавзуъ мебошад. Тараққиёти босуръати ҷомеаи ҷаҳонӣ собит намудааст, ки давлатҳои тараққикардаистода ҳамқадами давлатҳои мутараққӣ бошанд. Гузариши иқтисодиёт аз шакли бозоргонӣ ба рақамӣ дар даҳсолаҳои охир хеле назаррас рушд карда истодааст. Фаъолияти субъектони хоҷагидорӣ дар ҳама соҳаҳо бо истифодаи технологияҳои навин ва ворид намудани навгониву ихтироот алоқаманд шуда истодааст. Баъдан, фарқияти иқтисодиёти анъанавӣ аз иқтисодиёти рақамӣ, таркиби иқтисодиёти рақамӣ, тарафҳои мусбӣ ва манфии пешбурди иқтисодиёт дар давраи рақамикунонӣ оварда шудаанд. Инчунин, тағйироти куллии соҳа дар даврони соҳибистиқлолӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои субъектони хоҷагидории давраи иқтисодиёти рақамӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон номбар карда шудаанд.

**Калидвожаҳо**: иқтисодиёти рақамӣ, рақамикунонӣ, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, субъектони хоҷагидорӣ, ҳукумати электронӣ, интернет-савдо.

## К ВОПРОСУ НАУЧНЫХ ОСНОВ КОНЦЕПЦИИ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

В данной статье разъясняются взгляды отечественных и зарубежных ученых о цифровой экономике, дается оценка концепции цифровой экономики с научной точки зрения, определена собственная трактовка авторов термина «цифровая экономика». Начало нового века, также называемого веком информационных технологий, связало повседневную жизнь мирового сообщества с использованием информационных и коммуникационных технологий. В статье также анализируется инфраструктура электронной экономики, материально-техническая база народного хозяйства, нуждающаяся в улучшении. Основная цель статьи – изучение концепции цифровой экономики с теоретической точки зрения, оцифровка и анализ их состава, определение и изучение инновационной среды в стране и предложение полезных выводов по теме статьи. Стремительное развитие мирового сообщества показало, что развивающиеся страны должны взаимодействовать с развитыми странами. В последние десятилетия переход экономики от рыночной к цифровой экономике стал значительно более быстрым. Как мы знаем, деятельность хозяйствующих субъектов во всех сферах связана с использованием инноваций и новейших изобретений. Исходя из этого, в статье даются различия между традиционной и цифровой экономикой, структура, плюсы и минусы в эпоху цифровизациии. А также действующие в стране нормативно-правовые акты, регулирующие отношения хозяйствующих субъектов цифровой экономики на территории Республики Таджикистан.

**Ключевые слова**: цифровая экономика, цифровизация, информационно-коммуникационные технологии, хозяйствующие субъекты, электронное правительство, электронная коммерция.

## ABOUT SCIENTIFIC FOUNDATIONS OF THE DIGITAL ECONOMY CONCEPT

In this article explains the views of domestic and foreign scientists about the "digital economy", the definition of the term "digital economy" is given. The beginning of the new century, also called the age of information technology, linked the daily life of the world community with the use of information and communication technologies. In the article also analyzes the infrastructure of the electronic economy, the material and technical base of the national economy, which needs improvement. The main of the article is to study the concept of the digital economy from a theoretical point of view, digitize and analyze their composition, define and study the innovative environment in the country and offer useful conclusions on the topic of the article. The rapid development of the world community has shown that developing countries must keep pace with developed countries. The economy is undergoing significant changes leading to the development of space information and communication technologies and the information market. The introduction of all new and new technologies will have a profound impact on the socio-economic development of the country, the well-being of people and the competitiveness of the economy in the world arena.In recent decades, the transition of the economy from a market economy to a digital economy has become significantly faster. The activities of business entities in all areas are associated with the use of innovations and the latest inventions. Then, the differences between traditional and digital economies, structure, pros and cons in the digital age are presented. It also provides normative legal acts regulating the relations of economic entities of the digital economy on the territory of the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** digital economy, digitalization, information and communication technologies, business entities, e-government, e-commerce.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Самадова Заррина Акрамҷоновна*** **-** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сардори раёсати корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва рушди инноватсионӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, Микрарайони 17, хонаи 1. Телефон: **(+992) 927-71-13-42.** E-mail: **zarrina73@mail.ru**
***Ҳасанова Муҳиба Илҳомҷоновна*** – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, докторанти Ph.D. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, Микрарайони 17, хонаи 1. Телефон: **(+992) 927-48-88-55**. E-mail: **muhiba-1997@mail.ru**

**Сведение об авторах:** ***Самадова Заррина Акрамджановна*** – Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, кандидат экономических наук, доцент, начальник отдела научно-исследовательских работ и инновационного развития. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, 17 Микрорайон, дом.1. Телефон: **(+992) 927-71-13-42.** E-mail: **zarrina73@mail.ru**
***Хасанова Мухиба Ильхомджановна*** - Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, докторант Ph.D. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, 17 Микрорайон, дом.1. Телефон: **(+992) 927-48-88-55**. E-mail: **muhiba-1997@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Samadova Zarrina Akramjonovna*** - Tajik State University of Law, Business and Politics, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Research and Innovative Development. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 17 Microdistrict, building 1. Phone: (+992) 927-71-13-42. E-mail: **zarrina73@mail.ru**
***Khasanova Mukhiba Ilhomjanovna*** - Tajik State University of Law, Business and Politics, doctoral student Ph.D. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 17 Microdistrict, building 1. Phone: **927-48-88-55.** E-mail: **muhiba-1997@mail.ru**

УДК 316.3

# ТАҲЛИЛИ ЭКОНОМЕТРИКИИ БАҲОДИҲИИ САТҲИ НЕКУАҲВОЛИИ МАРДУМИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

*Нурализода А.Н, Асоев И.З.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Дастгирии давлатии баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ дар шароити имрӯза аз омилҳои гуногун вобастагӣ дорад. Дар ин самт оромиву осудагӣ хело муҳим буда, ба дараҷаи рушди иқтисодиёт дар бахшҳои гуногуни он таъсир мерасонад. Аз ин лиҳоз баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволӣ имконияти худро танҳо аз ҳисоби устуворӣ мегирад. Бинобар ин, чунин ҳолатҳо дар шакли низоми муайян аз рӯйи шакл ва сохти давлатдорӣ дар ташаккул додани дараҷа ва динамикаи некуаҳволӣ таъсири бевосита дорад. Баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ин мақсади асосии сиёсати иқтисодию иҷтимоии давлат мебошад. Аз ҷумла, дар Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид гардид, ки “мо талош дорем, ки барои ҳар як сокини мамлакат шароити зиндагии шоистаро муҳайё созем ва ҳамаи нақшаву барномаҳоямон маҳз ба хотири амалӣ гардонидани ҳамин ҳадафи олии давлат қабул ва амалӣ карда мешаванд” [12,с.8]. Масъалаи мазкур на ин ки дар сатҳи ҷумҳурӣ, балки дар тамоми минтақаҳо дахл дорад. Дар доираи чорабиниҳои давлатӣ инкишофи ниҳодҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва рушди шохаҳои гуногуни ҳокимияти давлатӣ таваҷҷуҳи махсус ба иқтисоди бозоргонии иҷтимоӣ нигаронида мешавад. Дар ин самт масъалаҳои дастгирии рушди соҳибкорӣ, хизматрасонии сайёҳӣ, муносибатҳои моликият, чораҳои мубориза бар зидди коррупсия, ҷинояткорӣ, инсондӯстӣ ва афзалиятнокии қонун дар ҷомеа, қисмҳои асосии бунёди давлатдорӣ мебошанд. Омилҳои мазкур дар ниҳояти кор шартҳои аввалиндараҷаи баланд бардоштани сатҳу сифати некуаҳволии мардум дар ҷомеа ба шумор мераванд.

Дар самти дастгирии давлатии баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум, алалхусус музди меҳнати кормандон дар ҷомеа, фароҳам овардани шароити мусоиди тиҷорат, рушди бахшҳои воқеӣ, таъмини устувории нарх ва шуғл, беқурбшавӣ нишондиҳандаҳои муҳимми дастгирии давлатии сатҳи некуаҳволӣ мебошад. Бинобар ин, беҳтар кардани сатҳи зиндагии мардум яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи давлат мебошад. Бо ин мақсад, аз давраҳои аввали соҳибистиқлолӣ барои бартараф кардани ҳама гуна монеаҳо ва ба амал баровардани ислоҳоти бозор як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ таҳия ва дар амал татбиқ меёбанд. Мақсад аз ин гуна чорабиниҳо ноил шудан ба нишондиҳандаҳои асосии дар боло зикршуда, барои беҳтар кардани некуаҳволии мардум мебошад. Дар баробари ин, қайд кардан бамаврид аст, ки дар ин самт баъзе монеаҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ ҷой доранд, ба монанди вобастагии воридотӣ, ба таври бояду шояд фаъолият накардани саноат, нокифоягии техника ва технологияҳои нав, мавқеи ноустувор доштани молу маҳсулоти ватанӣ дар бозори истеъмолӣ ба шумор мераванд. Аз ин рӯ, нишондиҳандаҳои нобаркардашуда хоҳ нохоҳ ба дараҷаи зиндагӣ таъсир мерасонанд. Таҷрибаи мамлакатҳо нишон медиҳанд, ки нишондиҳандаҳои мазкур дараҷа ва сифати некуаҳволии мардумро ифода менамоянд. Бинобар ин, аз назари мо, дида баромадани дараҷаи муқоисавии баъзе нишондиҳандаҳои таҳлилии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ аҳамияти калон дорад (ниг. ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Таҳлили муқоисавии баъзе нишондиҳандаҳои даромаднокӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон**

**Table 1. Comparative analysis of some profitability indicators at the level of the republic and Khatlon region**

| Нишондиҳандаҳои асосӣ | Солҳо / Сатҳ | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|
| Даромади пулии сарикасии аҳолӣ ба ҳисоби миёна, | Ҷумҳурӣ | 3919.7 | 4550.3 | 5203.6 | 65347,0 |
| | Хатлон | 1403.7 | 1632.8 | 1870.7 | 2502,2 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| сомонӣ | | | | | |
| Музди миёнаи меҳнат, сомонӣ | Ҷумҳурӣ | 1144,2 | 1233,8 | 1335,5 | 1393,8 |
| | Хатлон | 843,4 | 913,3 | 998,5 | 1053,9 |
| Сатҳи бекорӣ, % | Ҷумҳурӣ | 2,2 | 2,1 | 2,0 | 2,1 |
| | Хатлон | 4,02 | 3,7 | 3,3 | 3,5 |
| Интиқоли пул ба сари аҳолӣ, млн. сомонӣ | Ҷумҳурӣ | 760.4 | 836.8 | 2636.1 | 2899.7 |
| | Хатлон | 2123.3 | 2332.1 | 7332.6 | 8065.9 |

**Сарчашма.** Таҳия ва ҳисоби муаллифон аз рӯйи: Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2021. -С.13.; Омори солонаи вилояти Хатлон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2021. -С.8.; Бонки марказии Федератсияи Россия. URL: http://old.cbr.ru/statistics/macro_itm/svs/

Чи тавре аз ҷадвали 1 бар меояд, яке аз нишондиҳандаи муҳимми дараҷаи некуаҳволӣ, ин даромади пулии аҳолӣ мебошад. Агар ин нишондиҳанда дар сатҳи ҷумҳурӣ дар давоми солҳои 2017-2020 дар ҳаҷми 3024,3 сосмонӣ тағйир ёфта бошад, дар вилояти Хатлон ба 1098,5 сомонӣ, 1,75 маротиба зиёд шудааст. Дар давоми чор сол маълум мешавад, ки музди миёнаи меҳнат мувофиқан дар сатҳи ҷумҳуриявӣ аз 1144,2 сомонии соли 2017 то ба 1393,8 сомонии соли 2020 ва дар вилояти Хатлон бошад, аз 843,4 сомонии соли 2017 то ба 1053,9 сомонӣ дар соли 2020-ро ташкил додааст. Инчунин, суръати бекорӣ дар минтақа нисбатан бештар гардидааст. Интиқоли пул ба ҳар сари аҳолӣ бошад, агар дар сатҳи умумиҷумҳуриявӣ ба ҳисоби миёна 3,8 маротиба зиёд шуда бошад, ин нишондиҳанда дар сатҳи вилояти Хатлон ба 3,7 маротиба зиёд гардидааст. Яъне, аз тағйирёбии нишондиҳандаҳо чунин бар меояд, ки гарчанде дар сатҳи ҷумҳуриявӣ дараҷаи баланди некуаҳволӣ майли болоравиро дошта бошад, маълум мегардад, ки дар минтақаҳои алоҳида, аз ҷумла вилояти Хатлон зарурате дар пеш меистад, ки бо таъсиси ҷойҳои корӣ заминаҳои ташаккул додани даромад бештар гарданд.

Маълумоти дар боло овардашуда нишон медиҳад, ки дар самти таъмини некуаҳволии мардум имкониятҳои зиёд ҷой дорад. Тавре аз ҷадвали 1 бар меояд, сатҳи бекорӣ дар муқоиса бо дараҷаи миёнаи умумиҷумҳуриявӣ дар вилояти Хатлон майли зиёдшавиро гирифтааст.

Натиҷаи омӯзиш ва таҳлил нишон дод, ки дар баробари муваффақияти ҷойдошта, дар минтақа пешравиҳо дар самти хизматрасонии нақлиётию сайёҳӣ, таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва амнияти озуқаворӣ бояд фаъол гардида, дар таъмини некуаҳволии мардум сафарбар карда шаванд.

Арзёбии дараҷаи некуаҳволӣ ва ташаккул додани механизми дастгирии давлатӣ дар ин самт аз омилҳои зиёд алоқаманд мебошад, ба монанди шароити истеҳсолӣ, суръати натиҷаҳои истеҳсолӣ, дарҷаи даромади аҳолӣ ва шуғл, самаранокии меҳнат, рушди соҳибкорӣ, меъёри қарз, таваррум, рақамикунонии дараҷаи истеҳсолот ва хизматрасонии сайёҳӣ, ба хусус авҷгирии тиҷорати электронӣ дар минтақа [10,с.79]. Ҳамзамон, дар баробари нишондиҳандаҳои мазкур, омилҳои дигар, ба монанди истифодаи вақти холӣ, афзоиши пасандозҳо, хизматрасонии иҷтимоӣ ба монандӣ маълумотгирӣ, вазъи солимӣ низ муайянкунандаи сатҳи некуаҳволӣ мебошанд.

Аз ин рӯ, маълум мегардад, ки ақидаи олимон дар робита ба ташаккул ёфтани омилҳо мавқеи муайян доранд. Масалан, аз ҷониби олими рус Хубиев К. дар осори илмиаш “Противоречия экономического роста” омилҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунад: “иқтисодӣ, сохторию иқтисодӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ” [14,с.47].

Аз ин ҷо мантиқан бар меояд, ки истифодаи усулҳои таҳлилӣ ва муҳайё кардани заминаҳои қабули қарорҳои идоравӣ барои дастгирии сатҳи некуаҳволӣ ва коркарди механизми идоракунии он хело зарур мебошад. Дар ин ҷода аз нишондиҳандаҳои макроиқтисодии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад, ки онҳо заминаи моддии ташаккули дараҷаи некуаҳволии мардум баромад мекунанд ва онҳо дар байни механизмҳои баланд бардоштани дастгирии давлатии некуаҳволии мардум замина ё таҳкурсии қонеъгардонии талаботи аҳолӣ буда, ҷойи намоёнро мегиранд.

Ҳамзамон, қайд кардан бамаврид аст, ки дар баробари гурӯҳбандӣ намудани омилҳои номбаршуда аз ҷониби Хубиев К., маълум мегардад, ки омилҳои иқтисодӣ,

сохторию иқтисодӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ бо ҳам робитаи зич дошта, моҳиятан алоқамандии сабаб ва натиҷавӣ доранд.

Дар мавриди ҳаматарафа таҳлил намудани ҷиҳатҳои иқтисодӣ, акнун дараҷаи таъсири баъзе аз тағйирёбандаҳои иқтисодиро ба дарҷаи некуаҳволии мардум шарҳ медиҳем. Аз назари мо, чунин амал имконият медиҳад, ки ба тариқи умумӣ нишон диҳем, ки дастгирии давлатии баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум дар мавриди мураттаб сохтани лоиҳаҳои барномавии дарҷаи некуаҳволӣ дар минтақаҳо мавриди истифодабарии асоснок қарор гирад.

Аз нигоҳи назариявӣ, сатҳи некуаҳволии мардум аз рӯйи дараҷаи қаноатмандии талаботии шахсии инсон нисбат ба неъматҳои моддӣ ва маънавӣ мебошад. Сифати зиндагӣ бошад, ин нишондиҳандае ба шумор меравад, ки маҷмуи шароити иҷтимою иқтисодии ҳаёти инсонро дар бар мегирад [7,с.55]. Ҳамин тариқ, ба сатҳ ва сифати зиндагии мардум комплекси омилҳои иқтисодӣ, маълумотнокӣ, иҷтимоӣ ва инчунин, инкишофи илму техника таъсири худро мерасонанд. Албатта, дар байни омилҳои мазкур равобити зич арзи вуҷуд дорад, вале барои таҳияи модели математикӣ-иқтисодии арзёбии сатҳи некуаҳволии мардуми минтақаи вилояти Хатлон ба инобат гирифтани кулли омилҳои зикршуда раванди мураккаб мебошад [3,с.72]. Ба ақидаи мо, баррасии алоҳидаи ин омилҳо метавонад боиси таъмини рушди устувори сатҳ ва сифати зиндагӣ гардад. Бинобар ин, вобаста ба самти таҳқиқот ба инобат гирифтани омилҳои иқтисодӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Омилҳои иқтисодӣ дар он инъикос меёбанд, ки сатҳи зиндагӣ мустақиман аз иқтидори иқтисодии мамлакат ва минтақаҳои он вобаста мебошад. Дар байни омилҳои иқтисодӣ рушди ММД (МММ) мавқеи муҳимро ишғол мекунад, зеро он ба давлат имконияти баланд бардоштани шароити моддии таъсис ёфтани музди меҳнати ҳадди ақал ва нафақа, андозаи пардохтҳои иҷтимоӣ, амалӣ намудани тадбирҳои гуногуни иҷтимоиро фароҳам месозад. Ба сифати омилҳои дигари иқтисодие, ки ба арзёбии некуаҳволии мардум мусоидат мекунанд, метавонанд даромади пулии аҳолӣ, интиқоли пул, музди меҳнат, индекси нархҳои истеъмолӣ, аҳолии машғул, пасандозҳои аҳолӣ, сатҳи бекорӣ ва ғайра баромад кунанд. Бо дарназардошти омилҳои зикршуда, мо, дар асоси маълумоти омории вилояти Хатлон модели регрессионии баҳодиҳии дараҷаи таъмини сифати хизматрасонӣ дар соҳаи иҷтимоӣ ва некуаҳволии мардуми минтақаро таҳия менамоем. Моҳияти модели мазкур ба самте нигаронида мешавад, ки хусусияти дигаргуншавии даромади миёнаи аҳолӣ ба ҳар як нафар, вобаста аз омилҳои таъсиррасон майл мегирад. Аз он нигоҳ, ки байни вазъи некуаҳволӣ ва нишондиҳандаҳои иқтисодии ба он таъсиррасон вобастагии мустақим вуҷуд дорад, эҳтимол кардан мумкин аст, ки ифодаёбии умумии модели мазкурро дар намуди муодилаи регрессияи бисёромила ифода намоем:

$$Y = f(b1, b2, \dots, bn, x1, x2, \dots, xn) \qquad (1)$$

Дар инҷо, У – нишондиҳандаи вобаста (даромади миёнаи аҳолии вилояти Хатлон), $b1, b2$- коэффитсиентҳои регрессия ва, $x1, x2, \dots, xn$ – омилҳои таъсиррасони ба даромади миёнаи аҳолии вилояти Хатлон мебошанд.

Барои таҳияи моделии регрессияи ҳисобии баҳодиҳии дараҷаи некуаҳволии мардум ба сифати нишондиҳандаи вобаста - даромади миёнаи аҳолии вилояти Хатлон ва ба сифати омилҳои новобаста – МММ ба ҳар сари аҳолӣ, музди меҳнат, андозаи нафақа, аҳолии машғул дар иқтисодиёт, сатҳи бекорӣ, индекси нархҳои истеъмолӣ ва пасандозҳои сарикасии аҳолии вилояти Хатлон интихоб карда шудаанд. Бояд қайд кард, ки омилҳои мазкур дар ташаккул додани сохт, дараҷа ва дигаргуншавии сатҳи некуаҳволии мардум муайянкунанда мебошанд, яъне дараҷаи тағйирёбии онҳо дар вақт ва макон бевосита ба даромади миёнаи аҳолӣ таъсир мерасонанд. Аз ин ҳисоб, нишондиҳандаҳои интихробгардида аз нигоҳи қонунияти иқтисодӣ асоснок мебошанд.

Таҷрибаи мамлакатҳои пешқадам нишон медиҳад, ки даромади миёнаи пулии аҳолӣ муайянкунандаи сатҳи зиндагӣ баромад мекунад. Аз назари мо, истифодаи чунин таҷриба дар интихоби даромади пулӣ ба ҳар як нафар аҳолии вилояти Хатлон ҳамчун нишондиҳандаи таъсирбахш аз он ҷиҳат мавқеъгирӣ дорад, ки аз рӯйи он тамоми паҳлуҳои ташаккули сатҳи зиндагӣ муайян мегардад. Акнун барои таҳияи модели регерссияи ҳисобии баҳодиҳии сатҳи некуаҳволии мардуми вилояти Хатлон аз маълумоти омории ҷадвали 2 истифода менамоем.

**Ҷадвали 2. Динамикаи омилҳои ташаккулдиҳандаи даромад дар вилояти Хатлон барои давараҳои 2013-2020**

**Table 2. Dynamics of income-forming factors in Khatlon region for the period 2013-2020**

| | Даромади миёнаи пулӣ ба ҳар нафар аҳолӣ | МММ ба ҳар нафар аҳолӣ сомонӣ | Музди меҳнати миёнаи солона коргарон ва хизматчиён, сомонӣ | Андозаи миёнаи нафақаи солона, сомонӣ | Шумораи миёнаи солонаи аҳолии машғул дар иқтисо-диёт, ҳазор нафар | Сатҳи бекорӣ, % | Индекси нархҳои истеъмолӣ, % | Пасандозҳои сарикасии аҳолӣ дар муаасисаҳои бонки амонатгузорӣ, сомонӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Y | $x_1$ | $x_2$ | $x_3$ | $x_4$ | $x_5$ | $x_6$ | $x_7$ |
| 2010 | 623.1 | 2410.3 | 2795.8 | 1443 | 372 | 4.4 | 106.5 | 2471.1 |
| 2011 | 743.5 | 2897.2 | 3600.4 | 1553.4 | 375.9 | 5.6 | 112.5 | 4351.8 |
| 2012 | 905.1 | 3380.5 | 4381.4 | 2083.8 | 386.1 | 6.0 | 105.8 | 5946.6 |
| 2013 | 983.0 | 3405.0 | 6047.2 | 2632.8 | 388.4 | 5.8 | 105.1 | 8882.0 |
| 2014 | 1042.7 | 3963.5 | 7382.8 | 2636.5 | 396.1 | 6.1 | 106.1 | 12264.7 |
| 2015 | 1078.3 | 4217.9 | 7740.6 | 2676.2 | 404.6 | 5.1 | 105.8 | 15822.2 |
| 2016 | 1296.6 | 4679.2 | 8569.6 | 2791.7 | 403.8 | 4.7 | 105.9 | 15637.4 |
| 2017 | 1403.7 | 5003.4 | 10120.7 | 3110.2 | 447.7 | 4.0 | 107.3 | 15840.2 |
| 2018 | 1632.8 | 5223.8 | 10959.6 | 3560.8 | 455.9 | 3.7 | 103.8 | 12891.8 |
| 2019 | 1870.7 | 5872.8 | 11982.5 | 3501.7 | 473.2 | 3.3 | 107.9 | 14186.7 |
| 2020 | 2502.2 | 6445.9 | 12645.4 | 3735.2 | 475.3 | 3.3 | 108.6 | 14283.0 |

**Сарчашма:** Таҳия ва ҳисоби муаллифон аз рӯйи: Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2021. -С. 201, 229, 335; Омори солонаи вилояти Хатлон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2021. -С. 8, 160.

Дар асоси маълумоти омории нишондиҳандаҳои ҷадвали 2 барои интихоби омилҳои таъсиррасон ба даромади миёнаи пулии аҳолии вилояти Хатлон, таҳлили коррелятсионӣ анҷом дода шуд, ки натиҷаи он дар ҷадвали зерин оварда шудааст.

**Ҷадвали 3. Натиҷаи таҳлили коррелятсионии ташаккулдиҳандаи даромад дар вилояти Хатлон**

**Table 3. The result of the correlational analysis of income formation in Khatlon region**

| | C | $x_1$ | $x_2$ | $x_3$ | $x_4$ | $x_5$ | $x_6$ | $x_7$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Y | 1.00 | | | | | | | |
| $x_1$ | 0.96 | 1.00 | | | | | | |
| $x_2$ | 0.93 | 0.99 | 1.00 | | | | | |
| $x_3$ | 0.90 | 0.95 | 0.98 | 1.00 | | | | |
| $x_4$ | 0.93 | 0.96 | 0.96 | 0.92 | 1.00 | | | |
| $x_5$ | **-0.76** | -0.74 | -0.74 | -0.65 | -0.84 | 1.00 | | |
| $x_6$ | 0.02 | -0.06 | -0.15 | -0.29 | -0.04 | -0.03 | 1.00 | |
| $x_7$ | **0.65** | 0.81 | 0.85 | 0.83 | 0.69 | **-0.44** | -0.27 | 1.00 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллифон.

Аз натиҷаи таҳлил маълум мегардад, ки байни омилҳои сатҳи бекорӣ ($x_5$) ва пасандозҳои сарикасии аҳолӣ дар муассисаҳои бонки амонатгузорӣ ($x_7$) алоқамандии коллинеарӣ вуҷуд надорад, яъне $r_{x5,x7} = 0{,}44$ буда, дар навбати худ байни нишондиҳандаи даромади миёнаи пулии аҳолии вилояти Хатлон (Y) ва омилҳои мазкур ($x_5$, $x_7$) алоқамандии баланд ҷой дорад. Бинобар ин, барои таҳияи модели регрессионии баҳодиҳии дараҷаи некуаҳволии мардуми вилояти Хатлон ба сифати омилҳои таъсиррасон, интихоб намудани омилҳои сатҳи бекорӣ ва пасандозҳои сарикасии аҳолӣ дар муассисаҳои бонки амонатгузорӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Дар асоси маълумоти омории ҷадвали 2, бо дарназардошти усулҳо ва меъёрҳои эконометрикӣ ва интихоби омилҳои таъсиррасон, модели регрессионии баҳодиҳии

дараҷаи таъмини сифати хизматрасонӣ дар соҳаи иҷтимоӣ ва некуаҳволии мардуми вилояти Хатлон таҳия карда шуд:

$$Y = 2235{,}0296 - 305{,}7032 \cdot x_5 + 0{,}0237 \cdot x_7 \qquad (2)$$

Дар ин ҷо, Y - даромади миёнаи пулии аҳолӣ, $x_5$ - сатҳи бекорӣ ва $x_7$ - пасандозҳои сарикасии аҳолӣ дар муассисаҳои бонки амонатгузорӣ дар вилояти Хатлон мебошад.

Модели регрессионии 2 тибқи тавсифҳои оморӣ чунин мебошад: $R^2 = 0.711$, $\bar{A} = 3.75\%$, $DW = 1.422$. Аз натиҷаҳои тавсифи омории бадастомада маълум мегардад, ки модели регрессионии баҳодиҳии дараҷаи некуаҳволии мардуми вилояти Хатлон боэътимод буда, барои таҳлил ва баҳодиҳии дараҷаи некуаҳволӣ мувофиқ мебошад.

Аз рӯйи коэффитсиентҳои модели регрессионии 2 ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҳангоми ба як фоиз зиёд шудани сатҳи бекорӣ дар вилояти Хатлон (дар ҳолати бетағйир будани омили пасандозҳои сарикасии аҳолӣ дар муассисаҳои бонки амонатгузорӣ), даромади миёнаи пулии аҳолии вилояти мазкур ба ҳисоби миёна ба 301,7 сомонӣ коҳиш меёбад. Инчунин, дар ҳолати ба як воҳид зиёд шудани омили пасандозҳои сарикасии аҳолӣ дар муассисаҳои бонки амонатгузорӣ (ҳангоми бетағйир мондани омили сатҳи бекорӣ), даромади миёнаи пулии аҳолии вилояти Хатлон ба 0,0237 воҳид зиёд мешавад.

Ҳамин тариқ, тибқи натиҷаҳои бадастомада маълум мегардад, ки дар шароити имрӯза дар ҳақиқат зарурати тақвиятдиҳии иқтидори иқтисодии кишвар ва беҳтар кардани дараҷаи некуаҳволии мардум ба амал омадааст. Ин дар навбати худ аз ҳисоби самаранокии меҳнат, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ вобастагӣ дорад. Дар ин замина, инфрасохтори ташаккул ёфтани ҳаҷм ва динамикаи даромадҳо ба амал омада, боиси устувор гардидани вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аз ҳисоби бо кор таъмин намудани аҳолии минтақа, авҷ гирифтани муомилоти мол ва рушди соҳибкории тиҷоратӣ алоқамандии зич дорад. Қайд кардан бамаврид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои алоҳидаи он, аз ҷумла вилояти Хатлон дорои хусусиятҳои худ буда, шояд, ки на ҳама ҷиҳатҳои прогрессивии мамлакатҳои пешқадам дар кишвар ва минтақаи мазкур мавриди истифода қарор гиранд. Лекин як ҷиҳат хело аниқ мебошад, ки дараҷаи некуаҳволии умумӣ ва минтақавӣ аз соҳаҳои иқтисодиёт ва дастгирии давлатӣ вобаста мебошанд. Маҳз аз рӯйи ҳамин ҷиҳат, рушди иқтисодиёт вусъат ёфта, натиҷаи ҳавасмандии мардуми минтақа гардида, заминаи даромадҳо васеъ шавад. Асосан дар кишвар ва вилояти Хатлон он сабабҳое, ки боиси нокифоя будани некуаҳволӣ мегарданд, ин паст будани самаранокии меҳнат, мувофиқ набудани рақобатнокӣ дар бозори минтақа, ҳарҷи вобастагии зиёд доштани ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он аз воридот, сатҳи нокифояи шуғл, баланд будани нархи манзили истиқоматӣ ва ғайра мебошанд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДДМИТ – Воҳидов У.М.**

## АДАБИЁТ


1. Асоев И.З. Тамоюлҳои рушди некуаҳволии мардуми минтақа дар заминаи муносибатҳои байналмилалӣ / И.З. Асоев // Паёми молия ва иқтисод. - 2022. -№1 (29). -С.138 -146.
2. Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020. ҶДММ «Контраст», 2015. -120 с.
3. Воҳидов У.М. Асосҳои назариявии усулҳои таҳлил, арзёбӣ ва дурнамосозӣ / У.М. Воҳидов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. - 2021. -№2(6). -С.69-75.
4. Жеребин В.М. Экономика домашних хозяйств и некоторые средства ее макромоделирования / В.М. Жеребин // Экономика и математические методы. - 1997. -№1. -С.63-69.
5. Ибрагимов Х.А. Теоретические основы статистического исследования формирования и распределения доходов населения / Х.А. Ибрагимов // Таджикистан и современный мир. - 2019. - №4(67). -С.76.
6. Кадыров Д.Б. Доходы населения как фактор роста благосостояния / Д.Б. Кадыров. -Воронеж: ВГУ, 2004. -231 с.
7. Нуралиев А.Н. Уровень жизни населения: теория, мониторинг и пути повышения: монография / А.Н. Нуралиев. -Душанбе: Ирфон, 2011. –160 с.
8. Нурализода А.М. Ҳамбастагии сатҳ ва сифати зиндагӣ: ҷанбаҳои стратегии баланд бардоштани он / А.Н. Нурализода // Паёми молия ва иқтисод. - 2019. -№3(19). -С.94-101.
9. Нурализода А.Н. Афзалиятҳо ва рушди соҳаи хизматрасонӣ дар баландбардории сатҳи некуаҳволии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.Н. Нурализода // Паёми молия ва иқтисод. - 2019. -№2(18). -С.21-26.
10. Нурализода А.Н. Ташаккулёбии идоракунии алоқаи байнихоҷагии кишвар дар таъмини шароитҳои некуаҳволии мардуми минтақаи Хатлон / Нурализода А.Н., У.М. Воҳидов, И.З. Асоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2021. -№8. -С.77-84.
11. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2020. Маҷмуаи оморӣ. -Бохтар, 2021. -435 с.

12. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.12.2021, С.8.
13. Тоҷикистон: 30 – соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, 2021. – 702 с.
14. Хубиев К. Противоречия экономического роста // Экономист. – 2005. - № 8. – С.46-54.

## ТАҲЛИЛИ ЭКОНОМЕТРИКИИ БАҲОДИҲИИ САТҲИ НЕКУАҲВОЛИИ МАРДУМИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Дар мақолаи мазкур баҳодиҳии сатҳи некуаҳволии мардуми вилояти Хатлон дар заминаи таҳлили коррелятсионию регрессионӣ баррасӣ шудааст. Баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ дар шароити имрӯза аз омилҳои мухталиф вобаста буда, дар ин самт рушди бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёт нақши муҳимро мебозанд. Равандҳое, ки дар низоми иқтисодӣ ба амал меоянд, ба рушди иқтисоди тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ таъсир мерасонанд ва ҳамзамон, ба манфиатҳои умумииқтисодии кишвар мусоидат менамоянд. Бинобар ин, ҳолати мазкур дар шакли низоми муайян аз рӯйи шакл ва сохти давлатдорӣ дар ташаккул додани дараҷа ва динамикаи некуаҳволӣ таъсири бевосита дорад. Баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ин мақсади асосии сиёсати иқтисодию иҷтимоии давлат мебошад. Дастгирии давлатии баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум, алалхусус музди меҳнати кормандон дар ҷомеа, фароҳам овардани шароити мусоиди тиҷорат, рушди бахшҳои воқеӣ, таъмини устувории нарх ва шуғл, беқурбшавӣ нишондиҳандаҳои муҳимми дастгирии давлатии сатҳи некуаҳволӣ мебошад. Бинобар ин, беҳтар кардани сатҳи зиндагии мардум яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи давлат буда, аз оғози давраҳои соҳибистиқлолӣ барои бартараф кардани ҳама гуна монеаҳо ва ба амал баровардани ислоҳоти бозор як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ таҳия ва дар амал татбиқ меёбанд. Барои таҳияи моделии регрессияи ҳисобии баҳодиҳии дараҷаи некуаҳволии мардум ба сифати нишондиҳандаи вобаста - даромади миёнаи аҳолии вилояти Хатлон ва ба сифати омилҳои новобаста – МММ ба ҳар сари аҳолӣ, музди меҳнат, андозаи нафақа, аҳолии машғул дар иқтисодиёт, сатҳи бекорӣ, индекси нархҳои истеъмолӣ ва пасандозҳои сарикасии аҳолии вилоят интихоб карда шудаанд. Бояд қайд кард, ки омилҳои мазкур дар ташаккул додани сохт, дараҷа ва дигаргуншавии сатҳи некуаҳволии мардум муайянкунанда мебошанд, яъне дараҷаи тағйирёбии онҳо бевосита ба даромади миёнаи аҳолӣ таъсир мерасонанд. Аз ин ҳисоб, нишондиҳандаҳои интихробгардида аз нигоҳи қонунияти иқтисодӣ асоснок мебошанд. Бинобар ин, мавқеи муаллифон бо далелҳои мушаххас, барои баҳодиҳии сатҳи некуаҳволии мардуми минтақаи Хатлон мусоидат менамояд.

**Калидвожаҳо:** некуаҳволӣ, рушди иқтисодӣ, омилҳои таъсиррасон, таҳлили коррелятсионию регрессионӣ, даромади аҳолӣ, музди миёнаи меҳнат, сатҳи бекорӣ, индекси нархҳои истеъмолӣ, соҳибкорӣ, самаранокии меҳнат, тавсифи оморӣ.

## ЭКОНОМЕТРИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ОЦЕНКИ УРОВНЯ БЛАГОСОСТОЯНИЯ НАСЕЛЕНИЯ ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

В данной статье рассматривается оценка уровня благосостояния населения Хатлонской области на основе корреляционно-регрессионного анализа. Повышение уровня благосостояния в современных условиях зависит от различных факторов, и в этом направлении большую роль играет развитие отдельных секторов экономики. Процессы, происходящие в экономической системе, влияют на экономическое развитие всех регионов республики и в то же время способствуют общеэкономическим интересам страны. Поэтому состояние государства в виде определенной системы оказывает непосредственное влияние на форму и структуру государственности в формировании уровня и динамики благосостояния. Повышение уровня жизни населения является основной целью экономической и социальной политики государства. Государственная поддержка повышения уровня благосостояния людей, особенно заработной платы работающих в обществе, создание благоприятных условий для бизнеса, развития реального сектора, обеспечение ценовой стабильности и занятости, инфляция являются важными показателями государственной поддержки уровня благосостояния. существование. Поэтому повышение уровня жизни народа является одной из первостепенных задач государства, и с начала периода независимости был разработан и реализован ряд нормативно-правовых актов, направленных на преодоление всех препятствий и реализацию рыночных реформ. Разработать расчетно-регрессионную модель оценки уровня благосостояния населения в качестве зависимого показателя - средний доход населения Хатлонской области и в качестве независимых факторов - ВРП на душу населения, заработная плата, пенсии, занятость населения в экономике, уровень безработицы , индекс потребительских цен и личные сбережения населения региона. Следует отметить, что эти факторы являются определяющими в формировании структуры, уровня и изменения благосостояния людей, то есть степень их изменения напрямую влияет на средний доход населения. С этой точки зрения выбранные показатели обосновываются с точки зрения экономической правомерности. Поэтому позиция авторов с помощью конкретных фактов определяет уровень благосостояния жителей Хатлонской области.

**Ключевые слова:** благосостояние, экономическое развитие, влияющие факторы, корреляционно-регрессионный анализ, доходы населения, средняя заработная плата, уровень безработицы, индекс потребительских цен, предпринимательство, производительность труда, статистическая характеристика.

## ECONOMETRIC ANALYSIS OF THE ASSESSMENT OF THE LEVEL OF WELFARE OF THE POPULATION OF KHATLON REGION

This article discusses the assessment of the level of well-being of the population of the Khatlon region based on the correlation-regression analysis. An increase in the level of well-being in modern conditions depends on various factors, and in this direction the development of individual sectors of the economy plays an important role. The processes taking place in the economic system affect the economic development of all regions of the republic and at the same time contribute to

the general economic interests of the country. Therefore, the state of the state in the form of a certain system has a direct impact on the form and structure of statehood in shaping the level and dynamics of well-being. Raising the standard of living of the population is the main goal of the economic and social policy of the state. State support for improving the well-being of people, especially the wages of those working in society, creating favorable conditions for business, developing the real sector, ensuring price stability and employment, inflation are important indicators of state support for the level of well-being. Existence. Therefore, raising the standard of living of the people is one of the primary tasks of the state, and since the beginning of the period of independence, a number of legal acts have been developed and implemented to overcome all obstacles and implement market reforms. Develop a calculation-regression model for assessing the level of well-being of the population as a dependent indicator - the average income of the population of the Khatlon region and as independent factors - GRP per capita, wages, pensions, employment in the economy, unemployment rate, consumer price index and personal savings of the population region. It should be noted that these factors are decisive in shaping the structure, level and change in people's well-being, that is, the degree of their change directly affects the average income of the population. From this point of view, the selected indicators are justified from the point of view of economic legitimacy. Therefore, the position of the authors with the help of specific facts is determined to assess the level of well-being of the inhabitants of the Khatlon region.

**Keywords:** welfare, economic development, influencing factors, correlation and regression analysis, household income, average salary, unemployment rate, consumer price index, entrepreneurship, labor productivity, statistical characteristics.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Нурализода Амрулло Назрулло*** **-** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: **amrullon@mail.ru**. Телефон: **(+992) 918-75-76-68**
***Асоев Илҳом Зикрёевич*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ассистенти кафедраи назарияи иктисод. **Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи Сафаров, 16. E-mail: **asoev.i@list.ru.** Телефон: **(+992) 002-02-86-90**

**Сведение об авторах:** ***Нурализода Амрулло Назрулло*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры финансов. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. E-mail: **amrullon@mail.ru.** Телефон: **(+992) 918-75-76-68**
***Асоев Илхом Зикреевич*** - Кулябский государственный университет имени Абуабдуллаха Рудаки, ассистент кафедры экономической теории. **Адрес**: 735360, Республика Таджикистан, ш. г. Куляб, улица Сафарова, 16. E-mail: **asoev.i@list.ru**. Телефон: **(+992) 002-02-86-90**

**Information about the authors:** ***Nuralizoda Amrullo Nazrullo*** - Tajik State Financial and Economic University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Finance. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. E-mail: **amrullon@mail.ru**. Phone: **(+992) 918-75-76-68**
***Asoev Ilkhom Zikreevich*** **-** Kulyab State University named after Abuabdullah Rudaki, assistant of the Department of Economic Theory. **Address**: 735360, Republic of Tajikistan, sh. Kulyab, Safarov street, 16. E-mail: **asoev.i@list.ru.** Phone: **(+992) 002-02-86-90**

УДК 338.45 (470.12)

# ХУСУСИЯТҲОИ ТАРАҚҚИЁТИ САНОАТИ ВИЛОЯТИ СУҒД ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

*Қаюмова М.Х.*
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

Дурнамои тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, чӣ хеле ки аз Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси олӣ (26.12.2018с) бармеояд, ин саноатикунонии босуръати кишвар ба ҳисоб меравад. Дар вохӯрӣ бо саноатчиён ва соҳибкорон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки дар самти расидан ба ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар, дар минтақаҳо шароитҳои мусоид муҳаё карда шуда, рушди соҳаи мазкур ҳаматарафа аз тарафи мақомоти идоракунии маҳаллӣ дастгирӣ карда шавад (14.10.2019с).

Таърихи тараққиёти кишварҳои дунё нишон медиҳад, ки таъмини рушди иқтисодии устувор аз вазъияти соҳаҳои хоҷагии халқ вобастагии қавӣ дорад. Дар ин ҷода пешрафти соҳаи саноат дар минтақаҳо ва иқтисодиёти миллӣ нақши ҳалкунанда дорад. Ҷоиз ба қайд аст, ки дар замони муосир корхонаи саноатӣ ҳамчун объекти асосии муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ баромад мекунад. Соҳаҳои саноати минтақавӣ дар маҷмуъ саноати миллиро ташкил менамоянд. Дар баробари ин, ҳар як минтақа сохтори саноатии муайянро дорад, ки дорои муҳити махсус, сохтори ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, истеҳсолӣ, институтсионалӣ ва ғайраҳо мебошад, ки хусусиятҳои тараққиёти иқтисодиёти минтақаҳоро муайян менамоянд. Дар ин ҷода муайян намудани иқтидори саноатии минтақа баҳри таъмини тараққиёти устувори соҳа аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Зеро бемуайян намудани иқтидори истеҳсолии саноатӣ, муқаррар намудани ҳадафҳои тараққиёти он дар дурнамои миёнамуҳлат ва дарозмуддат имконнопазир аст.

Дар шароити имрӯза дар ҷодаи коркарди сиёсати соҳавӣ доир ба тараққиёти устувори саноатӣ диққати махсус ба ҷустуҷӯи нишондодҳои устуворӣ, баланд намудани фаъолнокии инвеститсионӣ, ҳамгироии саноатӣ дар сатҳи минтақавӣ, миллӣ ва ҷаҳонӣ, дастгирии муътадилии тараққиёти унсурҳои зарурии ташаккули низомҳои саноатӣ зоҳир карда мешавад [5].

Масъалаи тараққиёти корхонаҳои соҳаи саноат, яке аз масъалаҳои муҳимми давраи муосир ба ҳисоб меравад. Зеро тараққиёти муттасили корхонаҳои саноатӣ дар ҳолати ҷалб намудани захираҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва молиявӣ имконпазир буда, ба назар гирифтани эҳтиёҷотҳои корхонаи саноатӣ, таъмини озодии иқтисодӣ ва бехатарии онҳо дар ин ҷода муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Вилояти Суғд 23 декабри соли 1970 (аз 27.10.1939 то 28.03.1962, низ ҳамчун вилоят вуҷуд дошт) таъсис ёфта, дар қисми шимолии ҷумҳурӣ ҷойгир аст. Масоҳати умумии он 25,2 ҳазор км$^2$ ташкил дода, зиёда аз 2,7 миллион аҳолии гуногунмиллат дар ҳудуди он зиндагӣ доранд. Вилоят аз 10 ноҳия: Айнӣ, Ашт, Деваштич, Зафаробод, Мастчоҳ, Кӯҳистони Мастчоҳ, Спитамен, Ҷ.Расулов, Б.Ғафуров, Шаҳристон ва 8 шаҳр: Хуҷанд, Исфара, Конибодом, Панҷакент, Истаравшан, Бӯстон, Гулистон ва Истиқлол иборат аст [1]. Ҳар як минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи масоҳат, шумораи аҳолӣ, ҳолати иҷтимоӣ-иқтисодӣ, таъминот бо омилҳои дигари истеҳсолӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Яъне, дар ҳар як минтақа мавҷудият ва дастрасии базаи захиравӣ дар пешрафти ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ бо хусусиятҳои хосси онҳо тавсиф карда мешавад. Бинобар ин, тавсифи иқтисодиёти минтақаҳо, дар мисоли мо таҳлили имкониятҳои истеҳсолии соҳаҳои саноат бо истифода аз маълумоти оморӣ ҷараён гирифта, имконият медиҳад, ки оид ба таносуби тараққиёти соҳаҳои саноат ва тамоюлҳои ба миён омада тасаввуроти зарурӣ пайдо карда шавад.

Тавсифи саноати минтақавии вилояти Суғдро аз таҳлили нишондиҳандаҳои умуми иқтисодии саноат оғоз менамоем (расми 1).

**Расми 1. Тағйирёбии шумораи корхонаҳои саноатӣ дар вилояти Суғд**
**Figure 1. Changes in the number of industrial enterprises in Sughd region**




Манбаъ: Маҷмуаи омори вилояти Суғд. Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. - 2021. -С. 332-333.

**Расми 2. Тағйирёбии ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Суғд**
**Figure 2. Changes in the volume of industrial products in Sughd region**




Манбаъ: Маҷмуаи омори вилояти Суғд. Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. - 2021. -С. 332-333.

Аз рӯи маълумоти расми 1 мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар тули солҳои 1991-2020 шумораи корхонаҳои саноатӣ дар миқёси вилояти Суғд тамоюли афзоишёбӣ дорад. Агар дар соли 1991, оғози давраи ислоҳоти иқтисоди бозорӣ дар вилоят 119 корхонаҳои саноатӣ фаъолият дошта бошанд, ин нишондиҳанда дар соли 2020 ба 693 адад расид, ки дар умум 5,8 маротиба афзоиш ёфтааст. Аммо дар ин ҷо оид ба ҳаҷми корхонаҳои истеҳсолӣ сухан гуфтан мувофиқи мақсад мебошад. Зеро дар соли 1991 дар 119 корхонаи саноатӣ 68354 нафар коргарон бо ҷои корӣ таъмин буда, ба ҳисоби миёна ба ҳар як корхона 574 корманд мувофиқат мекард. Дар соли 2020 шумораи кормандон дар корхонаҳои саноатии минтақа ба 26600 нафар баробар шуда, ба ҳар корхонаи саноатӣ 38 нафар кормандон рост меоянд. Яъне дар ин давра сатҳи шуғлнокӣ дар соҳаҳои саноати

иқтисодиёти минтақа коҳиш ёфтааст. Новобаста ба коҳишёбии шумораи кормандон дар соҳаҳои саноати минтақа, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноат дар вилояти Суғд дар соли 2020 нисбат ба соли 1991 ба 2,9 маротиба афзоиш ёфтааст, ки оид ба баландшавии самаранокии истифодабарии омили меҳнат дар соҳа шаҳодат медиҳад [3].

Таҳлили вазъи истеҳсолии соҳаҳои саноати минтақа дар давраи солҳои 1991-2020 дар расми 2 оварда шудааст, ки тамоюли тараққиёти сиклии соҳаро нишон медиҳад. Маълумоти расми 2 нишон медиҳад, ки аз соли 1991 то соли 1996 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ коҳиш ёфта, бо тағйирёбии тамоюли ҳаҷми ММД кишвар ҳамрадиф мебошад. Мутобиқи асосҳои назариявии тараққиёти сиклии саноатӣ дар марҳилаи солҳои 1991-1996 давраи пастравии соҳаи саноати минтақа ба назар мерасад.

Сабаби коҳишёбии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар солҳои 1991-1996, дар минтақа, пеш аз ҳама, бо мушкилотҳои давраи гузариш алоқаманд буд. Таъсири манфӣ ба суръати тағйирёбии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳо он хислатҳои хосси низоми иқтисодии маъмурӣ-фармондеҳӣ ва банақшагирии марказонидашуда расонид. Зеро дар давраи мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ диққати асосӣ ба соҳаҳои саноат бештар зоҳир карда мешуд, ки бо истеҳсоли унсурҳои алоҳидаи маҳсулотҳои саноатӣ машғул буданд. Аз нуқтаи назари инкишофи инфрасохтори истеҳсолӣ, ҳама минтақаҳои Тоҷикистон дар ҳудуди бумбаст қарор доштанд. Ҳамаи ин хислатҳо ба истифодабарии самаранок ва ҷалби захираҳои мавҷуда барои гардиши истеҳсолӣ монеаҳо эҷод мекард. Захираҳои меҳнатии босуръат афзоишёбанда, захираҳои табиии нодир ба таври кофӣ ба истеҳсолот фаро гирифта намешуданд. Вазъияти корхонаҳои саноатии кишвар ва манотиқи он аз сабаби барҳамхӯрдани муносибатҳои исстеҳсолӣ-техникӣ ва ҳамгироӣ дар чорчӯбаи комплекси ягонаи хоҷагии собиқ ИҶСШ боз ҳам ногувор гардид. Дар натиҷа, бадшавии нишондиҳандаҳои умумииқтисодии соҳаҳои саноат ба миён омад. Аз соли 1991 то соли 1996 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Суғд ба 75,2% коҳиш ёфта, ба 24,8% соли 1991 баробар шуд. Таҳлилҳо собит менамоянд, ки дар давраи солҳои 1991-2014 дар саноати вилояти Суғд, ба монанди вазъияти саноати дигар минтақаҳои кишвар, ҷараёни ғайрииндустрияшавӣ мушоҳида карда машавад. Дар ин давра аксарияти корхонаҳои саноатии минтақа аз сабаби тобовар набудан ба рақобати бозорӣ, норасогии воситаҳои гардон, хункназарии соҳибони корхонаҳои саноатии хусусигардонидашуда аз фаъолият боз монданд [8].

Ҷоиз ба гуфтанист, ки саноати минтақаи вилояти Суғд ҳамчун қисми таркибии саноати мамлакат асоси тараққиёти иқтисодии минтақа боромад карда, дар давраи таҳлилӣ ба дигаргуниҳои куллӣ дучор шудасст. Махсусан чунин тағйиротҳо дар натиҷаи дигаргуншавии шакли моликият ва барҳамхӯрдани як қатор корхонаҳои даврони Шуравӣ алоқаманд мебошанд.

Дигаргуниҳои сохторӣ ва низомӣ дар саноати минтақа дар давраи солҳои 1991-1996 ба мавҷудияти соҳа таъсири назаррас расонид. Маълум аст, ки мушкилиҳои бо давраи пойдор намудани муносибатҳои бозорӣ бо омилҳои ҳам дохилӣ ва беруна вобастгаии калон доштанд. Дар ин марҳила саноати минтақаи вилояти Суғд ба монанди дигар манотиқи кишвар тараққиёти самараноки худро таъмин карда натавонист. Дар натиҷаи бенизомии давраи гузариш дар аввали солҳои 90-ум асри XX, истеҳсолоти саноатӣ ба соҳаи қафомонда табдил ёфта буд. Оид ба ин гуфтаҳо маълумоти расмҳои 1 ва 2 шаҳодат медиҳанд.

Аз соли 1997, ба шарофати кӯшишҳои бардавоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон байни қувваҳои мухолифин ва ҳукумати қонунии кишвар созишномаи сулҳу ваҳдат ба имзо расид, ки бахри тараққиёти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ заминаи нав ва устуворро пойдор намуд. Аз соли 1997 то соли 2014 дар соҳаҳои саноати вилояти Суғд марҳилаи рушди барқароркунанда ба назар мерсад, ки пастравии ҳаҷми маҳсулоти саноатии истеҳсолшуда дар давраи солҳои 1991-1996, танҳо дар тули 17 сол (1997-2014) барқарор карда шуд.

Дар натиҷаи тадбирҳои амалигардидаи ҳукумат ва ҳамкории судманди давлат бо бахши хусусӣ дар сохтори саноати вилояти Суғд пешравиҳои назаррас ба назар мерасанд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Сохтори саноати вилояти Суғд дар солҳои охир (шумораи корхонаҳо)**
**Table 1. Structure of the industry of Sughd region in recent years (number of enterprises)**

| **Соҳаҳои саноат** | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **Соли 2020 нисбат ба соли 2011 (бо %)** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Саноати истихроҷи маъдан | 21 | 21 | 22 | 29 | 40 | 47 | 48 | 50 | 51 | 56 | 2,7 |
| Истихроҷи маводҳои энергетикӣ | 6 | 6 | 6 | 10 | 11 | 12 | 11 | 10 | 8 | 8 | 1,3 |
| Истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ | 15 | 15 | 16 | 19 | 29 | 35 | 37 | 40 | 43 | 48 | 3,2 |
| Саноати коркард | 229 | 264 | 299 | 534 | 653 | 553 | 545 | 579 | 565 | 594 | 2,6 |
| Дигар соҳаҳои саноат | 1 | 2 | 4 | 12 | 14 | 14 | 16 | 19 | 20 | 20 | 20,0 |
| Истеҳсол ва тақсимоти неруи барқ, газ, об | 3 | 3 | 3 | 3 | 4 | 4 | 1 | 4 | 41 | 43 | 14,3 |

Манбаъ: Маҷмуаи омори вилояти Суғд. Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. - 2021. -С. 335.

Аз рӯи маълумоти ҷадвали 1 мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар тули солҳои 2011 – 2020 шумораи корхонаҳои саноати истихроҷи маъдан аз 21 адад то 56 адад зиёд гардида, афзоиш 2,7 маротибаро ташкил додааст. Шумораи корхонаҳои истихроҷи маводҳои энергетикӣ аз 6 адад то 8 адад зиёд гардида, дар маҷмуъ 1,3 маротиба афзоиш ёфтаанд. Корхонаҳои истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ дар мантиқи вилоят аз 15 адади соли 2011 дар соли 2020 ба 48 адад расидааст, ки 3,2 маротиба афзоишро нишон медиҳад. Тағйироти назаррас дар афзоишёбии саноати коркард ба назар мерасад, ки дар ин марҳила шумораи корхонаҳои ин соҳа аз 229 адад то 594 адад зиёд гардида, афзоиш 2,6 маротибаро ташкил медиҳад. Корхонаҳои дигар соҳаҳои саноат дар соли 2020 нисбат ба соли 2011, 20 маротиба афзоиш ёфта, аз 1 адад то 20 адад зиёд гардидааст. Корхонаҳои таъиноти тақсимоти неруи барқ, газ ва об аз 3 адади соли 2011 то 43 адад дар соли 2020 зиёд шудааст, ки дар маҷмуъ 14,3 маротиба афзоишро нишон медиҳад [7].

Чунин вазъияти дигаргуншавии соҳаи саноати минтақавӣ ба ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолмешуда таъсири худро расонид. Дар солҳои охир ҷоннокшавии фаъолияти корӣ дар истеҳсоли маҳсулоти саноатии минтақавӣ ба назар мерасад.

Бо дарназардошти чунин тағйиротҳои сохторӣ дар соҳаҳои саноати вилояти Суғд оқибатҳои бuҳрони трансформатсионӣ, ки ба соҳа таъсири манфии худро бештар расонида буд, бартараф карда шуданд. Тараққиёти соҳаи саноат дар натиҷаи тадбирҳои саривақтии давлату ҳукумат оид ба танзимкунии чараёнҳои иқтисодӣ баҳри таъмини рушди устувори тамоми хоҷагии халқ таъмин карда шуд.

Боиси қайд аст, ки дар марҳилаи таҳлилшаванда сиёсати саноатӣ ҳамчун маҷмуи чораҳои давлатӣ оид ба тараққиёти соҳаи саноат бо истифода аз фишангҳои гуногуни дахолати давлат ба ҷараёни иқтисодиёт, амалӣ карда шуд [11].

Новобаста ба тараққиёти соҳаҳои саноат дар вилояти Суғд, то ҳол имкониятҳои саноатии минтақа, ки қисмати он дар аввали солҳои 90-уми асри XX аз даст рафта буданд, ба таври самаранок истифода намешавад. Чунин вазъият махсусан дар таносуби қонеъгардонии талаботи истеъмолӣ бо молҳои воридотӣ ва ватанӣ ба назар мерасад. Аз сабаби мавҷуд набудани имконияти қонеъгардонии эҳтиёҷоти истеъмолии мардум бо молҳои ватанӣ, бозори истеъмолии минтақа ва умуман ҷумҳурӣ ба воситаи молҳои воридотӣ қонеъгардонида мешаванд. Дар сохтори саноат истеҳсоли номгӯи зиёди маҳсулоти ниёзи мардум аз байн рафта, пешрафти соҳа дар замони муосир бештар бо истихроҷ ва коркарди маъданҳои кӯҳи ба назар мерсад. Албатта ин як пешравии назаррас ба ҳисоб меравад, лекин бо баробари ин қонеъгардонии эҳтиёҷоти аҳолӣ бо маҳсулоти ватании саноатӣ беҳбудиро талаб менамояд [6].

Агар дар ибтидои ҷараёни пойдоршавии муносибатҳои бозорӣ чунин вазъият бо ислоҳоти иқтисодӣ вобаста бошад, минбаъд истеҳсоли молҳои ниёзи мардум аз тарафи корхонаҳои саноатӣ ба як мушкилии калон мубаддал гардид. Дар натиҷаи норасогии воситаҳои инвеститсионӣ, омода набудани таҷрибаи фаъолияти корхонаҳои саноатӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ, ба саноатӣ минтақа имкон надоданд, ки корхонаҳои муваффақона фаъолиятбаранда истеҳсолоти худро барқарор намоянд, то ҳатто баъзеи онҳо аз макони истеҳсолӣ пурра берун шуданд. Пеш аз ҳама, ин гуфтаҳо барои корхонаҳои саноатии калонҳаҷм оид ба истеҳсоли пойафзол, матоъҳои гуногун, маҳсулоти тайёри дӯзандагӣ, коркарди чӯбу тахта, мошинасозӣ ва ғайраҳо тааллуқ дорад, ки то соли 1991 фаъолияти пурсамар доштанд [13].

Қайд намудан зарур аст, ки корхонаҳои ҳаҷман калон аз сабаби хислатҳои тақсимоти байниҷумҳуриявии меҳнат дар дохили собиқ давлати ИҶСШ, баъд аз барҳамхӯрдани он ва амалигардонии хусусигардонӣ алоқаҳои хоҷагидорӣ байни корхонаҳо аз байн рафт. Ин ҳодиса таассуроти таҷрибаи нокифояи ҳайати идоракунии корхонаҳои хусусигардонидашуда ба миён омада буд. Дар маҷмуъ ҳама ин оқибатҳо аз сабаби ба миён омадани дигаргуниҳои давраи гузариш ба вазъияти минбаъдаи корхонаҳои саноатӣ таъсири манфии худро расонид [1].

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки истифодабари оқилонаи иқтидорҳои мавҷудбудаи саноати минтақа метавонад истеҳсоли маҳсулотҳои зиёдеро ба роҳ монад, ки қобилияти рақобатпазириро бо молҳои воридотӣ бо дар назардошти хислатҳои нодири худ доранд. Махсусан дар ин ҷода оид ба хароҷоти омилӣ барои истеҳсоли чунин молҳо қайд намудан зарур аст. Ба ҳама маълум аст, ки минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои қувваҳои кории арзон мебошанд, ки қобилияти истеҳсоли арзиши иловашудаи зиёдро доранд. Иқтидори васеи тараққёти соҳаҳои саноати минтақа бо сатҳи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда ва дараҷаи ворид намудани онҳо ба фаъолияти хоҷагидорӣ тавсиф карда мешавад. Аз рӯи чунин нишондодҳо дар вилояти Суғд имкониятҳои зиёд вуҷуд доранд, ки истифодаи амалии он метавонад тараққиёти соҳаҳои саноатро ба сатҳи куллан нав оварда расонад. Сатҳи истифодабарии иқтидори саноатӣ дар иқтисодиёти минтақа аз он шаҳодат медиҳад, ки захираҳои рушди саноатӣ аз ҳисоби васеъшавии истифодабарии иқтидорҳои истеҳсолии мавҷудбуда имкониятҳои калон дорад [12]. Оид ба мавҷудияти чунин имкониятҳо дар баромадҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доимо таъкид гардида, афзалияти васеъшавии истеҳсолоти саноатӣ бо назардошти баландшавии сатҳи шуғлнокии аҳолӣ қайд карда мешавад. Ҳамаи ин имконият медиҳад қайд намоем, ки истифодабарии ҳадди аксари иқтидори истеҳсолӣ дар саноат дар дурнамои миёнамуҳлат ва дарозмуддат унсури асосии рушди иқтисодии устувор ба ҳисоб меравад [9].

Ҷоиз ба таъкид аст, ки бо мақсади тараққиёти соҳаҳои саноати минтақа, истифодабарии ҳаматарафаи иқтидори истеҳсолӣ ва васеъшавии ҳаҷми корхонаҳо аз чорабиниҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб меравaнд. Вобаста ба ин гуфтаҳо, академик Қаюмов Н.Қ. чунин қайд менамоянд: "дар саноат иқтидорҳои зиёди истифоданашуда ва захираҳои ҷалби омили меҳнат вуҷуд доранд. Бинобар ин, афзалиятнокии тараққиёти корхонаҳои саноатӣ метавонад ба сифати муҳаррики иқтисодӣ баромад намояд, ки метавонад иқтисодиёти мамлакатро аз вобастагии воридот барои тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии устувор равона созад" [8]. Чунин муносибат махсусан барои баратараф намудани оқибатҳои бухрони гузариш ва мусоидат намудан ба саноатикунонии босуръати кишвар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур арзёбӣ карда мешавад. Ба ибораи дигар, барқарор намудани фаъолияти корхонаҳои саноатии бекорхобида қодир аст барои ҳалли як қатор мушкилиҳо мусоидат намояд. Пеш аз ҳама, дар ин ҷо самаранокии истифодабарии ҳама омилҳои истеҳсолот дар назар дошта шудааст. Барои расидан ба ин ҳадаф механизмҳои иқтисодӣ бояд ба чунин стратегияи пешрафти саноат мутобиқат намояд, ки дар чорчӯбаи он истифодабарии корхонаҳои саноатии мавҷудбуда ба пуррагӣ фаъолият намекарда ва таъсиси корхонаҳои нави саноатӣ бо дарназардошти ҳама инфрасохтори онҳо ба назар гирифта шаванд. Дар баробари ин, мушкилоти баланд намудани сифати омода намудани захираҳои меҳнатӣ вобаста ба талаботи рақобати бозорӣ аз чорабиниҳои зарурӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷода коркард ва амалигардонии сиёсати саноатӣ бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ аз амалҳои аввалиндарҷа ба ҳисоб меравад [10].

Таъмини тараққиёти бахши саноати иқтисодиёти минтақа дар асоси принсипҳои худтаъминкунӣ ҳамчун асоси дастрас намудани рушди иқтисодии самаранок ва устувор, инкишофи ҳама шаклҳои соҳибкориро дар соҳаи саноат дар назар дорад. Айнан инкишоф ва васеъшавии ҳама шаклҳои соҳибкорӣ метавонад пояи устуворро барои таъмини ҷойҳои корӣ ва ғанигардонии бозори дохилӣ бо молҳои ватанӣ мусоидат намояд. Дар ин ҷода инкишофи соҳибкории хурду миён нақши махсус дорад. Аҳамияти афзалиятноки онҳо дар он асос меёбад, ки тараққиёти чунин шакли соҳибкорӣ барои тараққиёти саноат такони хуб дода, захираҳои меҳнатии бо кор машғул набударо барои фаъолияти худ бештар ҷалб намояд. Аз таҷрибаи кишварҳои пешрафта маълум аст, ки айнан ҳавасмандгардонии тараққиёти соҳибкории саноати хурду миёна имкон медиҳад, ки рушди иқтисодии устувор таъмин карда шавад.

Оиди чунин ақида маълумоти дар расми 1 низ шаҳодат медиҳад, ки мутобиқи он шумораи корхонаҳои саноатӣ дар вилояти Суғд дар соли 2020 ба 693 адад расида, нисбат ба соли 1991, 5,8 маротиба зиёд шудааст [4]. Ин маълумот аз он гувоҳӣ медиҳад, ки рушди саноати минтақа асосан аз ҳисоби таъсисёбии корхонаҳои хурду миёна ба миён омадааст, ки гуфтаҳои болоро тасдиқ менамоянд. Таҷрибаи хоҷагидорӣ нишон медиҳад, ки ба соҳибкории хурду миёна ҳаракатнокӣ ва мутобиқшавии босуръат ба навовариҳои илму техника хос аст. Дар баробари ин, соҳибкории хурду миёна дар шакли таъсисёбии корхонаҳои хурд ва миёна қобилияти ташкили ҷойҳои кории нав, афзоиши ҳудудии истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, меҳнатӣ ва дигар омилҳои истеҳсолотро дорад. Дар навбати худ ҳама ин хислатҳо заминаҳои аслиро барои дастрасии самараноки пешрафти соҳаҳои саноат мусоидат менамоянд. Бинобар ин, васеъшавии ҳаҷми бахши саноатӣ дар минтақа ва таъиноти он барои инкишофи истеҳсолоти молҳои ниёзи мардум барои тараққиёти иқтисодиёти вилояти Суғд ва ҷумҳурӣ афзалиятҳои назаррас дорад.

Қайд намудан зарур аст, ки дар ҷараёни амалигардонии сиёсати саноатии минтақавӣ бо мақсади истифодабарии ҳама иқтидорҳои мавҷуд буда, пешрафти ин соҳаи ҳаётан муҳимми иқтисодӣ бояд хислати экстенсивӣ дошта бошад. Маҳз ба шарофати таъмини рушди экстенсивии соҳаҳои саноат, минтақаҳо метавонанд ҷойҳои нави корӣ таъсис дода, аҳолии бекорро бо фаъолияти меҳнатӣ фаро гиранд, ки ба баландшавии сатҳи зиндагонии мардум мусоидат менамояд. Дар ин ҳолат пурра даст кашидан аз омилҳои тараққиёти интенсивӣ дар назар дошта намешавад, баръакс тараққиёти соҳаҳои саноат ба таври экстенсивӣ бо унсурҳои тараққиёти интенсивӣ бояд таъмин карда шавад. Бо ибораи дигар сухан оид ба намуди тараққиёти нисбатан экстенсивии соҳаҳои саноти минтақа меравад.

Тараққиёти нисбатан экстенсивии саноати минтақаи вилояти Суғд бо ҳолате асоснок карда мешавад, ки мутобиқи он барқарор намудани корхонаҳои саноатии бекорхобида ва ташкили корхонаҳои нав, мантиқан унсурҳои пешрафти экстенсивӣ ба ҳисоб меравад.

Афзалияти истифодабарии омилҳои экстенсивӣ дар алоқаманди бо истифодаи ҳаматарафаи технологияҳои пешқадами истеҳсолӣ (омили интенсивӣ) барои коҳиш додани шумораи муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақа мусоидат намояд. Айнан барои ҳамин ба фикри мо тараққиёти соҳаҳои саноат дар марҳилаи муосир бояд хислати нисбатан экстенсвивӣ дошта бошад. Дар баробари ин, тараққиёти саноати минтақа бо азнавсозии техника ва технологияи истеҳсолӣ ҳамрадиф бояд бошад [2].

Вобаста ба гуфтаҳои боло, дар асоси таҳлил ва омӯзиши вазъи саноати вилояти Суғд чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст:

Якум, барои истифодабарии иқтидори саноатии минтақа зарурати инкишофи он дар асоси истифодабарии омилҳои экстенсивӣ баён менамояд. Яъне, васеъшавии ҳаҷми истеҳсолот ва афзоиши шумораи корхонаҳои саноатӣ, ки қобилияти истеҳсол намудани молҳои ниёзи мардум ва ташкили ҷойҳои нави корӣ.

Дуюм, тараққиёти саноати вилояти Суғд дар самти ғанигардонии бозори дохилӣ бо молҳои истеъмолӣ бо дар назардошти баромадан ба бозори беруна дар оянда, ки ба таври ногузир баланд намудани рақобатпазирии молҳои истеҳсолмешударо дар корхнаҳои саноатӣ дар назар дорад.

Сеюм, бояд фаъолияти корхонаҳои саноатии бекорхобида ба воситаи таҷдиди куллии ҷараёни технологӣ барқарор карда шуда, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ба роҳ монда шавад.

Чорум, бояд чораҳо оид ба кооператсия ва махсусгардонии маконҳои истеҳсолоти саноатӣ амалӣ кард шуда, чунин хислатҳо ҳангоми таъсиси корхонаҳои нав баҳри коҳиш додани хароҷоти муомилот ва татбиқи сиёсати саноатӣ дар минтақа ба инобат гирифта шаванд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Гулмамадов А.В.**

**АДАБИЁТ**


1. Алиджанов Д.А. Импортозамещающий экономический рост в современных условиях Республики Таджикистан / Д.А. Алиджанов. –Худжанд: Нури маърифат, 2021. -368 с.
2. Андреев Г.Н. Региональные экономические системы: Методология исследования и практика развития: Монография / Г.Н. Андреев, Л.Л. Савелло, Я.В. Попова. – Волгоград: Волг. ГТУ, 2006. -115 с.
3. Березнев С.В. Основы современной региональной экономики Учебное пособие ГУ КузГТУ / С.В. Березнев, В.В. Копеин. -Кемерово, 2008. -224 с.
4. Идрисов Г.И. Промышленная политика России в современных условиях / Г.И. Идрисов. -М.: Изд-во Ин-та Гайдара, 2016. -160 с.
5. Ищенко М.М. Региональное управление неоднородными социально-экономическими системами субъектов РФ.: автореферат дис. ... доктора экон. наук: 08.00.05 / М.М. Ищенко. –М., 2012. -39 с.
6. Каюмов Н.К. Приоритеты и меры по стимулированию экономического развития Республики Таджикистан в переходный период / Н.К. Каюмов // Экономика Таджикистана: стратегия развития. -Душанбе, 2001. -№3. -С.113.
7. Маҷмуаи омории вилояти Суғд. Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. - 2021. – С. 7.
8. Промышленность Таджикистана за годы государственной независимости. Коллективная монография; НАНТ, Институт экономики и демографии / Под общей редакцией Рахимзода Ш. -Душанбе: Дониш, 2021. -677 с.
9. Рахимов Р.К. Проблемы развития переходной экономики Республики Таджикистан / Р.К. Рахимов. -Душанбе, 2012. -422 с.
10. Рахимов Р.К. Теоретические вопросы стратегии развития экономики Республики Таджикистан в переходный период / Р.К. Рахимов // Экономика Таджикистана: стратегия развития. -Душанбе, 2001. -№2. -С.59.
11. Хоналиев Н. Промышленность Таджикистана: современное состояние и перспективы развития / Н. Хоналиев. -Душанбе: Ирфон, 2007. -292 с.
12. Шамсиев К.Б. Развитие предпринимательства в Таджикистане / К.Б. Шамсиев // Информационно-аналитический бюллетень. -Душанбе: Ирфон, 2003. -С.79.
13. Шумпетер Й. Теория экономического развития / Й. Шумпетер. -М.: Политиздат, 1982. -237 с.


## ХУСУСИЯТҲОИ ТАРАҚҚИЁТИ САНОАТИ ВИЛОЯТИ СУҒД ДАР ШАРОИТИ МУОСИР


Мақола оид ба фаъолияти корхонаҳои саноатие, ки барои пешбурди иқтисодиёти минтақа зарурананд, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар солҳои 1991 то соли 1996 саноати минтақа коҳиш ёфта, то ин дам бошад, бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешравиҳо ба назар расидааст. Дар ниҳоят сиёсати саноатӣ дар вилояти Суғд ҳатман барои барқарор намудани фаъолияти корхонаҳои калони саноатии бекорхобида равона карда шавад, зеро чунин чорабинӣ метавонад барои афзоиши сатҳи шуғлнокии аҳолии қобили меҳнат мусоидат намояд. Новобаста ба ҳама сатҳҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, амалигардонии ҷараёни истеҳсолот ба туфайли баҳамтаъсиррасонии омилҳои асосии истеҳсолот имконпазир аст. Дар низоми омилҳои истеҳсолот, меҳнат якҷоя бо захираҳои табиӣ ва дигар омилҳо қувваи ҳаракатдиҳандаи пешрафти ҷамъиятро ифода мекунад. Ҳамаи ин машкилотҳои умумӣ дар роҳи инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ дар иқтисодиёти минтақавии вилояти Суғд ва дигар минтақаҳои мамлакат мебошанд. Вобастагии самаранокии истеҳсолоти саноатӣ бо назардошти оқилонаи тамоми омилҳои истеҳсолот ва алоқамандии дурусти онҳо ба афзоиши самаранокии истеҳсолот муосидат менамояд.



**Калидвожаҳо:** корхонаҳои саноатӣ, иқтисодиёти минтақа, захираҳои меҳнатӣ, тараққиёти саноат, саноати минтақа, истеҳсолот, сиёсати саноатӣ, инвеститсионӣ.


## ОСОБЕННОСТИ ПРОМЫШЛЕННОГО РАЗВИТИЯ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ


В статье рассматривается деятельность промышленных предприятий, необходимая для развития экономики региона. С 1991 по 1996 промышленность региона пришла в упадок, но под руководством Основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона был достигнут прогресс. Наконец, промышленная политика Согдийской области должна быть направлена на возобновление работы крупных предприятий, так как такое мериприятие могло бы способствовать увеличению занятости трудоспособного насиления. Независимо от уровня хозяйственной деятельности, осуществление производственного процесса возможно благодаря взаимодействию основных факторов производства. В системе факторов производства труд вместе с природными ресурсами и другими факторами представляет собой движущую силу прогресса общества. В системе факторов производства труд вместе с природными ресурсами и другими факторами представляет собой движущую силу прогресса общества. Все это общие проблемы в развитии предпринимательской деятельности в региональной экономике Согдийской области и других регионов страны.

Зависимость эффективности промышленного производства от рационального учета всех факторов производства и их правильного соотношения способствует росту эффективности производства.
**Ключевые слова:** промышленные преприятия, региональная экономика, трудовые ресурсы, промышленное развитие, промышленность региона, производство, промышленная политика, инвеститции.

**FEATURES OF THE INDUSTRIAL DEVELOPMENT OF THE SOGHD REGION IN MODERN CONDITIONS**

The article discusses the activities of industrial enterprises necessary for the development of the regional economy. From 1991 to 1996, the industry of the region fell into decline, and sofar, under the leadership of the Founder of Peace and National Unity, the Prezident of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon progress has been made. Finaly, the industrial policy of the Soghd region should be aimed at resuming the work of large enter prises, since such an event could control. Regardless of the level of economic activity, the implementation of the production process is possible due to the interaction of the main factors of production. In the system of factors of production, labor, together with natural resources and other factors, is the driving force behind the progress of society.ibute to an increase in the employment of the able-bodied population. In the system of factors of production, labor, together with natural resources and other factors, is the driving force behind the progress of society. All these are common problems in the development of entrepreneurial activity in the regional economy of the Soghd region and other regions of the country. The dependence of the efficiency of industrial production on the rational accounting of all factors of production and their correct correlation contributes to the growth of production efficiency.
**Keywords**: industrial enterprises, regional economy, labor resources, industrial development, industry of the region, production, industrial policy, investments.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қаюмова Муҳайёхон Хуршедовна*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, доктoранти Ph.D. **Суроға:** 735700,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1. E-mail: **mashajon123@mail.ru.** Телефон**: (+992) 927-08-83-32**

**Сведение об авторе:** ***Каюмова Мухайёхон Хуршедовна*** **–** Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова, докторант Ph.D. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова 1. E-mail: **mashajon123@mail.ru** Телефон**: (+992) 927-08-83-32**

**Information about the author:** ***Kayumova Mukhayokhon Khurshedovna*** **-** Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov, doctoral candidate Ph.D. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage 1. E-mail: **mashajon123@mail.ru** Phone**: (+992) 927-08-83-32**

**УДК 330.15**

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ БЕХАТАРИИ ИҚТИСОДИИ КОРХОНАҲО ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

*Давлатова Р.М.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ**

Бехатарии иқтисодӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар шароити муосир ба ҳисоб меравад. Ибораи «бехатарии иқтисодӣ» ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ ба андозаи таърихи илм дар муқоисаи дигари илмҳо хело ҷавон мебошад. Дар фаҳмиши ҳозира онро бори аввал Франклин Делано Рузвелт ба гардиш ворид сохтааст. Президенти нав интихобшудаи ИМА Ф.Д. Рузвелт соли 1934 бори аввал дар паёми худ ба миллат ибораи «амнияти иқтисоди миллӣ» (national economic security)-ро дар замони «депрессияи бузург» истифода бурдааст [5,с.14].

Бехатарии иқтисодӣ – қобилияти фаъолият ва рушди низоми иқтисодӣ дар муқобили таҳдидҳо, сари вақт бартараф кардан, заиф кардан ё ҷуброн кардани онҳо, пешгирии ҷамъшавии аз ҳад зиёди онҳо, бартараф намудани омилҳои таъсири берунаи бавуҷудомада, нигоҳ доштани шароити муътадили зиндагии аҳолӣ, таъмини устувори захираҳои хоҷагии халқ, инчунин, собитқадамона ба амал баровардани манфиатҳои иқтисоди миллӣ-давлатӣ мебошад [8,с.228].

Бехатарии иқтисодӣ дар сатҳи микро масъалаҳои ҳифзи корхона аз таъсири манфии муҳити зист, инчунин, қобилияти онро барои зуд бартараф кардани таҳдидҳо ё мутобиқ шудан ба шароити мавҷуда, ки ба фаъолияти он таъсири манфӣ намерасонад, баррасӣ мекунад.

Корхона воҳиди мустақили иқтисодӣ мебошад, ки дар қаламрави ин ё он давлат амал мекунад ва ба қонунҳои он итоат мекунад. Мустақилияти маъмурию иқтисодии корхонаро қонун муайян намуда, чунин маъно дорад, ки корхона дар бораи чи қадар истеҳсол кардан ва чи тавр фурӯхтани он, тарзи тақсим кардани даромади гирифтаашро мустақилона ҳал мекунад.

Дар сарчашмаҳо, ки ба масъалаҳои бехатарии иқтисодии корхонаҳо бахшида шудаанд, миқдори хеле зиёди таърифҳо вобаста ба мафҳум ва моҳияти бехатарии иқтисодии корхонаҳо дода шудаанд. Масалан таърифҳои зерини бехатарии иқтисодии корхонаро баррасӣ мекунем.

Муаллифон А.К. Моденов, Е.И. Белякова, М.П. Власов, Т.А. Лелявина қайд менемоянд, ки: “бехатарии иқтисодии корхона – ин самараноктар истифода бурдани захираҳои корхона барои пешгирӣ кардани таҳдидҳо ва таъмин намудани кори муътадили корхона дар шароити имрӯза ва оянда мебошад” [14,с.58]. Ин таъриф, ба ҳалли проблемаи истифодаи самарабахши моликият таъсир расонида, мақсади корхонаро ҳамчун мубориза бар зидди таҳдидҳо муайян мекунад. Албатта, истифодаи самараноки захираҳои корхона метавонад дараҷаи бехатарии иқтисодии корхонаро тавсиф кунад.

Илова бар ин, муҳаққиқон О.А. Грунин, С.О. Грунин, мепиндоранд, ки: «бехатарии иқтисодии корхона (фирма) чунин ҳолати субъекти хоҷагидорест, ки дар он ҷузъҳои муҳимми сохтор ва фаъолияти корхона бо дараҷаи баланди муҳофизат аз тағйиротҳои номатлуб мебошанд” [3,с.37]. Ин таъриф мафҳуми “таҳдидҳоро” бо “тағйироти номатлуб” бидуни муайян кардани он, иваз мекунад.

Ба андешаи К.С. Половнев «бехатарии иқтисодии корхона чунин ҳолати субъекти хоҷагидорӣ мебошад, ки дар он ҳадди аксар истифодаи самараноки захираҳои корпоративӣ барои пешгирӣ, суст кардан ё аз мавҷудияти хатарҳо ва таҳдидҳо муҳофизат кардан ё дигар ҳолатҳои ғайричашмдошт ва асосан ноил шудан ба ҳадафҳои тиҷоратӣ дар шароити рақобат ва хавфи иқтисодӣ мебошад» [10,с.37].

Дар ин таъриф, ҳадафҳо, омилҳои тиҷорат - рафтори он рақобат ва хавфи иқтисодӣ қайд карда шудаанд. Меъёри истифодашаванда - самаранокии истифодаи захираҳо - ба мафҳуми таҳдид, хатар асос ёфтааст.

Дар доираи бехатарии иқтисодии сохтори соҳибкорон, мо бехатарии манфиатҳои ҳаётан муҳимми онро аз таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ дарк хоҳем кард, яъне, ҳифзи сохтори соҳибкорӣ, кадрҳо ва неруи зеҳнии он, иттилоот, технология, сармоя ва фоида, ки

бо низоми тадбирҳои дорои характери махсуси ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, технологӣ-иттилоотӣ ва иҷтимоӣ таъмин карда мешавад.

Бо таҳлил намуадни ин таърифҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки муаллиф фаъолияти корхонаро аз манфиатҳои иқтисодии ҷонибҳои манфиатдор дар алоҳидагӣ баррасӣ мекунад. Аз ин мавқеъ ақидаи муаллиф ба ду нуқтаи назар ҷудо мешавад. Аввалин нуқтаи назар дар бораи бехатарии иқтисодии корхона ба истифодаи мафҳуми таҳдид асос ёфта, сабабҳои пайдоиши онҳоро як тараф гузоштааст. Муносибати дуюм, ки канорагирӣ аз истифодаи мафҳуми таҳдид дар таърифи бехатарӣ ба самаранокии иқтисодии корхона асос ёфтааст, расидани мақсадро бе манфиати тарафҳо дар мадди аввал гузоштаанд. Ҳамчунин, нуқтаҳое ҳастанд, ки ин ду равишро ба ҳам мепайванданд ё омехта мекунанд.

Бояд қайд намуд, ки корхона – ин пеш аз ҳама, объекти муносибатҳои иқтисодист, зеро молик (соҳибкор, саҳмдор) ҳангоми таъсис додани корхона манфиатҳои иқтисодии худро ба амал мебарорад. Ғайр аз ин, вақти ташкили корхона ҳамеша тақсимоти даромад ба иноабат гирифта мешавад. Аз ин рӯ, мухолифони ин корхона ҳамеша ҳастанд. Мубориза ба муқобили таҳдидҳо вазифаи роҳбариятест, ки барои истифодаи самараноки моликият масъул аст. Манфиати соҳибкор бошад, ба таҳдидҳо аз он вобастагӣ дорад, ки мубориза бо онҳо хароҷотро талаб мекунад. Ҳамин тариқ, табиист, ки таърифи бехатарӣ бояд на танҳо ба манфиати соҳибмулк асос ёбад, балки манфиатҳои дигар ҷонибҳои манфиатдор низ ба назар гирифта шавад.

Инчунин, истилоҳи бехатарии корхонаро метавон ба истилоҳи бехатарии иқтисодии корхона баробар ҳисоб кард, зеро корхона, пеш аз ҳама, ин объекти муносибатҳои иқтисодӣ мебошад.

Ҳамин тавр, ҳангоми асоснок кардани хусусияти бехатарии иқтисодии корхона мо метавонем мавҷудияти ду арзёбиро изҳор кунем:

- бехатарии иқтисодии корхона ҳамчун объекти иқтисодӣ бо хусусияти муайян (динамикаи фаъолият, риояи манфиатҳои ҳаётӣ, таъмини эҳтиёҷот, тамоюл, рушд ва ғайра) муайян карда мешавад. Ин хусусият ба фаъолияти корхона таъсири манфӣ мерасонад. Ин таъсир ҳамчун таҳдид ҳисобида мешавад, ки боиси бад шудани натиҷаҳои фаъолият мегардад;
- барои корхона ҳамчун объекти иқтисодӣ вазифаи он ҳамеша муайян карда шудааст, ки мақсаду натиҷаҳои фаъолияти онро муайян мекунад. Фаъолияти худро дар муҳити беруна амалӣ намуда, корхона меъмор дорад, ки аз як тараф ба он имкон медиҳад, ки фаъолият кунад, аз тарафи дигар, имкон медиҳад, ки дар ҳолати мувозинат, устувор бошад, ки онро бехатар номидан мумкин аст. Ин маънои онро дорад, ки роҳбарияти корхона сарфи назар аз таъсири манфии муҳити беруна фаъолияти бомуваффақият ва ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташударо таъмин мекунад. Ва агар тағйирёбии шароити беруна аз ҳудуди муайян берун ояд, пас роҳбарият наметавонад аз сабаби маҳдуд будани захираҳо фаъолияти самараноки корхона ва расидан ба мақсадҳои онро таъмин намояд.

Аксари гуфтаҳои болоро як равиш муттаҳид мекунад: истилоҳи «бехатарии иқтисодӣ» мафҳумҳои «таҳдид, хатар, тағйироти номатлуб, ҳолатҳои ғайричашмдошт»-ро муайян мекунад. Барои фаъолиятҳои амалӣ пешгӯии пайдоиши таҳдидҳо тавсия дода мешавад, то амалҳои банақшагирӣ оид ба таъмини бехатарии иқтисодӣ воқеан самаранок ва муассир бошад. Аммо аз ин асло барнамеояд, ки бехатарии иқтисодӣ дар мафҳуми таҳдид дар мадди аввал меистад.

Аз ин рӯ, бехатарии иқтисодии корхона - ин хусусияти хосси вазъияти корхона, сарфи назар аз мавҷудияти таҳдидҳои муайян мебошад. Ин хусусият бояд бо тағйирёбии маҳдуди муҳити беруна кам тағйир ёбад.

Ба молик ва маъмурияти корхона, ҳамеша муҳим аст, ки корхона натиҷаҳои дилхоҳи иқтисодӣ ба даст оварад. Ин, пеш аз ҳама, вобаста аст корхона дар кадом ҳолат қарор дорад, дуввум, чи гуна қарорҳо қабул карда мешаванд ва ба амал бароварда мешаванд, севвум, барои иҷрои қарорҳои қабулшуда корхона чи гуна имкониятҳо дорад. Ин ҷиҳатҳо асосан ба муҳити дохилии корхона дахл доранд, ки ин албатта ба бехатарии иқтисодии корхона таъсир мерасонад. Аммо муҳити беруна низ ба гирифтани натиҷаҳои пешбинишуда бевосита таъсир мерасонад, ки ин амалӣ гардондани тадбирҳои таъмини бехатарии иқтисодии корхонаро дар назар дорад.

Бинобар ин, агар кори муътадили корхона (муҳити дохилӣ) таъмин шавад ва тағйирёбии шароити беруна аз он чизе, ки дар назар дошта шудааст, чандон фарқ накунад, онгоҳ корхона ба мақсадҳо ва натиҷаҳои худ ноил мегардад. Дар ин ҷо фаҳмида мешавад, ки фаъолияти муътадили корхона маънои гирифтани фоидаро аз фаъолияти он дорад, ки ба таассуроти соҳибмулк мувофиқат мекунад.

Ҳамин тариқ, бехатарии иқтисодии корхона - ин чунин хусусияти вазъияти корхона мебошад, ки дар он вай метавонад бо тағйироти маҳдуди муҳити берунӣ ва дохилӣ ба мақсаду натиҷаҳои худ ноил шавад. Маҳдуд будани тағйирот дар ду муҳит танҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки амнияти мутлақи иқтисодӣ вуҷуд надорад. Бар хилофи таърифҳои пешин, дар ин таъриф ба қарорҳои иқтисодие, ки оид ба истифодаи моликият қабул карда мешаванд, диққат дода мешавад.

Маълум аст, ки корхона бо мавҷудияти муҳити дохилие, ки ҳолати онро муайян мекунад ва муҳити беруние, ки ба натиҷаҳои фаъолияти он таъсир мерасонад, хос аст. Шароити муайяни хоҷагидорӣ вуҷуд доранд, ки ба баъзеи онҳо метавонад таъсир расонад, аммо ба боқимондаҳо наметавонад ба таври назаррас таъсир расонад. Масалан, бехатарии иқтисодии корхонаро дар ҳолатҳои форс-мажорӣ, аз қабили офатҳои табиӣ, офати техногенӣ, ҷангҳо, корпартоӣ, инқилобҳо таъмин кардан мумкин нест. Дар натиҷа, ҳамчун меъёри арзёбии бехатарии иқтисодии корхона, арзёбии дараҷаи ноил шудан ба натиҷаҳо ва ҳадафҳои пешбинишуда хизмат карда метавонад.

Бехатарии иқтисодии корхона ҳолати истифодаи самараноки захираҳо барои пешгирии таҳдидҳо ва таъмини фаъолияти муътадили корхона мебошад. Барои таъмини бехатарии иқтисодии худ корхона маҷмуи захираҳои дохилиро истифода мебарад.

Дар ҷаҳони муосир таъмини бехатарии иқтисодии корхона муҳимтарин ҷанбаи корӣ мебошад. Ҳама ширкатҳои бузург ҳоло шуъбаҳо ё хидматҳое доранд, ки барои бехатарии иқтисодӣ масъуланд. Барои ноил шудан ба сатҳи баланди амнияти иқтисодӣ, корхона бояд ҳадди аксар бехатарии ҷузъҳои асосии функсионалии системаи амнияти иқтисодии корхонаро назорат кунад.

Вазифаҳои таркибии бехатарии иқтисодии корхона ин маҷмуи самтҳои асосии он мебошанд, ки аз ҷиҳати мазмуни худ аз ҳамдигар хеле фарқ мекунанд. Ба инҳо дохил мешаванд [6,с.138]:

- молиявӣ;
- зеҳнӣ ва кадрӣ;
- техникӣ ва технологӣ;
- сиёсӣ ва ҳуқуқӣ;
- экологӣ;
- иттилоотӣ;
- иқтидор (неру).

Айни замон, Шумо метавонед истилоҳотеро вохӯред, ки бо истилоҳи «бехатарии иқтисодии корхона», ба монанди «бехатарии корпоративӣ», «бехатарии корхона» ҳаммаъно мебошанд.

Бехатарии иқтисодии корхона якчанд ҷузъҳои вобаста ба гуногунии фаъолиятро дар бар мегирад, ва аз ин рӯ сохтори иерархӣ дорад. Мувофиқи меъёрҳои муайян, бехатариро метавон чунин фарқ кард: иқтисодӣ, молиявӣ, тиҷоратӣ, иттилоотӣ, кадрӣ, равонӣ, ҷисмонӣ, сохторӣ ва ғайра. Ҳар яке аз намудҳои номбаршуда стратегияи худ, воситаҳои ташкилӣ, технологӣ ва иқтисодии худро доранд, ки татбиқи онро таъмин мекунанд.

Чи тавре ки, дар боло қайд намудем, мафҳуми бехатарии иқтисодии корхона бо таҳдидҳое, ки дар ҷараёни фаъолияти он ба вуҷуд меоянд, зич алоқамандӣ дорад. Айни замон дар адабиёти иқтисодӣ таърифҳои зиёди истилоҳҳот мавҷуданд: «таҳдиди бехатарии иқтисодӣ», «таҳдиди бехатарии соҳибкорӣ», «таҳдиди бехатарии корхона», ки онҳоро бо тарзҳои гуногун маънидод кардан мумкин аст ва ё мумкин аст ҳамчун ҳаммаъно қабул кард. Агар истилоҳотро гурӯҳбандӣ кунем, пас дар ҷои аввал таҳдиди бехатарии иқтисодиро мегузорем, ки таъсири манфиро ба ҳама гуна фаъолияти иқтисодӣ, масалан, сатҳи хеле баланди таваррум муайян мекунад. Таҳдид ба бехатарии соҳибкорӣ фароҳам овардани чунин шароитро дар назар дорад, ки дар онҳо таъсиси корхонаҳои нав ё диверсификатсияи корхонаҳои мавҷуда имконнопазир аст, ки он метавонад дар сиёсати пулию қарзии давлат ё дар Кодекси андоз инъикос ёбад. Таҳдид ба бехатарии корхона

метавонад аз пайдо шудани чунин шароите иборат бошад, ки фаъолияти ҷорӣ дар ҳама гуна соҳа ё ҳатто корхонаи мушаххас душвор аст.

Бо дараназардошти ин гурӯҳбандӣ дар асоси сарчашмаҳои илмию таълимӣ таърифҳои истилоҳи «таҳдид»-ро таҳлил менамоем:

- таҳдид ин ҳама гуна ихтилофи ҳадафҳо бо муҳити беруна ё дохилӣ сохтор ва алгоритмҳои фаъолият [6];
- таҳдид ин амалҳо ё шароитҳои воқеӣ ё эҳтимолӣ қасдан ё тасодуфан (нохост) вайрон кардани фаъолияти корхона бо расонидани зарари моддӣ (бевосита ё ғайримустақим), ки боиси талафоти молиявӣ, аз ҷумла фоидаи аз даст рафта мегардад [15];
- таҳдид ин рӯйдодҳои эҳтимолӣ ё воқеӣ, равандҳо, ҳолатҳо ё амали вайронкорон, ки метавонанд зарари маънавӣ, ҷисмонӣ ё моддӣ расонанд [4];
- таҳдид ин чунин инкишофи ҳодисаҳо, амал (беамалии), ки дар натиҷаи он эҳтимоли халалдор шудани фаъолияти муътадили корхона ё имконияти ба мақсад нарасидан зиёд мешавад, аз ҷумла ба корхона зарари дилхоҳ расонидан [7].

Пеш аз ҳама, мехостам тафовутҳоро дар равиши муайян кардани таҳдид қайд намоям. Нуқтаи назари аввал таҳдидро бо расонидани зарар бевосита алоқаманд намекунад, балки танҳо зиддиятҳои байни мақсадҳо ва имкониятҳои ба даст овардани онҳоро ошкор мекунад. Агар мо ба масъалаҳои банақшагирӣ дахл кунем, пас натиҷаи он маҳз муайян кардани мақсадҳои ба даст овардашаванда, интихоби воситаҳои мувофиқ барои татбиқи онҳо мебошад, ҳангоми сохтори дохилӣ, ки ба тағйирёбии доимӣ ниёз дорад ва муҳити динамикии беруна ба ин ҳадафҳо мувофиқат накунад. Аз ин рӯ, банақшагирӣ равандест, ки ба рафъи ин номутобиқатӣ нигаронида шудааст. Бозор ихтилофи доимӣ, аз ҷумла байни истеҳсолкунандагон аст. Бинобар ин, корхона ҳамеша баъзе маҳдудиятҳо дорад, ки ҳангоми банақшагирии фаъолияти худ бояд ба назар гирифта шаванд. Инҳо на танҳо маҳдудияти имкониятҳои татбиқи захираҳои дастрас ва бозорҳои савдои мавҷуд, маҳдудиятҳои қонунгузорӣ, балки аз ҷониби рақибон фармон дода мебошанд.

Аз ин рӯ, имкониятҳои иҷрои ҳар як нақша хусусияти эҳтимолӣ доранд, яъне онҳо дараҷаи хавф доранд. Ҳам аз нуқтаи назари арзёбии маҳдудиятҳои мавҷудаи фаъолият ва ҳам аз нуқтаи назари номуайянии оянда, ҳамеша хатари талафот ҳам дар шакли фоидаи молиявии аз даст рафта ва ҳам воқеӣ вуҷуд дорад, ки ҳамчун таҳдид ба бехатарии иқтисодӣ баррасӣ мешавад. Ҳамин тариқ, метавон ба хулосае омад, ки қарорҳои идоракунӣ, ки аз ҷониби роҳбарият қабул ва амалӣ мешаванд, барои корхона низ таҳдид карда метавонанд.

Нуқтаи дуюм натиҷаи таҳдидро муайян мекунад, зеро мавҷудияти онро танҳо пас аз расонидани зарар ба корхона ислоҳ мекунад.

Нуқтаи сеюм қайд мекунад, ки таҳдид на ҳатман ба оқибатҳои дар шакли халалдор шудани фаъолияти корхона ва расонидани зарар оварда мерасонад.

Нуқтаи чорум танҳо хусусияти эҳтимолии таҳдидро илова мекунад, бидуни тағйир додани равиш.

Яъне, яке аз хусусиятҳои таҳдид эҳтимолияти амалӣ шудани он, таввакал (хавф) мебошад, ки фаъолияти корхонаро ҳамроҳӣ мекунад. Дар ҳолати умумӣ, ҳамчун таваккал эҳтимолияти ба амал омадани ягон ҳодисаи номатлуб, ки боиси зарари гуногун мегардад, фаҳмида мешавад.

Фаъолияти корхона ҳамеша бо номуайянии вазъият ва тағйирпазирии муҳити иқтисодӣ алоқамандӣ дорад, ки дар навбати худ ба натиҷаи ниҳоии пешбинишаванда таъсир мерасонад. Мувофиқи принсипи асосии фаъолияти корхона майлу хоҳиши ба даст овардани фоидаи бештар бо имконияти талафот дидан маҳдуд карда мешавад. Дар ин ҷо мафҳуми таваккал пайдо мешавад.

Ҳамин тавр, зери таҳдид пешниҳод карда мешавад, ки эҳтимолияти таъсири манфӣ ба ҳолат ё натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳо фаҳмида шавад. Бо назардошти миқдорӣ, таҳдидро метавон ҳамчун таваккал ҳисоб кард. Аз ин рӯ, таваккал баҳодиҳии миқдории таҳдид аст, дар навбати худ, таҳдид – ин таърифи сифатии таваккал аст.

Қайд кардан мумкин аст, ки таҳдид ба таври объективӣ вуҷуд дорад ва таваккал имкон медиҳад, ки дараҷаи таъсири таҳдид ба ҳолат ва натиҷаҳои корхона баҳо дода шавад. Таваккал, ҳатман дар фаъолияти корхона мавҷуд буда, номуайянии шароит ва

натиҷаҳои фаъолиятро тавсиф менамояд, таҳдид бошад – ин имконияти рух додани ҳодисаҳои манфӣ мебошад.

Таҳдидҳои гуногуни бехатарии иқтисодии корхонаро пешниҳод кардан мумкин аст:

- аз рӯи муҳити пайдоиш (дохилӣ, беруна);
- аз рӯи манбаи пайдоиши онҳо (молиявӣ, истеҳсолӣ, конструкторӣ-технологӣ, логистикӣ (фурӯш, контрагент, таъминотӣ), сиёсӣ, қонунгузорӣ, ҷиноятӣ, рақобатӣ ва ғ.);
- аз рӯи дараҷаи эҳтимолияти татбиқи онҳо (аз иқтидорӣ то ҳақиқӣ);
- аз рӯи дараҷаи пешгӯӣ (пешгӯишаванда, пешгӯинашаванда);
- аз рӯи андозаи зарари пешбинишуда (фалокатовар, назаррас, душвориовар, ночиз).

Шаклҳои гуногуни дигари таснифоти хусусиятҳои таҳдид имкон доранд. Аммо, маҳз ба ҳамин тарз дар адабиёт хавфҳо низ тасниф шудаанд, ки бори дигар мегӯяд, ки таҳдид як шакли (ё марҳилаи) рушди таваккал мебошад. Аз сабаби гуногунии таҳдидҳо, систематизатсияи онҳо аз нуқтаи назари таъмини бехатарии иқтисодии корхона зарур аст.

Аз ин ҷиҳат зарур аст, ки ҷанбаҳои гуногуни бехатарии иқтисодии корхонаро ба низом даровард, бо истифода аз хусусиятҳои таснифоти пешниҳодкардаи муҳаққиқ Бланк И.А. [1].

- сатҳи фаъолияти иқтисодӣ;
- намуди функсионалии фаъолияти иқтисодӣ;
- хусусияти зуҳури таҳдидҳо ба манфиатҳои иқтисодӣ;
- манбаи таҳдидҳо ба манфиатҳои иқтисодӣ;
- хусусияти механизмҳое, ки барои ҳифзи манфиатҳои иқтисодӣ истифода мешаванд;
- самти механизмҳое, ки барои ҳифзи манфиатҳои иқтисодӣ истифода мешаванд;
- давраи вақтӣ;
- дараҷаи идоракунӣ;
- сатҳи ҳифзи манфиатҳои иқтисодӣ;
- устувории параметрҳое, ки ҳифзи манфиатҳои иқтисодиро таъмин мекунанд;
- қонуни будани усулҳои ҳифзи манфиатҳои иқтисодӣ.

Барои мақсадҳои таҷрибавӣ гурӯҳбандии зерини таҳдидҳо ба бехатарии иқтисодии корхона муҳимтар аст:

- аз рӯи ҳаҷми зарари пешбинишуда;
- аз рӯи эҳтимолияти пайдоиш;
- то ҳадди имкон (арзиши нисбӣ) чораҳои муқобила;
- аз рӯи таносуби давра аз лаҳзаи ошкор шудани таҳдид то лаҳзаи расонидани зарари иқтисодӣ ё лаҳзаи фарорасии ногузирии расонидани зарар ба корхона ва вақти вокуниш - чораи муқовимат, рафъкунандаи ин таҳдид;
- аз рӯи дараҷаи ҳавасмандии субъекти таҳдид.

Таснифоти дар боло зикршудаи таҳдидҳо имкон медиҳад, ки бехатарии иқтисодии корхона муайян карда, ва ба он баҳо дода шавад. Бо вуҷуди ин, бояд гуфт, ки истифодаи усули мунтазами таъмини бехатарии иқтисодии корхона бо мақсади ба инобат гирифтани тамоми самтҳо ва ҷанбаҳои фаъолият зарур аст. Аммо бояд эътироф кард, ки таъмини бехатарӣ дар ҳамаи соҳаҳои фаъолият якбора номумкин ва аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайримақсаднок мебошад.

Модоме, ки мо дар таърифи аслии бехатарӣ танҳо мафҳумҳои «таҳдид» ва «манфиатҳои ҳаётан муҳим»-ро иваз кунем, маълум мешавад, ки «бехатарӣ ҳолатест, ки дар он имкониятҳои мавҷудият ва тараққиёт таъмин карда мешаванд». Вале айнан фаъолияти корхонаҳо, самаранокии онҳо, вазъияти бехатарии корхонаро муайян мекунанд. Фаъолияти ғайрисамараноки иқтисодӣ ё беэътиноӣ ба манфиатҳои гурӯҳҳои иҷтимоӣ боиси марги давлат шуда метавонанд. Тақдири Югославия ва Иттиҳоди Шуравӣ (СССР) мисол шуда метавонад, ки барҳамхурии онҳо умуман оқибати вазъияти буҳрони иқтисодӣ буд.

Аксарияти корхонаҳо моликияти шаҳрвандони ҳам давлати мо ва ҳам хориҷа ва ё худи давлат мебошад. Корхонаҳое, ки фаъолияти молиявию-хоҷагидорӣ доранд ва зери

хатарҳои гуногун қарорҳо қабул мекунанд, барои шаҳрвандони давлати мо, ҷойҳои корӣ ташкил намуда, бо ҳамин даромади онҳоро таъмин мекунанд. Маҳз корхонаҳо ба буҷетҳои ҳамаи сатҳҳо андоз месупоранд. Аз ин лиҳоз, вазъияти ҳар як корхонаи муайян ба доираи манфиатҳои шаҳрвандон, ҷамъият ва давлат дохил мешавад.

Мантиқан чунин тахмин кардан мумкин аст, ки ҳалли масъалаи таъмини бехатарии иқтисодӣ, аз ҷумла аз ҷиҳати таъмини конунгузории фаъолият дар таъмини бехатарии иқтисодӣ бояд на танҳо дар сатҳи давлат, минтақа, соҳа, балки дар сатҳи корхона низ бурда шавад. Ҳифзи манфиатҳои корхонаҳои иқтисодиёти миллӣ унсури муҳимми сиёсати дохилӣ ва берунии аксарияти ҳукуматҳои мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон мебошад.

Дар низоми ҳозираи иқтисодиёт истеҳсолотро корхонаҳое, ки ба шахсони алоҳида тааллуқ доранд, ба роҳ мемонанд ва қарорҳо дар асоси манфиати соҳибони ин корхона қабул карда мешаванд. Тақсимоти захираҳо дар иқтисодиёт ғайримарказонида шудааст, зеро онҳо дар байни шумораи зиёди бозорҳои молу хизматрасонӣ ҷойгир шудаанд. Бозор бояд амалиёти фурӯшандагон ва харидоронро ҳамоҳанг созад, тавозуни байни маҳсулот ва нархро муқаррар кунад. Аз ин нуқтаи назар, бехатарии иқтисодии корхона дар гирифтани кафолати даромад аст, ки пеш аз ҳама, соҳибмулкро қонеъ мегардонад. Аммо ҳар як корхона дар бозор на танҳо ҳамчун фурӯшанда, балки ҳамчун харидор баромад мекунад. Аз ин рӯ, мавҷудияти он, яъне бехатарӣ аз фурӯшандагони дигар низ вобастагӣ дорад. Бинобар ин, корхона дар як вақт ҳамчун фурӯшанда ва харидор амал карда метавонад ва аз ҳисоби истифодаи самараноки амволи дар ихтиёраш буда, бехатарии худро таъмин намояд. Яъне, нигоҳ доштан ва афзун гардонидани моликият вазифаи асосии таъмини бехатарии иқтисодии корхона мебошад.

Дар маҷмуъ, бехатарии иқтисодии корхонаро аз муҳити атроф ҷудо таҳқиқ кардан ғайриимкон аст. Дар таъмини бехатарии иқтисодии корхона давлат нақши ҳалкунанда мебозад, ки пеш аз ҳама, бояд ҳифзи моликиятро кафолат диҳад. Давлат корхонаро комплекси ягонаи моликият мешуморад ва фаъолияти онро нигоҳ дошта, онро ҳимоя мекунад. Ҷанбаи навбатии фаъолияти давлат фароҳам овардани шароит барои бомуваффақият фаъолият намудани корхона мебошад. Давлат маҷбур аст ба механизмҳои бозор дахолат карда, онҳоро ба тартиб андозад, то ки манфиатҳои ҳамаи тарафҳои манфиатдор (ҳам моликон ва ҳам аҳолӣ) дар мувозинат бошад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Имомёрбеков Ф.М.**

**АДАБИЁТ**


1. Бланк И.А. Управление финансовой безопасностью предприятия / И.А. Бланк. - 2-е изд., стер. -К.: Эльга, 2009. -776 с.
2. Гапоненко В.Ф. Экономическая безопасность предприятий. Подходы и принципы / В.Ф. Гапоненко, А.Л. Беспалько, А.С. Власков. -М.: Ось-89, 2007. -208 с.
3. Грунин О.А. Экономическая безопасность организации / О.А. Грунин, С.О. Грунин. -СПб.: Питер, 2002. – С.37–38.
4. Гусев В.С. Разработка системы экономической безопасности предприятий и организаций: дис. канд. эк. наук / В.С. Гусев. -СПб, 2000. –С.131–132.
5. Козлова А. Экономическая безопасность как явление и понятие / А. Козлова // Власть. -М., 2009. -№1. -14 с.
6. Круглов М.И. Стратегическое управление компанией: [учеб. для ВУЗов] / М.И. Круглов. – М.: Русская деловая л-ра, 1998. – 768 с.
7. Меламедов С.Л. Экономическая безопасность / С.Л. Меламедов . -СПб.: Питер, 2000. –С.11–12.
8. Мирсаидов М.Н. Экономическая безопасность: категориальный подход и ее критерии в современных условиях / М.Н. Мирсаидов // Вестник ТГПУ. –Душанбе, 2012. -№5(48). -228 с.
9. Олейникова Е.Л. Основы экономической безопасности (Государство, регион, предприятие, личность) / Е.Л. Олейникова. -М.: Интел-Синтез, 1997. -138 с.
10. Половнев К.С. Механизм обеспечения экономической безопасности промышленного предприятия: дис. канд эк. наук / К.С. Половнев. -Екатеринбург, 2002. -34 с.
11. Рыночное хозяйствование и риски. -СПб: Наука, 2000. –С.140–141с.
12. Соснин А.С. Менеджмент безопасности предпринимательства / А.С. Соснин, П.Я. Прыгунов. -Киев: Изд-во Европ. ун-та, 2002. -101 с.
13. Стратегии бизнеса. Справочник / Под ред. Г.Б. Клейнера. -М.: КОНСЭКО, 1998. -288 с.
14. Экономическая безопасность предприятия: монография / А.К. Моденов, Е.И. Белякова, М.П. Власов, Т.А. Лелявина. -СПб.: СПбГАСУ, 2019. – 550 с.
15. Ярочкин В.И. Предприниматель и безопасность. Ч. 2 / В.И. Ярочкин. -М.: Экспертное бюро, 1994.

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ БЕХАТАРИИ ИҚТИСОДИИ КОРХОНАҲО ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявии таъмини бехатарии иқтисодии корхона таҳлил ва таҳқиқ карда шудааст. Муаллиф нуқтаи назари олимони иқтисодшиноси хориҷӣ ва ватаниро омӯхта, таърифҳои гуногуни бехатарии иқтисодии корхонаро муайян карда, хулосаҳои худро низ пешниҳод намудааст. Вазифаҳои таркибии бехатарии иқтисодии корхона омӯхта шуда, намудҳои он пешниҳод гардидааст. Унсурҳои корхона (объекти бехатарӣ) ва робитаҳои онҳо, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда таъсир мерасонанд, омилҳои таъмини бехатарии иқтисодии корхона мебошанд. Масалан, ин технология, мавод, сифат, мутахассисон ва ғайра мебошад. Инчунин, равандҳо ва омилҳои ба бехатарии иқтисодии корхонаҳо таъсиррасонро дида баромадааст: яъне фаъолияти корхонаҳои тамоми соҳаҳои гуногун бо таҳдидҳо ва хатарҳо зич алоқамандӣ доранд. Муаллиф дар мақола намудҳои таҳдид ва таваккалро пешниҳод карда, қайд намудааст, ки таваккал, ҳатман дар фаъолияти корхона мавҷуд буда, номуайянии шароит ва натиҷаҳои фаъолиятро тавсиф менамояд, таҳдид бошад – ин имконияти рух додани ҳодисаҳои манфӣ мебошад. Дар замони муосир, дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки ҳар як соҳа байни якдигар ҳамкории зич дорад, инчунин, давлатҳо бо ҳам ҳамгироӣ доранд. Албатта нигоҳ доштани бехатарии иқтисодии корхона барои роҳбарият мушкил мебошад. Яъне, бо таҳдид ва хатар тамоми субъектҳои хоҷагидорӣ рӯ ба рӯ мешаванд ва истодагари кардан бар зидди таҳдиду хатарҳо аз роҳбарияти корхонаҳо тамоми маҳорат, малака, молия ва вақтро тақозо мекунад. Аз ин лиҳоз, муаллифи мақола хулоса кардааст, ки давлат бояд ба механизмҳои бозор дахолат карда, онҳоро ба тартиб андозад, то ки манфиатҳои ҳамаи тарафҳо (ҳам моликон ва ҳам аҳолӣ) дар мувозинат бошад.

**Калидвожаҳо:** бехатарии иқтисодӣ, корхона, таҳдид, таваккал, рақобат, бозор, менеҷмент, даромад, зарар, захираҳо, хизматрасонӣ, манфиатҳои иқтисодӣ, андоз.

## ТЕОРЕТИКО – МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ ПРЕДПРИЯТИЙ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В данной статье анализируются и исследуются теоретические аспекты обеспечения экономической безопасности предприятия. Автор, изучив взгляды зарубежных и отечественных экономистов, выделил различные определения экономической безопасности предприятия и также представил свои выводы. Исследованы структурные функции экономической безопасности предприятия и представлены ее виды. Элементы предприятия (объекта безопасности) и их взаимосвязи, влияющие на достижение поставленных целей, являются факторами, обеспечивающими экономическую безопасность предприятия. Например, это технологии, материалы, качество, специалисты и так далее. Также рассматриваются процессы и факторы, влияющие на экономическую безопасность предприятий: то есть деятельность предприятий всех отраслей тесно связана с угрозами и рисками. В статье автор предлагает виды угроз и рисков, отмечая, что риск обязательно присутствует в деятельности предприятия и характеризует неопределенность условий и результатов его деятельности, а угроза - это возможность наступления неблагоприятных событий. В современное время, в условиях глобализации, при которой каждый сектор тесно взаимодействует друг с другом, а также при интеграции государств, конечно, менеджменту сложно поддерживать экономическую безопасность предприятия, т.е. все хозяйствующие субъекты столкнутся с угрозами и опасностями. И чтобы противостоять угрозам и опасностям, от руководства предприятий требуются все навыки, умения, финансы и время. Поэтому автор статьи делает вывод, что государство должно вмешиваться в рыночные механизмы и регулировать их так, чтобы интересы всех сторон (как собственников, так и населения) находились в равновесии.

**Ключевые слова:** экономическая безопасность, предприятие, угроза, риск, конкуренция, рынок, управление, доход, убыток, ресурсы, услуги, экономическая выгода, налог.

## THEORETICAL - METHODOLOGICAL FOUNDATIONS OF ECONOMIC SECURITY OF ENTERPRISES IN MODERN CONDITIONS

This article analyzes and explores the theoretical aspects of ensuring the economic security of the enterprise. The author, having studied the views of foreign and domestic economists, identified various definitions of the economic security of an enterprise and also presented his conclusions. Structural functions of economic security of the enterprise are investigated and its types are presented. Elements of the enterprise (object of safety) and their interrelations that affect the achievement of the goals set are factors that ensure the economic security of the enterprise. For example, these are technologies, materials, quality, specialists, and so on. The processes and factors affecting the economic security of enterprises are also considered: that is, the activities of enterprises in all industries are closely related to threats and risks. In the article, the author suggests types of threats and risks, noting that the risk is necessarily present in the activities of the enterprise and characterizes the uncertainty of the conditions and results of its activities, and the threat is the possibility of adverse events. In modern times, in the context of globalization, in which each sector closely interacts with each other, as well as with the integration of states, of course, it is difficult for management to maintain the economic security of an enterprise, i.e. all business entities face threats and dangers. And in order to withstand threats and dangers, the management of enterprises requires all the skills, abilities, finances and time. Therefore, the author of the article concludes that the state should intervene in market mechanisms and regulate them so that the interests of all parties (both owners and the population) are in balance.

**Keywords:** economic security, enterprise, threat, risk, competition, market, management, income, loss, resources, services, economic benefit, tax.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Давлатова Рухсорамо Маҳмадшарифовна*** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, ассистенти кафедраи назарияи иқтисод. **Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16. Телефон: **(+992) 985-98-51-87**

**Сведение об авторе**: ***Давлатова Рухсорамо Махмадшарифовна*** - Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, ассистент кафедры экономической теории. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова, 16. Телефон: **(+992) 985-98-51-87**

**Information about the author:** ***Davlatova Rukhsoramo Makhmadsharifovna*** - Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, assistant of the Department of Economic Theory. **Address**: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov street, 16. Phone: **(+992) 985-98-51-87**

УДК 331.1(575.3)

# ТАШАККУЛИ МУҲИТИ МУСОИДИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ТИҶОРАТИКУНОНИИ НАВОВАРИҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Комилов С.Ч., Ҳодиев Д.А., Маҳмадалиев Н.К.*
**Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ**

Дар шароити кунунӣ яке аз масъалаҳои муҳимми таъмини самаранокии баланди фаъолияти навҷорисозӣ ташкили оқилонаи низоми тиҷоратикунонии натиҷаҳои он ба ҳисоб меравад, ки ин раванд дар чорчӯбаи муайяни институтсионалӣ ва ё ниҳодӣ амалӣ мешавад. Мафҳуми муҳити ниҳодӣ аз дер боз дар доираи мутфаккирони иқтисодӣ мавриди баҳс ва баррасӣ қарор дорад. Агарчи ин мафҳум дар асарҳои олимони мактаби институтсионалӣ аз қабили Д. Нортон, О.И. Уилмсон ва дигарон таърифи мукаммали худро ёфтааст, вале бо таваҷҷуҳ ба ҳолатҳои махсус таърифҳои мухталиф аз тарафи олимони муосир низ пешниҳод мешавад. О.И. Уилмсон дар ин замина таърифи зеринро пешниҳод намудааст “Қавоиди умумӣ, ки дар доираи он фаъолияти иқтисодӣ сурат мегирад. Меъёрҳои асосии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии истеҳсол, мубодила ва тақсимот” [12]. Чуноне ки мебинем дар таърифи мазкур ба категорияи “тақсимот ва мубодила” низ ишора мешавад. Яъне, муҳити ниҳодӣ тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти навовариро низ фаро мегирад.

Олими маъруфи рус А.Е. Шаститко низ таърифи ба ҳамин монандро пешниҳод кардааст. Ба ақидаи ӯ муҳити ниҳодӣ ин “Маҷмуи қоидаҳои асосии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, ки асоси истеҳсол, мубодила ва тақсимотро ташкил медиҳанд” [14]. Дар ин таъриф низ нақши муҳити ниҳодӣ дар пешбурди фаъолияти тиҷоратикунонӣ бараъло ҳис карда мешавад.

Солҳои охир дар назарияи институтсионалӣ ва бахусус равияи нави он - мактаби неоинститутсионалӣ, ҳолатҳои мухталифи бархурди ниҳодҳо ва авоқиби ношӣ аз он баррасӣ мешавад, ки яке аз муҳимтарини онҳо назарияи “домҳои ниҳодӣ” аст. “Домҳои ниҳодӣ” ба ҳолате гуфта мешавад, ки дар он инкишофи равандҳои муайян бо таваҷҷуҳ ба носозгории ниҳодҳои марбут ба сустӣ пеш меравад ва ё аслан ҳолати сукутро ба миён меорад [13,с.19]. Яъне, яке аз сабабҳое, ки ба инкишофи бомароми тиҷоратикунонии фаъолияти навоварӣ низ монеа ба вуҷуд меорад, ин ба миён омадани “доми ниҳодӣ” [1] дар таркиби муҳити ниҳодии фаъолияти инноватсионӣ мебошад. Вобаста ба ин, ташаккули муҳити ниҳодии мусоид бо таваҷҷуҳ ба бартараф намудани домҳои ниҳодӣ яке самтҳои муҳимми мукаммалгардонии механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Бо таваҷҷуҳ ба ин дар навбати аввал шакли муҳити ниҳодии механизми тиҷоратикунонии навовариҳоро тасвир менамоем (расми 1).

Чуноне, ки мебинем (расми 1) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳити мусоиди ниҳодии тиҷоратикунонии фаъолияти навоварона тақрибан шакл гирифтааст. Маҷмуи қонунҳои ба фаъолияти навҷорисозӣ ва мувофиқан ба тиҷорати он мусоидаткунанда коркард, қабул ва ба маърази иҷро қарор гирифтаанд. Инчунин, ниҳодҳои сохтории танзим ва идоракунии раванди мазкур таъсис шудаанд ва бевосита амал мекунанд. Аз тарафи дигар, чандин барнома ва стратегияҳои соҳавӣ дар ин замина қабул шудаанд ва дар ҷараёни иҷроиш қарор доранд. Вале бо вуҷуди он, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки самранокии чашмдошти ин раванд ҳануз таъмин нагардидааст. Аз ин рӯ метавон фарзияеро пешниҳод намуд, ки дар муҳити ниҳодии тиҷоратикунонии фаъолияти навоварона ба истилоҳ “домҳои ниҳодӣ” шакл гирифтаанд, ки монеи таъмини самаранокии баланди ин фаъолият мегарданд. Ҳоло ҷиҳати ошкор намудани чунин “домҳо” фазои умумии фаъолияти навоваронаро дар ҷумҳурӣ таҳлил ва баррасӣ менамоем.

Низоми ниҳодии иқтисодии давлат ҳавасмандгардонии фаъолият оид ба тиҷоратикуниниро аз тариқи абзорҳои зерин метавонад амалӣ кунад:

- маблағгузории (буҷетӣ ва тиҷоратӣ), молиявию қарзӣ, андозу андозбандӣ ва ғайраҳо;

**Расми 1. Муҳити ниҳодии инкишофи тиҷоратикунонии навовариҳо**
**Figure 1. Institutional environment for the development of commercialization of innovations**




- таъсиси имтиёзҳои давлатии тиҷоратӣ оид ба фаъолияти навоварӣ, тиҷоратикунонии навоварӣ дар корхонаҳо;

- дастгирии методӣ, кадрӣ, моддӣ ва техникии тиҷоратикунонии фаъолияти навоварона ва ғ.

Бинобар хусусияти венчурӣ доштани фаъолияти навҷорисозию инвеститсионӣ, низоми ниҳодӣ бояд аз сарчашмаҳои гуногун ва шаклҳои дастгирии давлатӣ дар асоси тафриқабандӣ бо дарназардошти баҳисобгирии сармоягузории навоварӣ, ки натиҷаи сиёсати пешгирифтаи давлат барои ҳар як ташкилоти навоварӣ мебошад, истифода намояд. Таҳлили санадҳои меъёрӣ дар ин замина камбудиҳои назаррасро ошкор намекунад. Яъне, Тоҷикистон бо пайравӣ аз кишварҳои пешрафтаи саноатӣ дар низоми қонунгузории худ ба халои фазоӣ (вакуум) ҷой нагузоштааст. Дар баъзе самтҳо бошанд, қонунҳоеро коркард ва қабул намудааст, ки шояд дар баъзе кишварҳои пешрафта ҳам ҳоло амалан қабул нашудаанд.

Аз тарафи дигар, айни ҳол сиёсати давлат дар самти инкишофи навоварӣ аз тариқи ғайримустақим бо таваҷҷуҳ ба эҷоди ҷойҳои нави корӣ дар бахши саноат равона карда

шудааст. Танҳо дар давоми соли 2021 ҳудуди 300 коргоҳу корхонаҳои нави саноатӣ бо беш аз 6500 ҷойи корӣ бунёд карда шудаанд. Дар соҳаи кишоварзӣ ва деҳоти кишвар 4 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи зиёда аз 550 миллион сомони анҷом пазируфта, ҳамзамон 3 лоиҳаи дигари сармоягузорӣ ба маблағи наздики 510 миллион сомони амалӣ гардида истодаанд. Татбиқи аксари лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар соҳаҳои энергетика, нақлиёту роҳсозӣ, кишоварзию обтаъминкунӣ ва маорифу тандурустӣ ба деҳоти мамлакат рост меояд ва ҳаҷми ин маблағҳо то ба имрӯз анқариби 10 млрд. долларро ташкил медиҳад, ки 82,0% онро маблағҳои буҷети давлатӣ ташкил медиҳанд [8]. Албатта, зиёд шудани теъдоди ҷойҳои корӣ ва эҷоди рақобат ба таври муассир метавонад ба фаъолияти нававарона такони ҷидди диҳад.

Баррасии муҳимтарин лоиҳаҳои инноватсионие, ки барои татбиқ дар истеҳсолот дар давраи то соли 2030 ба нақша гирифта шудаанд (ҷадвали 1) низ нишон медиҳад, ки Ҳукумати ҷумҳурӣ дар ин самт чораҳои муассиреро андешидааст.

**Ҷадвали 1. Муҳимтарин лоиҳаҳои инноватсионие, ки барои татбиқ дар истеҳсолот дар давраи то соли 2030 ба нақша гирифта шудаанд**

**Table 1. The most important innovative projects planned for implementation in production in the period up to 2030**

| Лоиҳа | Муҳлат | Натиҷаҳои чашмдошт |
|---|---|---|
| **Гидроэнергетика, энергетикаи таҷдидшаванда, захираҳои табиӣ** | | |
| Татбиқи обкаш (насос)-ҳои инноватсионӣ дар асоси батареяҳои офтобӣ | 2021-2023 | Истифодаи технологияи мазкур ба гурӯҳи калони истифодабарандагони об дар маҳалҳое, ки аз захираҳои обӣ ва хатти барқ дур ҷойгиранд ва сохти релефи заминҳои корамашон мураккаб аст, имконияти васеъ медиҳад. |
| **Комплекси саноатӣ ва ашёи хоми маъданӣ** | | |
| Татбиқи хулаҳои нави ба коррозия устувори алюминий | 2021-2030 | Хулаҳои нави кашфшуда барои рехтагарии қисмҳои гуногуни техника истифодашуда, муҳлати хизмати онҳо дароз карда мешавад. |
| Ташкили базаи маълумот оид ба конҳои канданиҳои фоиданок | 2021-2025 | Ба баланд бардоштани самаранокии корҳои ҷустуҷӯию иктишофӣ имконият медиҳад. |
| Татбиқи усулҳои геофизикӣ барои кашфи конҳои нафту газ дар Тоҷикистон | 2021-2025 | Сатҳи истихроҷи нафту газро дар Тоҷикистон баланд мебардорад. |
| Харитаи ёдгориҳои табиии геологӣ | 2021-2023 | Ҷалби бештари сайёҳон ва дӯстдорони табиат. |
| **Кишоварзӣ, амнияти озуқаворӣ, амнияти биологӣ** | | |
| Бонки захираҳои генетикии дарахтони мевадиҳандаи ёбоӣ | 2021-2030 | Систематикунонии дарахтони мевадиҳандаи ёбоӣ, нодир дар минтақаи ғарқшавӣ. |
| Обёрӣ бо истифодабарии усулҳои чакрагӣ | 2021-2024 | Сарфаи об дар ҳаҷми 50% таъмин карда мешавад. |
| Кадастраи давлатии рақамии олами набототу ҳайвоноти Тоҷикистон | 2021-2024 | Аҳамияти муҳимми илмӣ ва стратегӣ дорад. |
| Татбиқи усули маълумотҳои кайҳонӣ барои арзёбии ташаккулёбӣ ва истифодабарии захираҳои обӣ | 2021-2023 | Пешниҳоди натиҷаҳои моделкунонӣ, барномаҳои таъминоти компютерӣ, тавсияҳо барои ташаккулёбӣ ва истифодабарии об |
| Ташкил намудани кластерҳои истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ | 2022-2026 | Кластерҳои истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ таъсис дода мешаванд, ки онҳо корхонаҳои истеҳсол ва коркарди маҳсулот, сохторҳои таъминот бо маводи лозимӣ, баровардани маҳсулот ба бозори истеъмолиро муттаҳид месозанд. |
| **Тандурустӣ, дорусозӣ, кори табобатӣ, гигиена ва эмпидемиология** | | |
| Татбиқи технологияи истеҳсоли маводи биологӣ | 2022- | Истеҳсоли маводи биологӣ ва химиятерапевтӣ аз хайлҳои маҳаллӣ ва ашёи хоми ватанӣ ба роҳ |

| | | |
|---|---|---|
| ва химия-терапевтии ветеринарӣ аз штампҳои маҳаллӣ ва ашёи хоми ватанӣ | 2030 | мондашуда, ба хоҷагиҳои чорводории ҷумҳурӣ маводи воридотивазкунанда пешниҳод мегардад. |
| Таъсиси озмоишгоҳи муайянкунии маводҳои химиявӣ, биологӣ, радиоактивӣ ва ядроӣ | 2021-2030 | Ба баланд бардоштани сатҳи криминалистикаи маводҳои химиявӣ, биологӣ, радиоактивӣ ва ядроӣ имконият медиҳад. |
| Татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар пешгирӣ ва табобати оризаҳои ҳомиладорӣ | 2022-2030 | Татбиқи технологияҳои мазкур ба ҳалли масъалаҳои паст намудани нишондодҳои талафоти репродуктивӣ; паст намудани нишондодҳои касалиҳо ва фавтӣ перинаталӣ мусоидат хоҳад кард |
| **Амнияти сейсмикӣ, тағйирёбии иқлим, ҳифзи муҳити зист ва экология** | | |
| Ҷустуҷӯи пешгӯиҳои заминҷунбӣ тавассути падидаҳои метеорологӣ ва ионосферӣ | 2021-2025 | Ба пешгӯйи кардани заминҷунбиҳо мусоидат менамояд. |
| Таҳия ва нашр кардани атласи пиряххо | 2021-2025 | Дар заминаи технологияи инноватсионӣ феҳристи пиряххо тартиб дода мешавад, ки дар он ҳолати пиряххо дақиқ муайян ва мушаххас карда мешавад. |
| Таҳияи сенарияҳои оқибатҳои заминҷунбии шадид | 2021-2025 | Ба паст кардани хавфи сейсмикӣ барои пойтахт ва шаҳрҳои калони Тоҷикистон мусоидат менамояд. |

**Сарчашма:** Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030.

Чуноне ки мебинем дар ҳар як самт, дар ҳар як бахши иқтисодиёт як ё якчанд лоиҳаи инноватсионӣ дар ҳоли татбиқ шудан мебошанд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки Ҳукумати Ҷумҳурӣ ба фаъолияти инноватсионӣ ва татбиқи натиҷаҳои он дар истеҳсолот аҳамияти хос медиҳад. Баъзе аз ин лоиҳаҳо (масалан, ҷустуҷӯи пешгӯиҳои заминҷунбӣ тавассути падидаҳои метеорологӣ ва ионосферӣ, ташкил намудани кластерҳои истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ) аҳамияти мубрам ва стратегӣ доранд. То андозае минбаъд бехатарии кишвар ва рақобатпазирии ширкатҳои ватанӣ аз иҷрои ин лоиҳаҳо вобастагии мустақим дорад. Аммо, нуктаи муҳиме, ки дар коркард ва татбиқи ин лоиҳаҳо қобили қайд аст, ин тиҷорати натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ мебошад.

Муҳити ниҳодии рушди иқтисодиётро имрузҳо асосан СМР-2030 ба сифати меҳвари асосӣ муаррифӣ мекунад. Ин ҳуҷҷати муҳим муқаддима ва асоси барномаҳову консепсияҳои рушд дар бахшҳои мухталифи иқтисодиётро муайян мекунад. Дар робита ба ин ҳама ниҳодҳои меъёриву ҳуқуқӣ имрӯзҳо барои дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои СМР-2030 замина фароҳам меоваранд. Чуночи, Ҳукумати мамлакат бахши хусусиро дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ҳамчун неруи пешбарандаи рушди босуботи иқтисодӣ, воситаи асосии таъмин кардани ҳадафҳои миллӣ ва дар ин замина муҳайё намудани шароит ҷиҳати зиндагии арзандаи мардум муайян кардааст [9]. Аммо, чуноне ки мебинем, сиёсати рушди иқтисодиёт дар кишвар характери экстенсивӣ ба худ касб карда истодааст. Ба андеши мо, омили аосии чунин ҳолат ҳамоно шаклгирии як доми ниҳодии мустаҳкам дар роҳи тиҷоратикунонии натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти навоварона боқӣ мемонад.

Чуноне, ки таҳлили иқтидори навоваронаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, барои инкишофи самараноки раванди тиҷоратикунонӣ дар шароити муосир ҷиҳати рушди босубот ва ҳифзи рақобатпазирии ташкилотҳо танҳо коркарди навоварӣ кифоя нест, балки онро дар бозор бояд ба фурӯш расонид. Гузариш ба заминаи навоварӣ ва саноатии рушд ҳамчун афзалиятҳои асосии сиёсати муосири иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Инкишофи бемайлони рақобат дар байни кишварҳои ҷаҳон, хоҳиши давлатҳо омодагӣ ба таҳаммули оқибатҳои бухронҳои ҷаҳонии молиявӣ, иқтисодӣ ва дигар талафоти назаррас талаб мекунад, то афзоиши некуаҳволии аҳолӣ таъмин карда шавад. Аммо, тибқи муқоисаи байналмилалӣ, ки дар "индекси фаъолияти навоварӣ" оварда шудааст, Тоҷикистон аз бисёр кишварҳое, ки дар онҳо рушди инноватсионии сармоягузорӣ ба пешрафти илмӣ-техникӣ самти афзалиятноки

рушди иқтисодӣ шудааст, ба таври назаррас қафо монда истодааст. Аксари кишварҳо низоми миллии инноватсионии худро (NIS) бо инфрасохтори мувофиқ барои рушди тиҷорати венчурӣ ва муносибати махсус ба рушди навоварӣ ва тиҷоратикунонии навоварӣ ташаккул доданд [7]. Мутаассифона, дар иқтисодиёти кишвари мо, рушди низоми миллии навоварӣ бинобар нокифоягии ташаккули инфрасохтори дахлдор, сифати пасти таҷҳизот ва технология боиси сатҳи пасти рушди инноватсионии иқтисодиёт арзёбӣ мегардад. Аммо, ҳамаи инҳо сабаб набуда, балки паёмад ё худ натиҷаи дигар омил аст, ки аз шаклгирии як доми ниҳодии мустаҳкам дар роҳи тиҷоратикунонии натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти навоварона дарк медиҳад.

Воқеан, дар марҳилаи кунунии рушди тамаддуни ҷаҳонӣ, олимон дуруст мегӯянд, ки «рушди иқтисодиёти ашёвӣ нақши худро гум кардааст ва дар оянда иқтидори инкишофи ҷомеаи постиндустриалӣ ҳамаҷониба аз миқёси паҳншавии иттилоот ва дониш вобастагӣ дорад» [11]. Паҳн гардидан ва истифодаи васеи технологияҳои нави прогрессивӣ кашфиёт ва таҳаввулоти нави илмиро дар истифодаи минбаъдаи иқтисодӣ ҳавасманд мекунанд. Зеро он, пеш аз ҳама, ба вазъи иҷтимоию иқтисодии хоҷагии халқ, сониян, ба иқтидори илмӣ-техникии захираҳои меҳнатӣ ва сеюм, ба имкониятҳои молиявии худи низоми давлатӣ, инчунин, ташкилотҳову омодагии онҳо ба истифодаи навовариҳо вобастагии қавӣ дорад. Пас як омили муҳимми ниҳодӣ, ки мумкин аст доми ниҳодиро ба миён орад, иттилооти маркетинг аст. Истифодаи ғайрисамараноки иттилоот дар ҷараёни пешбурди фаъолияти навҷорисозӣ ва мувофиқан тиҷорати он метавонад доми ниҳодӣ гардад.

Гуфтаҳои боло бошиддати аҳамияти омили маркетингиро дар низоми фаъолияти навҷорисозӣ таъкид месозад. Мушкилоти мавҷудаи муҳити ниҳодии пешбурди фаъолияти навҷорисозӣ ва мутобиқан тиҷорати он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аз маркетинги ғайрисамаранок сарчашма мегирад. Омили бозор, талаботи бозор, хоҳиш ва талаби дархосткунандагон қариб, ки ба назар гирифта намешавад. Тоҷикистон дар стратегияи рушди навоварӣ бештар ба таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва татбиқи он дар бахшҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ рӯй овардааст. Аммо, робитаи мустақими ин сиёсат ба вазъи бозор дар чорчӯбаи “фармоишгар/миёнарав/иҷрокунанда/ тоҷир хеле суст ба назар мерасад. Пас омили муҳим ва асосии эҷоди як доми ниҳодии муҳити ниҳодии навҷорисозӣ истифодаи ғайрисамаранок аз ниҳоде бо номи маркетинг аст.

Маркетинг имрӯзҳо яке аз омили муҳимтарини таъмини рақобатпазирӣ, таъмини самаранокии истеҳсолот, таъмини сатҳи баланди алоқамандии илм ва истеҳсолот, омили дар як нуқтаи мақбул ҷамъ овардани манифатҳои таъминкунандагон, истеҳсолкунандагон, миёнаравон ва истеъмолкунандагон шуда, баромад мекунад. Маркетинг воқеан ҳам таърихи дуру дароз дорад ва он шояд дар баробари ба миён омадани муносибатҳои молу мулкдорӣ ва истеҳсолӣ ба вуҷуд омада бошад. Аммо, шаклгирии он ба унвони як шохаи фаъолияти иқтисодӣ ва мувофиқан як самти тадқиқотбариҳои иқтисодӣ ба асри ХХ рост меояд. Ба андешаи мо, моҳияти фалсафии маркетинг дар он зоҳир мешавад, ки арза ва тақозоро дар бозори молу хизматрасониҳо дар як таносуби муайян қарор медиҳад, вақт, ҳаҷм, сифат ва суръати истеҳсоли молу хизматрасониҳоро муайян месозад, талаботҳои навро ба вуҷуд меорад ва, аз ҳама муҳим, заминаи фаъолияти навҷорисозиро фароҳам месозад.

Фаъолияти навҷорисозие, ки тадқиқотбарии маркетингиро ҳамчун меҳвари асосии низоми худ сарфи назар мекунад, наметавонад тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти худро ба таври самаранок таъмин намояд. Набудани маркетинг ва ё истифодаи ғайрисамараноки он, дар воқеъ, мувофиқ ба назарияии мактаби неоинститутсионализм як доми ниҳодӣ аст. Авоқиби бархурди ғайриоқилона бо ин доми ниҳодӣ хеле нохуш буда, фаъолияти навҷорисозиро дар маҷмуъ ба як бумбаст мекашад. Мутаассифона, мисоли равшани ин вазъиятро дар таҷрибаи беш аз 30 солаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ростои саъю кушишҳои барҳадаррафтаи ҷалби сармояҳои зиёд ҷиҳати таъмини рушди навоваронаи иқтисоди миллӣ, метавон ба осонӣ мушоҳида кард.

Бояд гуфт, ки чунини ҳолат дар бисёре аз кишварҳои пасошуравӣ хос аст. Вазъияти ба ҳамин монандро олими рус Н.В. Манохина дар мисоли Федератсияи Россия баррасӣ мекунад [6]. Минҷумла, муаллифон қайд менамоянд, ки набудани талаботи бевосита ба инноватсия як омили эҷоди доми ниҳодии рушди навоварӣ дар кишвар аст. Чунин ақидаи содалавҳона роиҷ аст, ки бозор мисли «асои сеҳрнок» ҳама чизро ба таври худкор, бе

шарту шароитҳои зарурие, ки дар мамлакатҳои мутараққӣ дар давоми қариб 300 сол дар ҷараёни таҳаввулоти иҷтимоию иқтисодӣ ба вуҷуд оварда шудаанд, ҳал хоҳад кард. Аммо ин тавр нест [6]. Ба ин монанд, олимони дигар низ масъалаи домҳои ниҳодиро дар фаъолияти илмӣ, навоварӣ, тиҷоратикунонӣ бо маркетинги ғайрисамаранок пайванд додаанд [5; 2].

Барои коҳиши таъсири манфии доми ниҳодӣ дар муҳити ниҳодии фаъолияти навҷорисозӣ, ҷиҳати таъмини самаранокии фаъолияти маркетингӣ бояд ба ниҳодина гардонидани тафаккури маркетингӣ дар сохторҳои илмию инноватсионӣ таваҷҷуҳи бештар сурат гирад.

Институтҳои илмӣ тадқиқотӣ, озмоишгоҳҳо, донишгоҳҳо, коллеҷу техникумҳо то ба имрӯз пурра дар асоси принсипҳои асосии иқтисодиёти бозорӣ амал намекунанд. Кафедраҳои тахассусӣ дар сохтори донишгоҳҳо ба унвони як ячейкаи аз ҳама хурдтарин нақшаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ доранд. Аммо, агар ҳамин нақшаҳои КИТ-ро таҳлил кунем, дар бисёре аз маворид моҳияти онҳо, тартиби қабулу иҷроиши онҳо аз муносибатҳои бозорӣ фосила дорад, дар асоси принсипҳои тиҷоратикунонии натиҷаҳои ба дастомада амал намекунанд. Чунин вазъ қисман ва ё пурра дар дигар марказҳои илмӣ ва тадқиқотӣ мушоҳида мешавад. Ҳатто паркҳои технологие, ки таъсис шудаанд, маркетинги самаранок ва мустақил надоранд, лоиҳаҳои илмиро дар асоси фармоишоти директивӣ амалӣ мекунанд, бидуни он, ки дар робита ба тиҷоратикунонии он нақшаву стратегияи пешакӣ таҳрезишудае дошта бошанд.

Ин ҳолат талафоти бузурги неруи инсониро ифода мекунад. Садҳо олимони ҷавон, муҳаққиқон ва унвонҷӯён неруи бузурги илмии худро барои навиштан ва ҳимоя кардани рисолаҳое сарф мекунанд, ки хуруҷии ҳадафашон дипломи номзадӣ ва ё докторӣ аст. Тиҷоратикунонидани натиҷаҳои тадқиқоташон аслан ҳадаф ва ё мақсаду мароми онҳо нест. Маҳз ҳамин ҳолат аст, ки раванди навҷорисозиро ба бумбаст кашидааст.

Чуноне ки медонем, дар ҷумҳурӣ дар доираи марказҳои илмӣ ва муассисаҳои таълимӣ теъдоди хеле зиёди кормандон ба корҳои илмӣ ва тадқиқотӣ машғул мебошанд. Аммо, натиҷаҳои фаъолияти онҳо хеле кам дар шакли маҳсулоти нав, патент, ҳуқуқи муаллифӣ ва ё дигар намуд ҳуҷҷати собиткунандаи ҳуқуқи муаллифӣ сабт мешавад ва ё ба фурӯш гузошта мешавад. Ин тамоюл солҳои зиёд идома дорад ва ҳеҷ кас ҳам дар фикриислоҳи он нест [13].

Зоҳиран барои ниҳодина кардани тафаккури маркетингӣ дар фаъолияти марказҳои илмӣ, озмоишгоҳҳо, муассисаҳои таълимӣ ва амсоли он омили аз ҳама муҳим таъмини истиқлолияти онҳо мебошад. Марокизи илмӣ бояд дар асоси принсипҳои бозорӣ фаъолият кунад, дар идоракунии фаъолияти молиявии худ мустақил бошад, самт ва равияи тадқиқоти худро дар асоси талаботи бозор ба роҳ монад. Дар ин ҳолат аст, ки онҳо аз тобеияти давлат озод мешаванд ва бо таваҷҷуҳ ба ниёзҳои худ ва бо назардошти омили талаботи бозор самти фаъолияти худро ба роҳ хоҳанд монд. Шакли умумии ниҳодина кардани тафаккури маркетингро дар фаъолияти марокизи илмӣ, муассисаҳои таълимӣ ва озмоишгоҳҳои ҷумҳурӣ ба таври зерин метавон тасвир кард (расми 2).

Дар расме, ки пешниҳод шуд, қисмати аз ҳама муҳим присипҳои фаъолияти маркетингӣ дар сохторҳои илмию инноватсионӣ ба шумор меравад. Ба андешаи мо, принсипҳое, ки пешниҳод шудаанд, ҳама муҳим мебошанд ва сарфи назар кардани онҳо ба осонӣ метавонад домҳои ниҳодии навро дар раванди фаъолияти навҷорисозӣ ба миён оварад. Ин нукта дар мақолаи Е.Г. Пипко низ тасдиқи худро ёфтааст [10].

Чуноне, ки дар боло қайд намудем, принсипи мустақилияти марокизи илмӣ дар интихоби самти фаъолияти навҷорисозӣ аз ҳама муҳим мебошад. Дар баробари ин, мустақилият бояд бо самаранокии фаъолият, самараи синергетикӣ, даромаднокии муассиса ва дигар нишондиҳандаҳои иқтисодӣ асоснок шуда бошад. Дар акси ҳол чунин марказҳои илмӣ мавҷудияти худро ҳифз карда наметавонанд.

Инчунин, дар қисмати марҳилабандии фаъолияти маркетингии сохторҳои илмӣ ва инноватсионӣ риояи принсипҳои маркетинги “4P” (маҳсулот, нарх, тарғиб, тақсимот) хеле муҳим ба назар мерасад. Дар тафаккури бисёре аз ходимони илмӣ ва кормандони сохторҳои илмию тадқиқотӣ принсипҳои бозории фаъолияти илмӣ ҳанӯз ниҳодина нашудаанд. Ҳанӯз ҳиссаи шахсоне, ки фаъолияти илмиро сирф фаъолияти ғайритиҷоратӣ меҳисобанд, хеле зиёд аст. Вобастагии дурударози чунин ашхос аз лоиҳаҳои бемузди

давлатӣ, донишгоҳӣ ва соҳавӣ тафаккури маркетингиро дар зеҳни онҳо кунд гардонидааст [4].

**Расми 2. Ҷараёни ниҳодина сохтани тафаккури маркетингӣ дар сохторҳои илмию инноватсионӣ**

**Figure 2. Institutional flow of marketing thinking in scientific and innovative structures**




Дар баробари ин, ба коркард ва иҷроиши оқилонаи сиёсати маркетингӣ низ бояд таваҷҷуҳ дошт. Сиёсати маркетингӣ бояд дар чорчӯбаи имкониятҳои мавҷуда, шароити дар бозорҳои ҳадаф ҷойдошта ва имкониятҳои молиявию қобилиятҳои пардохтпазирии фармоишдиҳандагон, амалӣ карда шаванд. Дар сурате, ки сиёсати маркетингии сохторҳои инноватсионӣ ва илмӣ бо вазъияти бозор мутаносиб ташкил карда шавад, албатта, он натиҷаҳои дилхоҳро ба бор хоҳад овард.

Бояд қайд кард, ки ниҳодина сохтани тафаккури маркетингӣ дар сохторҳои илмӣ ва инноватсионӣ ҳамкории онҳоро бо сохторҳо ва ширкатҳои давлатӣ истисно намекунад. Балки баръакс алоқамандии онҳо байни ҳамдигар дар асоси принсипҳои бозорӣ мустаҳкам ва самаранoктар хоҳад шуд. Сохторҳо ва ширкатҳои давлатӣ бояд ба унвони фармоишдиҳанда, таъминкунанда, харидор ҳамкории худро бо сохторҳои илмӣ-инноватсионӣ тақвият диҳанд. Илова бар ин, сохторҳои давлатӣ метавонанд хизматрасониҳои ҳуқуқӣ, машваратӣ, инфрасохторӣ ва институтсионалиро ба сохторҳои илмию инноватсионӣ дар асоси принсипҳои бозорӣ пешниҳод намоянд [4].

Қобили зикр аст, ки яке аз таъинотҳои (миссия) муҳимми маркетинг дар фаъолиятҳои илмию инноватсионӣ, ин дарёфти имкониятҳои ҳамкорӣ бо марказҳои илмӣ ва инноватсионии кишварҳои хориҷӣ ба шумор меравад. Маркетологҳо бояд чунин имкониятҳоро аз тариқи омӯзиши густардаи бозорҳои инноватсионии кишварҳои пешрафта пайдо намоянд. Замони мо замони ҷаҳонишавӣ аст ва ҳамгироии ширкатҳо, марказҳои илмӣ, донишгоҳҳо ва давлатҳо амри табиӣ ва бебозгашт аст. Аз ин рӯ, як омили муҳимми таъмини рақобатпазирӣ, воридгардидан ба равандҳои ҷаҳонишавӣ аз тариқи ҳамгироӣ ва ҳамбастагӣ ба шумор меравад.

Ҳамин тавр, ташаккули муҳити мусоиди институтсионалии тиҷоратикунонии навовариҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди мураккаб ва серпаҳлу буда, тадқиқи системавии омилҳои гуногуни ба он таъсиррасонро талаб мекунад. Муҳити ниҳодӣ худ падидаи мураккаб аст ва дарки қонуниятҳои инкишофи он ба тадқиқотҳои густарда ниёз дорад. Чуноне ки маълум, шаклгирии домҳои ниҳодӣ омили муҳимми ба бунбаст кашонидани равандҳои муайян дар ин ё он самти фаъолияти иқтисодиву иҷтимоӣ мегардад. Дар фаъолияти навҷорисозӣ ва тиҷоратикунонии натиҷаҳои он сарфи назар кардан аз омили маркетингӣ ба унвони як доми ниҳодии таъмини самаранокии ин раванд баромад мекунад. Ҷиҳати аз байн бурдани он ба масоили ниҳодина гардонидани тафаккури маркетингӣ дар сохторҳои илмӣ ва инноватсионӣ таваҷҷуҳи бештар бояд сурат бигирад.

**АДАБИЁТ**


1. Балацкий Е.В. "Институциональная ловушка": научный термин и красивая метафора / Е.В. Балацкий // Журнал институциональных исследований. – Растов- на-Дону, 2020. - Т. 12. -№3. -С. 24-41.
2. Вольчик В.В. Реформы, неявное знание и институциональные ловушки в сфере образования и науки / В.В. Вольчик, Е.В. Маслюкова // Terra Economicus. - Ростов-на-Дону, 2019. -Т.17. -№2. -С.146-162.
3. Комилов С.Д. К вопросу о необходимости развития государственно-частного партнерства в Республике Таджикистан / С.Д. Комилов, А.Х. Сафиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2018. -№5. -С.33-38.
4. Комилов С.Ҷ. Рушди неруи инноватсионӣ дар шароити саноатикунонӣ / С.Ҷ. Комилов // Тоҷикистон: иқтисод ва идора. -Душанбе, 2020. -№1. -С.29-34.
5. Кузьмин А.А. Институциональное поле научной деятельности в России как проявление институциональной ловушки / А.А. Кузьмин // Вестник Сибирского института бизнеса и информационных технологий. -Омск, 2018. -№1(25). -С.41-46.
6. Манохина Н.В. "Институциональные ловушки" и институциональный вакуум в российской инновационной среде / Н.В. Манохина // Вестник Саратовского государственного социально-экономического университета. - Саратов, 2011. -№5(39). -С.44-48.
7. Научно-технический потенциал Республики Таджикистан в 2017 году: Аналитический сборник / Под общей ред. Джумъахонзода Дж.Дж. – Душанбе: ГУНПИ Центр, 2018. - 93 с.
8. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ, 23 январи соли 2015. - Душанбе, 2015. [Манбаи электронӣ]. URL: http//www.prezident.tj (санаи муроҷиат 20.02.2021).
9. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ, 26 январи соли 2021. -Душанбе, 2021. [Манбаи электронӣ]. URL: http//www.prezident.tj (санаи муроҷиат 20.02.2021).
10. Пипко Е.Г. Развитие и управление инновациями и стратегическим маркетингом / Е.Г. Пипко // Вестник СамГУПС. -Самара, 2018. -№4(42). -С.104-108.
11. Султанов З.С., Насиров Н.Н., Асророва З.И. Предпринимательство (малое): состояние, проблемы и перспективы развития в Республике Таджикистан. [Электронный ресурс]. URL: http:aot.tj (дата обращения: 27.11.2019).
12. Уильямсон О.И. Экономические институты капитализма: Фирмы, рынки, «отношенческая контрактация [Текст] / О.И. Уильямсон; научное редактирование и вступительная статья В.С. Катькало; пер. с англ. Ю.Е. Благова, В.С. Катькало, Д.С.Славнова, Ю.В. Федотова, Н.Н. Цытович. – СП.б.: Лениздат; 1996. – 702 с.
13. Ходиев Д.А. Мавонеи ниҳодии рушди сармояи инсонӣ дар шароити густариши иқтисоди рақамӣ / Д.А. Ходиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2022. -№1. -С.17-27.
14. Шаститко А.Е. Новая институциональная экономическая теория: учеб. пособие / А.Е. Шаститко. -М.: ТЕИС, 2002.


## ТАШАККУЛИ МУҲИТИ МУСОИДИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ТИҶОРАТИКУНОНИИ НАВОВАРИҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақола масоили марбут ба шаклгирии муҳити ниҳодии фаъолияти навоварона ва тиҷоратикунонии натиҷаҳои он баҳс шудааст. Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи истифодаи механизмҳо ва усулҳои муайян татбиқ гардонида мешавад. Тадқиқи

таркиб ва тафсири стратегияи тиҷоратикунонии навоварӣ дар корхонаҳо барои муайян намудани стратегияи рушди тиҷоратикунонӣ дар сатҳи давлат ва минтақа хело муҳим мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳити ниҳодии рушди фаъолияти навҷорисозӣ дар ҳолати шаклгирӣ аст. Гуфта мешавад, ки таъсири самараноки механизми бозории дастгирӣ ва танзими давлатии тиҷоратикунонии навоварӣ пурра дар асоси фаъолияти соҳибкорӣ ва принсипҳои бозорӣ ба роҳ монда мешавад. Азбаски дар сохторҳои илмию тадқиқотӣ ва навоварӣ ҳанӯз стратегияи маркетингӣ пурра ташаккул наёфтааст, гуфтан мумкин аст, ки дар сатҳи идоракунии ин ниҳодҳо тафаккури маркетингӣ чун монеаи асосии таъмини самаранокии равандҳои тиҷоратикунонии натоиҷи фаъолияти навҷорисозӣ баромад мекунад. Муаллифон барои коҳиши таъсири манфии омилҳое, ки ба рушди тиҷортикунонии натиҷаҳои фаъолияти навоварӣ монеа эҷод мекунанд, як қатор пешниҳодҳо намудаанд. Дар ин замина, пеш аз ҳама, ташаккули муҳити мусоиди институтсионалии тиҷоратикунонии навовариҳо муҳим ба назар мерасад, ки дар мақолаи зерин оид ба он баҳс шудааст.

**Калидвожаҳо:** навоварӣ, тиҷоратикунонии навовариҳо, муҳити ниҳодӣ, домҳои ниҳодӣ, маркетинг, тафаккури маркетингӣ.

## ФОРМИРОВАНИЕ ИНСТИТУЦИОНАЛЬНОЙ СРЕДЫ РАЗВИТИЯ КОММЕРЦИАЛИЗАЦИИ ИННОВАЦИИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматриваются вопросы, связанные с формированием институциональной среды развития инновационной деятельности и коммерциализации ее результатов. Государственное регулирование и поддержка инновационной деятельности в Республике Таджикистан осуществляется в соответствии с использованием определенных механизмов и методов. Разработка и реализация стратегии коммерциализации инноваций на предприятиях очень важны. Анализ показывает, что в Республике Таджикистан институциональная среда развития инновационной деятельности находится на стадии формирования. Следует отметить, что эффективное действие рыночного механизма поддержки и государственного регулирования коммерциализации инноваций будет основываться исключительно на рыночных принципах. Поскольку маркетинговая стратегия еще не до конца разработана в научно-исследовательских и инновационных структурах, можно сказать, что на уровне управления этих учреждений недостаточное развитие маркетингового мышления является основным препятствием для обеспечения эффективности процессов коммерциализации результатов инновационной деятельности. Авторы вносят ряд предложений по снижению негативного влияния факторов, препятствующих развитию коммерциализации результатов инновационной деятельности. В этом контексте, прежде всего, важно создать благоприятную институциональную среду для коммерциализации инноваций.

**Ключевые слова:** инновации, коммерциализация инноваций, институциональная среда, институциональные ловушки, маркетинг, маркетинговое мышление.

## FORMING THE INSTITUTIONAL ENVIRONMENT DEVELOPMENT OF COMMERCIALIZATION OF INNOVATIONS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article analyzes the issues related to the formation of the institutional framework for the development of innovative activity and commercialization of its results. State regulation and support of innovation activities in the Republic of Tajikistan is carried out in accordance with the use of specific tools and methods. The development and implementation of the strategy of commercialization of innovations in companies is very important. The analysis shows that in the Republic of Tajikistan the institutional framework for the development of innovative activity is in its formation stage. It should be emphasized that the effective action of the market mechanism of support and state regulation of commercialization of innovation will be based solely on market principles. As the marketing strategy is not yet fully developed in research and innovation institutions, we can say that at the management level of these institutions insufficient development of marketing thinking is the main obstacle to ensure the effectiveness of the processes of commercialization of the results of innovation activities. The authors make a number of recommendations to reduce the negative impact of factors preventing the development of commercialization of the results of innovation activities. In this context, it is primarily important to create a favorable institutional environment for commercialization of innovations.

**Keywords**: innovation, commercialization of innovation, institutional framework, institutional barriers, marketing, marketing thinking.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович*** - Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳон, академики Академияи байналмилалии илмҳои мактаби олӣ. **Суроға**: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзада 30. Телефон: **917 50 54 01.** E-mail: **sirodj.tj@mail.ru**

**Ҳодиев Дадахон Абдуллоевич** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 935-01-70-51**. E-mail: **mfahim@mail.ru**

***Маҳмадалиев Насриддин Каримович*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, докторанти Ph.D, кафедраи иқтисоди корхона ва соҳибкорӣ. **Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16. Телефон: **(+992) 918-94-20-97.** E-mail: **nasriddin0101@gmail.com**

**Сведение об авторах:** ***Комилов Сироджиддин Джалалиддинович*** - Российско-Таджикский (славянский) университет, доктор экономических наук, профессор кафедры экономической теории и мировой экономики, академик Международной академии наук высшей школы. **Адрес**: 734000, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Мирзо Турсунзаде, 30. Телефон: **917 50 54 01.** E-mail: **sirodj.tj@mail.ru**

***Ходиев Дадахон Абдуллоевич*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 935017051**. E-mail: **mfahim@mail.ru**
***Махмадалиев Насриддин Каримович*** – Кулябский государственный университет им. Абуабдуллаха Рудаки, докторант Ph.D кафедры экономики предприятия и предпринимательства. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова, 16. Телефон: **(+992) 918-94-20-97.** E-mail: **nasriddin0101@gmail.com**

**Information about the authors:** ***Komilov Sirojiddin Dzhalaliddinovich*** - Russian-Tajik (Slavonic) University, Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic Theory and World Economy, Academician of the International Academy of Sciences of Higher Education. **Address**: 734000, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mirzo Tursunzade street, 30. Phone: **917 50 54 01.** E-mail: **sirodj.tj@mail.ru**
***Khodiyev Dadakhon Abdulloevich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **935017051.** E-mail: **mfahim@mail.ru**
***Mahmadaliyev Nasriddin Karimovich*** - Kulyab State University named after Abuabdulakha Rudaki, Ph.D., Department of Enterprise Economics and Entrepreneurship. **Address**: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov street 16. Phone: **(+992) 918-94-20-97.** E-mail**: nasriddin0101@gmail.com**

УДК 336.1: 339

# ТАҲЛИЛИ ТАҶРИБАИ КИШВАРҲОИ ХОРИҶӢ ОИД БА ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ БАХШИ БОНКӢ

*Қурбонов А.К., Одинаев С.П., Худоиева Ф.О.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз масоили калидӣ ва марказӣ дар низоми иқтисоди бозорӣ, ин муайян намудани нақши давлат дар идоракунии равандҳои иқтисодӣ дониста мешавад. Танзими бахши бонкӣ аз ҷониби давлат яке аз пурбаҳстарин масоил миёни иқтисодчиён дар солҳои охир ба ҳисоб рафта, то ҳол ҳалли дақиқи худро наёфтааст. Ҳанӯз аз миёнаҳои асри XIX баҳсҳои гуногун миёни намояндагони бахши пулию қарзӣ ва бонкдорон вобаста ба эмиссияи пул, моҳияти амонатҳои бонкӣ, инчунин, механизмҳои пешниҳоди қарз, сар зада буданд. Низоми идоракунии давлатии иқтисодиёт дар кишварҳои мутараққӣ бо шаклҳои муассир ва таъсирбахш роҳандозӣ гардид. Махсусан, таъсири давлат ба иқтисодиёт баъд аз солҳои 30-юми асри XX, дар Америко шиддат ёфт ва ба раванди дигар гузашт. Яке аз самтҳои муҳим ва ислоҳоте, ки дар ИМА Ф. Рузвелт гузаронид ва сабаби ба эътидол овардани вазъ ва аз байн бурдани “Депрессияи бузург” гардид, ин зиёд гардонидани таъсири давлат ба танзими ҳамаҷонибаи фаъолияти молиявӣ – қарзӣ дониста мешуд (масалан, қабули қонуни Гласса – Стигал) [4,с.134]. Чунин амалкард, дар замони худ таъсири бесобиқаеро ҷиҳати беҳбуди низоми иқтисодии ИМА расонид. Зарурати низоми устувори иҷтимоӣ – иқтисодии давлат на ин, ки шакл ва усулҳои сиёсати иқтисодии давлатро такмил бахшид, балки ба рушди бемайлони такрористеҳсолот, инкишофи иҷтимоӣ ва рушди макроиқтисодии кишварҳо замина гузошт.

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар кишварҳои ақибмонда ва дорои рақобатпазирии сусти иқтисодӣ, дилхоҳ лоиҳаи сармоягузорӣ дастгирии давлатӣ ва имтиёзҳои давлатиро талаб менамояд [2,с.2]. Дар ҳолати мавҷуд набудани дастгирии давлатӣ сармоягузорон боварии камтар доранд ва аз сармоягузорӣ худдорӣ менамоянд. Аз ин рӯ, ҷиҳати ҷалби бештари сармояи хориҷӣ зарур аст, ки механизмҳои иқтисодӣ аз ҷумла: фаъолияти густурдаи биржаҳои фондӣ, ташкили фазои мусоиди сармоягузорӣ, фаъолсозии бонкҳо дар бозори коғазҳои қиматнок, муътадилсозии муҳити сармоягузорӣ, имтиёзҳои андозӣ – молиявӣ ва ғайра аз ҷониби давлат ба роҳ монда шаванд.

Барои такмилёбии танзими давалатии бахши бонкӣ, бояд аз механизмҳои гуногун ва таҷрибаи кишварҳое, ки бо мамлакати мо иқтисодиёти ҳамранг доранд истифода карда шавад [6,с.5]. Дар ҳамин замина, якчанд кишварҳое, ки нисбатан низоми бонкии инкишофёфта доранд, мавриди пажуҳиш қарор дода шуданд.

Вобаста ба гуфтаҳои боло, метавон зикр намуд, ки яке аз кишварҳое, ки аз таҷрибаи танзими давлатии бахши бонкии он истифода намудан мумкин аст, ин Федератсияи Русия ба ҳисоб меравад. Низоми бонкии Федератсияи Русия дар минтақа яке аз низомҳои бонкие дониста мешавад, ки вазъи молиявии устувор ва фаъолияти густурда дорад. Нақши давлат дар танзими бахши бонкии ин кишвар назаррас аст ва раванди фаъолияти бонкҳоро ба таври зарурӣ таъмин менамояд.

Органҳои давалатии танзимкунандаи бахши бонкӣ дар Федератсияи Русия аз рӯи фаъолияти самараноки он уҳдадор буда, таъмини устувории молиявии низоми бонкӣ дар зери назорати ҷиддӣ мебошад. Танзими бахши бонкӣ нисбат ба дигар сохторҳои иқтисоди миллӣ бояд дар зери назорати қатъӣ ва саривақтӣ қарор гирад. Сабаби танзими қатъии низоми бонкӣ гувоҳи он аст, ки ин бахш дар таъмини иқтисодиёт бо захираҳои пулӣ ва сармоягузориҳои гуногун нақши боризро дорост. Танзими давлатии бахши бонкӣ дар Федератсияи Русия сиёсати махсуси молиявӣ буда, ба самтҳои ҳаётан муҳим равона гаштааст. Дар ин самт бештар давлат ба дастгирӣ ва ҳимояи муштариён таваҷҷуҳ зоҳир намудааст (расми 1).

Аз расми 1 дидан мумкин аст, ки дар сиёсати молиявии танзими бахши бонкӣ дар Федератсияи Русия, ин дастгирӣ ва ҳимояи муштариён ба ҳисоб меравад. Воқеан, шароити муосири иқтисодӣ нишон медиҳад, ки эътимоднокии низоми бонкӣ ва нигоҳдории он аз дараҷаи боварии аҳолӣ ба он вобастагии беандоза дорад. Аз ин рӯ, яке аз нишондиҳандаҳои асосие, ки дар маркази сиёсати молиявии Федератсияи Русия ҷойгир

аст, ин ба даст овардани боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ дониста мешавад [3,с.142]. Чунин таҷриба бояд дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба таври васеъ истифода карда шавад.

**Расми 1. Самтҳои асосии сиёсати давлатии танзими бахши бонкӣ дар Федератсияи Русия**
**Figure 1. Main directions of state policy on regulation of the banking sector in the Russian Federation**




Таҳияи муаллиф

Тибқи Қонуни Федеролӣ "Дар бораи Бонки марказии Федератсияи Русия" №86-ҚФ аз 10.07.2002 [9] яке аз ҳадафҳои муҳимтарини фаъолияти ин ниҳод рушди босуботи низоми бонкӣ муайян гардидааст. Вобаста ба қонуни мазкур Бонки Русия дар ҳудуди Федератсияи Русия ягона институте мебошад, ки барномаҳо ва нақшаҳои танзими давлатии бахши бонкиро пиёда месозад ва инкишофи босамари ин низомро таъмин месозад. Аз 18 вазифае, ки ба дӯши Бонки марказии Русия вогузор гардидааст, 11 тояш ба самти танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ бо истифода аз механизмҳо ва роҳу усулҳои гуногун равона гардидааст [9,с.4].

Дар ин самт, бевосита механизмҳои батанзимдарорандаи Бонки марказии Русия аҳамияти бузург доранд. Махсусан муайянсозии меъёрҳои пруденсиалӣ ва танзими риояи онҳо, ки аз ҷониби Бонки марказии Русия ба фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ таъсири амиқ мерасонанд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Усулҳои асосии танзими фаъолияти молиявии бонкҳои тиҷоратӣ аз ҷониби Бонки марказии Русия**
**Table 1. The main methods of regulating the financial activities of commercial banks by the Central Bank of Russia.**

| *Номгӯи усулҳо* | *ШАРҲ* |
|---|---|
| Санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ, ки фаъолияти молиявии бонкро ба танзим медарорад | Дар ин самт Бонки марказӣ санадҳои меъёриву ҳуқуқиро омода месозад ва фаъолияти ташкилотҳои қарзиро тибқи он ба роҳ мемонад. Пеш аз ҳама, фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ тибқи Қонуни Федералии Русия "Дар бораи Бонки марказии Федератсияи Русия", Қонуни Федералии Русия "Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкҳо", дастурамалҳо, низомномаҳо, тавсияҳо ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ роҳандозӣ карда мешавад. |
| Таҳияи усулҳои баҳодиҳии вазъи молиявии бонк ва тавсияҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти он | Инҷо Бонки марказӣ бештар кӯшиш менамояд, ки ба нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ ва баҳодиҳии онҳо таваҷҷуҳ намояд. Барои баҳодиҳии самаранок Бонки марказӣ аз усулҳои муосир ба монанди: усули баҳодиҳии амудӣ, усули баҳодиҳии уфуқӣ, таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳо, таҳлили динамикӣ ва ғайраҳо истифода менамояд. Дар ин асос, ба вазъи молиявии бонкҳо баҳогузорӣ карда мешавад ва хулосаи дақиқ оид ба фаъолияти молиявии он баровarda мешавад. |
| Истифодаи механизмҳои сиёсати пулию қарзӣ барои таъсир расонидан ба амалиётҳои молиявии бонкҳо | Механизмҳои асосии татбиқи сиёсати пулию қарзие, ки дар бахши бонкии Федератсияи Русия истифода мешаванд ва дар роҳандозии сиёсати молиявии давлат аҳамияти беандоза доранд, инҳо ба ҳисоб мераванд: захираҳои ҳатмӣ, меъёрҳои фоизӣ, меъёри бозтамвил ва ғайра. |

| | |
|---|---|
| Гузаронидани машваратҳо, семинарҳо, мизҳои мудаввар барои менеҷерони молиявии тамоми сатҳҳои идоракунии бонк | Ҷиҳати таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ва фаъолияти самараноки ташкилотҳои қарзӣ, Бонки марказӣ вазифадор аст, ки роҳу усулҳои гуногунро истифода барад. Аз ин рӯ, барои баландбардории савияи дониш ва малакаи идоракунии менеҷерони бонк маҳфилҳои илмӣ, курсҳои гуногун, мизҳои мудаввар, семинарҳои илмӣ ва конфронсҳоро дар сатҳҳои гуногун баргузор менамояд. Гузашта аз ин, ҳамасола ташкилотҳои қарзӣ аз аудити Бонки марказӣ гузаронида мешаванд, ки шаффофият ва самаранокии фаъолияти онҳоро метавонад таъмин созад. |
| Амалӣ намудани назорати бонкӣ ва назорати фаъолияти молиявии бонкҳо | Фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ бонкӣ тибқи қонунгузории Федератсияи Русия ба роҳ монда шуда, тартиби танзимкунии он дар ин санадҳои ҳуқуқӣ инъикос меёбад ва риояи ҳатмии онҳо назорат бурда мешавад. Дар амал татбиқ намудани назорати бонкӣ метавонад ба даромаднокӣ, пардохтпазирӣ, бозоргирӣ ва эътимоднокии бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои молиявӣ – қарзӣ таъсири амиқи худро гузорад. |

Таҳияи муаллиф

Тибқи ҷадвали 1, Бонки марказии Русия бо истифода аз механизмҳои мазкур фаъолият намуда, вобаста ба он фаъолияти низоми бонкии ин кишварро танзим менамояд. Албатта, фаъолияти самараноки ташкилотҳои қарзӣ аз тартибу услуби назорати онҳо вобастагии зиёд дошта, метавонад дар густариши фаъолияти онҳо нақши хосса дошта бошад.

Дар ин раванд таҷрибаи бонкдории Ҷумҳурии Қазоқистон низ, метавонад яке аз нишондиҳандаҳои калидӣ дар раванди фаъолияти низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад.

Низоми бонкии Қазоқистон дар минтақаи Осиёи Марказӣ зарфи солҳои охир нишондиҳандаҳои молиявии назаррасро соҳиб гардида, тавонистааст, ки самаранокии фаъолияти худро нигоҳ дорад. Масалан, вазъи муосири низоми бонкӣ дар Қазоқистон хуб арзёбӣ гардида, дар низоми бонкии ин кишвар 25 бонки тиҷоратӣ бо сармояи умумии 74 млрд. доллари Амрикоӣ фаъолият мекунад (ба санаи 01.02.2021) [10].

Дар Қазоқистон низ ҳамчун Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми бонкии дузинагӣ фаъолият менамояд ва бонкҳо дар низоми бонкии ин кишвар ба: бонкҳои давлатӣ, бонкҳои байнидавлатӣ, бонкҳои саҳҳомӣ ва бонкҳои хориҷӣ гурӯҳбандӣ мегарданд [1,с.86]. Бонкҳои давлатӣ ба монанди “Эксимбонк” ва “Бонки халқӣ” дар пешбурди барномаҳои молиявии давлат саҳми босазо дошта, бештар ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт қарзҳои имтиёзнок ва дарозмуддат пешниҳод менамоянд (зиёда аз 58% дороиҳои низоми бонкӣ ба ин ду бонки давлатӣ рост меоянд).

Тайи солҳои охир (2008, 2012, 2014) буҳронҳои молиявии ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ҳукумати ин кишварро маҷбур кард, ки роҳҳо ва усулҳои муассири танзими бахши бонкиро таҳия ва коркард намояд. Зеро таҷриба нишон медиҳад, ки механизми муассири танзими бахши бонкӣ дар шароити буҳронӣ на танҳо низоми бонкӣ, балки кулли иқтисодиётро метавонад аз вартаи буҳрон берун кашад ва рушди устуворонаи онро таъмин созад.

Мусаллам аст, ки дар шароити муосири иқтисодӣ ва рушду такомули муносибатҳои иқтисодӣ – иҷтимоӣ яке аз масоили муҳим дар бахши бонкии ҳар як кишвари алоҳида, ин танзим ва баҳодиҳии самараноки хавфҳои бонкӣ дониста мешаванд. Дар Ҷумҳурии Қазоқистон низ масъалаи мазкур дар мадди барномаҳои гуногуни танзимкунандаи бахши бонкӣ буда, тибқи нишондодҳои Кумитаи байналхалқии Базелӣ роҳандозӣ карда мешаванд. Хавфҳо тибқи нишондодҳои ин Кумита баркашида мешаванд ва Бонки миллии Ҷумҳурии Қазоқистон ҳамчун органи давлатӣ ин равандро назорат мебарад.

Новобаста аз ин, Ҳукумати Қазоқистон дар пешрафти дигар самтҳои фаъолияти бахши бонкӣ иштироки фаъолона дорад ва ҷиҳати самаранокӣ ва таъсири бештари ин бахш дар иқтисодиёти кишвар чораандешӣ менамояд. Бо истифода аз механизмҳои сиёсати пулию қарзӣ устувории молиявии бонкҳоро давлат дар назорати худ дорад ва ҳамеша вазъи молиявии онҳо дар зери таваҷҷуҳ аст. Гузашта аз ин, сатҳи монетизатсия ва

ҳаҷми пул дар муомилот танзим карда мешавад ва раванди инкишофёбии динамикӣ дар иқтисодиёт таъмин мегардад.

Танзими ҳадафмандонаи бахши бонкӣ аз ҷониби давлат дар Ҷумҳурии Қазоқистон бештар ба воситаҳои зерин роҳандозӣ карда мешавад:

- ташкил ва қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ вобаста ба фаъолияти бонкҳо;
- коркарди консепсияи рушди низоми бонкӣ ва барномаҳои татбиқи он;
- таҳияи шароити зарурӣ барои рушди хизматрасониҳои бонкӣ ва ташкили инфрасохтор ҷиҳати роҳандозии тиҷорати бонкӣ;
- коркарди низоми муассири суғуртаи пасандозҳо;
- моделикунонии низоми давлатии кафолати фаъолияти бонкҳо;
- танзими фаъолияти бонкҳои хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Қазоқистон.

Бояд зикр намуд, ки ҷанбаҳои дар боло зикршуда самтҳои асосии танзими давлатии бахши бонкӣ дар Қазоқистон буда, нишондиҳандаи нақш ва аҳамияти давлат дар фаъолияти бонкҳо дониста мешавад.

Маълум аст, ки дар таҷриба аксари кишварҳои ҷаҳон аз ду модели бонкдорӣ бештар истифода менамоянд. Яке модели бонкдории англисӣ – амрикоӣ, ки кишваҳои Англия, ИМА ва дигар мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ аз он истифода менамоянд ва дуюми модели континенталӣ мебошад, ки кишварҳое ба монанди Германия, Ҷопон ва қисмати зиёди мамлакатҳои Аврупоӣ онро дар амал татбиқ менамоянд. Модели бонкдории англисӣ – амрикоӣ ба молиякунонӣ тариқи эмиссияи саҳмияҳо бештар таваҷҷуҳ дорад ва инҷо масъалаи асосӣ ин ҷудо намудани бонкҳо ба бонкҳои депозитӣ ва инвеститсионӣ дониста мешавад (eguity financing). Инчунин, дар модели мазкур бонкҳо наметавонанд саҳмияҳои дигар корхонаҳоро харидорӣ намоянд.

Дар бонкҳои мазкур модели низоми якзинагии идоракунӣ мавҷуд аст, ки фаъолияти бонкҳоро пеш мебарад.

Ҳамин тавр, бо мақсади ислоҳоти танзими давлатии бозори молиявӣ-бонкӣ ва таъсири бештари давлат дар ин раванд Ҳукумати Қазоқистон низоми босамари назоратиро роҳандозӣ намудааст.

Дар воқеъ бо назардошти аҳамияти бонкҳо дар иқтисодиёт ва нақши онҳо дар такомулёбии иқтисоди миллӣ ҳар як мамлакати алоҳида мекӯшад, то ба ин самт таваҷҷуҳи хосса дошта бошад ва фаъолияти ин ниҳод то андозаи баландтарин самаранок ба роҳ монда шавад [7,с.3]. Ҳатто кишварҳои пешрафта ба монанди Ҷопон ва Олмон, ки низоми босамари бонкӣ доранд ва фаъолияти бонкҳо ба таври густурда роҳандозӣ шудааст, мехоҳанд нақши давлат дар ин самт зиёдтар ба назар расад. Масалан Ҷопон 55% бастаи саҳмияҳои Бонки марказии худро давлатӣ кардааст, то ба фаълияти ин бонк таъсиргузор бошад ва аҳамияти бонкдории давлатро дар раванди рушди иқтисодиёт афзоиш диҳад.

Дар Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ) танзими давлатии низоми бонкӣ ҳамчун як раванди навинкишоф ба назар мерасад ва давлатҳо бештар кӯшиш менамоянд, ки танзими давлатии бахши бонкӣ бо истифода аз механизми бонкҳои марказӣ роҳандозӣ шавад. Албатта бонкҳои марказӣ ҳамчун “бонкдори давлат” дар иқтисодиёт фаъолият менамоянд, вале бо назардошти иқтидори иқтисодии онҳо роҳандозии дигар механизмҳои таъсиррасони давлат ба низоми бонкӣ ногузир мебошад. Давлатҳо бояд бештар ба фаъолияти бахши бонкии кишвари худ, бевосита назорат ва таъсиргузор бошанд.

Дар ин асно, яке аз кишварҳое, ки низоми бонкии нисбатан инкишофёта дорад ва фаъолияти бонкҳои он дар бозорҳои молиявии байналмилалӣ роҳ ёфтаанд, ин Ҷумҳурии Гурҷистон мебошад. Бояд қайд намуд, ки низоми бонкии Гурҷистон яке аз низомҳои устувортарин ва боэътимодтарин дар байни давлатҳои собиқ кишварҳои ИҶШС ба шумор меравад. Вобаста ба ин метавон зикр намуд, ки низоми бонкии Гурҷистон нисбат ба низомҳои бонкии давлатҳои дигар ба таври назаррас фарқ дорад ва он якчанд бартариятҳои асосиро доро мебошад. Аз ҷумла:

- ҷалби сармоя мақоми аввалро ишғол менамояд (дар давоми соли 2019-ум 227,9 млн. доллари ИМА-ро ташкил дода буд, ки он 22,5% нисбат ба соли 2018 зиёд);
- онлайн – бонкинг ва дигар низомҳои хизматрасониҳои фосилавӣ рушд ёфтааст;
- TBC Bank ва Bank of Georgia – бонкҳои аз ҳама калонтарини Гурҷистон ба шумор мераванд, ки саҳмияҳои онҳо дар биржаи фондии Лондон мубодила мешаванд;

➢ ҳамаи ташкилотҳои молиявӣ мустақил буда, самтҳои фаъолияти худро мустақилона муайян менамоянд;

➢ ғайрирезидентҳо метавонанд дар шакли фосилавӣ бе ҳозиршавӣ ба ташкилоти молиявӣ ҳисобҳои шахсӣ ва корпоративӣ кӯшоянд;

➢ низоми суғуртаи амонатии хеле ҷавонро доро мебошад, ки танҳо аз 1-уми январи соли 2018 инҷониб амал карда, ба амонатгузорон дар ҳолатҳои зарурӣ то 5 000 лар бар мегардонад;

➢ сатҳи баланди махфият – Гурҷистон дар ҷараёни мубодилаи иттилооти молиявӣ дар шакли худкор байни мақомотҳои фискалӣ, иштирок наменамояд" [11].

Танзими давлатии бахши бонкӣ дар низоми бонкии Гурҷистон ба таври муназзам роҳандозӣ гардида, диққати махсус ба ҷалби муштариёни резидент ва ғайрирезидант дода шудааст. Ғайрирезидентҳо асосан бо роҳҳои зерин ҷалб карда мешаванд: сатҳи пасти пардохтҳои комиссионӣ барои хизматрасониҳои ҳисоббаробаркунию хазинавӣ, дастрасӣ ва осонӣ дар ҷараёни бақайдгирӣ, риояи қатъии реҷаи махфият ва ғайраҳо. Роҳҳои мазкур шароити хубро барои тоҷирони давлатҳои ҷаҳон оид ба кушодани ҳисобҳои шахсӣ ва корпоративӣ дар бонкҳои гурҷӣ, таъмин менамояд.

Мувофиқи нишондодҳои низоми бонкии Гурҷистон барои рушди низоми бонкӣ ва таъсири бештари он ба иқтисодиёт низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мебояд то ки ба омилҳои асосӣ диққати ҷиддӣ диҳад. Махсусан дарҷи чунин омилҳо ба матлаб мувофиқ аст:

- бо дастгирии бевоситаи давлат ва танзими саривақтӣ дар сохтори бонкии кишвар рақобати шаффоф дида мешавад, ки ин дар натиҷа ташкилотҳои қарзиро маҷбур месозад то ин ки маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои нави бонкӣ (аз он ҷумла хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ)-ро коркард намуда, онро бо мақсади ба даст овардани бартарияти рақобат ва васеънамоии пойгоҳи (базаи) мизоҷии худ, ба мизоҷон таҳия намоянд;
- танзими давлатӣ дар самти ивазнамоии филиалу марказҳои хизматрасониҳои бонкии кишвар ба бонкҳои виртуалӣ, ки ин амал дар натиҷа ба кам гардидани сатҳи хароҷотҳои ташкилотҳои қарзӣ ва зиёд шудани шумораи мизоҷон замина мегузорад.

Яке аз самтҳое, ки дар фаъолияти бонкҳои кишвар дарвлат аҳамияти беандоза зоҳир менамояд, ин фаъолияти қарзии онҳо мебошад [6,с.6]. Давлат раванди пешниҳоди қарз ба субъектони хоҷагидориро пурра зери танзими худ гирифта, дар ин замина чораҳои зуруриро меандешад. Алалхусус, дар коҳишдиҳии фоизи қарзҳо, кам кардани гарави қарз, баландбардории иқтидори қарзӣ, муайянсозии ҳудуди қарзӣ, коҳишдиҳии хавфҳои қарзӣ ва ғайра танзими давлатӣ зиёд эҳсос мегардад (диаграммаи 1).

**Диаграммаи 1. Меъёри фоизи қарзӣ дар низоми бонкии Гурҷистон барои солҳои 2003-2019**
**Diagram 1. Interest rate in the banking system of Georgia for 2003-2019**




Аз диаграммаи 1 дидан мумкин аст, ки дар 2 соли охир, меъёри фоизии қарз дар низоми бонкии Гурҷистон нисбат ба солҳои пешин, паст шудааст. Яке аз сабабҳои муҳимми онро чунин ҳолат ташкил медиҳад. Дар соли 2018 давлат муқаррар намуд, ки ташкилотҳои қарзии Гурҷистон сиёсати нодурустро дар самти пешниҳоди маҳсулотҳои қарзӣ пеш гирифтаанд, ки дар натиҷаи ин сифати сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ бад шуда, ҳукумати Гурҷистонро зарур омад, то ин ки дар охири соли 2018 600 ҳазор қарзҳои ба таъхирафтода ва беэътимодро бо маблағи 1,5 млрд. лар рӯйпӯш намуда, онҳоро аз ҳисобҳои ташкилотҳои қарзӣ барорад [12]. Вобаста ба сиёсати пешгирифтаи ҳукумати

Гурҷистон дар ин самт фоизи қарзҳо коҳиш ёфтанд ва раванди пешниҳоди қарз барои субъектони хоҷагидорӣ осон гардид.

Бахши бонкӣ дар кишварҳои аз нигоҳи иқтисодӣ инкишофёфта, ба таври гуногун танзим карда мешавад ва ҳар як давлати алоҳида вобаста ба стратегияи молиявии пешгирифтаи худ бахши бонкии худро танзим менамояд. Кишварҳое, ки дар онҳо таъсири давлат ба бахши бонкӣ нисбатан зиёдтар эҳсос мегардад (Ҷопон, Германия, ИМА) низоми бонкии тараққикарда доранд. Яъне, ба андозаи таъсири давлат бахши бонкӣ низ метавонад рушди ҳамаҷониба ёбад.

Ҷиҳати таҳқиқи ҳамаҷонибаи танзими давлатии бахши бонкӣ дар баробари кишварҳои минтақа (Русия, Қазоқистон, Гурҷистон) ба ақидаи мо баррасии танзими низоми бонкии кишварҳое ба монанди ИМА, Олмон ва Ҷопон аз манфиат холӣ нахоҳад буд (ҷадвали 2). Маълум аст, ки бахши бонкии ИМА тибқи модели бонкдории англо-америкоӣ фаъолият намуда, идоракунии он нисбат ба дигар кишварҳои олам фарққунанда аст. Аз ҷадвали 2 дидан имконпазир аст, ки дар ИМА бахши бонкӣ тибқи қавоиди Ҳукумати Федеролӣ фаъолият намуда, сиёсати молиявиро Низоми Федералии Захиравӣ пеш мебарад. Гузашта аз ин дар ИМА Кумитаи назорати молиявӣ фаъолият менамояд, ки вобаста ба фаъолияти молиявии бонкҳо қоидаҳои махсуси худро дорад. Давлат дар раванди фаъолияти бахши бонкии Амрико нақши калидӣ дошта, қоидаҳои пешбурди фаъолиятро муайян месозад.

Бахши бонкии Олмон низ дар ҷаҳон яке аз рушдёфтаҳост ва давлат дар танзими он аҳамияти хосса дорад. Аз ҷадвали 2 дидан мумкин аст, ки равнади фаъолияти бонкҳо дар Олмон зери назорати қатъии давлат аст ва бо истифодаи аз санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ давлат фаъолияти онҳоро зери назорати худ гирифтааст. Ҷадвали 2 нишон медиҳад, ки бахши бонкии Ҷопон тибқи дастурҳои Бонки марказии он фаъолият менамояд ва 55%-и саҳмияҳои ин бонк ба давлат тааллуқ доранд. Бар замми ин тафтишоти фаъолияти бонкҳо дар низоми бонкӣ ба уҳдаи вазорати молия вогузор гардидааст. Яке аз хусусиятҳои омӯзанда ва махсуси бахши бонкии Ҷопон дар он дида мешавад, ки дар он "Ташкилот оид ба кафолати пасандозҳои бонкӣ" ташкил гардидааст, ки кафолати 100%-и пасандозҳоро барои дорандагони онҳо медиҳад.

**Ҷадвали 2. Танзими бахши бонкии баъзе аз кишварҳои аз нигоҳи иқтисодӣ рушдёфта**
**Table 2. Regulation of the banking sector in some economically developed countries**

| *Давлатҳо* | *ИМА* | *Олмон* | *Ҷопон* |
|---|---|---|---|
| *Намуди бонкҳо* | - Бонкҳои миллии тобеи низоми Федералии Захиравӣ;<br>-Бонкҳои амонатии Федералӣ;<br>- Иттиҳодияҳои амонатии Иёлотҳо;<br>-Бонкҳои минтақавии Иёлотҳои алоҳида;<br>-Иттифоқҳои қарзӣ. | -Бонкҳои тиҷоратии хусусӣ;<br>-Бонкҳои давлатӣ;<br>-Бонкҳои корпоративӣ. | -Бонки марказӣ;<br>-Бонкҳои тиҷоратии умумимиллӣ:<br>•Бонкҳои шаҳрӣ;<br>•Бонкҳои трастӣ;<br>•Бонкҳои минтақавӣ;<br>•Бонкҳои пешниҳодкунандаи қарзҳои дарозмуҳлат;<br>•Бонкҳои хориҷӣ.<br>-Дигар муассисаҳои қарзӣ:<br>•Хазинаҳои давлатии почтавӣ-амонатӣ. |
| *Танзимкунанда ва вазифаҳои назоратӣ* | 1.Ҳукумати Федералӣ ва қонунҳои Федералӣ:<br>а) Низоми Федералии Захиравӣ:<br>•сиёсати монетарӣ;<br>•танзим ва назоратӣ бонкҳо;<br>б) Комиссия оид ба коғазҳои қиматнок ва биржа;<br>в) Идораи таҳлили пуллии вазорати молия | 1. Ҳамаи намуди бонкҳо дар асоси принсипҳои худтанзимкунии мутобиқ ба қонунҳо ва шартномаҳои сохторӣ фаъолият менамоянд.<br>2. Вазорати молия ҳудуди пуллии кафолати пасандозҳоро, ки аз | 1. Бонки марказӣ:танзимгари меъёри фоизи қарзҳои бонкҳои тиҷоратӣ, назорати фаъолияти бонкӣ.<br>2. Вазорати молия:<br>•Назорати пайвастаи тафтиши бонкҳо;<br>•Сиёсати монетарӣ;<br>•Нақшаи ҳимояи пасандозҳо. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | (ОСС);<br>г) Ташкилотҳои Федералӣ оид ба суғуртакунонии пасандозҳо.<br>2. Қонунҳои минтақавии Иёлотҳо. | ҷониби Ҳукумати мамлакат пардохта мешавад, муайян мекунад. | 3. Ташкилот оид ба кафолати пасандозҳои бонкӣ |

Таҳияи муаллиф

Ҳамин тавр, давлат дар пешрафти кори низоми бонкӣ аҳамияти хосса дошта, метавонад равнади фаъолияти онҳоро рушд диҳад ва дар устувории молиявии онҳо таъсир расонад. Инчунин, ҳангоми пайдошавии мушкилоти молиявӣ ва буҳронҳои молиявию иқтисодии гуногун таваҷҷуҳи давлат бояд ба ин самт равона гардида бошад. Зеро бо дастгирӣ ва танзими давлатӣ дар давраи буҳронӣ бонкҳо метавонанд вазъи молиявии худро хуб нигоҳ доранд ва дар оянда барои тараққиёбии иқтисоди миллӣ нақши муассир дошта бошанд.

**Муқарриз: н.и.и., муаллими калони ДМТ – Ғаюров Ғ.Ҳ.**

**АДАБИЁТ**


1. Владислав Ермакович. Банковская система в Казахстане / Владислав Ермакович, Берлин Иришев. – Варшава, 1996.
2. Гаюров Г.Х. Влияние трудового потенциала в улучшении деятельности банковского сектора Республики Таджикистан / Г.Х. Гаюров // Вестник ТНУ. – 2015. -№ 2/9 (151). – С. 97-103.
3. Гейвандов А.Я. Банковская деятельность в России: проблемы государственного регулирования. Монография / А.Я. Гейвандов. -СПб, 1997. -215 с.
4. Жуков Е.Ф. Банки и небанковские кредитные организации, и их операции / Е. Ф. Жуков. – М.: Банки и биржи ЮНИТИ. 2009. – 528 с.
5. Лебедева М.Е. Участие государства в формировании банковской системы страны / М.Е. Лебедева // Проблемы современной экономики. – 2008. -№4(28).
6. Одинаев С.П. Бонки миллии тоҷикистон ва нақши он дар танзими фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ / С.П. Одинаев // Вестник ТНУ. – Душанбе, 2021. -№2. -С. 179-186.
7. Раджабов Р.К. Особенности формирования ресурсного потенциала банков в условиях рыночной экономики / Р.К. Раджабов, Г.Х. Гаюров // Вестник ТГУПБП. – 2012. - №3(51). – С. 68-77.
8. Синки Дж.Ф. Управление финансами в коммерческих банках / Дж.Ф. Синки. -М.: КНОРУС, 1994. -820 с.
9. Федеральный Закон «О Центральном Банке Российской Федерации (Банке России)» № 86-ФЗ от 10.07.2002.
10. [Электронный ресурс]. URL: http: //doingbusiness.kz /news/ 43-bankovskoe - zakonodatelstvo.(дата обращения 05.03.2021)
11. [Электронный ресурс]. URL: www.georgiawealth.info/banks-in-georgia-account-opening-and-attractive-banking (дата обращения 20.09.2021)
12. [Электронный ресурс]. URL: www.internationalwealth.info/foreign-bank-accounts/new-rules-of-issuing-credit-tophysical-persons-in-georgia (дата обращения 05.10.2021)
13. [Электронный ресурс]. URL: www.marketingcenter.kz (дата обращения 22.02.2022)
14. [Электронный ресурс]. URL: www.worldbank.org (дата обращения 12.02.2022)


## ТАҲЛИЛИ ТАҶРИБАИ КИШВАРҲОИ ХОРИҶӢ ОИД БА ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ БАХШИ БОНКӢ


Дар мақола таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба танзими фаъолияти бахши бонкӣ ва таъсири он ба устувори низоми бонкӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Асоснок гардидааст, ки танзими бахши бонкӣ аз ҷониби давлат, яке аз омилҳои асосии устувории он дар аксар кишварҳои ҷаҳон ба ҳисоб рафта, фаъолияти самараноки ташкилотҳои қарзӣ аз таъсири давлат вобастагии зиёд дорад. Муаллифон дар мақола дарҷ менамоянд, ки истифодаи механизмҳои гуногун ва таҷрибаи кишварҳои рушдёфта ва мамлакатҳое, ки иқтисодиёти ҳамранг бо ҷумҳурии мо доранд, барои такмилёбии танзими давалатии бахши бонкӣ зарурӣ арзёбӣ мегардад. Бахши бонкӣ дар кишварҳои аз нигоҳи иқтисодӣ инкишофёфта ба таври гуногун танзим карда мешавад ва ҳар як давлати алоҳида вобаста ба стратегияи молиявии пешгирифтаи худ, бахши бонкии худро танзим менамояд. Қайд гардидааст, ки дар кишварҳое, ба монанди: ИМА, Олмон, Ҷопон, Гурҷистон ва Қазоқистон давлат ба маркази ягона ва асосии танзимкунандаи низоми молиявӣ табдил ёфта, ба нишондиҳандаҳои фаъолияти онҳо таъсири амиқ мерасонад. Дар воқеъ, бо назардошти аҳамияти бонкҳо дар иқтисодиёт ва нақши онҳо дар такмилёбии иқтисоди миллӣ ҳар як мамлакати алоҳида мекӯшад, то ба ин самт таваҷҷуҳи хосса дошта бошад ва фаъолияти ин ниҳод то андозаи баландтарин самаранок ба роҳ монда шавад. Ҳатто кишварҳои пешрафта ба монанди Ҷопон ва Олмон, ки низоми босамари бонкӣ доранд ва фаъолияти бонкҳо ба таври густурда роҳандозӣ шудааст, мехоҳанд нақши давлат дар ин самт зиёдтар ба назар расад. Вобаста ба баландбардории нақши давлат дар танзим ва назорати бахши бонкӣ аз ҷониби муаллифон пешниҳодҳои судманд тавсия гардидаанд.

**Калидвожаҳо**: бонки марказӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, бахши бонкӣ, низоми молиявӣ, танзими давлатӣ, ташкилотҳои қарзӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, рушди низоми бонкӣ, устувории низоми бонкӣ, бонкҳои давлатӣ, иқтисоди миллӣ.

## АНАЛИЗ ОПЫТА ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН ПО ГОСУДАРСТВЕННОМУ РЕГУЛИРОВАНИЮ БАНКОВСКОГО СЕКТОРА

В статье рассматривается опыт зарубежных стран по регулированию банковской сферы и его влияние на устойчивость банковской системы. Обосновано, что регулирование банковского сектора государством является одним из основных факторов его устойчивости и является гарантом эффективной работы кредитных организаций. Авторы статьи отмечают, что использование различных механизмов и опыт развитых стран необходимы для совершенствования государственного регулирования банковского сектора. Банковский сектор регулируется по-разному в экономически развитых странах, и каждая страна регулирует свой банковский сектор в зависимости от своей финансовой стратегии. Было отмечено, что в таких странах, как США, Германия, Япония, Грузия и Казахстан, государство стало единственным и главным регулирующим центром финансовой системы и оказывает глубокое влияние на их деятельность. На самом деле, принимая во внимание значение банков в экономике и их роль в развитии национальной экономики, каждая страна старается уделить особое внимание этой сфере и обеспечить максимальную эффективность данной отрасли. Даже такие развитые страны, как Япония и Германия, имеющие эффективные банковские системы и разветвленную банковскую деятельность, хотят видеть определяющую роль государства в этой сфере. В целях повышения роли государства в регулировании и надзоре за банковской сферой авторами внесены полезные предложения.

**Ключевые слова:** Центральный банк, коммерческие банки, банковский сектор, финансовая система, государственное регулирование, кредитные организации, коммерческие банки, банковская система, устойчивость банковской системы, государственные банки, национальная экономика.

## ANALYSIS OF THE EXPERIENCE OF FOREIGN COUNTRIES ON STATE REGULATION OF THE BANKING SECTOR

The article discusses the experience of foreign countries in regulating the banking sector and its impact on the stability of the banking system. It is substantiated that the regulation of the banking sector by the state is one of the main factors of its stability and is the guarantor of the effective operation of credit organizations. The authors of the article note that the use of various mechanisms and the experience of developed countries is necessary to improve state regulation of the banking sector. The banking sector is regulated differently in economically developed countries, and each country regulates its banking sector depending on its financial strategy. It was noted that in countries such as the United States, Germany, Japan, Georgia and Kazakhstan, the state has become the sole and main regulatory center of the financial system and has a profound influence on their activities. In fact, taking into account the importance of banks in the economy and their role in the development of the national economy, each country tries to pay special attention to this area and ensure the maximum efficiency of this industry. Even such developed countries as Japan and Germany, which have efficient banking systems and extensive banking activities, want to see a greater role for the state in this area. In order to enhance the role of the state in the regulation and supervision of the banking sector, the authors made useful suggestions.

**Keywords:** central bank, commercial banks, banking sector, financial system, government regulation, credit institutions, commercial banks, banking system, banking system stability, state banks, national economy.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Одинаев Сафарали Пулодхонович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи назарияи иқтисод. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 918-76-76-61**. E-mail: **s.odinaev90@mail.ru**

***Қурбонов Абдулҳай Каримович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудит. Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17

***Худоиева Фахрия Олимбековна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи кори бонкӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17

**Сведение об авторах:** ***Одинаев Сафарали Пулодхонович*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры экономической теории. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 918-76-76-61.** E-mail: **s.odinaev90@mail.ru**

***Курбонов Абдулхай Каримович*** - Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор кафедры экономического анализа и аудита. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17

***Худоиева Фахрия Олимбековна*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры банковского дела. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17

**Information about the authors:** ***Odinaev Safarali Pulodkhonovich*** - Tajik National University, post-graduate student of the Department of Economic Theory. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 918-76-76-61**. E-mail: **s.odinaev90@mail.ru**

***Kurbonov Abdulkhay Karimovich*** - Tajik National University, Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic Analysis and Audit. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17

***Khudoieva Fakhriya Olimbekovna*** - Tajik National University, Applicant of the Department of Banking. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17

УДК 33.017.3

# ҲОЛАТИ МУОСИРИ ТАНЗИМИ МЕХАНИЗМИ АНДОЗИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

*Давлатов Д.С., Қаюмов С.Ш.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Низоми имрӯзаи андозбандӣ бо рушди иқтисоди миллӣ сахт алоқаманд аст ва яке аз омилҳои асосии ин рушд, субот ва пойдории андоз ба шумор меравад.

Низоми амалкунандаи танзими андозии иқтисодиёти миллӣ ва танзимнамоии андози иқтисодии дар амал татбиқшуда, бо сабаби камдаромад будани корхонаҳо ва фаъолияти иқтисодӣ, кам шудани теъдоди корхонаҳои истеҳсолкунанда, истифодаи таҷҳизоти кӯҳнашуда ва набудани маблағгузории мувофиқ, натавонистанд таъсири зарурӣ расонанд.

Сабаби асосии камбудиҳо дар низоми андозбандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷамъоварии пасти андоз, афзоиши қарзҳои андозӣ ва як қатор омилҳои дигар, ки ба рушди иҷтимоӣ - иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноҳияҳои тобеи он таъсир мегузоранд, ба шумор меараванд.

Коркард нашудани усулҳои муносиб миёни давлат ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба он оварда расонид, ки нақши ҳукумати марказӣ дар муқаррар кардани ҳаҷми андозбандӣ ва муайян кардани меъёрҳои андоз, аз ҳукуматҳои маҳаллӣ пурратар гардид ва ин дар навбати худ, ба паст гардидани сатҳи иқтидори андозӣ сабаб шуд.

Ислоҳоти андозии дар кишвар гузаронидашуда, ҳамеша бо ворид кардани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории андоз рабт доштанд ва ин дар навбати худ, ба он оварда расонид, ки Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон се маротиба бе дарназардошти иқтидори андозӣ қабул гардид ва ба эҷоди шароити яксони андозбандӣ барои ҳамаи шаҳру ноҳияҳои кишвар нигаронида шуда буд. Ҳамаи ин, боиси корношоямии низоми андоз гардид ва дар натиҷа, даромадҳои андозӣ ба буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ кам гардида, гаронии андоз боло рафт.

Самаранокии пасти низоми андозбандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноҳияҳои тобеи он, пеш аз ҳама, ба гаронии зиёди андозӣ вобастагӣ дорад. Мутаассифона, ҳангоми қабул кардани қонунгузории андоз ва Кодекси андоз, рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, манфиати корхонаҳо ва соҳибкорон (андозсупорандагон) ба андозаи кофӣ ба назар гирифта нашуд. Ҳамаи ин, ба кам гардидани воридоти андозӣ, афзоиши қарзҳо ва зарурати таҳкими назорати андозӣ оварда мерасонад.

Низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар тамоюли фискалӣ дорад ва мақсади он ҷамъоварии андоз ба хазинаи давлат мебошад, аммо дар он бештар манфиатҳои давлат ба инобат гирифта шудаанд ва ба манфиати ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати махсус дода нашудааст. Инчунин, дар он, ба таъсири андоз ба рушди иқтисодии корхонаҳо ва фаъолияти соҳибкорӣ кам таваҷҷуҳ шудааст. Дар рушди иҷтимоӣ - иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазифаи танзимкунандаи андозҳо аҳамияти муҳим дорад, чунки маҳз танзими иқтисодиёт бо истифода аз низоми андозбандӣ дар таъмини бехатарии иқтисодии давлат нақши асосӣ дорад.

Самаранокии низоми андоз, аз такмили минбаъдаи механизми андозбандӣ вобастагӣ дорад, ки он дар навбати худ аз унсурҳои зерин иборат мебошад:

- банақшагирии андозбандӣ ва пешгӯии он;
- танзими андозбандӣ;
- ҳавасмандкунии андоз ва ҳуқуқи андоз;
- қонунгузории андоз.

Банақшагирии андоз дар сатҳи микроиқтисод ва мезоиқтисод амалӣ мегардад. Андозҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳо ба нақша гирифта мешаванд. Банақшагирии андозӣ бо банақшагирии буҷети давлатӣ барои соли ҷорӣ ва давраи муҳлаташ миёна (барои се сол) алоқамандӣ дорад. Дар буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қисматҳои даромад ва хароҷоти буҷет муайян мегарданд. Қисмати даромади буҷет бошад, маҳз аз воридоти андозӣ ва ғайриандозӣ ташкил ёфтаанд.

Банақшагирии андоз дар сатҳи миёна, яъне дар корхонаҳо, унсури бисёр муҳим ба шумор меравад ва барои банақшагирии ҳамаи нишондодҳо дар ҳар як корхона мусоидат менамояд. Аз ҷумла, барои:

- ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолгардида ва ҳаҷми фурӯши маҳсулот;
- муайян кардани хароҷоти молӣ ва пулӣ (хароҷоти истеҳсолӣ);
- муайян кардани теъдоди коргарони кироя;
- муайян кардани музди меҳнат;
- муайян кардани пардохти фонди музди меҳнат;
- муаян кардани фоида ва натиҷаи фаъолияти босамари корхона;
- муайян кардани нархи маҳсулот ва муайян кардани навъҳо ва сифати маҳсулот.

Дар асоси нишондодҳои корхона субъекти андоз, объекти андоз ва манбаҳои андоз муайян мешаванд.

Андозҳо дар асоси қонунгузории андоз Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои қабулкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мегарданд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Кодекси андоз се маротиба қабул гардида ва якчанд маротиба ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд [1].

Аммо, новабаста аз ин, гаронии андоз боз ҳам мисли пештара барои истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон дар сатҳи макроиқтисод боқӣ монд. Албатта, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон такмили низоми андоз то ин ҷониб идома дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тули солҳои охир аз рушди нишондодҳои микроиқтисодӣ мушоҳида мегардад, ки ба беҳтар гардидани рушди иқтисодии кишвар ва баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунанд. Дар баробари ин, ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ инчунин, интиқоли маблағ аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ мусоидат намуд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ нисбат ба ММД дар солҳои 2011-2018 (бо млн. долл. ИМА)**

**Table 1. Remittances from labor migrants to GDP in 2011-2018 (in US dollars)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
| ММД (бо млн. долл. ИМА) | 6319,5 | 7590,3 | 8488,6 | 8592,2 | 6925,2 | 6916,9 | 6927,5 | 7298,1 |
| Интиқоли маблағ (бо млн. долл. ИМА) | 2960 | 3800 | 4154,3 | 3879,6 | 2260 | 1900 | 1663 | 2628 |
| Фоизи интиқоли маблағ нисбати ММД | 46,8 | 50,1 | 48,9 | 45,1 | 32,6 | 27,5 | 24,0 | 36,0 |

Сарчашма: Институти «Ҷамъияти кушод» [2]. Сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2018. -С.231.

Ин интиқол дар соли 2011 - 2 960 млн. долл. ИМА-ро ташкил дод, ки он 46,8%-и ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил намуд. Дар соли 2018 бошад, 2628 млн. долл. ИМА-ро ташкил дод, ки он 36,0%-и ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил намуд, ки нисбат ба соли 2011 интиқоли маблағҳо 10,8% коҳиш ёфтааст (диаграммаи 1).

Аз рӯйи таҳқиқоти Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (IFC), соҳибкорони кишвар то 20% даромади солонаи худро аз мақомотҳои андозбандӣ пинҳон мекунанд [5]. Сабаби ин рафтор, гаронии сангини андозӣ мебошад ва соҳибкорон ба ҳар васила мекушанд роҳҳои пинҳон кардани даромади худро пайдо карда, сарчашмаи андозӣ ва музди меҳнати коргаронро кам нишон диҳанд.

Дар рушди иқтисоди миллӣ, сиёсати андозбандии ҳукумат нақши муҳим дорад. Ин сиёсат таъсири фаъолона ба равандҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ дорад ва андозҳо бевосита чун яке аз асоситарин манбаҳои захираи молиявии давлат хизмат мекунанд (ҷадвали 2).

**Диаграммаи 1. Интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ нисбат ба ММД дар солҳои 2011-2018 (бо млн. долл. ИМА)**

**Diagram 1. Remittances of labor migrants to GDP in 2011-2018 (in millions of US dollars)**




Сарчашма: Институти «Ҷамъияти кушод» [2]. Сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2018. -С.231.

**Ҷадвали 2. Нишондодҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2019**
**Table 2. Macroeconomic indicators of the Republic of Tajikistan for 2010-2019**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2010** | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2019 /10 (+/- , %)** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД, млн. сомонӣ | 24704,7 | 30071,1 | 36163,1 | 40525,5 | 45606,6 | 48408,7 | 54 479.1 | 61 197.6 | 68844,0 | 77354,0 | **313,1** |
| Афзоиши воқеии ММД, % | 106,5 | 107,4 | 107,5 | 107,4 | 106,7 | 106,0 | 106,9 | 107,1 | 107,3 | 107,5 | **+1,0** |
| Афзоиши маҳсулоти истеҳсолӣ, бо % | 9,7 | 5,9 | 10,4 | 3,9 | 5,1 | 11,2 | 16,0 | 21,3 | 11,8 | 13,6 | **+3,9** |
| ММД ба сари аҳолӣ, сомонӣ | 3241,6 | 3851,7 | 4527,5 | 5019,1 | 4965,7 | 5460,5 | 6 231,3 | 6 852,1 | 7543,2 | 8307,7 | **256,2** |
| Саноат, млн. сомонӣ | 8248,0 | 7862,0 | 9504,0 | 9952,0 | 10535,0 | 12196,0 | 15090,0 | 20029,0 | 23894,0 | 27586,6 | **334,4** |
| Кишоварзӣ, млн. сомонӣ | 9391,4 | 16934,6 | 18695,8 | 20358,5 | 21197,3 | 21862,8 | 23008,3 | 24576,0 | 26370,4 | 27750,4 | **295,5** |
| Афзоиши маҳсулоти кишоварзӣ, бо % | 6,8 | 7,9 | 10,4 | 7,6 | 4,5 | 3,2 | 5,2 | 6,8 | 4,0 | 7,1 | **+0,3** |
| Маҷмуи индекси нархҳои истеъмолӣ, бо % | 109,8 | 109,3 | 106,4 | 103,7 | 107,4 | 105,1 | 106,1 | 106,7 | 103,8 | 107,9 | **-1,9** |
| Индекси нархҳои маҳсулоти озуқаворӣ, бо % | 113,4 | 110,3 | 105,6 | 103,2 | 109,7 | 104,3 | 106,8 | 107,5 | 102,5 | 92,4 | **-21,0** |
| Маоши миёна, | 354,4 | 442,1 | 555,2 | 694,8 | 816,2 | 878,9 | 962.16 | 1 144.1 | 1233,82 | 1357,01 | **382,9** |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| сомонӣ | | | | | | | | 9 | | | |
| Сармоягузорӣ, млн. сомонӣ. | 4413,5 | 4840,7 | 4342,3 | 5694,2 | 7386,4 | 9077,4 | 11074,5 | 11208,5 | 13051,4 | 12140,3 | **275,0** |
| Ҳаҷми гардиши моли чакана, млн. сомонӣ | 6374,1 | 7425,5 | 9013,9 | 65,7 | 87,7 | 99,1 | 107,7 | 19068,6 | 20479,7 | 25330 | **397,3** |
| Содирот, млн. доллар | 1194,7 | 1257,3 | 1359,7 | 943,4 | 977,3 | 890,6 | 898,7 | 1198,0 | 1073,3 | 1174,4 | **98,3** |
| Воридот, млн. доллар | 2656,9 | 3206,0 | 3778,4 | 4045,4 | 4297,4 | 3435,6 | 3031,2 | 2774,9 | 3149,6 | 3349,3 | **126,0** |

Сарчашма: Маҷмуаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2019. - С.13-15. Бюллетени омории бонкӣ. –Душанбе, 2019. - (270). - С. 9-11.

Таҳлили ҷадвали 2, нишон медиҳад, ки маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) дар соли 2019 нисбати соли 2010 - 3,1 баробар зиёд шуда, дар ин давра ММД ба ҳар сари аҳолӣ - 2,5 маротиба боло рафт ва рушди маҳсулоти истеҳсолӣ бошад, дар ин муддат ба - 13,6% баробар гардид, ки нисбати соли 2010 – 28,7% барзиёд мебошад. Музди миёнаи меҳнат дар кишвар дар ҳамин давра - 3,8 маротиба зиёд гардид ва сармоягузории асосӣ бошад - 2,7 маротиба афзоиш ёфт.

Азбаски воридоти андозӣ, қисми асосии даромади буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллиро ташкил медиҳанд, онҳо ҳамин тариқ ба воситаи қисми хароҷот имкони таъсиррасонӣ ба таносуб ва суръати рушди иҷтимоиро таъмин мекунанд. Ин ба ниҳодҳои идоракунии давлатӣ имкон медиҳад, ки соҳаҳои иқтисодиёт ва соҳибкориро маблағгузорӣ намуда, сиёсати иҷтимоиро пеш баранд, ба буҷетҳои маҳаллӣ дотатсияҳо ҷудо карда, барои баробар кардани онҳо афзалият ҷорӣ кунанд.

Низоми андози амалкунанда бояд, аз як тараф, талаботи давлатро ба захираҳои молиявӣ таъмин намояд ва аз тарафи дигар, на танҳо омилҳои андозсупорандаро барои фаъолияти соҳибкорӣ поён оварад, балки ӯро барои ҷустуҷӯи роҳҳои баландбардории самаранокии хоҷагидорӣ дар ҷумҳурӣ нигоҳ дорад.

Давлат сиёсати андозро тавассути татбиқи имконоти буҷетии беҳтаргардонии вазъияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноҳияҳои тобеи он бо мақсади коҳиш додани тафриқаи рушди иқтисодӣ миёни онҳо амалӣ мегардонад.

Низоми андозбандии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ду сатҳ: андозҳои ҷумҳуриявӣ ва андозҳои маҳаллӣ иборат мебошад (расми 1).

Ба андозҳои умумидавлатӣ андоз аз даромад, андоз аз фоида, андоз аз арзиши иловашуда, аксизҳо, андози иҷтимоӣ, андозҳо барои захираҳои табиӣ, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ва андоз аз фурӯши алюминийи аввалия дохил мешаванд [1].

Ба андозҳои маҳаллӣ бошад, андоз аз воситаҳои нақлиёт ва андозҳо аз молумулки ғайриманқул дохил мешаванд.

Ба низоми махсуси андозбандӣ, инҳо дохил мешаванд:

- низоми андозбандии шахсони воқеие, ки фаъолияти соҳибкорро дар асоси патент ё шаҳодатнома анҷом медиҳанд;
- низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд;
- низоми содашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (андози ягона);
- низоми махсуси андозбандӣ барои тиҷорати бозӣ [1].

Дар низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон низомҳои имтиёзноки андозбандӣ муқаррар карда шудаанд, ки барои сармоягузорӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт додани имтиёзҳои андози иловагиро пешбинӣ менамоянд.Таҳияи стратегия, қисми ҷудонашавандаи сиёсати навсозии сохтори иқтисодии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Мақсади асосии рушди босуботи шаҳру ноҳияҳо таъмини болоравии сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ дар асоси эҷод ва ҳифзи шароити мусоиди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти иҷроияи давлатӣ, салоҳияти ҳалли мустақилонаи масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро дар ҳудуди худ доро мебошанд.

**Расми 1. Низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Figure 1. Tax system of the Republic of Tajikistan**




Сарчашма: Таҳияи муаллиф.

Ба ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - 3 шаҳр, 10 ноҳия дохил мешаванд ва дар он теъдоди корхонаҳо, ташкилотҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки фаъолияти соҳибкориро дар асоси патент ва шаҳодатнома амалӣ менамоянд, ба қайд гирифта шудааст. Ҳамаи корхонаҳо, соҳибкорони инфиродӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ андозсупоранда ба шумор мераванд. Даромадҳои андозӣ дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар маҷмуъ дар соли 2013 - 536,9 млн. сомонӣ, соли 2014 - 654,7 млн. сомонӣ, соли 2015 - 706,9 млн. сомонӣ, соли 2016 - 914,3 млн. сомонӣ, соли 2017 - 831,2 млн. сомонӣ, соли 2018 - 988,9 млн. сомонӣ ва дар соли 2019 - 1036,5 млн. сомониро ташкил намудааст (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Даромадҳои андози шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар солҳои 2013-2019 (млн.сомонӣ)**
**Table 3. Tax revenues of cities and districts of republican subordination for 2013-2019 (million somoni)**

| Номи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **НТҶ, аз он ҷумла:** | 536,9 | 654,7 | 706,9 | 914,3 | 831,2 | 988,9 | 1036,5 |
| **ш.Ваҳдат** | 104,6 | 146,7 | 126,6 | 142,8 | 149,0 | 161,4 | 189,5 |
| **ш.Роғун** | 51,5 | 92,8 | 119,3 | 179,6 | 143,7 | 203,3 | 177,9 |
| **ш.Турсунзода** | 107,8 | 92,6 | 105,9 | 115,6 | 114,7 | 149,9 | 150,2 |
| **н. Варзоб** | 15,8 | 18,8 | 21,4 | 24,4 | 26,1 | 31,1 | 34,5 |
| **н. Рашт** | 15,4 | 18,8 | 21,1 | 23 | 25,3 | 23,9 | 29,9 |
| **н. Ҳисор** | 83,4 | 101,1 | 100,6 | 103,6 | 121,6 | 139,3 | 152,8 |
| **н. Лахш** | 8,1 | 8,7 | 10,0 | 10,5 | 12,0 | 12,8 | 13,7 |
| **н. Нуробод** | 5,4 | 5,9 | 6,9 | 7,4 | 7,8 | 8,2 | 9,9 |
| **н. Рӯдакӣ** | 98,2 | 116,9 | 139 | 143,8 | 171,5 | 191,2 | 201,8 |
| **н. Санговор** | 3,0 | 4,0 | 4,4 | 4,5 | 6,9 | 6,0 | 8,4 |
| **н. Тоҷикобод** | 3,9 | 4,5 | 4,9 | 5,3 | 5,8 | 6,8 | 7,4 |
| **н. Файзобод** | 17,5 | 19,7 | 20,4 | 19,9 | 19,3 | 21,8 | 24,9 |
| **н. Шахринав** | 22,9 | 24,5 | 27,0 | 27,3 | 27,5 | 33,3 | 35,2 |

Сарчашма: Муаллиф дар асоси маълумотҳои Омори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: маҷм. оморӣ. - Душанбе, 2020. - 341 с. тартиб додааст

Таҳқиқотҳои даромадҳои андози шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар давраи солҳои 2013-2019 нишон медиҳанд, ки андозҳо дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳар сол зиёд мегарданд. Барои мисол, андозҳо дар соли 2019 нисбат ба соли 2013 - 1,9 маротиба зиёд шудаанд. Воридоти андози бештар дар соли 2019 дар ноҳияи Рӯдакӣ ба андозаи - 201,8 млн. сомонӣ ё 105,5%, шаҳри Ваҳдат - 189,5 млн. сомонӣ ё 102,8%, ноҳияи Ҳисор - 152,8 млн. сомонӣ ё 102,4% ва шаҳри Турсунзода - 150,2 млн. сомонӣ ё 102,3% нисбати нақшаи тахияшуда иҷро гардиданд (диаграммаи 2).

**Диаграммаи 2. Воридотҳои андозӣ дар шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (млн.сомонӣ)**
**Diagram 2. Tax receipts in cities and districts of republican subordination (million somoni)**




Сарчашма: Муаллиф дар асоси маълумотҳои ҷадвали 3 таҳия намудааст.

Новобаста аз он, ки андозҳо дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ сол аз сол афзоиш меёфтанд, дар маҷмуъ, дар шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҷудогона, ба монандӣ: н. Варзоб, н. Рашт, н. Лахш, н. Нуробод, н. Сангвор ва н. Тоҷикобод ҷамъоварии андозҳо бисёр дар сатҳи паст қарор доранд. Бинобар ин, сабаби ҳамаи инро мо дар самаранокии пасти маъмурикунонии андозӣ, монеаҳои баланди маъмурӣ дида метавонем.

Масъалаҳои такмили идоракунӣ, яъне маъмурикунонӣ, чандин маротиба дар назди мақомотҳои андоз гузошта шуданд ва ба қонунгузории андозбандӣ ворид карда шуданд. Масалан, дар лоиҳаи сеюми Кодекси андоз, дар боби 17 қайд гардидааст: " Маъмурикунонии андоз – маҷмуи чораҳои аз ҷониби мақомоти андоз амалишавандаи назорати андоз, маҷбуран ситонидани андоз нисбат ба уҳдадории андози дар муҳлаташ иҷронашуда, инчунин, хизматрасониҳо ба андозсупорандагон (агентҳои андоз) ва мақомоти ваколатдор [8].

Дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ яке аз шаҳрҳои калон ш. Ваҳдат ба шумор меравад. Дар ш. Ваҳдат корхонаҳо, ташкилотҳо ва ҷамъиятҳои гуногуни хурд ва миёна фаъолият мекунанд, аз қабили ҶСК "Эраҷ", ҶСК "Техинвест", ҶСК "Дурбин", ҶСК "Ёкут-2000", ҶСК "Ҷонг-фу", ҶСК "Интер Сириус", ҶСК "ЧАНГ-Тенг", ҶСК "Дон-Фан" ва ғайраҳо мебошанд, ки аксарияти онҳо андозсупорандаи бомасъулият ба шумор мераванд.

Дар мавриди баррасӣ, воридоти андозҳо дар шаҳри Ваҳдат (ҷадвали 4), хусусан соли 2019 нисбат ба соли 2013 ба андозаи 1,8 маротиба, дар шаҳри Ҳисор бошад нисбат ба соли 2013 ба андозаи 1,8 маротиба ва дар шаҳри Турсунзода ин нишодиҳанда нисбат ба соли 2013 ба андозаи 1,4 маротиба афзоиш ёфтааст.

Тавре аз нишондиҳандаи ҷадвали 4 ба мо айён гардид, асоси воридоти андози шаҳри Ваҳдатро аз ҳисоби андозҳо, яъне, андоз аз даромад, ки он ба 40 500,0 сомонӣ ё 21,3%, андози иҷтимоӣ 38 300,0 сомонӣ ё 20,1%, андозҳо барои захираҳои табиӣ 29 800,0 сомонӣ ё 15,7%, андоз аз фоида 26 600,0 сомонӣ ё 14%, ААИ 17 600,0 сомонӣ ё 9,3% андози низоми содакардашуда 14 100,0 сомонӣ ё 7,4% ва андоз аз молумулки ғайриманқул 8 000,0 сомонӣ ё 4,2%-и воридотҳои андозиро ташкил медиҳанд, мебошанд.

Таҳлили воридоти андозӣ ба буҷети ш. Ваҳдат нишон медиҳад, ки андоз аз даромад, дар ҳаҷми умумии андозҳо аз рӯйи вазни қиёсӣ ҷойи аз ҳама болоро ишғол мекунад. Ин намуди андоз дар соли 2013 дар ҳаҷми умумии андозҳо 17,8%-ро ташкил дод. Дар соли 2014 ин нишондод 14,5%, дар соли 2015 ин нишондод 20,4%, дар соли 2016 ин нишондод

20,8%, дар соли 2017 ин нишондод 26,7% дар соли 2018 ин нишондод 20,1% ва дар соли 2019 дар ҳаҷми 21,3% баробар гардид.

**Ҷадвали 4. Ҳиссаи андозҳо дар сохтори умумии даромадҳои андозӣ дар ш. Ваҳдат (млн. сомонӣ)**

**Table 4. The share of taxes in the overall structure of tax revenues in Vahdat (million somoni)**

| Номгӯй | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2019/13 (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| НТҶ, аз ҷумла: | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Андоз аз даромад | 18,6 | 21,5 | 26,0 | 29,8 | 40,0 | 45,9 | 40, 5 | **217,7** |
| Андоз аз фоида | 6,9 | 8,3 | 10,0 | 12,7 | 20,0 | 17,3 | 26, 6 | **385,5** |
| Андоз аз арзиши иловашуда | 28,7 | 18,4 | 19,4 | 30,6 | 15,2 | 24,9 | 17,6 | **61,3** |
| Аксизҳо | 0,069 | 0,061 | 0,064 | 0,0 | 0,0 | 0,181 | 0,0 | **0,0** |
| Андози иҷтимоӣ | 17,8 | 21,6 | 26,3 | 25,6 | 33,4 | 30,8 | 38,3 | **215,2** |
| Андозҳо барои захираҳои табиӣ | 7,6 | 49,4 | 16,2 | 12,7 | 3,3 | 13,5 | 29,8 | **392,1** |
| Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард | 6,1 | 4,7 | 1,9 | 5,2 | 4,0 | 2,4 | 6,1 | **100** |
| Андоз аз воситаҳои нақлиёт | 4,2 | 3,7 | 4,5 | 3,6 | 5,3 | 4,5 | 5,0 | **119** |
| Андозҳо аз молумулки ғайриманқул | 4,7 | 5,4 | 6,3 | 6,2 | 8,5 | 9,2 | 8,0 | **170,2** |
| Низоми махсуси андозбандӣ | 6,4 | 10,4 | 12,0 | 13,2 | 15,7 | 16,3 | 14,1 | **220,3** |
| Боҷи давлатӣ | 2,4 | 2,5 | 2,7 | 2,3 | 2,7 | 3,4 | 2,2 | **91,7** |
| Дигар даромадҳои ғайриандозӣ | 1,1 | 1,3 | 1,6 | 1,2 | 1,7 | 1,4 | 1,6 | **145,4** |
| **Ҳамагӣ** | **104, 6** | **147, 3** | **127, 0** | **143, 1** | **149, 8** | **169, 8** | **189,8** | **181,4** |

Сарчашма: маълумотҳои Омори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: маҷм. Оморӣ. -Душанбе, 2020. -341 с.

Ҷои дуюмро дар воридоти андозӣ андози иҷтимоӣ ишғол мекунад. Вазни қиёсии ин андоз дар соли 2013 - 17,0%, дар соли 2014 - 14,7%, дар соли 2015 - 20,7%, дар соли 2016 - 17,9%, дар соли 2017 - 22,2%, дар соли 2018 - 18,1% ва дар соли 2019 - 20,0%-и ҳаҷми умумии андозҳоро ташкил намуд (ҷадвали 5).

Воридот аз ААИ танҳо дар солҳои 2013, 2015 ва 2016 яъне: (дар соли 2013 - 27,4%, 2015 - 15,3% ва 2016 - 21,4%) дар сатҳи баланд қарор дошта, дигар солҳо бошад, меъёрашон аз 15% камтар мебошад. Сабаби аслии коҳиши ААИ кам шудани истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳо бо сабаби муфлисшавии аҳолӣ ва кам шудани даромади корхонаву идораҳо буд.

Дар шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, танҳо ҳашт андозсупорандаи калон муаррифӣ шудаанд. Аммо, яке аз онҳо Корхонаи алюминийи тоҷик - "Талко" андозсупорандаи бузург ба шумор меравад, ки 75%-и даромади асъори кишварро касб мекунад. Ғайр аз "Талко" корхонаи дигари бузурги андозсупор "Турсунзодагаз" мебошад.

Дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ шаҳри Турсунзода яке аз шаҳрҳои калон ба шумор меравад. Дар ин шаҳр корхонаҳои зиёди калон, миёна ва хурд ҷойгир гардидаанд, аз қабилӣ: Корхонаи воҳиди давлатии "Ширкати алюминийи тоҷик" (TALCO), корхонаҳо ва ташкилотҳои хусусии тиҷоратӣ дар шакли ҷамъиятҳои масъулияташон маҳдуд, ба монанди: ҶДММ "Тоҷ-мол", ҶДММ "Шабо", ҶДММ "Саркор-2015", ҶДММ "Вежа", ҶДММ "Ҳоҷи Қурбон" ва як қатор корхонаҳои дигар фаъолият мекунанд.

**Ҷадвали 5. Ҳиссаи андозҳо дар сохтори умумии даромадҳои андозӣ дар ш. Ваҳдат (ба ҳисоби %) [7]**

**Table 5. The share of taxes in the overall structure of tax revenues in Unity (in%)**

| Номгӯй | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2019/13 (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| НТҶ, аз ҷумла: | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Андоз аз даромад | 17,8 | 14,5 | 20,4 | 20,8 | 26,7 | 27,0 | 21,3 | **+3,5** |
| Андоз аз фоида | 6,6 | 5,6 | 17,9 | 8,9 | 13,3 | 10,1 | 14,0 | **+7,4** |
| Андоз аз арзиши иловашуда | 27,4 | 12,5 | 15,3 | 21,4 | 10,1 | 14,7 | 9,3 | **-18,1** |
| Аксизҳо | 0,06 | 0,04 | 0,05 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 0,0 | **-0,06** |
| Андози иҷтимоӣ | 17,0 | 14,7 | 20,7 | 17,9 | 22,2 | 18,1 | 20,0 | **+3** |
| Андозҳо барои захираҳои табиӣ | 7,2 | 33,5 | 12,7 | 8,9 | 2,2 | 7,9 | 15,7 | **+8,5** |
| Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард | 5,8 | 3,2 | 1,5 | 3,6 | 2,7 | 1,4 | 3,2 | **-2,6** |
| Андоз аз воситаҳои нақлиёт | 4,0 | 2,5 | 3,5 | 2,5 | 3,5 | 2,6 | 2,6 | **-1,4** |
| Андозҳо аз молумулки ғайриманқул | 4,5 | 3,7 | 5,0 | 4,3 | 5,7 | 5,4 | 4,2 | **-0,3** |
| Низоми махсуси андозбандӣ | 6,1 | 7,0 | 9,4 | 9,2 | 10,4 | 9,6 | 7,4 | **1,3** |
| Боҷи давлатӣ | 2,4 | 1,7 | 2,1 | 1,6 | 1,8 | 2,0 | 1,1 | **-1,3** |
| Дигар даромадҳои ғайриандозӣ | 2,3 | 0,8 | 1,2 | 0,8 | 1,1 | 0,8 | 0,8 | **-1,5** |
| **Ҳамагӣ** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои ҷадвали 4.

Маҳсулоти асосии корхонаи воҳиди давлатии "TALCO" алюминийи аввалия ба шумор меравад. Ин корхона солона 98% и алюминийи аввалияи ҷумҳуриро истеҳсол мекунад.

КВД "Талко" бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз гардидааст, ки истеҳсоли алюминийи аввалияи сифаташ баландро таъмин мекунад. Дар ин корхона усулҳои муосири таъмини ҳифзи муҳити табиӣ роҳандозӣ гардидаанд.

Иқтидори лоиҳавии корхона - 517 000 тонро ташкил медиҳад, ки 75% ҳамаи воридоти асъории Тоҷикистон ва наздики 1/3% содироти кишвар ба шумор меравад.

Дар шаҳри Турсунзода комплекси агросаноатӣ (КАС), ки бо коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ машғул аст, бисёр рушдкарда мебошад. Дар корхонаҳои он афшураҳо, нушобаҳо, консервҳо истеҳсол мегарданд. Инчунин, дар шаҳри Турсунзода корхонаҳои истеҳсоли шароб ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла боғпарварӣ, пахтакорӣ, обчакорӣ фаъолият мекунанд.

Таҳлили воридоти андозӣ дар шаҳри Турсунзода нишон медиҳад, ки андоз аз даромад дар ҳаҷми умумии андозҳо аз ҳама вазни қиёси болоро ишғол мекунад. Ин андоз дар шаҳри Турсунзода соли 2013 - 30,9%, дар соли 2014 - 24,9%, дар соли 2015 - 27,1%, дар соли 2016 - 25,8%, дар соли 2017 - 26,5%, дар соли 2018 - 25,6% ва дар соли 2019 бошад 20,6%-ро ташкил намуд (ҷадвали 6).

Воридот аз андоз аз даромад, танҳо дар соли 2013 ва соли 2015 боло рафт ва вазни қиёсии андоз аз даромад дар соли 2015 аз се як ҳиссаи воридоти андозиро ташкил намуд. Ҷои дуввумро дар миёни воридоти андозӣ дар ш. Турсунзода, андози иҷтимоӣ ишғол мекунад. Вазни қиёсии ин андоз дар ҳаҷми умумии воридоти андозӣ дар соли 2013 - 17,5%, соли 2014 - 20,8%, соли 2015 - 19,8%, соли 2016 - 18,3%, соли 2017 - 18,5%, соли 2018 - 16,5% ва дар соли 2019 бошад 28,1%-ро ташкил намуд.

**Ҷадвали 6. Саҳми андозҳо дар сохтори воридоти буҷети ш. Турсунзода ( бо %) [7]**
**Table 6. The contribution of taxes in the structure of budget revenues. Tursunzoda (in %)**

| Номгӯй | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2019/13 (+-) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| НТҶ, аз ҷумла: | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Андоз аз даромад | 30,9 | 24,9 | 27,1 | 25,8 | 26,5 | 25,6 | 20,6 | **-10,3** |
| Андоз аз фоида | 4,2 | 6,8 | 10,3 | 14,0 | 10,5 | 13,3 | 12,0 | **+7,8** |
| Андоз аз арзиши иловашуда | 6,9 | 7,9 | 6,9 | 6,8 | 6,1 | 7,5 | 7,8 | **+0,9** |
| Аксизҳо | 0,03 | 0,01 | 0,01 | 0,0 | 0,02 | 0,01 | 0,01 | **-0,02** |
| Андози иҷтимоӣ | 17,5 | 20,8 | 19,8 | 18,3 | 18,5 | 16,5 | 28,1 | **+10,6** |
| Андозҳо барои захираҳои табиӣ | 0,8 | 1,3 | 1,0 | 0,7 | 0.8 | 0,6 | 0,5 | **-0,3** |
| Андоз аз истифодабаранда гони роҳҳои автомобилгард | 18,9 | 6,1 | 9,8 | 8,4 | 5.6 | 3,8 | 5,9 | **-13** |
| Андоз аз воситаҳои нақлиёт | 2,7 | 2,8 | 2,3 | 2,1 | 3,5 | 3,6 | 2,6 | **-0,1** |
| Андозҳо аз молумулки ғайриманқул | 6,2 | 9,6 | 6,5 | 7,4 | 8.5 | 11,4 | 7.7 | **+1,5** |
| Низоми махсуси андозбандӣ | 9,3 | 15,6 | 12,7 | 12,8 | 13.7 | 10.2 | 11.3 | **+2,0** |
| Боҷи давлатӣ | 1,4 | 2,2 | 1,9 | 1,8 | 2.4 | 3.1 | 1,9 | **+0,5** |
| Дигар даромадҳои ғайриандозӣ | 0,08 | 1,6 | 1,2 | 1,6 | 3.4 | 3.7 | 1.3 | **+1,22** |
| **Ҳамагӣ** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои ҷадвали 3.

Воридот аз андозҳои дигар бошад, дар сатҳи бисёр паст қарор дорад. Хусусан, андоз аз арзиши иловашуда, андоз барои захираҳои табиӣ, андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт ва ғайра аз ҷумлаи онҳо мебошанд (диаграммаи 3).

**Диаграммаи 3. Вазни қиёсии андозҳо дар ҳаҷми умумии воридотҳои андози буҷети ш. Турсунзода (бо фоиз дар солҳои 2013-2019)**
**Figure 3. The share of taxes in the total volume of tax revenues of the city budget Tursunzade (as a percentage in 2013-2019)**




Сарчашма: Дар асоси маълумотҳои Омори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: маҷм. Оморӣ. - Душанбе, 2020. - 341 с.

Дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, шаҳри Ҳисор яке аз шаҳрҳои пешрафта мебошад. Дар ин ҷо корхонаҳои зиёд фаъолият мекунанд ва бояд зикр кард, ки дар ш.Ҳисор хоҷагиҳои

деҳқонӣ (фермерӣ), хоҷагиҳои оилавӣ ва хоҷагиҳои ёрирасон бисёр рушд кардаанд. Дар шаҳри мазкур корхона ва ташкилотҳои калон, миёна ва хурд, аз қабили ҶДММ "Файзи Истиқлол-2011", ҶДММ "Тоҷикавтокараван", ҶДММ "Дустлик", ҶДММ "Кедр", ҶДММ "Макфа-энергия", ҶДММ "Фузулоти Зарнисор", ҶДММ "Пахтаи Ҳисор", ҶДММ "Хушмуҳаммад", ҶДММ "Баҳр" ва ғайра зиёд фаъолият мекунанд. Инчунин, дар шаҳр соҳибкорони зиёди инфиродӣ вуҷуд доранд, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият мекунанд. Воридоти андозӣ ба буҷети шаҳри Ҳисор сол аз сол афзоиш меёбанд (ҷадвали 7).

**Ҷадвали 7. Ҳиссаи андозҳо дар сохтори умумии даромадҳои андозӣ дар ш. Ҳисор (ба ҳисоби %) [7]**

**Table 7. The share of taxes in the overall structure of tax revenues in Hissar (in%)**

| Номгӯй | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2019/13 (+-) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| НТҶ, аз ҷумла: | - | - | | | - | - | - | - |
| Андоз аз даромад | 16,8 | 15.7 | 18.5 | 18,5 | 16,1 | 20,8 | 18,7 | **+1,9** |
| Андоз аз фоида | 13,2 | 14.1 | 13.9 | 16,2 | 13,3 | 12,2 | 12,4 | **-0,8** |
| Андоз аз арзиши иловашуда | 19.6 | 16.7 | 16.4 | 15,0 | 23,9 | 25,0 | 18,8 | **-0,8** |
| Аксизҳо | 0.2 | 0.1 | 0.1 | 0,06 | 0,3 | 0,2 | 0,2 | **0,0** |
| Андози иҷтимоӣ | 17.9 | 19.8 | 21.0 | 17,3 | 16,6 | 14,3 | 26,8 | **+8,9** |
| Андозҳо барои захираҳои табиӣ | 0.9 | 1.3 | 1.4 | 0,9 | 1,0 | 0,8 | 0,5 | **-0,4** |
| Андоз аз истифодабаранда гони роҳҳои автомобилгард | 7.4 | 6.8 | 3.4 | 2,6 | 3,7 | 3,1 | 3,0 | **-4,4** |
| Андоз аз воситаҳои нақлиёт | 3.6 | 6.8 | 2.5 | 2,3 | 3,2 | 2,5 | 2,9 | **-0,7** |
| Андозҳо аз молумулки ғайриманқул | 4.4 | 3.6 | 4.0 | 4,7 | 5,2 | 5,0 | 4,9 | **+0,5** |
| Низоми махсуси андозбандӣ | 10.4 | 12.1 | 11.0 | 11,2 | 10,3 | 11,5 | 8,7 | **-1,7** |
| Боҷи давлатӣ | 2.0 | 1.6 | 1.4 | 1,8 | 2,2 | 2,0 | 1,6 | **-0,4** |
| Дигар даромадҳои ғайриандозӣ | 3.2 | 5.0 | 5.8 | 9,0 | 3,5 | 2,2 | 0,9 | **-2,3** |
| **Ҳамагӣ** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | |

Сарчашма: Маълумотҳои Омори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: маҷм. оморӣ. -Душанбе, 2020. -341 с.

Таҳлили воридоти андозӣ дар шаҳри Ҳисор нишон медиҳад, ки дар ин ҷо андози иҷтимоӣ дар ҳаҷми умумии андозҳо аз ҳама вазни қиёсии болоро дорост. Ин андоз дар ш. Ҳисор соли 2013 - 17,9%, дар соли 2014 - 19,8%, 2015 - 21,0%, дар соли 2016 - 17,3%, дар соли 2017 - 16,6%, дар соли 2018 - 14,3% ва дар соли 2019 - 26,8%-ро ташкил намуд. Ҷои дуюмро бошад, андоз аз арзиши иловашуда ишғол менамояд. Вазни қиёсии ин намуди андоз дар ҳаҷми умумии андозҳо дар соли 2013 – 19,6%, дар соли 2014 – 16,7%, дар соли 2015 – 16,4%, дар соли 2016 - 15,0%, дар соли 2017 - 23,9%, дар соли 2018 - 25,0% ва дар соли 2019 - 18,8%-ро ташкил намуд.

Воридоти андози андоз аз даромад дар соли 2013 - 16,8%, дар соли 2014 ҳаҷмаш то ба 15,7% (-1,1% кам нисбати соли 2013) гардид, дар соли 2015 ва 2016 – 18,5%, дар соли 2017 - 16,1% (- 0,7% кам нисбати соли 2013) ва дар соли 2018 ва 2019 бошад, боз боло рафта, 20,8% ва 18,7%-ро ташкил намуд.

Дар бобати низомҳои махсуси андоз бошад, соли 2013 дар ҳаҷми умумии воридотҳои андозӣ 10,4%, соли 2014 - 12,1%, соли 2015 - 11%, соли 2016 - 11,2%, соли 2017 - 10,3%, соли 2018 – 11,5% ва дар соли 2019-8,7%-ро ташкил намуд. Воридотҳои дигари андозӣ бошанд, дар шаҳр дар сатҳи бисёр паст қарор доранд (диаграммаи 4).

**Диаграммаи 4. Воридоти андозӣ дар ш. Ҳисор (бо фоиз соли 2013 нисбат ба 2019)**
**Diagram 4. Tax revenues in Hissar (as a percentage in 2013-2019)**




Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси ҷадвали 7

Натиҷаҳои таҳқиқоти воридоти андозӣ ба буҷетҳои маҳаллии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ нишон медиҳанд, ки андозҳои мустақим: андоз аз даромад, низоми содакардашудаи андозбандӣ, андоз аз фоида, андоз аз амволи ғайриманқул ва ғайраҳо бартарият доштанд. Андози аз ҳама муҳим, андози иҷтимоӣ ба шумор меравад. Андозҳои ғайримустақим аз ААИ воридоти зиёде надоранд. Бояд зикр кард, ки воридоти андозӣ, пеш аз ҳама, аз иқтидори андозӣ вобастагӣ дорад.

**Муқарриз: д.и.и., профессор Иброҳимзода И.Р.**

## АДАБИЁТ


1. Бюллетени омории бонкӣ. –Душанбе, 2019. - (270). - С. 9-11.
2. Вылкова, Е.С. Проблемные вопросы регулирования налогообложения субъектов предпринимательской деятельности в особых экономических зонах и пути их решения [Текст] / Е.С. Вылкова, В.И. Красавин // Изв. ИГЭА. - 2012. -№5(85). -С.24-28.
3. Джабаров, Р.К. Обобщенные показатели налоговой системы Республики Таджикистан и направления ее совершенствования [Текст] / Р.К. Джабаров, М.М. Исмаилова // Экономика Таджикистана: стратегия развития. - Душанбе, 2001. -№4. –С.60-77.
4. Джабаров, Р.Т. Направление налогового регулирования в Таджикистане [Текст] / Р.Т. Джабаров. -Душанбе: Конуният, 2002. – 143 с.
5. Зарипов, В.М. Налоговая амнистия: pro и contra [Текст] / В.М. Зарипов // Налоговая политика и практика. –М., 2005. - №8.
6. Иброхимов, И.Р. Налогово-бюджетное регулирование экономики Таджикистана: автореферат дис. к.э.н. / И.Р. Иброхимов. -Душанбе, 2006. -24 с.
7. Иброхимов, И.Р. Совершенствование налогово-бюджетной системы Таджикистана [Текст] / И.Р. Иброхимов // Экономика Таджикистана: Стратегия развития. - Душанбе, 2016.
8. Институти «Ҷамъияти кушод»: Таҳлили муаммоҳои муҳоҷирони меҳнатии баргаштаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018.
9. Кадушин А.. Михайлова Н. Насколько посильно налоговое бремя (попытка количественного анализа). [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://ait.thelib.ru/business/management/.
10. Кодекси андози Ҷумҳурии тоҷикистон. - 2013.
11. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2015. -С.14.
12. Маҷмуаи оморӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2019. -С.13-15.
13. Омори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: маҷм. оморӣ. - Душанбе, 2020. - 341 с.
14. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2018. -С.231.
15. Сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон.


## ҲОЛАТИ МУОСИРИ ТАНЗИМИ МЕХАНИЗМИ АНДОЗИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

Мубрамияти мақолаи мазкур дар он аст, ки он масъалаи муҳимми замони муосир, яъне, ҳолати танзими механизми андози иқтисоди миллӣ баррасӣ шудааст. Дар ҳақиқат дар замони муосир масъалаҳои

танзими механизми андоз дар рушди иқтисоди миллӣ нақши муҳимро мебозад, алалхусус дар минтақаҳо. Дар мақолаи мазкур саҳми воридоти андози шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар мисоли буҷаи маҳаллӣ ва корхонаҳои хусусӣ таҳлил шудааст. Инро бояд қайд кард, ки ҳақиқатан андоз барои рушди иқтисоди миллӣ нақши калонро мебозад, зеро дар асоси даромадҳои андозӣ буҷаи маҳаллӣ ва ҳам ҷумҳурӣ ҷамъоварӣ мешавад. Низоми андози амалкунанда бояд, аз як тараф, талаботи давлатро ба захираҳои молиявӣ таъмин намояд ва аз тарафи дигар, на танҳо омилҳои андозсупорандаро барои фаъолияти соҳибкорӣ поён оварад, балки ӯро барои ҷустуҷӯи роҳҳои баландбардории самаранокии хоҷагидорӣ дар ҷумҳурӣ нигоҳ дорад. Ғайр аз ин нишон дода шудааст, ки дар асос чанд намуди андоз вуҷуд дорад, аз тарафи кадом кумитаҳои давлатӣ ва бо кадом қонунгузориҳо танзим карда мешаванд. Дар хулоса пешниҳодҳои муаллифон барои беҳтар намудани рафти танзими механизми андоз пешниҳод шудаанд.
**Калидвожаҳо:** андоз, намудҳои андоз, минтақаҳо, механизми танзим, таҳлил, корхонаҳо, соҳибкорӣ, иқтисодиёти миллӣ, омилҳо ва ғайра.

## СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ РЕГУЛИРОВАНИЯ МЕХАНИЗМА НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

Актуальность данной статьи заключается в том, что в ней затрагивается важный вопрос современности, а именно: состояние регулирования народнохозяйственного налогового механизма. Ведь в современное время вопросы регулирования налогового механизма играют важную роль в развитии национальной экономики, особенно в регионах. В данной статье анализируется вклад налоговых поступлений городов и районов РРП на примере местных бюджетов и частных предприятий. Следует отметить, что налог действительно играет важную роль в развитии народного хозяйства, поскольку на его основе собираются доходы как местного, так и республиканского бюджетов. Действующая налоговая система должна, с одной стороны, удовлетворять потребности государства в финансовых ресурсах, а с другой стороны, не только снижать факторы налогоплательщика для ведения бизнеса, но и заставлять его искать пути повышения экономической эффективности в стране. Также показано, сколько существует видов налогов, какие из них регулируются какими государственными комитетами, и каким законодательством. В заключении авторские предложения по совершенствованию процесса регулирования налогового механизма.
**Ключевые слова:** налог, виды налогов, регионы, механизм регулирования, анализ, предприятия, бизнес, национальная экономика, факторы и др.

## CURRENT STATUS OF REGULATION OF THE NATIONAL ECONOMY'S TAXATION MECHANISM

The relevance of this article is that it addresses an important issue of modern times, ie the state of regulation of the national economic tax mechanism. Indeed, in modern times, the issues of regulating the tax mechanism play an important role in the development of the national economy, especially in the regions. This article analyzes the contribution of tax revenue of cities and districts of RRS on the example of local budgets and private enterprises. It should be noted that the tax really plays an important role in the development of the national economy, because on the basis of tax revenues are collected both local and national budgets. The current tax system should, on the one hand, meet the government's demand for financial resources and, on the other hand, not only reduce the taxpayer's factors for doing business, but also keep him looking for ways to increase economic efficiency in the country. It also shows how many types of taxes there are, which ones are regulated by which state committees and by which legislation. In conclusion, the author's proposals for improving the regulation of the tax mechanism are presented.
**Keywords:** tax, types of taxes, regions, regulatory mechanism, analysis, enterprises, business, national economy, factors, etc.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Давлатов Диловар Сайфуллоевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи андоз ва андозбандӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **dilovar_76@mail.ru**. Телефон: **918-35-43-45**
***Қаюмов Сайфуддин Шарипович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва андозбандӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **sayfuddin/kaumov@mail.ru**. Телефон: **900-11-40-37**

**Сведение об авторах:** ***Давлатов Диловар Сайфуллоевич*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры налогов и налогообложения. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **dilovar_76@mail.ru**. Телефон: **918-35-43-45**
***Каюмов Сайфуддин Шарипович*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры налогов и налогообложения. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **sayfuddin/kaumov@mail.ru**. Телефон: **900-11-40-37**

**Information about the authors:** ***Davlatov Dilovar Saifulloevich*** - Tajik National University, Senior Lecturer of the Department of Taxes and Taxation. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **dilovar_76@mail.ru.** Phone: **918-35-43-45**
***Kayumov Saifuddin Sharipovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Taxation and Taxation. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **sayfuddin/kaumov@mail.ru**. Phone: **900-11-40-37**

УДК 338.17.3

# ҶАНБАҲОИ ИЛМИЮ НАЗАРИЯВИИ БИЗНЕСИ ОИЛАВӢ ВА СОҲИБКОРИИ ОИЛАВӢ: УМУМИЯТ ВА МАХСУСИЯТ

*Авзалов Ҳ.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити ҳукмронии қонуниятҳои бозорӣ, назари тараққиёти ҷамъият роҷеъ ба доройӣ ва арзишҳои иқтисодию иҷтимоӣ куллан тағйир ёфтааст. Албата, ин муносибатҳо ва бозсозиҳои иқтисодию иҷтимоии ҳаёти башарият бо худ шаклҳои нави шуғлро бо номгузорӣ ва асарбахшии нав ба вуҷуд овард, ба монанди бизнес, соҳибкорӣ, бизнеси оилавӣ, соҳибкории оилавӣ ва ғайраҳо. Ногуфта намонад, ки аҳамияти иқтисодию иҷтимоии мафҳумҳои номбурда то замони мо бисёр мавриди баҳс ва назарсанҷиҳо қарор гирифтаанд, аммо бо афзун гардидани нақши онҳо дар рушд ва тараққиёти давлат, аз онҳо дасти омӯзиш ва озмоиш бардошта намешавад.

Мутобиқи маълумотҳо дар ду садсолаи охир баҳс атрофи бизнеси оилавӣ ва соҳибкории оилавӣ бо суръат ҷараён дорад, вале то ҳанӯз тарзи ифодаи маъмул, ки аҳамияти иқтисодию иҷтимоии ин падидаҳои иқтисодию иҷтимоиро ифода карда тавонад, вуҷуд надорад. Дар ҳар сурат вазифаи асосии мо, ки аз асоснокнамоии аҳамияти иқтисодию иҷтимоии бизнеси оилавӣ ва соҳибкории оилавӣ ҳамзамон, таснифоти умумият ва махсусият байни онҳо иборат аст, муҳим арзёбӣ мегардад, инчунин, натиҷаи мақсади илмиро муайян мекунад. Дар мавриди таваҷҷуҳ кардан ба тарзи ифодаи «бизнеси оилавӣ» ва «соҳибкории оилавӣ» маълум мегардад, ки нақши калидиро «оила» ишғол мекунад. Бо назардошти ин пайгирии мафҳум, моҳият ва нақши оила дар сохтори муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ муҳим дониста мешавад.

Оила, чун институти муҳими ҳаёти иқтисодию иҷтимоии башарият, объекти омӯзиш ва таҳқиқоти бахшҳои гуногуни илмӣ қарор гирифтааст, ба монанди: ҷамъиятшиносӣ, иқтисодиёт, фарҳангшиносӣ, равоншиносӣ, тандурустӣ, сиёсатшиносӣ ва ғ.

Дар илми иқтисодиёт оила чун таҳкурсии устувори рушди имрӯза ва ояндаи иқтисодиёти давлат тасдиқ гардида, шарҳу тавзеҳоти гуногунро касб намудааст. Консепсияҳои илмӣ тасдиқ мекунанд, ки нахустин заминаҳои омӯзиши аҳамияти иқтисодию иҷимоии оила аз замонҳои хело ҳам қадим шуруъ шудаст. Дар якчанд сарчашмаи илмӣ чунин иқтибос оварда шудааст, ки «... Яке аз аввалин рисолаҳо оид ба иқтисоди оила асари олими Юнони кадим Ксенофонт «Домострой» (399 пеш аз милод) мебошад, ки дар он масъалаҳои идоракунии сатҳи олии хоҷагӣ баҳс карда шудааст» [20; 24,с.98]. Тибқи назарияи олими Юнони кадим Ксенофонт оила (хона) на танҳо шакли ташкилёбии ихтиёрии ҳаёти якҷоя, балки имкони хуби ташкили ҳамкорӣ бо муҳити беруна бо мақсади ба даст овардани фоида низ метавонад бошад. Вобаста ба ин, ӯ доройӣ ва тавоноии душманони оиларо зери назар гирифта, қайд мекунад, ки сардори оила бояд марди тавоное бошад, ки аз душманон ва имкониятҳои муҳити беруна фоида ба даст оварда тавонад. Ҳамин тариқ пай дар пай масъалаи мустақилияти иқтисодию иҷтимоии оила ё хонавода мавриди омӯзиш қарор дода шуд. Дар робита ба ин масъала, Коновалова Е.В. қайд мекунад, ки оила ҳанӯз дар илми иқтисодиёт мавқеи олиро ишғол карда натавонистааст, нисбат ба ҳаёти воқеӣ ва тавзеҳоти олимон, ки онро асоси пешрафт ва тараққиёти иқтисодиёти давлат асоснок менамоянд, ба монанди А. Маршал (Принсипҳои иқтисодиёт), Ҷ. Милля (Принсипҳои иқтисодиёти сиёсӣ), А. Смит (Боигарии халқҳо) ва ғайра [10,с.53].

Дар баробари ин, Малтус Т. ҳангоми пайгирии масъалаи рушди нуфус, ба мушкилоти алоқаманд бо таваллуд, даромади оила ва синну соли издивоҷ таваҷҷуҳ карда, бисёр масъалаҳои иқтисодии оилаҳоро, ки сабаби коҳишёбии такрористеҳсолии ҷамъият ва рушди иқтисодиёт мегарданд, матраҳ намудааст. Малтус Т. қайд мекунад, ки «...шароити ногувори зиндагии хонаводаҳо боиси он мегардад, ки ҷавонон дар синну соли балоғат издивоҷ карда наметавонанд, ин мушкил боиси коҳиш ёфтани такрористеҳсолии аҳолӣ ва захираҳои инсонӣ мегардад». Аммо мутаассифона солҳои зиёд аз маркази таваҷҷуҳи иқтисодиёт ин назария дур монд. Баъдтар бо инкишоф ёфтани корҳои илмию таҳқиқотии Ф. Энгелс назарияҳои нави илмии рушди оилаҳо пайдо шуд, ки дар асари ин

олим (Пайдоиши оила, моликияти хусусӣ ва давлат) соли 1884 пешниҳод карда шуд [23,с.103]. Ф. Энгелс бештар сохтори оила, моликият ва иттиҳоди қавмии оилаҳоро омӯхта, ҳамкории онҳоро бо давлат кафолати рушди иқтисодиёт мешуморад.

Оила аз нигоҳи Адам Смит яке аз муҳимтарин ташкилотҳои сохтори иқтисодиёт маҳсуб ёфта, дар таъмини қувваи корӣ ва парвариши ҳар гуна молу маҳсулот нақши арзанда дошта метавонад [19,с.189].

Асарҳои илмии олимони номбурда ва озмоишҳои амалии вобастагии оила бо идоракунии давлати исбот намуданд, ки оила нахустин заминаи ташкил ва ташаккули тартиботи ҷамъиятӣ ва таъмини рушди иқтисодиёти давлат ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, ҳанӯз рафтори иқтисодию иҷтимоии оила ва ҳар як аъзои алоҳидаи он мавриди омӯзиши олимони замони муосир қарор гирифтааст. Ҳамин тариқ, дар баробари рушди босуръати қонуниятҳои иқтисоди бозорӣ, ки инсон ва талаботи он мақсади асосии ташкили истеҳсолот қарор гирифт, олимони давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон оиларо ба меҳвари таҳқиқотҳои илмӣ мубаддал намудаанд. Дар робита ба ин, Сюркова С.М. бисёр хуб қайд намудааст, ки «Парадигмаи иқтисодӣ аз ду ҷониб мавриди омӯзиш қарор дода мешавад:

1) методология, ки тамсила, қонуниятҳо, меъёрҳои тадқиқоти илмӣ ва тарзу усулҳои омӯзишро дар бар мегирад;

2) онтология (омӯзиши фалсафии қонуният ва умумиятҳо), ки тасаввуроти умумиро дар бораи оила ҳамчун шакли махсуси хоҷагидорӣ, шакли тақсимоти даромад, системаи муносибатҳои иқтисодӣ меомӯзад» [22,с.85]. Бо таваҷҷуҳ ба қонуниятҳои онтологӣ маълум мегардад, ки масъалаи аҳамияти иқтисодии оила аз ҷониби бисёр олимони машҳури соҳаи иқтисод мавриди омӯзиш қарор дода шудааст (Г. Беккер, Е Римашевская, Г. Платонов. И. Весельникова, А. Волков, Л. Дарский ва дигарон), аммо дар пасманзари дигар масъалаҳо.

Дар баробари олимони номбурда, охирҳои садаи бистум ва аввалҳои садаи бистуякум нигоҳи олимони соҳа ба масъалаи аҳмияти иқтисодии оила, комилан дар шакли нав ташаккул ёфт. Иқтисодиёти оила бо таваҷҷуҳ ба қонуниятҳои иқтисдиёти бозор воситаи муҳимми пешбарандаи иқтисодиёт тасдиқи худро пайдо намуд.

Пешеров Г.И. ва Пирогов А.И. дар робита ба оила таҳқиқотҳои арзишманди илмӣ анҷом додаанд, ҳамзамон, онҳо бар он андешаанд, ки оила барои давлат на танҳо сарчашмаи асосии ба даст овардани боигарӣ, балки метавонад институти махсуси иҷтимоӣ бошад, ки дар омодасозии кадрҳо ва интиқоли малакаю дониш ба наслҳои дигар нақши муҳимро бозад. Дар радифи ин қайд мекунанд, ки «оила гурӯҳи ибтидоии иҷтимоии ҷомеа буда, ба иттиҳоди никоҳ, робитаҳои оилавӣ, идораи муштараки хоҷагии умумӣ ва масъулияти маънавӣ барои насли наврас асос ёфтааст. Тавассути он наслҳои одамон иваз мешаванд ва мусобика дар чунин шакл идома меёбад» [15,с.107].

Касяненко Т.Г. ва Воротилкина А.М. нақши оиларо дар ташкил ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ муҳим арзёбӣ намуда, захираҳои дар ихтиёрдоштаи оиларо ҳамчун воситаи асосии рушди иқтисодиёт асоснок намудаанд. Онҳо дар яке аз асарҳои илмии худ ёдовар шудаанд, ки «…барои таъмини фаъолияти ҳаётии ҷомеаи шаҳрвандӣ оила дар баробари иҷрои як қатор вазифаҳои муҳим (таваллуди пайваста, заминаҳои тарбиявӣ, интиқоли ҳунар ва ғайра), инчунин, дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ аз ҳисоби буҷети оила барои қонеъ гардонидани талаботи худ ва иқтисодиёт, дар маҷмуъ, мавқеи махсусро ишғол мекунад. Дар радифи ин оила дар муайян кардани хусусиятҳои истеҳсол, тақсим ва истеъмоли навъҳои гуногуни мол ва хизматрасонӣ, низ саҳм дошта метавонад» [18,с.524].

Тибқи низоми қонунгузории ҷумҳурӣ, оила зиндагии ихтиёрии зану шавҳар дар назар дошта мешавад, ки аз ҷониби мақомоти махсуси давлатӣ ба расмият дароварда шудааст. Ба расмият даровардан ва эътироф намудани зиндагии якҷояи зану шавҳар, қабл аз ҳама, барои худи онҳо ва фарзандонашон муҳим аст. Дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд шудааст: «Оила, ақди никоҳ, модар, падар ва кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти муҳофизати давлат қарор доранд» [9]. Тибқи талаботи қонун, танҳо он ақди никоҳе эътироф карда мешавад, ки дар мақомоти давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба ҷо оварда шудааст. Ақди никоҳе, ки бо расму оини динӣ сурат гирифтааст, эътибори қонунӣ надорад. Албата, барои таъмини устувории иқтисодии оила ва дар маҷмуъ, давлат ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои аъзоёни онро муҳим меҳисобад.

Дар асоси андешаҳои қаблан овардашуда хулоса кардан мумкин аст, ки оила ин муҳимтарин унсури ҷомеа ба ҳисоб рафта, муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва шаҳрвандиро дар бар мегирад. Оила ҳамчун институт ё падидаи иҷтимоӣ бошад, муносибатҳои занушавҳарӣ, хешутаборӣ, муносибатҳои иқтисодии оилавӣ, ташаккул ва рушди шахс, масъулият ва уҳдадории байни аъзоёни он дар асоси қоидаҳои одобу ахлоқ ва талаботи муайяни қонунгузорӣ ба танзим медарорад. Инсон нахустин асосҳои феълу рафтор, муносибат ба худ ва дигарон, муносибат ба меҳнат, муносибат ба ҳаёти ҷомеаро маҳз аз оила мегирад.

Бо назардошти он ки оила дар бунёди низоми устувори муносибатҳои иқтисодию иҷимоӣ асос мегузорад, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар робита ба рушди оилаҳои солим ва ҳунарманд пайваста чораҳои судмандро роҳандозӣ менамоянд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳои хад иброз доштанд, ки «давлат дар доираи талаботи Конститутсия ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла ҳимояи оила, ҳифзи кӯдакони ятиму маъюб ва таҳсилу табобати шаҳрвандонро кафолат дода, оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад». Дар баробари қабул ва амалигардонии заминаи зарурии ҳуқуқии рушди оила, инчунин, чорабиниҳои зиёди хусусияти амалидоштаро («Соли оила» 2015, Озмуни доимамалкунандаии телевизионӣ «Оилаи намунавӣ», эҳёи ҳунарҳои мардумӣ, ки аз оила сарчашма мегирад ва ғ.) ба роҳ монданд, ки ҷиҳати рушди ҳамаҷонибаи оила заминаи устувор гузошта метавонад.

Дар мавриди ба эътибор гирифтани хулосаи олимону коршиносон нисбат ба аҳмияти иқтисодию иҷтимоии оила хулосаи мо чунин аст: Оила ин иттиҳоди мақсадноки одамон аст, ки дар асоси ҳамфикрии озод, ба таври ихтиёрӣ, баробарҳуқуқӣ байни марду зан бо мақсади тавлид ва тарбияи насл ташкил ёфта, бо бастани ақди никоҳ ба расмият даровардa мешавад, ки минбаъд аъзои онро хамхунию хешутаборӣ, пешбурди хоҷагидории умумӣ, буҷети ягона, муҳити умумииҷтимоӣ, масъулияти байниҳамдигарии ахлоқию ҳуқуқии баробар муттаҳид месозад.

Айни замон масъалаи муҳим, ки атрофаш баҳси тулонӣ вуҷуд дорад, ин аҳмияти иқтисодии оила ва хоҷагӣ аст. Баъзан оила ва хоҷагиро дар асарҳои илмӣибораҳои ҳаммаъно истифода намудаанд, ки ин равиши илмӣ начандон дуруст аст. Дар робита ба ин масъала ба фикри Сюркова С.М. розӣ шудан мумкин аст, ки чунин мешуморад: «…Мутаассифона баъзан олимон байни мафҳуми «оила» ва «хоҷагӣ» фарқ нагузоштаанд, аммо мафҳумҳои «оила» ва «хоҷагӣ» дар ҳар сурат аз ҳамдигар фарқ мекунанд, гарчанде ки дар назари аввал якхела ба назар мерасанд. Ин гуна андешаҳо бо он далел вуҷуд доранд, ки байни ин мафҳумҳо умумият вуҷуд дорад. Вазифаи асосии оила таваллуд ва тарбияи фарзандон, инчунин, такрористеҳсоли ҳаёти аъзоён, ба воя расонидани онҳо мебошад, ки бо риштаҳои оилавӣ ё ақди никоҳ бо ҳамдигар алоқаманданд. Вазифаи асосии хоҷагӣ бошад, истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ барои таъмини аъзоёни оила мебошад. Ба андешаи мо, мафҳуми оила нисбат ба мафҳуми хонавода то андозае васеътар аст, ҳарчанд дар адабиёти муосири иқтисодӣ хар ду ин мафҳум аксар вақт ҳамчун синоним истифода мешаванд» [22,с.86]. Дар воқеъ, муаллиф бисёр назари санҷидашуда пешниҳод намудааст, яъне хоҷагӣ танҳо муносибатҳои муомилотиро ифода мекунад, дар ҳоле ки оила дорои функсия ва хусусиятҳои зиёд мебошад. Вобаста ба ин ва дигар маълумотҳо оид ба мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои таркибии оила дар низоми муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ, хулосаи мо чунин аст:

- оила дар таъмини ҳаёт ва фаъолияти иҷтимоии инсон бо иҷрои функсияҳои доштааш нақши бузург мегузорад (маҳсулнокӣ, тарбиявӣ, муолиҷавӣ, хоҷагидорӣ - иқтисодӣ);

- оила дар ташкил ва фаъолсозии муносибатҳои иқтисодӣ, тавассути андухт ва истифодаи оқилонаи буҷети оилавӣ ҷиҳати дастрасӣ ва қонеъгардонии талаботи худ бо мол ва хизматрасониҳои зурурӣ метавонад саҳми калон гузорад;

- дар шароити иқтисоди бозорӣ назари олимон дар робита ба аҳамияти иқтисодии оила дигаргун гаштааст. Оила тибқи консепсияи илми муосир шакли махсуси «ширкат» ифода ёфтааст, ки дар баробари сарф кардани миқдори муайяни хароҷот, ҷиҳати қонеъгардонии талаботи худ ва ҷамъият дар истеҳсоли неъматҳои гуногун саҳмгузорӣ мекунад;

- дар муҳити оила ҳар як аъзои он кӯшиш мекунад, ки худ ва наздиконашонро аз асорати камбизоатӣ, берун оварад. Бо ин мақсад, дар асоси истифодаи имкониятҳо ё захираҳои дастрас кор ё тиҷорат ташкил намуда, дигар аъзоёни оиларо ҷалб мекунад. Ҳамин тариқ, шуғли фоидаовари созмондодашуда ба наслҳои минбаъда интиқол дода мешавад, ки дар асоси истифодаи маҳорат ва ҷаҳонбинии онҳо бо сифати нав ташаккул ёфта, фоида меорад. Яъне, ташкили тиҷорат дар доираи оила ин шуғлест, ки сармояро дар доираи худи оила нигоҳ медорад.

Аз моҳият ва нақши иҷтимоию иқтисодии оила дар сохтори муносибатҳои хоҷагидорӣ бармеояд, ки унсури асосӣ дар ҳамгироии ташкили фаъолияти истеҳсолию хизматрасонӣ ҳамчун «тиҷорати (бизнеси) оилавӣ» ва «соҳибкории оилавӣ» маҳз оила баромад мекунад.

Доир ба мафҳум ва моҳияти бизнес ва соҳибкорӣ дар равишҳои илмии иқтисодиёти муосир бисёр баҳс шудааст. Баъзан муаллифон ибораи «бизнес» ва «соҳибкориро» синоним истифода намудаанд [3, 8,16], гурӯҳи дигари олимоне вуҷуд доранд, ки дар истифодаи илмию амалии ин мафҳумҳо фарқият гузоштаанд. Ба андешаи мо, ба фикри олимон роҷеъ ба тафовути бизнес аз соҳибкорӣ розӣ шудан интихоби оқилона аст.

Дар баробари ин, тибқи таҳлил ва муқоисанамоии равишҳои асоснокнамоии илмии мафҳуми бизнес, таърифҳоеро пайдо намудан мумкин аст, ки ба ҷанбаҳои муҳим ва умумии ин категорияи иқтисодӣ эътибор додаанд, инчунин, онҳоеро пайдо намудан мумкин аст, ки ин масъаларо ба таври махсус мавриди омӯзиш қарор додаанд. Тибқи равиши якум, бизнес аз рӯи тавлиди маҳсулот муайян карда мешавад. Яъне, бизнесмен ин шуғлест, ки метавонад автомобил, маҳсулоти хӯрока, маҳсулоти полиграфӣ ва ғайраро истеҳсол намуда, бо ин восила фоида ба даст орад [11,с.199].

Равиши дуюм (таври махсус) бизнесро чунин шакли фаъолияти иқтисодӣ инъикос намудааст:

- бизнес, ин раванди табдил додани захираҳо, дониш ва дигар арзишҳои иқтисодӣ ба объекти фурӯш мебошад [4,с.101];

- бизнес, ин фаъолияти мушаххас, ки дар доираи сохтори аниқ ташкил ёфта ҳадафи ниҳоии он гирифтани фоида ба ҳисоб меравад [3, 12];

- бизнес, ин ҷараёнест, ки ҳадафи ниҳоии он ба қонеъгардонии истеъмолкунандагон равона шудааст, на барои истеҳсол намудани ягон неъмати иқтисодӣ [11,с.198].

Сергеева О.Е. кӯшиш намудааст, ки ба таври васеъ ба мафҳуми «бизнес» таърифи худро пешниҳод намояд. Тибқи хулосаҳои ӯ, «…бизнес – ин маҷмуи муносибатҳои корӣ ҷиҳати амалӣ намудани ташаббус, раванди мустақил оид ба истихроҷи неъматҳои табиӣ ё пешниҳоди хизматрасонӣ, табдил додани онҳо ба намуди мушаххаси фаъолияти иқтисодӣ фаҳмида мешавад, ки дар шароити бозор тавассути мубодила бо таваккали ва масъулияти молу мулкии худ аз ҷониби ашхоси манфиатдор ё фирмаҳо, ташкилотҳо барои муштариён, харидорон ва истеъмолкунандагон анҷом дода мешавад» [18,с.50].

Маълум аст, ки роҷеъ ба шарҳи мафҳум ва моҳияти «бизнес» андешаҳо ва хулосаҳо хело зиёданд, аммо барои ба хулосаи дуруст омадан оид ба он ки байни бизнес ва соҳибкорӣ фарқият вуҷуд дорад, моро зарур аст, ки ба моҳият ва хусусиятҳои таркибии соҳибкорӣ низ таваҷҷуҳ намоем.

Маълум аст, ки нахустин шуда мафҳуми соҳибкориро ба иқтисодиёт Р. Кантилон ворид намудааст, ки ба аввали асрҳои XVIII рост меояд. Тибқи фаҳмиши ӯ, соҳибкор ин фардест, ки молро аз дигарон бо арзиши муайян харидорӣ намуда, онро бо нархи маълум ё номаълум фурӯхта, фоидаи номаълуму номуайян ба даст меорад. Кантилон Р. намояндаи машҳури қисми аввали мавҷҳои меркантилизм ба ҳисоб меравад ва дар робита ба соҳибкорӣ ғояҳои арзишманди илмӣ пешниҳод намудааст. Ӯ қайд менамояд, ки «соҳибкорӣ ин таваккали махсус аст». Мутобиқ ба андешаҳои Кантилон Р. соҳибкор – ин нафарест, ки қобилияти ояндабинии тамоми омил ва вазъиятро дошта, ҳамзамон, ухдадориро ҷиҳати натиҷаи фаъолият ба зимаи худ гирифта, вобаста ба кӯшиш ва омодабошии худ нисбат ба дилхоҳ зарар ва хатарҳо гирифтани фоидаи дилхоҳро интизор аст [7,с.89].

Иқтисодчии машҳур Адам Смит дар робита ба фаъолияти соҳибкорӣ ва вобастагии рушди иқтисодиёт аз натиҷаи кордонии соҳибкорон ақидаҳои зиёд пешниҳод намудааст. Мутобиқ ба андешаҳои ӯ соҳибкор шахси воқеии дорои қобилият, ақлу заковат, маълумот

ва омодаи ҳамаҷониба дарк намудани вазъият, майл доштан ба навоварию навҷорисозӣ ва ба монанди ин гуна сифатҳо буда метавонад [19,с.64].

Тибқи хулосаи олимони ватании замони мусоир бошад, соҳибкорӣ чунин шарҳ дода шудааст: «Соҳибкорӣ ин фаъолияти иқтисодие мебошад, ки барои гирифтани фоида дар асоси истифодаи қобилият, маҳорат ва дигар сифатҳои зарурии ташкилотчигӣ нигаронида шудааст» [21,с.25]. Дар натиҷаи таҳлил ва баҳогузории нақш ва мавқеи фаъолияти соҳибкорӣ на танҳо дар сохтори муносибатҳои иқтисодӣ, балки дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ Ахмадбекова Н.М. ба мафҳум ва моҳияти соҳибкорӣ андешаи дигареро пешниҳод намудааст: «…Соҳибкорӣ ин фаъолияти алоқаман на танҳо бо истифодаи самараноки захираҳои нодир буда метавонад, балки конеъ гардонидани талаботи аҳолӣ тавассути истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истеъмоли молҳои ҷамъиятӣ бо назардошти ҷамъ овардани сатҳи муайяни таҷриба ва маҳорат фаҳмида мешавад [1,с.25].

Дар баробари ин, Имомербеков Ф.М. бештар ба хусусиятҳои истеҳсолию муомилотии фаъолияти соҳибкорӣ таваҷҷуҳ намуда, чунин тарзи ифодаро пешниҳод намудааст: «соҳибкорӣ фаъолияте мебошад, ки ба бунёди дороиҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, арзишҳо бо мақсади ба даст овардани даромад ё фоида нигаронида шудааст, ки бештар ба фаъолияти эҷодӣ ва саъю кӯшиши навоваронаи субъекти соҳибкорӣ ва асоси пайдоиши дигар намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ шуда метавонад» [6,с.52].

Дар натиҷаи пайгирии мазмун ва мундариҷаи мафҳуми «бизнес» ва «соҳибкорӣ» вобаста ба натиҷаи таҳқиқоти имлию назариявии олимони ватанию хориҷӣ, хулоса намудан мумкин аст, ки бизнес ва соҳибкорӣ воқеан дар сохтори муносибатҳои иқисодию иҷтимоӣ нақши калон доранд ва аз рӯи унсурҳои таркибии методологӣ ва корбарии амалӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд (расми 1).

**Расми 1. Хусусиятҳои қиёсии соҳибкорӣ ва бизнеси оилавӣ**
**Figure 1. Comparative characteristics of entrepreneurship and family business**

| СОҲИБКОРӢ | МАҲАКИ МУҚОИСАНАМОӢ | БИЗНЕС |
|---|---|---|
| Соҳибкор мехоҳад ғояҳои истеҳсолию тиҷоратии худро амалӣ намояд. Ҷамъият дар ин асос тараққиёт ва рушдро соҳиб мешавад. | МАҚСАД | Бизнесмен ҳадафи асосиааш гирифтани фоида аст. Дар ин раванд талаботи ҷамъият қонеъ гардонида мешавад. |
| Эҷодкорона, навоварона, доná ва қабулкунандаи хавф, тағйирдиҳандаи тавозуни бозорӣ. | ЧУН ФАЪОЛИЯТИ ХОҶАГИДОРӢ | Истифодабарандаи бо маҳорати имкони номутавозинии бозор, ҷиҳати гирифтани фоида ва муътадил нигоҳ доштани вазъи бозорӣ |
| - Рушд ва истифодаи пайвастаи тавоноии худ.<br>- Гирифтани фоида дар асоси истифодабарии тавоноии худ.<br>- Ҷустуҷӯи бозор, ки дар он оид ба маҳорат ва ғояи соҳибкории он ба таври максималӣ талабот вуҷуд дорад. | ЧУН ФУНКСИЯ | - Самти асосии фаъолият, ин талаботи бозор.<br>- Гирифтани фоидаи максималӣ тавассути қонеъ гардонидани талаботи бозор.<br>- Ҷустуҷӯи усулҳои рушд ва қонеъгардонии талаботҳо, ки аз ҷониби ҷамъият зуҳур меёбанд. |
| - Бунёди сохтори истеҳсолии наву замонавӣ.<br>- Ҷалби бевосита ва ҳавасмандона дар ҷараён истеҳсолот. | ЧУН ТАВОНМАНДӢ | - Такрористеҳсолии сохтори истеҳсолот.<br>- Амалкарди мустақилонаи сохтор, бидуни иштироки шахсии бизнесмен. |
| Кӯшиши амаигардонии имкониятҳои истеҳсолию муомилотӣ бе назардошти мавҷудияти захираҳо. | ЧУН ИМКОНИЯТ | Амалигардонии имконияти тиҷорат ҳангоми мавҷудияти захираҳо. |
| Омӯзиш ғайриимкон | ИМКОНИ ОМӮЗИШ | Омӯзиш имконпазир аст |
| Озодии интихоб бо захираҳо маҳдуд нест | МУНОСИБАТ НИСБАТ БА ИНТИХОБИ ОЗОД | Озодии интихоб бо захираҳо маҳдуд аст |

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаҳои назариявӣ таҳия шудааст.

Аз натиҷаи таҳқиқот, ки дар натиҷаи хулосаҳои илмию назариявии олимони ватанию хориҷӣ анҷом дода шудааст, маълум мегардад, ки дар воқеъ аз рӯи ҳафт нишондиҳандаи дар расми 1 овардашуда бизнес аз соҳибкорӣ фарқ мекунад. Мафҳумҳои номбурдаро чун синоним истифода намудан иштибоҳ аст.

Новобаста аз ин хулосаҳои дар расм овардашуда, баъзан муаллифон кӯшиш намудаанд, ки дар раванди истеҳсол ва фурӯши молу хизматрасониҳои гуногун мавқеи соҳибкор ва бизнесменро аз ҳам ҷудо нишон диҳанд (расми 2).

Мутобиқ ба хулосаҳои Игнатова И.В., ҳангоми мавриди озмоиш ва мушоҳида қарор додани истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва фурӯши онҳо саҳми соҳибкорӣ ва бизнес муҳим арзёбӣ гардидааст, аммо ба фаъолияти соҳибкорӣ дар ин ҷараён афзалияти бештар додааст. Ҳамзамон, қайд мекунад, ки раванди фаъолияти соҳибкорӣ аз замони кор кардан дар атрофи ғоя (идея) шуруъ гардида, сипас бо унсурҳои муҳит пайваст гардида, марҳилаҳои дигари ин фаъолият иҷро карда мешаванд. Дар ин ҷараён баъзан уҳдадориҳо ва вазифаҳо ба зиммаи менеҷер ё бизнесмен интиқол дода мешавад. Дар ин маврид соҳибкор кӯшиш мекунад, ки ғояҳои нави ташкил ва рушди минбаъдаи фаъолиятро таҳрезӣ ва амалӣ намояд.

Игнатова И.В. инчунин вобаста ба фарқият ва ҳамоҳангии фаъолияти бизнесмен ва соҳибкор боз як нуқтаи ҷолиб пешниҳод намудааст: «вобаста ба таҷрибаи соҳибкор, захираҳои мавҷуда, равандҳои соҳибкорӣ ва бизнес метавонанд ба ҳам монанд бошанд: ҳар қадар таҷриба камтар бошад, соҳибкорӣ ва бизнес ҳамон қадар муддати тулонӣ бо ҳам баробар фаъолият дошта метавонанд. Баръакси ҳолат, соҳибкор ҳар қадар таҷрибаи бештар дошта бошад, ҳамон қадар корро иҷро намуда, натиҷаи кори худро барои татбиқи амалӣ ба менеҷер ва бизнесмен месупорад» [5,с.12].

**Расми 2. Раванди татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ ва бизнес [5]**
**Figure 2. The process of implementing entrepreneurial and business activities**




Бо назардошти ба эътибор гирифтани хулосаю пешниҳодҳои қаблан ёдоваршуда, андешаи мо чунин аст, ки натиҷаи фаъолияти соҳибкорӣ, пеш аз ҳама, ташкили заминаи таъсис ё инкишофи бизнес буда метавонад. Мақсади ниҳоии бизнес бошад, дар навбати худ ба даст овардани фоида мебошад. Гирифтани фоида барои соҳибкорӣ ҳадафи ғайримустақим ба ҳисоб меравад. Моҳияти иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ дар ҷустуҷӯ ва татбиқи маҷмуи омилҳои нави истеҳсолӣ (навсозии маҳсулот, технология, равишҳои ташкилӣ) бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи ҷамъиятӣ мебошад. Дар зери ҳадафи қонеъгардонии талаботи ҷамъият ва саҳмгузорӣ ба пешрафт ва тараққиёти иқтисодиёд бояд фоида ба даст оварда шавад, ки дар амалишавии ин ҳадаф бизнес кумак мерасонад.

Дар натиҷа, хулоса намудан мумкин аст, ки байни «бизнеси оилавӣ» ва «соҳибкории оилавӣ» фарқият ва умумият вуҷуд дорад. Мутобиқ ба сарчашмаҳои илмӣ қоидаҳои зиёди ифодакунандаи мафҳум ва моҳияти соҳибкории оилавӣ ва бизнеси оилавӣ пешниҳод шудааст, ки баъзе аз онҳо дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

Омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи муҳимтарин категорияҳои иқтисодӣ ба монанди бизнеси оилавӣ ва соҳибкории оилавӣ ба мо имкон дод, ки роҷеъ ба умумият ва хусусиятҳои фарққунандаи ин шаклҳои фаъолият хулосаҳои зарурӣ пешниҳод намоем:

**Ҷадвали 1. Тавсифи соҳибкории оилавӣ ва бизнеси оилавӣ дар консепсияҳои илмӣ**
**Table 1. Description of family entrepreneurship and family business in scientific concepts**

| Шарҳи мафҳум | Муаллиф | Сарчашма |
|---|---|---|
| **Соҳибкории оилавӣ** | | |
| Соҳибкории оилавиро метавон ҳамчун маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие баррасӣ намуд, ки предмети ҳуқуқи оила ва соҳибкорӣ ба ҳисоб рафта, дар ҳамоҳангии ду институти ҳуқуқӣ, яъне оила ва соҳибкории хурд қарор дорад. | Немиленцев М. К. | Немиленцев М. К. Ценообразование в семейном бизнесе: автореф. дис. … канд. экон. наук. СПб., 2012. 24 с. |
| Соҳибкории оилавӣ – ин намуди махсуси тиҷорати хурди институтсионалию иҷимоӣ ва низоми ташкилёфтани фаъолияти иқисодию иҷтимоӣ фаҳмида мумкин аст, ки дар ҷараёни муносибат байни аъзоёни як оила ё хешовандон амалӣ гардида, арзишҳои муҳими иҷтимоӣ, стандартҳо ва меъёрҳои рафтори ба таври мувофиқ нигаронидашударо, вобаста ба талаботи ҷомеа (минтақа) муттаҳид мекунад. | Плотникова И. А. | Плотникова И. А. Институциональное развитие семейных предприятий в сфере малого бизнеса (на примере Пензенской области): дис. ... канд. социол. наук. Пенза, 2015. С. 13 |
| Соҳибкории оилавӣ дар шакли умум чун зуҳуроти комплексии иқтисодӣ ва иҷтимоию ҳуқуқӣ мебошад, ки аз чунин ҷанбаҳои муҳим таркиб ёфтааст: категорияи иқтисодию иҷтимоӣ, усул ва шакли ташкили бизнеси оилавӣ, институти ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқи соҳибкорӣ, шакли рафтори иқтисодии ячейкаи иҷтимоӣ-оила, шакли ҳуқуқии амалигардонии иқтидори соҳибкории оила дар асоси алоқамандиҳои оилавию ҳуқуқӣ. | Левушкин А. Н. | Левушкин А. Н. Семейное предпринимательство и семейный бизнес: понятие, правовая природа и перспективы развития//Вестник университета имени О.Е. Кутафина (МГЮА). 2018. – С. 208-2017. |
| Соҳибкории оилавӣ ҳамчун фаъолияти мустақил, ташаббускор, бо низом, ба таваккали худ ва таҳти масъулияти молумулкии худ, фаъолият дар ҳама гуна шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ки аъзои оила мақсади асосиашон на танҳо гирифтани фоида, балки ҷиҳати ноил шудан ба натиҷаи дилхоҳи иқтисодию иҷтимоӣ, қонеъгардонии манфиатҳои молӣ ва тақвият бахшидани таваҷҷуҳи аъзоёни оила барои бартараф намудани мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ равона шудааст. | Баркова Л. А. | Баркова Л. А. Семейное предпринимательство в механизме правового обеспечения гармонизации интересов семьи: дис. ... канд. юрид. наук. Тверь, 2014. 189 с. |
| Соҳибкории оилавӣ - ин шакли хурди соҳибкориест, ки бо мавҷудияти робитаи хешовандӣ байни кормандон ва моликони корхона аз дигар намудҳои фаъолияти дастаҷамъӣ фарқ мекунад. | Савиной Т.Н., Щанкиной Т.В. | Савина Т.Н., Щанкина Т.В. Развитие семейного предпринимательства как способ борьбы с бедностью. Консенсус. [Электронный ресурс]. URL: http://www.kontentus. ru/. |
| Соҳибкории оилавӣ чун шакли хурди тиҷорати хусусӣ мебошад, ки дар чорчӯбаи фаъолияти доимии он аъзоёни оила молик ва корманди маркази корхонаи худ ба ҳисоб мераванд. | Лепетикова И.Ю. | Лепетикова И.Ю. Семья как основа семейного предпринимательства: правовые аспекты // Актуальные аспекты инновационного экономического и юридического развития в условиях роста напряженности вокруг россии: Научно-практическая конференция. Том 1. Ростов-на-Дону, 2015. – с. 165-169. |
| **Бизнеси оилавӣ** | | |
| Бизнеси оилавӣ – ин категорияи иқтисодию иҷтимоӣ буда, ифодакунандаи ташкили | Касьяненко Т.Г., | Касьяненко Т.Г., Воротилкина А.М. Семейный бизнес как |

| | | |
|---|---|---|
| фаъолияти фоидаовар (яъне тиҷорат) мебошад, ки аз ҷониби соҳиби тиҷорат якҷоя бо хешовандон (оила) дар асоси анъанаҳои муқарраршуда ва ғояҳои идоракунӣ, ки аз насл ба насл интиқол меёбад, ташкил ва пеш бурда мешавад. | Воротилкина А.М. | особый объект оценки // Экономика, предпринимательство и право. – 2020. -Том 10. -№3. -С. 517-534. |
| Бизнеси оилавӣ – ин дилхоҳ намуди тиҷоратест, ки ба як оила ҳисаи зиёди саҳмияҳои ширкат мансуб дониста мешавад ва аъзоёни он ба муносибатҳои хоҷагидорӣ ҳуқуқӣ назорати комил пайдо намудаанд. | М. Галло, Дж. Свен | Немиленцев М.К. Ценообразование в семейном бизнесе: дис. … канд. экон. наук: 08.00.05: защищена 12.06.2012. -СПб., 2012. -С.30–40. |
| Бизнеси оилавӣ ҳамчун як намуди тиҷорате муайян карда мешавад, ки бо мақсади мубрамгардонӣ ва амалӣ намудани диди худ, ки аз ҷониби як ё якчанд оилаҳо дар тули якчанд наслҳо назорат карда мешавад, фаҳмида мешавад. | Кристман Дж., Шарма П., Чуа Дж. | Немиленцев М.К. Ценообразование в семейном бизнесе: дис. … канд. экон. наук: 08.00.05: защищена 12.06.2012. – СПб., 2012. – С. 30–40. |
| Бизнеси оилавӣ як намуди фаъолияти тиҷоратӣ мебошад, ки ба як ё якчанд оилаҳои мушахас мансуб мебошад, аъзоёни онҳо бо никоҳҳои сулолавӣ ва дигар робитаҳои ғайрирасмӣ бо ҳам пайванд буда, моликон ва баҳрабардорони ин тиҷорат маҳсуб меёбанд. | | Материал из Википедии — свободной энциклопедии https://ru.wikipedia.org/wiki/ |
| Бизнеси оилавӣ – ин сармоя (саҳмияҳо, ҳиса) мебошад, ки комилан ба оила тааллуқ дорад ё таҳти назорати он қарор дорад. Ин таърифи васеъ на танҳо он намудҳои тиҷоратро дар бар мегирад, ки одатан ҳамчун тиҷорати оилавӣ ҳисобида мешаванд - тиҷорати хурд (одатан аз ҷониби аъзоёни оила идора карда мешаванд), балки ширкатҳои дорои моликияти бузурги оилавиро низ дар бар мегирад. | Левушкин А. Н. | Левушкин А. Н. Семейное предпринимательство и семейный бизнес: понятие, правовая природа и перспективы развития // Вестник университета имени О.Е. Кутафина (МГЮА). 2018. – С. 208-2017. |

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаҳои зерин таҳия шудааст [2,8,12,14,15].

- умумияти якуми бизнеси оилавӣ ва соҳибкории оилавӣ дар он асос меёбад, ки онҳо берун аз майдони муносибатҳои иқтисодӣ вуҷуд дошта наметавонанд;
- умумияти дуюм, ин аст, ки ҳадафи ниҳоии ҳарду ҷониб дар қонеъгардонии манфиатҳои оилавӣ асос меёбад. Яъне, оила ин шаклҳои фаъолиятро бо ҳам ҳамоҳанг месозад;
- умумияти сеюм, ташаккул ва ташкили фаъолияти идоракунӣ дар асоси принсипҳои оилавӣ, бо иштироки аъзоёни худи оила ба амал бароварда мешавад.

Фарқият байни фаъолияти бизнеси оилавӣ ва соҳибкории оилавӣ дар чунин тарҳҳои идоракунӣ ва хоҷагидорӣ асос меёбад:

- соҳибкории оилавӣ нисбат ба бизнеси оилавӣ васеътар буда, оила ҳангоми ташкили фаъолияти соҳибкорӣ масъулият ва маҳорати эҷодкорию навовариро бояд истифода намояд. Бизнеси оилавӣ дар ташкили бизнес танҳо бо истифодаи қобилияти ташкилотчигӣ метавонад фоида ба даст орад;
- ҳангоми пайгирии мақсад дар фаъолияти соҳибкорӣ бартарият бештар ба ташкил ва амалигардонии ғояҳои тиҷоратӣ ва саҳмгузорӣ дар тараққиёту рушди ҷамъият дода мешавад. Бизнеси оилавӣ бошад, дар пайгирии иҷроиши мақсад гирифтани фоидаи зиёд ва қонеъгардонии талаботи ҷамъитиро ҳадаф қарор медиҳад;
- соҳибкории оилавӣ ташкил ва пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ дар асоси истифодаи максималии қобилияти эҷодкорӣ, навоварӣ, қабули таваккал ва ояндабинии вазъи иқтисодӣ пеш бурданро ифода мекунад. Ташкили фаъолият тибқи модели бизнеси оилавӣ маҳорати баҳогузории вазъият ва корчалониеро талаб мекунад, ки аз вазъияти тағйирёбандагии бозор истифода намуда, фоида ба даст орад;
- тибқи талаботҳои соҳибкории оилавӣ, гузориш ва иҷрои функсияҳои фаъолият ба таври қатъи ва васеъ гузошта мешаванд, ки инҳо дохил мешаванд: рушд ва истифодаи пайвастаи тавоноӣ, гирифтани фоида дар асоси истифодабарии тавоноӣ, ҷустуҷӯи бозор,

ки дар он оид ба маҳорат ва ғояи соҳибкории ба таври максималӣ талабот вуҷуд дорад ва ғ. Бизнеси оилавӣ вобаста ба дигаргуниҳои бозорӣ функсияҳои худро тағйир дода метавонад, ки ин ҳам бошад бо мақсади мутобиқати қоидаҳои бозорӣ аст. Яъне, функсияҳои (самти асосии фаъолият, ин талаботи бозор, гирифтани фоидаи максималӣ тавассути қонеъ гардонидани талаботи бозор, ҷустуҷӯи усулҳои рушд ва қонеъгардонии талаботҳо, ки аз ҷониби ҷамъият зуҳур меёбанд) он аз қоидаҳои бозори вобастагии зич дорад;

- тибқи талаботҳои фаъолияти соҳибкории оилавӣ амалигардонии истеҳсолот бе назардошти мавҷудияти захираҳои қаблӣ ташкил карда мешавад. Яъне дар сурати умуман мавҷуд набудани захираҳои модию истеҳсолӣ дар оила аъзоёни он метавонанд, ки танҳо дар асоси ғояи муфиди тиҷоратӣ фаъолиятро ташкил намоянд. Дар бизнеси оилавӣ бошад мавҷудияти захираҳо муҳим дониста мешавад. Бизнесмен дар асоси мубодилаи захираҳо фоида ба даст меорад.

Ба андешаи мо, шинохтагирии ҷанбаҳои фарқкунанда ва монанди шаклҳои фаъолияти интихобшуда аз ҳар ҷиҳат муҳим аст. Яке аз муҳиммияти он бо таҳияи низоми идоракунӣ, ташкили фаъолият ва тартиб додани санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои истеҳсолӣ таҳти модели фаъолияти соҳибкории оилавӣ ва бизнеси оилавӣ ба ҳисоб меравад.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Низомова Т.Д.**

**АДАБИЁТ**


1. Ахмадбекова Н.М. Региональные особенности предпринимательства// Вестник ТГУПБП, - Худжанд, 2017. №2 - С. 75.
2. Баркова Л.А. Семейное предпринимательство в механизме правового обеспечения гармонизации интересов семьи: дис. ... канд. юрид. наук. Тверь, 2014. 189 с.
3. Грязновой Г., Федотовой М.А. Оценка бизнеса: под ред. А.Г. Грязновой, М.А. Федотовой. М.: Финансы и статистика, 1998. – С. 12.
4. Друкер П. Рынок: как выйти в лидеры. Практика и принципы. -М.: Технологическая школа бизнеса, 1994. - С.101.
5. Игнатова И.В. Экономические аспекты предпринимательства / И.В. Игнатова // Журнал научных публикаций аспирантов и докторантов. 2010. № 4 (46). С. 11 - 17.
6. Имомёрбеков Ф.М. Теоретические исследования специфики и классификационных основ производственного предпринимательства. Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2017, № 2/2. С. 151-158.
7. Кантильон Р. Эссе о природе торговли в общем плане//Мировая экономическая мысль. Сквозь призму веков. - М.: Мысль, 2004. Т. 1. - С. 269.
8. Касьяненко Т.Г., Воротилкина А.М. Семейный бизнес как особый объект оценки // Экономика, предпринимательство и право. – 2020. – Том 10. – № 3. – С. 517-534.
9. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 19.03.2013с. м. 1. №952.
10. Коновалова Е.В. Экономическая теория семьи как развитие теоретической экономики// Журнал «Теоретическая экономика» №3, 2013. С. – 52-58.
11. Котлер Ф. Маркетинг – менеджмент. СПб: Питер, 1999. – С. 119.
12. Левушкин А. Н. Семейное предпринимательство и семейный бизнес: понятие, правовая природа и перспективы развития//Вестник университета имени О.Е. Кутафина (МГЮА). - 2018. – С. 208-2017.
13. Лепетикова И.Ю. Семья как основа семейного предпринимательства: правовые аспекты // Актуальные аспекты инновационного экономического и юридического развития в условиях роста напряженности вокруг России: Научно-практическая конференция. Том 1. -Ростов-на-Дону, 2015. -С. 165-169.
14. Немиленцев М.К. Ценообразование в семейном бизнесе: дис. … канд. экон. наук: 08.00.05: защищена 12.06.2012. – СПб., 2012. – С. 30–40.
15. Пещеров Г. И. и Пирогов А. И. (2013). Институт семьи: эволюция и проблемы в современном мире // Власть, № 10, с. 106–109.
16. Плотникова И. А. Институциональное развитие семейных предприятий в сфере малого бизнеса (на примере Пензенской области): дис. ... канд. социол. наук. -Пенза, 2015. -С. 13.
17. Савина Т.Н., Щанкина Т.В. Развитие семейного предпринимательства как способ борьбы с бедностью. Контентус. [Электронный ресурс]. URL: http://www.kontentus. ru/. (09.11.2021)
18. Сергеева О. Е. Компаративный анализ понятия «бизнес»// Оценка бизнеса. - 2011. – №16 (58). -С. 49-53.
19. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов. - М.: Ось-89, 1997. -255 с.
20. Султанов З.С., Асророва З.И., Насиров Н.Н. Предпринимательство (малое): состояние, проблемы и перспективы развития в РТ // Вестник РТСУ. - 2012. - С. 25.

21. Сюркова С.М. Экономические интересы семьи и формы их реализации в современном хозяйстве: диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук, по специальности 08.00.01 – Политическая экономия. -Казань, 1997. -154 с.
22. Энгельс Ф. Происхождение семьи, частной собственности и государство: в связи с исследованиями Льюиса Г. Моргана - Москва: Издательство политической литературы, 1982. - 240 с.
23. Thomas Robert Malthus, 1798. An Essay on the Principle of Population. Arrow-searchable text.

## ҶАНБАҲОИ ИЛМИЮ НАЗАРИЯВИИ БИЗНЕСИ ОИЛАВӢ ВА СОҲИБКОРИИ ОИЛАВӢ: УМУМИЯТ ВА МАХСУСИЯТ

Дар мақолаи мазкур бо мақсади ошкор намудани умумият ва махсусият байни ташкили фаъолияти соҳибкории оилавӣ ва бизнеси оилавӣ, сарчашмаҳои зиёди илмию иттилоотӣ омӯхта шудааст. Муаллиф рушди соҳибкории оилавӣ ва бизнеси оилавиро асоси пешрафт ва тараққиёти ҷамъият асоснок намуда, беҳдошти шароити мусоиди зиндагиро аз мақсаднок амал кардани тиҷорат дар оила медонад. Муаллиф зимни таҳқиқот ҷанбаҳои илмию амалии мафҳумҳои «оила», «бизнес» ва «соҳибкорӣ»-ро омӯхта, алоқамандии байни онҳоро дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ асоснок намудааст. Тибқи хулосаҳо оила чун институти иҷтимоие дар назар дошта мешавад, ки иҷроиши функсияҳои зиёди иқтисодию иҷтимоиро ба зима дорад. Вобаста ба ин, ташкил ва рушди тиҷорат ва фаъолияти соҳикорӣ метавонад ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи аъзоёни оила ва рушди иқтисодиёти давлат дар маҷмуъ замина гузорад. Дар хулоса муаллиф қайд мекунад, ки аз ҳам фарқ намудани бизнеси оилавӣ аз соҳибкории оилавӣ муҳим ба ҳисоб меравад, зеро дар таҳияи консепсияи идоракунӣ ва қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба эътибор гирифтани хусусиятҳои таркибии онҳо зарур мебошанд.

**Калидвожаҳо:** оила, бизнес, соҳибкорӣ, соҳибкории оилавӣ, бизнеси оилавӣ.

## НАУЧНО-ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ СЕМЕЙНОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА И СЕМЕЙНОГО БИЗНЕСА: ОБЩИЕ И СПЕЦИФИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ

С целью выявления общих и специфических особенностей организации семейного предпринимательства и семейного бизнеса в данной статье изучено множество научных и информационных источников. Автор обосновывает развитие семейного предпринимательства и семейного бизнеса как основы прогресса и развития общества, при этом утверждая, что улучшение условий жизни зависит от целенаправленного функционирования бизнеса в семье. В ходе исследования автором изучены научно-практические аспекты таких понятий, как «семья», «бизнес» и «предпринимательство», а также обосновал взаимосвязь между ними в системе экономических отношений. По мнению автора, семья рассматривается как социальный институт, выполняющий множество экономических и социальных функций. В связи с этим организация и развитие бизнеса и предпринимательской деятельности может заложить основу для удовлетворения потребностей членов семьи и развития экономики государства в целом. В заключении автор подчеркивает, что важно отличать семейный бизнес от семейного предпринимательства, так как их структурные особенности необходимо учитывать при разработке концепции управления и принятии нормативных актов.

**Ключевые слова:** семья, бизнес, предпринимательство, семейное предпринимательство, семейный бизнес.

## SCIENTIFIC AND THEORETICAL ASPECTS OF FAMILY ENTREPRENEURSHIP AND FAMILY BUSINESS: GENERAL AND SPECIFIC FEATURES

In order to identify common and specific features between the organization of family entrepreneurship and family business, this article studied a lot of scientific and information sources. The author substantiates the development of family entrepreneurship and family business as the basis for the progress and development of society, while arguing that the improvement of favorable living conditions depends on the purposeful functioning of the business in the family. In the course of the study, the authors studied the scientific and practical aspects of the concepts of such categories as "family", "business" and "entrepreneurship", and also substantiated the relationship between them in the system of economic relations. According to the author, the family is seen as a social institution that performs many economic and social functions. In this regard, the organization and development of business and entrepreneurial activities can lay the foundation for meeting the needs of family members and developing the economy of the state as a whole. In conclusion, the author emphasizes that it is important to distinguish family business from family business, since their structural features must be taken into account when developing a management concept and adopting regulations.

**Keywords:** family, business, entrepreneurship, family entrepreneurship, family business.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Авзалов Ҳадия Абдулфайзович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи менеҷмент ва маркетинг. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. E-mail: **haday_2008@mail.ru.** Телефон: **(+992) 985-13-57-00**

**Сведение об авторе**: ***Авзалов Хадия Абдулфаизович*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры менеджмента и маркетинга. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **haday_2008@mail.ru.** Телефон: **(+992) 985-13-57-00**

**Information about the author**: ***Hadiya Abdulfaizovich Avzalov*** - Tajik National University, Senior Lecturer, Department of Management and Marketing. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Rudaki Ave. 17. E-mail: **haday_2008@mail.ru**. Phone: **(+992) 985-13-57-00**

УДК 339.33.017

# ТАҶРИБАИ ХОРИҶӢ ОИДИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ВА ИСТИФОДАИ ДАСТОВАРДҲОИ ОН ДАР ШАРОИТИ МИНТАҚА

*Кошонова М.Р., Исайнова М.Ҳ.*

**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Муаммоҳои таъмини муътадили амнияти озуқавории аҳолӣ ҳамеша дар мадди назари давлат қарор дошт, дорад ва хоҳад монд. Ин муаммо дар се даҳсолаи охир яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа ва рӯзмарра миёни дигар муаммоҳои глобалӣ ба ҳисоб меравад. Ҳатто чунин асосҳо вуҷуд доранд, ки онро дар қатори муаммоҳои харобшавии захираҳои тамомшаванда ва ифлосшавии муҳити зист ба масъалаҳои аввалиндараҷа дохил кардан мумкин аст, зеро ҷиҳати пешгирии ин мушкилотҳо барои инсоният аллакай вақти кам боқӣ мондааст. Муаммои таъмини амнияти озуқаворӣ боз ба он хотир яке аз масъалаҳои глобалӣ ба ҳисоб меравад, ки дар даҳсолаҳои охир инсоният ба мушкилоти харобшавии замин (дар натиҷаи ҷараёнҳои эрозионнӣ, шӯршавӣ, биёбоншавӣ ва ғ.) ва паст гардидани маҳсулнокии он, ифлосшавии захираҳои обӣ, паст гардидани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ рӯ ба рӯ шуда истодааст. Аз тарафи дигар, шумораи аҳолӣ дар кураи замин рӯз аз рӯз зиёд гардида, ҳамаи ин дар ниҳояти кор, боиси мураккаб гардидани муаммоҳои таъмини аҳолӣ бо маводи озуқа мегардад.

Мувофиқи нишондиҳандаҳои омории ҷаҳонӣ, имрӯзҳо аз 7,8 млрд. аҳолии дар кураи замин умр ба сар баранда - 1,8 миллиардаш дар кишварҳои тараққикарда, ки сатҳи даромадашон ба ҳар сар аҳолӣ баланд мебошад, зиндагӣ мекунанд. Тақрибан 3,6 млрд. одамони дигар ба сатҳи даромадашон ба ҳар сар аҳолӣ миёна ва зиёда аз 2,4 млрд. одамони дигар бо сатҳи даромадашон ба ҳар сар аҳолӣ паст ҳаёт ба сар мебаранд. Аз ин миқдор тақрибан зиёда аз 800 миллион одамон дар ҳолати гуруснагии доимӣ қарор доранд [6,с.77-78].

Ин дар ҳолате мебошад, ки шумораи аҳолии рӯйи замин 7,8 млрд.-ро ташкил дода, дар ҳолати афзоиши аҳолӣ ба 10 млрд. (то соли 2050), нишондиҳандаи одамоне, ки дар ҳолати гуруснагии доимӣ қарор доранд, метавонад ба 1,5 млрд. афзоиш ёбад. Агар бар замми ин муаммои зиёд гардидани шумораи гурезагон аз давлатҳои Араб (ба мисоли Ливия, Мисри қадим (Египет), Ироқ, Яман, Сурия)-ро ба давлатҳои Аврупо (Венгрия, Фаронса, Олмон, Британияи Кабир ва ғ.) дар натиҷаи ҷангҳои шаҳрвандӣ ва ноороmиҳои сиёсии ин кишварҳо (дар даҳсолаи гузашта), таъсири ногувори пандемия (COVID-19) дар ду соли охир ва зиёд гардидани шумораи гурезагон аз давлати Украина ба кишварҳои аврупоӣ ва Федератсияи Россия (дар натиҷаи ноороmиҳои сиёсии ин кишвар, моҳҳои феврал-октябри соли 2022) ва боз ҳам мураккаб гардидани таъминоти аҳолӣ бо маводи озуқаро таҳлил карда бароем, пас худ тасаввур намоед, ки масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ дар оянда то кадом дараҷа душвор боқӣ хоҳад монд (ҷадв. 1).

**Ҷадвали 1. Тағйирёбӣ (динамика) ва тамоюли паҳншавии гуруснагӣ дар ҷаҳон дар давраи солҳои 2005-2019 (бо %)**

**Table 1. Changes (dynamics) and trends in the prevalence of hunger in the world in the period 2005-2019 (in %)**

| КИШВАРҲО | 2005 с. | 2010 с. | 2015 с. | 2018 с. | 2019 с. |Ояндабинӣ то соли 2030 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Африқо** | 21,0 | 18,9 | 18,3 | 18,6 | 19,1 | 25,7 |
| **Осиё** | 14,4 | 10,1 | 8,8 | 8,4 | 8,3 | 6,6 |
| **Амрикои Лотинӣ ва ҳавзаи Қариб** | 8,7 | 6,7 | 6,2 | 7,3 | 7,4 | 9,5 |
| **Океания** | 5,6 | 5,4 | 5,5 | 5,7 | 5,8 | 7,0 |
| **Амрикои Шимолӣ ва Аврупо** | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 |
| **Ҳамагӣ дар ҷаҳон** | 12,6 | 9,6 | 8,9 | 8,9 | 8,9 | 9,8 |

**Сарчашма:** Положение дел в области продовольственной безопасности и питания в мире. - Рим: ФАО, 2020. - 39 с.

Тибқи арзёбиҳои Ташкилоти байналмилалии озуқаворӣ ва кишоварзӣ (ФАО) дар охири соли 2019, 820 миллион нафар, яъне 8,9% аҳолии кураи замин пеш аз пандемияи COVID-19 ғизои кофӣ намегирифтанд. Қибили қайд аст, ки маълумотҳои нав дар бораи аҳолӣ, таъмини озуқаворӣ ва муҳимтар аз ҳама ба натиҷаҳои пурсиши нави хонаводаҳо асос ёфтаанд. Ташкилоти ФАО нобаробарӣ дар истеъмоли ғизоро барои 13 кишвар, аз он ҷумла барои Ҷумҳурии Мардумии Чин, ки нишондиҳандаҳои камғизоӣ аз соли 2000 инҷониб аз нав дида баромада шудаанд, ислоҳ карданд, ки ин аз натиҷаи маълумотҳо оид ба баланд гардидани шумораи умумии аҳолии камғизо дар ин кишвар гувоҳӣ медиҳад [4; 11,с.41-45].

Сабаби чунин ҳолатро муҳаққиқон дар он маънидод менамоянд, ки шумораи аҳолии Ҷумҳурии Мардумии Чин аз панҷ як ҳиссаи аҳолии кураи заминро ташкил медиҳад. Аммо мутаасифона, тамоюле, ки дар нашрияҳои қаблӣ қайд шуда буданд, тағйир наёфтааст, яъне аз соли 2014 инҷониб шумораи одамоне, ки аз гуруснагӣ азият мекашанд, суст ҳам бошад афзудааст. Таҳлилҳои нави оморӣ дар соли 2019 нишон медиҳанд, ки шумораи «аҳолии камғизо» дар Ҷумҳурии Мардумии Чин аз соли 2014 то инҷониб ба миқдори 60 миллион нафар афзудааст. Агар ин тамоюл ҳамин тавр идома ёбад, он гоҳ то соли 2030 шумораи одамони гурусна дар сайёра аз 840 миллион нафар хоҳад гузашт [14]. Аз ин барме-ояд, ки ҳатто бидуни назардошти афзоиши эҳтимолии шумораи гурус-нагон аз ҳисоби пандемия (COVID-19), дар кураи Замин вақт нокифоягӣ менамояд, барои кам намудани шумораи гуруснагон тақрибан на камтар аз 800 млн. одам.

Тавре, ки имрӯзҳо чор муассисаи Созмони милали Муттаҳид маълумот медиҳад, дар соли 2021 аз нокифоягии шадиди маводи озуқа дар давлати Яман шумораи зиёди мардум азият мекашанд ва тибқи дурнамоҳо агар ин тамоюл ҳамин тавр идома ёбад, он гоҳ то охири ҳамин сол ин нишондиҳанда ба 2,3 миллион мерасад, ки аз ин миқдор 400 ҳазор нафари онҳо асосан кудакони то 5-сола мебошад. Мувофиқи маълумотҳои охирин гузориш дар бораи сатҳи шадиднокии кифоягии маводи озуқа тибқи Ташкилоти байналмилалии кишоварзӣ ва озуқаворӣ (ФАО) Хазинаи кӯдакони Созмони миллали Муттаҳид (ЮНИСЕФ), Барномаи ҷаҳонии ғизо (ВПП), Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ (ВОЗ) ва дигар шарикон, афзоиши нишондиҳандаҳои шадидноки нокифоягии маводи озуқаи сатҳи вазнин дар кӯдакони то синни панҷсола ба назар мерасад, ки нисбат ба соли 2020 16 ва 22% мутаносибан зиёд мебошад [2,с.6].

Масалан имрӯзҳо тахминан 21,3% (144,0 миллион) кӯдакони то 5-сола дар соли 2019 қадпаст буда, 6,9% (47,0 миллион) вазни кам, 5,6% (38,3 миллион) вазни зиёдатӣ доштанд ва зиёда аз 340 миллион кӯдак дар саросари ҷаҳон аз ғизои истеъмолкунандаи худ ба миқдори кофӣ микро-элементҳо намегиранд [5,с.288-301]. Вале хушбахтона ва боиси рӯҳбаландист, ки дар байни солҳои 2000 ва 2020, паҳншавии қадпастӣ дар саросари ҷаҳон сеяк коҳиш ёфтааст. Аммо мутаасифона бо вуҷуди ҳамаи ин, ҷаҳон дар роҳи қонеъ кардани мушкилоти глобалии озуқаворӣ то соли 2030 фаъол нест, алахусус барои коҳиш додани паҳншавии вазни ками таваллуд, лоғарӣ ва вазни зиёдатӣ. Ғайр аз он, ҳиссаи калонсолоне, ки аз фарбеҳшавӣ азият мекашанд, дар ҳама минтақаҳо меафзоянд. Ҳатто бидуни назардошти оқибатҳои таназзул (бухрон)-и ҷаҳонӣ, оияндабиниҳо барои соли 2030 ба таври возеҳ нишон медиҳанд, ки талошҳо барои хотима бахшидан ба норасоии маводи камғизо ва кам намудани шумораи гуруснагон дар баъе аз манотиқи дунё дар даҳ соли оянда кофӣ нестанд [15,с.45-46].

Ғайр аз он, намунаҳои моделҳои ҷорӣ истеъмоли ғизо барои “хароҷоти пинҳонӣ”-и саломатӣ мақсадҳои рушди устувор (МРУ-3) ва тағйирёбии иқлим (МРУ-13), ки дар ин гузориш тавсиф шудаанд, масъуланд. Дар сурати идома ёфтани чунин шакли истеъмоли ғизо, пешбинӣ мешавад, ки хароҷоти ҳарсолаи иҷтимоӣ бо фавт ва бемориҳои гузаранда то соли 2030 ба 1,3 триллион доллар хоҳад расид. Ҳамзамон ҳисобҳо нишон медиҳанд, ки хароҷоти солонаи иҷтимоии марбут ба ғизо аз партовҳои газҳои гулхонагӣ аз шакли ҷории истеъмоли ғизо то соли 2030 метавонад ба 1,7 триллион доллари ИМА расад [4,с.20-23].

Дар соли 2021 котиби Генералии СММ Антониу Гутерриш ният дорад, ки як Саммит оид ба низоми озуқавориро баргузор намоянд, ки ҳадафи асосии он: баланд бардоштани маданияти истифодабарандагони захираҳои замин бо хотири таъмини амнияти озуқавории аҳолӣ, амалисозии чорабиниҳои мушаххас оид ба таҷдиди низоми озуқаворӣ

бо мақсади паст намудани сатҳи гуруснагӣ, баланд бардоштани таркибии истеъмолии ғизо, кам кардани вобастагӣ аз беморӣ ва беҳдошти шифои сокинони сайёра ва ғайраҳо мебошад. Котиби генералии созмони милалии муттаҳид ҳамаи шаҳрвандон ва аҳолии курраи Заминро бо ҷоннок намудани қувва ва ба таври қатъӣ тағйир додани муносибат нисбати истеҳсол, коркард ва истифодабарии маводи озуқа даъват менамояд. Ба ақидаи котиби Генералии СММ Антониу Гутерриш «Рӯзномаи саммит дар самти рушди устувор то соли 2030 - ин харитаи тай намудани роҳ ба сӯи зиндагии шоистаи оянда барои ҳама аз Чикаго то Томбукто мебошад. Ин саммити умумии мост» [2,с.3].

Саммит оид ба низоми озуқаворӣ барои соли 2021 - ин на танҳо чорабинии навбатӣ мебошад. Он як лаҳзаи гирдгардиши дастҷамъона ва якҷоя амал намудани қувва оид ба даст овардани мақсад дар роҳи амалисозии мақсадҳои рушди устувор барои то соли 2030-юм мебошад. Иштироки дастҷамъона - ин гарави баргузор намудани чунин чорабинии сатҳаш баланд мебошад. Ба андешаи намояндаи махсуси Саммит оид ба низоми озуқаворӣ дар соли 2021 Аньес Калибата «Мо ба имконияти таъсиси чунин ҷаҳон, ки дар он саломатӣ, устуворӣ ва низоми муътадили озуқаворӣ, ки инкишоф, рушд ва болоравии сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии кураи Заминро таъмин месозад қодир ҳастем ва боварӣ низ дорем. Мо ба сӯи ҷаҳони бе қашоқӣ, бе гуруснагӣ, ҷаҳони ба самаранокии иқтисодӣ, бехатарии экологӣ ва баробари иҷтимоӣ равонагардида, ки ягон шахс дар канор намемонад, ба таври дастҷамъона ва якҷоя ҳаракат менамоем…» [2,с.4].

Гарчанде, ки инкишофи босуръати тиҷорати маҳсулоти кишоварзӣ дар давраи солҳои 2012-2018 ба таназзул омад ва баъд бо рушди заиф иваз шуд, дар робита бо ин нишондиҳандаҳои арзиши тиҷорати маҳсулоти кишоварзӣ байни солҳои 2000 ва 2018 аз 570 миллиард доллари ИМА то 1,6 триллион доллари ИМА бо тариқи назаррас афзудааст [1,с.71]. Қисмати зиёди ин афзоиш бинобар рушди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Мардумии Чин ва ҳамчунин афзоиши талаботи ҷаҳонӣ ба сӯзишвории биологӣ ба вуҷуд омада буд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки Ҷумҳурии Чин ҳанӯз ҳам дар таъмини амнияти озуқаворӣ бо мушкилот рӯбарӯ аст, аммо пас азнавсозии соҳаҳои муҳимтари иқтисоди миллии худ, кишвар ба дастовардҳои назарраси иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ноил гардида истодааст. Таваҷҷуҳи коршиносон ба зарурати нав кардани маълумот дар бораи паҳншавии камғизоӣ дар Чин тавассути арзёбии охири вазъи ғизоии ин кишвар, ки 30 июни соли 2015 аз ҷониби «Комиссияи миллии тандурустӣ ва банақшагирии оилаи Чин» гузарнида шуд, нигаронида шудааст. Ҳисобот ба таври назаррас беҳтар шудани вазъи ғизоии аҳолии кишварро нишон медиҳад, ки пеш аз ҳама нишондиҳандаҳои зеринро дар бар мегирад: коҳиши паҳншавии камғизоӣ дар калонсолон (ҳамчун ҳиссаи одамоне, ки индекс (шохис)-и массаи баданашон аз 18,5 кг/метри квадратӣ муайян карда шудааст) аз 8,5%-и соли 2002 то 6% дар соли 2018 ва афзоиши камғизоӣ дар калонсолон, афзоиши кӯдакони то шашсола аз 16,3% дар соли 2002 то 8,1% дар соли 2018-ро нишон медиҳад [16]. Аммо, рақамҳои дар гузориш овардашуда бинобар надоштани маълумот дар бораи нобаробарии истеъмоли ғизо аз ҷониби аҳолӣ, дар амал истифода бурда намешуданд.

Ҳамин тавр, ФАО натиҷаҳои ду пурсишро, ки имсол дар Ҷумҳурии Мардумии Чин гузаронида шуданд, барои истифода дар азнавсозии смета (хароҷот)-и ташкилот мувофиқанд, ба даст овард. Яке аз онҳо Тадқиқоти саломатӣ ва ғизои Чин (CHNS) мебошад, ки дар 12 вилояти музофоти Чин гузаронида шуда, давраи аз соли 1990 то 2011-ро дар бар мегирад. Дуюм, Тадқиқоти молиявии хонаводаҳои Чин (CFS), дар ҳар ду сол дар давраи аз соли 2011 то 2019 дар 28 воҳиди маъмурии Чин, ки мақоми музофотӣ доранд, гузаронида шудааст [3].

Ҳар як сокини кураи Заминро ба ҳисоби омори ҷаҳонӣ барои зиндагии худро пеш бурдан ба ҳисоби миёна дар як шабонарӯз аз 2400 то 2800 ккал маводи ғизоӣ лозим мешавад. Вақте ки инсон дар як шабонарӯз аз 1800 ккал камтар маводи ғизоӣ истеъмол менамояд, ӯро гурусна гуфтан мумкин аст. Агар ин нишондиҳанда аз 1000 ккал дар як шабонарӯз паст фарояд, аллакай организми шахс бо сабаби меъёри истеъмолии худро пурра нагирифтан, ба бемории ҷисмонӣ дучор мешавад. Мувофиқи баъзе сарчашмаҳо нишондиҳандаи меъёри истеъмоли хӯрока дар соли 1930-2100 ккал, дар соли 1960-2200 ккал, дар солҳои 90-уми асри гузашта -2300 ккал ва дар шароити ҳозира аз 2400 ккал зиёдтар дар як шабонарӯзро ташкил медиҳад. Дар мамлакатҳои тараққикарда ин нишондиҳанда то 3300-3400 ккалория дар як шабонарӯзро ташкил дода, сабаби аз ҳад зиёд

истеъмол намудани маҳсулотҳои ғизоӣ мегардад, ки метавонад одамонро ба фарбеҳшавӣ низ оварда расонад [12,с.85-89].

Аз ин ҷост, ки ташкилотҳои байналхалқӣ (ФАО, ООН, ЮНЭП ва ғ.) диққати асосиро ба таъмини амнияти озуқаворӣ дода истодаанд. Тибқи ояндабиниҳо, дар ҳазорсолаи сеюм афзоиши аҳолӣ дар рӯи замин идома ёфта, таъмини аҳолиро бо маводи озуқа боз ҳам мушкилтар мегардонад. Масалан, мувофиқи маълумотҳои СММ аҳолии кураи замин айни замон 7,8 млрд.-ро ташкил дода, ин нишондиҳанда метавонад то соли 2050 ба 10 млрд. расад.

Сабаби норасоии озуқавориро дар ҷаҳон ва минтақаҳои алоҳида муҳаққиқон дар ҳолатҳои зерин мебинанд:

- муносибатҳои аграрии кӯҳнашуда, ки ҳавасмандиҳои мавҷударо ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ба вуҷуд оварда наметавонанд;

- сатҳи пасти дониш ва маданияти истеҳсолӣ, ки садди роҳи амалисозии технологияи муосир мегардад;

- норасоии захираҳои молиявӣ барои таҷдиди фондҳои истеҳсолӣ, мукаммалсозии агротехникӣ ва воридоти озуқаворӣ;

- арзи вуҷуд доштани анъанаҳои ҳаётӣ ва моддӣ, аз ҷумла манъ намудан барои истеъмоли ин ё он маҳсулоти озуқа аз оламы ҳайвонот;

- дучор шудани заминҳои аҳамияти кишоварзидошта ба харобшавӣ (деградатсия) ва ба ин васила паст гардидани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, ҳатто дар баъзе ҳолатҳо аз истифодаи кишоварзӣ баромадани онҳо;

- дар бисёр ҳолатҳо ба амал омадани офатҳои табиӣ дар минтақаҳои алоҳида, ноҳияҳои зичаҳолӣ ва маҳдуд будани имкониятҳо барои пешбурди хоҷагӣ;

- таъсири манфии пандемия ва бастани сарҳади бештари байниякдигарии кишварҳо, ки маҳз бо воситаи онҳо интиқоли маводи озуқа ба амал меояд, фаъолияти кори бисёре аз ширкатҳои ҷаҳониро маҳдуд ва дар баъзан ҳолатҳо ҳатто онро пурра қатъ намудааст.

Ин омилҳо аксаран ба ин ё он муносибатҳо якҷоя таъсир мерасонанд. Аммо сабаби асосӣ, аз як тараф, дар мутаносибии байни афзоиши аҳолӣ ва бевосита талабот бо озуқа, аз дигар тараф, имконияти ин талаботро таъмин намудан мебошад.

Аз ин ҷост, ки кишварҳои гуногун барои пешгирии бухрони озуқа ва таъмини рӯзафзуни аҳолии кураи замин бо озуқа роҳҳо ва чорабиниҳои гуногунро пешниҳод менамоянд. Барои ба ин боварӣ ҳосил намудан ба таҷрибаи баъзе аз мамлакатҳои ҷаҳон назар меандозем.

Таҷрибаи давлатҳои тараққикарда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки давлат ба соҳаи кишоварзӣ, бахусус, ба таъмини маҳсулоти озуқаворӣ диққати махсус медиҳад. Масалан, дар давлатҳои Япония ва ИМА вазъи таъмини озуқаворӣ ба таври кушода ҳамчун нишондиҳандаи асосии амнияти миллӣ эътироф гардидааст. Дар Япония сиёсати маҳдудияти ҷиддӣ барои ворид намудани озуқа гузаронида мешавад. Масалан, воридоти биринҷ тамоман манъ карда шудааст. Ин чорабинӣ дар ҳолате амалӣ карда мешавад, ки давлат биринҷро аз хоҷагиҳо харида, дар дохили мамлакат бо нархи 6-8 маротиба баландтар нисбат ба нархҳои ҷаҳонӣ мефурӯшад. Ин сиёсат ба он хотир амалӣ карда мешавад, ки якум, давлат сиёсати протексионистиро ба роҳ мемонад (яъне ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ). Дуюм, талаботи рӯзафзуни аҳолиро бо маводи озуқа бахусус, биринҷи худӣ (ватанӣ), ки хӯроки асосии японҳо ба ҳисоб меравад, таъмин месозад [6,с.78-88].

Умуман, мувофиқи нишондиҳандаҳои Ташкилоти ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тараққиёт (ОЭСР) дар мамлакатҳои иқтисодиёташон дар ҳолати гузариш қарордошта барои пешрафти соҳаи кишоварзӣ маблағҳои нисбатан калон сарф мешаванд, ки тақрибан 1-10% ва аз ин ҳам зиёди ММД-ро ташкил медиҳанд (масалан, дар давлати Чехия дар соли 2010 ин нишондиҳанда 13%-и ММД-ро ташкил медод). Ба ҳисоби 1 гектар масоҳати замини кишоварзӣ ёрии давлатӣ дар кишварҳои Ташкилоти ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тараққиёт дар давраҳои таҳлилӣ $140-160-ро ташкил медиҳад (аз $3/га дар Австралия то $ 100-200 дар ИМА, $ 500-600 - дар мамлакатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо, $ 3 ҳазор - дар Норвегия ва $ 9 ҳазор - дар Япония) [7,с.13-14].

Таҷрибаи баъзе кишварҳои дунё аз он шаҳодат медиҳад, ки онҳо қисман истеъмоли озуқаро ёрдами пулӣ расонида (субсидия кунонида), ба ин восита таъмини амнияти

озуқавориро амалӣ месозанд. Масалан, Ҷумҳурии Исломии Эрон гандумро аз фермерҳо бо нархи тақрибан 70 сент ба ҳар як килограмм мехарад. Ин ёрдами пулии комплексӣ истеъмоли нонро дар қисмати камбизоат ва миёнаҳоли аҳолӣ ҳавасманд месозад. Инчунин ёрдами пулии ғайримустақим барои истифодаи захираҳои об, ки яке аз сарвати нисбатан камёфт ба ҳисоб меравад, равона мешавад [9,с.303]. Дар ҷадвали поёнӣ, нишондиҳандаҳои савдои ҷаҳонии маҳсулотҳои озуқаворӣ ва дастгирии давлатӣ оид ба сатҳи ҳифзи номиналӣ (СҲН)-и маҳсулотҳои алоҳида хӯрокворӣ оварда шудааст (ҷадв. 2).

**Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои дастгирии давлатӣ оид ба сатҳи ҳифзи номиналӣ (СҲН)-и маҳсулотҳои алоҳида ғизоӣ**

**Table 2. Indicators of state support for the level of nominal protection (SP) of individual food products**

| Даҳ маҳсулотҳои ҳифзшавандаи нисбатан баланд | | | | Даҳ маҳсулотҳои ҳифзшавандаи нисбатан паст | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Номгӯи маҳсулотҳо** | **Шумораи кишварҳо** | **Аломати (СҲН) бо назардошти вазни миқдориион** | **Аломати (СҲН) бе назардошти вазни миқдориион** | **Номгӯи маҳсулотҳо** | **Миқдори кишварҳо** | **Аломати (СҲН) бо назардошти вазни миқдориион** | **Аломати (СҲН) бе назардошти вазни миқдориион** |
| **Шакар** | 27 | 19 | 29,9 | **Помидор** | 8 | -2,2 | 0,8 |
| **Биринҷ** | 36 | 17,6 | 39,8 | **Лубиё** | 13 | -3,4 | 47,9 |
| **Гӯшти мурғ** | 35 | 15,4 | 64,7 | **Арахис** | 9 | -3,5 | 1 |
| **Ангур** | 6 | 12,4 | 27,1 | **Қаҳва** | 4 | -5,4 | -6 |
| **Гӯшти хук** | 30 | 12,2 | 40,7 | **Офтоб-параст** | 8 | -5,6 | -3 |
| **Гӯшти гӯсфанд** | 15 | 11,8 | 16,8 | **Равғани палма** | 4 | -7,2 | -3,8 |
| **Гӯшти гов** | 38 | 11,8 | 21,6 | **Чормағзи кешо** | 4 | -11,8 | -6,3 |
| **Карам** | 6 | 6 | 23,8 | **Манго** | 4 | -23,9 | -8,7 |
| **Себ** | 6 | 4,5 | 15,5 | **Банан** | 12 | -32,5 | -5,2 |

**Сарчашма:** Положение дел в области продовольственной безопасности и питания в мире. - Рим: ФАО, 2020. - С. 133.

Чи тавре, ки маълум аст савдо барои нигоҳ доштани амнияти озуқавории ҷаҳонӣ муҳим аст. Дар тули даҳ соли охир ҳаҷми савдои маҳсулоти кишоварзӣ ба таври назаррас афзудааст ва имрӯзҳо қариб 20% энергияи озуқавории ба даст овардаи аҳолии дунё аз ҳисоби озуқавории воридотӣ ба даст меояд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҷойи намоён дар афзоиши воридоти озуқаворӣ ва истеъмоли маҳсулоти воридотӣ ба кишварҳои даромади миёна ва аз миёна поён тааллуқ дорад.

Қисми зиёди содирот аз якчанд кишварҳои давраи гузариш, ки содиркунандагони озуқаворӣ мебошанд, рост меояд. Ҳамзамон панҷ кишвари дунё (Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Халқии Демократии Корея, Федератсияи Россия, Арабистони Саудӣ ва Ҷопон) ба бозори ҷа-ҳонӣ 40%-и маҳсулоти хӯроквориро содир менамоянд. Боқимонда 55 фоизи дигари содироти ҷаҳон бошад ба ҳафт кишвари дигар - Австралия, Аргентина, Бразилия, Канада, Зеландияи Нав, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Таиланд рост меояд [13]. Дар натиҷа, ин бозингарони асосӣ метавонанд ба нархҳо ва устувории бозори ҷаҳонӣ ба таври назаррас таъсир расонанд. Вақте ки сухан дар бораи сиёсати савдо меравад, чун қоида, ин маънои онро дорад, ки сухан сари чорабиниҳои гумрукии марбут ба убури молҳои марзҳои давлатӣ ва чораҳои дастгирии дохилӣ, ки ба ҷараёни савдо таъсир мерасонанд, меравад. Муҳаққиқон қайд мекунанд, ки мушкилоти марбут ба болоравии нархи маводи ғизоӣ метавонад қисман аз сиёсати савдо вобаста бошад [17].

Ҳамин тавр, муаммоҳои ҷойдошта аксаран ба ин ё он муносибатҳоякҷоя таъсир мерасонанд. Аммо сабаби асосӣ, аз як тараф, дар мутаносибии байни афзоиши аҳолӣ ва бевосита талабот бо озуқа, аз дигар тараф, имконияти ин талаботро таъмин намудан мебошад. Гуфтаҳои болоро таҳлил намуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҳамаи

чорабиниҳо ва пешниҳодҳои зикршуда ба як мақсад равона карда мешаванд. Ин ҳам бошад, таъмини доимоафзоишёбандаи аҳолии кураи Замин бо маводи озуқа. Аз ин ҷост, ки ҳар як давлати дунё барои амалисозии яке аз мақсадҳо ва ҳадафҳои асосии давлат, яъне амнияти озуқаворӣ аз роҳҳо ва имкониятҳои гуногун истифода бурда, талаботи рузафзояндаи аҳолиро бо маводи озуқа таъмин менамоянд.

Таҷрибаи баъзе кишварҳои аграрӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки бисёре аз мамлакатҳо аллакай имрӯз ба бозорҳои байналмилалӣ ҳамчун манбаи озуқаворӣ барои қаноатманд гардондани норасоиҳо бинобар сабаби нархи баланди маҳсулотҳои кишоварзӣ (барои мисол, дар кишварҳои дорои захираҳои маҳдуди об ва замин) ё ин, ки ҳангоме номусоидии иқлим ва боду ҳаво ё дигар офатҳои табиии истеҳсоли маҳсулоти озуқавориро дар сатҳи миллӣ заиф мегардонанд, такя мекунад. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки ҳиссаи кишварҳои иқтисодиёташон рӯ ба инкишоф дар тиҷорати ҷаҳонии маҳсулоти кишоварзӣ ҳамзамон бо баланд шудани сатҳи даромади аҳолӣ ва коҳиш ёфтани камбизоатӣ бо тарзи назаррас афзудааст. Ин боиси афзоиши истеъмол ва воридоти маҳсулоти озуқаворӣ гардида, ҳамчунин баланд шудани ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ, ки дар навбати худ ба афзоиши содироти маҳсулоти кишоварзӣ ва бозорҳои аз ҷиҳати саноатӣ рушдёфтаи давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон бурда расонидааст.

Таҷрибаи давлатҳои тараққикарда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки давлат ба соҳаи кишоварзӣ, бахусус, ба таъмини маҳсулоти озуқаворӣ диққати махсус медиҳад. Масалан, дар давлатҳои Япония ва ИМА вазъи таъмини озуқаворӣ ба тоўри кушода ҳамчун нишондиҳандаи асосии амнияти миллӣ эътироф гардидааст. Дар Япония сиёсати маҳдудияти ҷиддӣ барои ворид намудани озуқа гузаронида мешавад. Масалан, воридоти биринҷ тамоман манъ карда шудааст. Аз ин ҷост, ки давлатҳои дар ҳолати рушд қарордошта бозори ҷаҳони озуқавориро инкишоф дода, дараҷаи баланди худтаъминкунии озуқаро нигоҳ медоранд. Масалан, мутобиқи баъзе аз нишондиҳандаҳо сатҳи бохудтаъминкунии озуқа дар ИМА ва Фаронса зиёда аз 100%, Олмон - 93%, Италия -78% ва ҳатто Япония, ки на он қадар заминҳои ҳосилхез дорад - 40% ва Федератсияи Россия - 30%-ро ташкил медиҳад [8,с.20-23; 11,с.41-45]. Барои муқоиса қайд кардани менамоем, ки ин нишондиҳанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 60%-ро ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр, гуфтаҳои болоро таҳлил намуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҳамаи чорабиниҳо ва пешниҳодҳои зикршуда ба як мақсад равона карда мешаванд. Ин ҳам бошад, таъмини доимоафзоишёбандаи аҳолии кураи Замин бо маводи озуқа. Аз ин ҷост, ки ҳар як давлати дунё барои амалисозии яке аз мақсадҳо ва ҳадафҳои асосии давлат, яъне амнияти озуқаворӣ аз роҳҳо ва имкониятҳои гуногун истифода бурда, талаботи рузафзояндаи аҳолиро бо маводи озуқа таъмин менамоянд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Раҳмонов Ҷ.Р.**

**АДАБИЁТ**


1. Аҳуӣ О. Тиҷорати байналамилалӣ, стратегияи бозаргонӣ ва тавсеаи иқтисодӣ /Аҳуӣ О. - Теҳрон: Муассисаи чоп ва интишороти Вазорати умури хориҷа, 2017. - С.71.
2. Бюджетные вопросы. Специальная серия публикаций по мерам налогово-бюджетной политики в ответ на COVID-19. - Специальная серия публикаций выпускается экспертами МВФ для помощи странам-членам в преодолении экономических последствий COVID-19. - 2020. -С.6.
3. ВОЗ. 2020. Руководящие принципы проведения мероприятий по иммунизации во время пандемии COVID-19. Временные рекомендации - 26 марта 2020 года. -Женева, Швейцария.
4. Глобальная экономическая рецессия, связанная с COVID-19: предотвращение голода должно быть в центре экономического стимулирования. -Рим. ФАО, 2020.
5. Головина С.Г., Миколайчик И.Н., Абилова Е.В., Смирнова А.Н. Развитие фермерства в США: современный опыт и проблемы //Международный сельскохозяйственный журнал. -М. -2021. -№4. - С.288-301.
6. Головина С., Петухова М. Американское фермерство: особенности государственной поддержки //АПК: Экономика, Управление. Ежемесячный теоретический и научно-практический журнал. -М., 2021. -№8. -С.78-88.
7. Дьяченко О.В. Глобализация и продовольственная безопасность России // Глобализация и аграрная экономика России: тенденции, возможные стратегии и риски. -М.: ВИАПИ им. А.А. Никонова: «Энциклопедия российских деревень», 2011. - С. 13-14.
8. Ефимова С.В. Рентные факторы эффективности отраслевой и региональной экономики //Экономика сельского хозяйства России. -М. -2022. -№2. - С. 20-23.
9. Лестер Р. Браун. Экоэкономика: Как создать экономику, сберегающую планету /Вступ. Сл. В.И. Данилова-Данильяна; Пер. с англ. М.: Издательство «ВесьМир», 2003. - С. 303.
10. Положение дел в области продовольственной безопасности и питания в мире. - Рим: ФАО, 2020. -39 с.

11. Святова О.В., Жиляков Д.И., Плахутина Ю.В., Петрушина О.В., Лисицына Ю.В. Экспорт как этап дальнейшей реализации политики импортозамещения //Международный сельскохозяйственный журнал. -М. -2021. -№5. -С.41-45.
12. Трубилин А.И., Шарипов С.А., Тюпаков К.Э., Михайлов А.Э. Развитие сбытовой инфраструктуры как фактор обеспечения продовольственной безопасности //Международный сельскохозяйственный журнал. -М., 2022. -№1. - С.85-89.
13. Ag-Incentives, 2020. Nominal rate of protection. См.: Ag-Incentives [онлайн]. Washington, DC. [По состоянию на 26 апреля 2020 года]. http://ag-incentives. org/indica-tor/no-minal-rate-protection
14. Laborde, D., Martin, W. & Vos, R. 2020. Poverty and food insecurity could grow drama-tically as COVID-19 spreads.
15. Springmann, M., Wiebe, K., Mason-D’Croz, D., Sulser, T.B., Rayner, M. & Scarbo-rough, P. 2018. Health and nutritional aspects of sustainable diet strategies and their association with environmental impacts: a global modelling analysis with countrylevel detail. The Lancet Planetary Health, 2(10): e45-e46.
16. Huang, J., Piñeiro, M. & Piñeiro, V. 2019. Global food security and market stability: the role and concerns of large net food importers and exporters. Buenos Aires, Argentine Council for International Relations (CARI) and Center for the Implementation of Public Policies Promoting Equity and Growth (CIPPEC).
17. Jayne, T., Yeboah, F.K. & Henry, C. 2018. The future of work in African agriculture: trends and drivers of change. ILO Research Department Working Paper 25. Geneva, Switzerland, ILO.

## ТАҶРИБАИ ХОРИҶӢ ОИДИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ВА ИСТИФОДАИ ДАСТОВАРДҲОИ ОН ДАР ШАРОИТИ МИНТАҚА

Дар мақола таъмини амнияти озуқаворӣ ҳамчун самти рушди устувори минтақа баррасӣ шудааст. Воқеият ва тамоюлҳои имрӯзаи таъмини амнияти озуқаворӣ дар як қатор кишварҳои ҷаҳон таҳлил карда шудаанд. Ахамияти таъмини амнияти озуқавории давлат ва нақши давлатҳои хориҷӣ дар таъмини аҳолии минтақа бо маҳсулоти асосии озуқа муайян карда шудааст. Барои таъмини амнияти озуқавории минтақа, сарфи назар аз тағйироти шароити берунӣ ва дохилӣ тадбирҳои ҳамаҷониба пешбинӣ шудаанд. Таҳлили муқоисавии шиддат ёфтани амнияти озуқаворӣ дар ҷаҳон, ки бо мақсади муайян кардани вазъи кунунии қонеъ гардонидани талаботи аҳолии босуръат меафзояд ба маҳсулоти зарурии озуқаворӣ гузаронида шуд. Таҷрибаи хориҷӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва истифодаи таҷрибаи пешқадами онҳо дар минтақа мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таҷрибаи як қатор кишварҳои ҷаҳон, аз қабили Ҷумҳурии Мардумии Чин, Федератсияи Русия, таҷрибаи кишвари ҳамсоя ва дӯсти Ӯзбекистон дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва асоснокии истифодаи таҷрибаи пешқадами онҳо дар минтақаи таҳқиқотӣ омӯхта шуданд. Пешниҳод шудааст, ки барои таъмини амнияти озуқаворӣ дар мисоли минтақаи таҳлилшуда таҷрибаи пешқадами кишварҳои ҷаҳон, аз қабили Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Мардумии Чин ва кишвари ҳамсоя ва дӯсти Ӯзбекистонро ҷорӣ кардан мумкин ва ба мақсад мувофиқ аст. Роҳҳои татбиқи самтҳои асосии таъмини амнияти озуқавории кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон дар минтақа мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

**Калидвожаҳо:** озуқаворӣ, амнияти озуқаворӣ, таҷрибаи хориҷӣ, кишоварзӣ, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, маҳсулоти хӯрокворӣ, минтақа, самт, таъмини амнияти озуқаворӣ дар минтақа, мушкилоти мавҷудияти озуқаворӣ дар кишварҳои хориҷии ҷаҳон, татбиқи таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон барои таъмини амнияти озуқаворӣ дар минтақаи таҳқиқотӣ.

## ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ ПО ОБЕСПЕЧЕНИЮ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ И ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИХ ПЕРЕДОВОГО ОПЫТА В УСЛОВИЯХ РЕГИОНА

В статье рассматривается обеспечение продовольственной безопасности - как направление устойчивого развития региона. Анализируются современные реалии и тенденции продовольственной безопасности в ряде стран мира. Определяется значимость продовольственной безопасности для государства и роль зарубежных стран в обеспечении населения региона основными продовольственными товарами. Предлагаются комплексные мероприятия по обеспечению продовольственной безопасности региона вне зависимости от изменений внешних и внутренних условий. Рассматривается зарубежный опыт по обеспечению продовольственной безопасности и использование их передового опыта в условиях региона. Изучен опыт таких стран мира, как Китайская Народная Республика, Российская Федерация, опыт соседней и дружественной страны Узбекистан по обеспечению продовольственной безопасности и обоснование возможности использования их передового опыта в анализируемом регионе. Предлагается возможным и целесообразным внедрение передового опыта таких стран мира, как Российская Федерация, Китайская Народная Республика и соседней и дружественной страны Узбекистан на примере анализируемого региона по обеспечению продовольственной безопасности. Предложены пути реализации основных направлений обеспечения продовольственной безопасности передовых стран мира в исследуемом регионе.

**Ключевые слова**: продовольствие, продовольственная безопасность, зарубежный опыт, сельское хозяйство, агропродовольственное производство, продовольственные товары, регион, направление, обеспечение продовольственной безопасности региона, проблемы доступности продовольствия зарубежных стран мира, применение опыта стран мира по обеспечению продовольственной безопасности в исследуемом региона.

## FOREIGN EXPERIENCE IN ENSURING FOOD SECURITY AND THE USE OF THEIR BEST EXPERIENCE IN REGIONAL CONDITIONS

The article deals with ensuring food security as a direction for the sustainable development of the region. The current realities and trends in food security in a number of countries of the world are analyzed. The importance of food security for the state and the role of foreign countries in providing the population of the region with basic food products are

determined. Comprehensive measures are proposed to ensure the food security of the region, regardless of changes in external and internal conditions.Foreign experience in ensuring food security and using their best practices in the region is considered. The experience of a number of countries of the world such as the People's Republic of China, the Russian Federation, the experience of the neighboring and friendly country of Uzbekistan in ensuring food security and the rationale for the possibility of using their best practices in the analyzed region were studied. It is proposed that it is possible and expedient to introduce the best practices of such countries of the world as the Russian Federation, the People's Republic of China and the neighboring and friendly country of Uzbekistan on the example of the analyzed region to ensure food security. The ways of implementing the main directions of ensuring food security of the advanced countries of the world in the region under study are proposed.

**Keywords:** food, food security, foreign experience, agriculture, agro-food production, food products, region, direction, ensuring food security in the region, problems of food availability in foreign countries of the world, applying the experience of countries of the world to ensure food security in the region under study.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Кошонова М.Р.*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, и.в. профессори кафедраи молия. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64. Телефон: **918-14-12-14**. E-mail: **manzura @mail.ru**
***Исайнова М.Ҳ.*** **-** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64. Телефон: **933-13-03-43.** E-mail: **isainovam@mail.ru**

**Сведение об авторах:** ***Кошонова М.Р.*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, доктор экономических наук, доцент, и.о. профессора кафедры финансов. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64. Телефон: **918-14-12-14.** E-mail: **manzura @mail.ru**
***Исайнова М.Х.*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры экономики предприятий и предпринимательства. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64. Телефон: **933-13-03-43**. E-mail: **isainovam@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Koshonova M.R.*** - Tajik State Financial and Economic University, Doctor of Economics, Associate Professor, Acting professor of the department of finance. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64. Phone: **918-14-12-14.** E-mail: **manzura@mail.ru**
***Isaynova M.Kh.*** - Tajik State Financial and Economic University, assistant of the Department of Enterprise Economics and Entrepreneurship. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64. Phone: **933-13-03-43**. E-mail: **isainovam@mail.ru**

УДК 33+311(575,3)

# АРЗЁБИИ ОМОРИИ СОХТОРИ ШУҒЛИ АҲОЛӢ АЗ РӮИ НАМУДИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Афзалшо Исозода., Аҳмадов Ф.М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Яке аз самти афзалиятноки сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ ташкили курсҳои омӯзишӣ, ки дар самти баландбардории самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ равона гардидааст, ба шумор меравад. Амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи тайёр намудан, бозомӯзӣ, такмили ихтисоси мутахассисон ва кормандон бо назардошти талаботи иқтисодиёти рақамӣ, таҳияи механизми доимоамалкунандаи танзими низоми тайёр кардани мутахассисон ва кормандон яке аз мақсадҳои асосии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат мебошад [4]. Мутобиқ намудани сатҳи касбии кормандон ба талаботҳои бозори меҳнати муосир, муайян ва ошкор кардани талаботи имрӯза ва ояндаи бозори меҳнат ба мутахассисон мутобиқи дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи асосӣ ба шумор меравад, зеро самаранокии фаъолияти бозори меҳнатро аз ҳолат, вазъият ва сохтори шуғл арзёбӣ намудан мумкин аст.

Бояд хотирасон гардид, ки омилҳое, ки бавосита ба сатҳи зиндагӣ таъсир мерасонанд дараҷаи шуғли аҳолии қобили меҳнат, давомнокии вақти корӣ, шиддатнокии меҳнат, шароити ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ дар истеҳсолот ва ғайра ба шумор меравand [1,с.116].

Сохтори шуғл то дараҷаи муайян сохтори умумии иқтисодиётро иникос мекунад ва тағйирёбии он то як андоза зери таъсири тағйирёбии иқтисодиёт сурат мегирад. Дар ин замина, маълум мегардад, ки коркарди сиёсати самараноки шуғл бояд таблиғгари чорабиниҳо буда, пеш аз ҳама бо тағйирёбии сохтори шуғл аз рӯйи намуди фаъолияти иқтисодӣ мувофиқ бошад. Таҷрибаи гузариш ба иқтисоди бозорӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки бозсозии сохторӣ яке аз вазифаҳои мушкил ба шумор меравад. Дар алоқамандӣ ба ин, зарурият ба миён меояд, ки тағйирёбии сохтори шуғли аҳолиро аз рӯи намуди фаъолияти иқтисодӣ арзёбӣ намоем, зеро ҳалли як қатор муаммоҳо аз он вобаста мебошанд. Пеш аз ҳама, зарурияти омӯзиш ва нисбатан афзун намудани асосҳои назариявии сохтори ҷараёнҳо, ошкор намудани қонуният ва алоқамандии байни тақсимоти шуғл дар соҳаҳои фаъолият, ки дар шароити муосир нобаробар ҷойгир шудааст, ба миён меояд. Дигар самти масъала дар он аст, ки нокифоягии воситаҳои методологӣ барои таҳқиқи тағйирёбии сохтори шуғл аз рӯйи намуди фаъолияти иқтисодӣ истифодашаванда ба назар мерасад. Сеюм, мавҷуд набудани асосҳои консептуалӣ ва механизми муайян дар рафти коркарди сиёсати сохтории шуғл чи дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақавӣ боиси пурра таҳқиқ нагардидани масъалаи мазкур мегардад [3,с.74].

Дар таҳқиқоти мазкур ба сифати арзёбии тағйирёбии сохторӣ, омӯзиши тағйирёбии сохтори шуғл аз рӯйи намуди фаъолияти иқтисодӣ барои солҳои 2011-2020 фаҳмида мешавад. Интихоби қатори вақтӣ бо он асоснок карда мешавад, ки дар соли 2011 таснифоти нав, таснифоти умумии намуди фаъолияти иқтисодӣ (ТУНФИ-1) тадбиқ шуда буд, ки ба таснифоти қаблан истифодашаванда таснифоти умумии соҳаҳои хоҷагии халқ (ТУСХХ) қиёснопазир мебошад. ТУНФИ – вобаста ба зарурияти мутобиқ сохтани низоми баҳисобгирӣ ва омор, ки дар амалияи байналхалқӣ истифода мегардад, қабул гардидааст. Бояд ёдовар гардид, ки маълумоти солҳои 2019-2020 оид ба намуди фаъолияти иқтисодӣ тибқи ТУНФИ-2 таснифот карда мешаванд. Дар ин замина, номгузории самти фаъолияти иқтисодӣ, ки дар диаграммаи 1 инкос ёфтааст, қисман фарқкунанда мебошад. Чунончи, дар ТУНФИ-2 намудҳои фаъолияти иқтисодӣ ба монанди: дигар фаъолияти хизматрасонӣ, санъат, вахтхушӣ ва истироҳат, идоракунӣ ва фаъолияти ёрирасон, фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ, маълумот ва коммуникатсияҳо, таъминоти обтозакунӣ, тақсимот ва гирифтани ашёи дуюмдараҷа истифода гардидааст, ки дар таснифоти ҷаблӣ истифода намегардид ва қисме аз онҳо дар дигар шакл пешниҳод шуда буданд.

Дар ТУНФИ-1 намудҳои фаъолияти иқтисодӣ ба монанди: дигар хизматҳои коммуналӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ ва дар дигар ташкилотҳои бахши хизматрасонӣ истифода мегардид.

Баробари рушд ёфтани иқтисодиёти мамлакат дар шароити иқтисоди рақамӣ дар намудҳои фаъолияти иқтисодӣ чи дар бахши воқеӣ ва хизматрасонӣ низ тағйиротҳо сӯрат мегиранд. Дар ин замина метавонад намудҳои фаъолияти иқтисодии ба ҳолат ва шароитҳои рақамикунонии иқтисодиёти мамлакат мутобиқ дар ТУНФИ-ҳои навбатӣ ворид карда шаванд ва дар ин самт бояд маҳдудиятҳо мавҷуд набошанд.

Дар рафти таҳқиқи оморӣ маълум гардид, ки дар сохтори шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ТУНФИ тағйироти ҷиддӣ ба назар мерасад.

**Диаграммаи 1. Тақсимоти аҳолии машғул дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ аз рӯйи намуди фаъолияти иқтисодӣ, солҳои 2011-2020 бо %**
**Diagram 1. Distribution in the economy of the republic by type of economic activity, 2011-2020 %**




Сарчашма: Ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои маҷмуаи омории Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.– 2021. – С. 142-143.

Бояд қайд намуд, ки ҳиссаи аҳолии машғул дар соҳаи кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ нисбат ба дигар соҳаҳо бештар (соли 2011-ум 67% ва соли 2020-ум 60,9%-и шуғли умумӣ) буда, ин маълумот дар диаграмма ворид нагардидааст, зеро соҳаҳое, ки ҳиссаи аҳолии шуғлварзанда дар онҳо кам аст, дар диаграмма инникос намеёбанд.

Аз маълумотҳои диаграммаи 1 маълум аст, ки даҳсолаи охир боиси ҷидди тағйир ёфтани сохтори шуғли аҳолӣ аз рӯйи намуди фаъолияти иқтисодӣ гардида, ҳиссаи шуғл дар баъзе намуди фаъолият афзоиш ёфтааст. Соли 2020 нисбати соли 2011 ҳиссаи шуғл аз рӯйи намуди фаъолият бо нишондоди банди фоизӣ чунин аст:

- ҳолати афзоишёбӣ соҳаи маориф 1,5 б.ф.; дигар фаъолияти хизматрасонӣ 1 б.ф.; тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ 0,9 б.ф., сохтмон 0,8 б.ф.; савдои яклухт ва чакана, таъмири автомобилҳо, молҳои маишӣ 0,7 б.ф.; фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ 0,7 б.ф.; саноати коркард 0,6 б.ф.; санъат, вахтхушӣ ва истироҳат 0,6 б.ф.; таъминоти обтозакунӣ,

тақсимот гирифтани ашёи дуюмдарача 0,5 б.ф.; маълумот ва коммуникатсияҳо 0,5 б.ф.; нақлиёт ва хоҷагии анбор 0,5 б.ф.; меҳмонхона ва тарабхонаҳо 0,4 б.ф.; фаъолияти молиявӣ 0,3 б.ф.; идоракунӣ ва фаъолияти ёрирасон 0,3 б.ф.; мақомоти давлатӣ ва мудофиа 0,2 б.ф.; саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди конҳо 0,1 б.ф.

- ҳолати коҳишёбӣ дар соҳаи кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ -6.1б.ф., дар неруи барқ газ ва таъминоти об -0,2 б.ф.; амалиётҳо бо амволи ғайриманқул -0,3 б.ф.; дигар хизматҳои коммуналӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ -2,9 б.ф., дар дигар ташкилотҳои бахши хизматрасонӣ -1 б.ф.; ба назар мерасад ва саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди конҳо 0,1 б.ф.

Таҳқиқи солонаи тағйирёбии ҳиссаи шумораи аҳолии машғул аз рӯйи намуди фаъолияти иқтисодӣ имкон дод, ки се гурӯҳи намуди фаъолияти иқтисодиро ҷудо созем: ба гурӯҳи аввал (I) намудҳои фаъолияте ворид карда шудаанд, ки ҳиссаи шумораи аҳолии машғул дар онҳо тамоюли устувори афзоиш дорад; ба гурӯҳи дуюм (II) намудҳои фаъолияте, ки тамоюли устувори афзоиш надоранд, ба гурӯҳи сеюм (III) намудҳои фаъолияте, ки устуворона коҳиш меёбанд. Натиҷаи таҳқиқи тағйирёбии ҳиссаи шумораи аҳолии машғул аз рӯйи намуди фаъолияти иқтисодӣ дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Тағйирёбии ҳиссаи шумораи аҳолии машғул аз рӯйи намуди фаъолияти иқтисодӣ дар солҳои 2011-2020**

**Table 1. Change in the share of the employed population by type of economic activity in 2011-2020**

| Намуди фаъолияти иқтисодӣ | Солҳо | | | | | | | Гурӯҳи намуди фаъолият |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| Кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ | ↑ | ↓ | ↓ | ↓ | ↑ | ↑ | ↓ | II |
| Моҳипарварӣ | ↔ | ↓ | ↑ | ↓ | ↔ | - | - | II |
| Саноати истихроҷи маъданҳои куҳӣ ва коркарди конҳо | 0,4 | ↔ | ↔ | ↔ | ↔ | ↔ | ↔ | II |
| Саноати коркард | 2,8 | ↓ | ↓ | ↑ | ↓ | ↓ | ↔ | III |
| Неруи барқ, газ ва таъминоти об * Дастрасӣ (таъмин)-и қуваи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво** | 0,8 | ↔ | ↓ | ↔ | ↑ | ↓ | ↓ | III |
| Таъминоти обтозакунӣ, тақсимот ва гирифтани ашёи дуюмдараҷа *** | - | - | - | - | - | ↑ | ↔ | II |
| Сохтмон | 3,3 | ↓ | ↓ | ↑ | ↔ | ↓ | ↔ | II |
| Савдои яклухт ва чакана, таъмири автомобилҳо, мотосиклҳо, молҳои маишӣ ва маводҳои истифодаи шахсӣ | 5,6 | ↑ | ↓ | ↑ | ↓ | ↓ | ↑ | II |
| Меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо | 0,3 | ↑ | ↔ | ↑ | ↔ | ↑ | ↔ | I |
| Нақлиёт, хоҷагии анбор ва алоқа♣ Нақлиёт ва хоҷагии анбор♣♣ | 1,9 | ↑ | ↓ | ↑ | ↑ | ↓ | ↓ | II |
| Маълумот ва коммуникатсияҳо♣♣♣ | - | - | - | - | - | ↑ | ↔ | II |
| Миёнаравиҳои молиявӣ ва фаъолияти суғуртавӣ | - | - | - | - | - | ↑ | ↑ | I |
| Фаъолияти молиявӣ | 0,7 | ↑ | ↓ | ↓ | ↓ | - | - | III |
| Амалиётҳо бо амволи ғайриманқул, иҷора ва фаъолияти тиҷоратӣ Амалиётҳо бо амволи ғайриманқул | 0,6 | ↑ | ↔ | ↑ | ↔ | ↑ | ↓ | II |
| Фаъолияти касбӣ , илмӣ ва техникӣ | - | - | - | - | - | ↑ | ↑ | I |
| Идоракунӣ ва фаъолияти ёрирасон | - | - | - | - | - | ↑ | ↑ | I |

* то соли 2018 тибқи маълумотҳои ТУНФИ-1 ҷамъоварӣ мегардид.
** солҳои 2019-2020 тибқи маълумотҳои ТУНФИ-2.
*** маълумотҳои намуди фаъолият тибқи ТУНФИ-2 аз соли 2019 инҷониб ҷамъоварӣ мегардад.
♣то соли 2018 тибқи ТУНФИ-1.алоқа ба ин намуди фаъолияти иқтисодӣ дохил мешуд.
♣♣солҳои 2019-2020 тибқи ТУНФИ-2 алоқа ба таркиби ин намуди фаъолияти иқтисодӣ дохил нашудааст.
♣♣♣ тибқи ТУНФИ-2 солҳои 2019-2020 ба қайд гирифта шудааст.

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Мақомоти давлатӣ ва мудофиа; суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ | 1,6 | ↓ | ↔ | ↑ | ↑ | ↓ | ↔ | II |
| Маориф | 8,4 | ↑ | ↑ | ↑ | ↑ | ↑ | ↑ | I |
| Тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ | 3,8 | ↑ | ↑ | ↑ | ↔ | ↔ | ↔ | I |
| Санъат, вақтхушӣ ва истироҳат | - | - | - | - | - | ↑ | ↑ | I |
| Дигар хизматҳои коммуналӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ | 2,9 | ↓ | ↑ | ↓ | ↓ | - | - | III |
| Дигар фаъолияти хизматрасонӣ | - | - | - | - | - | ↑ | ↑ | I |
| Дар дигар ташкилотҳои бахши хизматрасонӣ | 0,1 | ↓ | ↔ | ↓ | ↓ | - | - | III |

Сарчашма: Ҷадвал дар асоси маълумотҳои маҷмуаи омории Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.– 2021. – С. 142-143 таҳия гардидааст.

Динамикаи тағйирёбии ҳиссаи шумораи аҳолии машғул аз рӯйи намуди фаъолияти иқтисодӣ, ки ҳамчун фарқияти ҳиссаи нишондиҳандаи сохторӣ дар давраи ҷорӣ ва базавӣ муайян карда мешавад, се гурӯҳи намуди фаъолияти иқтисодиро собит ва тақсим намуд. Аз рафти таҳқиқ маълум гардид, ки бештар дар соҳаҳои хизматрасонӣ ҳиссаи шумораи аҳолии машғул тамоюли устувори афзоиш дорад.

Гарчанде, ки шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои хизматрасонӣ, саноат ва сохтмон нисбат ба як қатор мамлакатҳои ИДМ камтар бошад, аз рӯйи нишондиҳандаи шуғл дар соҳаи кишоварзӣ, ҷангал ва хоҷагии моҳипарварӣ 60,9%-и шуғли умумиро ташкил мекунад. Дар соҳаи саноат 4,9%, сохтмон 4,2% ва бахши хизматрасонӣ 30%-и шуғли умумиро ташкил мекунад [2,с.166-170].

Таҳлили динамикаи тағйирёбии ҳиссаи шумораи аҳолии машғул аз рӯйи намуди фаъолияти иқтисодӣ дар давраи аз 2011 то 2020 сол ҳашт намуди фаъолияти иқтисодиро (меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо, миёнаравиҳои молиявӣ ва фаъолияти суғуртавӣ, фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ, идоракунӣ ва фаъолияти ёрирасон, маориф, тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ, санъат, вақтхушӣ ва истироҳат, дигар фаъолияти хизматрасонӣ) ошкор намуд, ки дар давраи таҳқиқгардида ҳиссаи шумораи аҳолии машғул дар онҳо зиёд шудааст.

Ҳиссаи аҳолии машғул дар соҳаҳои меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо, маориф, тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ дар соли 2011-ум 12,5%-ро ташкил медод, ки дар соли 2020-ум 2,8 банди фоизӣ бештар гардидааст. Ҳиссаи аҳолии машғул дар соҳаҳои миёнаравиҳои молиявӣ ва фаъолияти суғуртавӣ, фаъолияти касбӣ , илмӣ ва техникӣ, идоракунӣ ва фаъолияти ёрирасон, санъат, вақтхушӣ ва истироҳат, дигар фаъолияти хизматрасонӣ дар соли 2020-ум нисбат ба соли 2019-ум 0,5 банди фоиз зиёд шудааст. Дар маҷму намудҳои фаъолияти иқтисодии ба гурӯҳи аввал шомилгардида соли 2020 нисбат ба соли 2019 –ум 0,8 банди фоизӣ зиёд шудааст.

Давоми давраи таҳқиқгардида ҳиссаи шумораи аҳолии машғул дар соҳаҳои иҷтимоӣ ба монанди маориф, тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ тамоюли устувори афзоишёбӣ дорад, зеро дар сиёсати дохилии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи маориф ва илм ва дар маҷмуъ иҷтимоиёт бартарӣ дошта, нимаи хароҷотҳои буҷети давлатиро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, дар Паёмҳои ҳарсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат,Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат ба масъалаҳои иҷтимоӣ, хусусан соҳаи маориф ва илм таваҷҷуҳи махсус дода мешаванд. Дар Паёми имсола низ омадааст, ки «.... соҳаҳои илму маориф ва тандурустӣ ҳамеша дар меҳвари сиёсати давлату Ҳукумати мамлакат қарор дорад» [6].

Аз маълумотҳои ҷадвали 2 бар меояд, дар гурӯҳи якуми намудҳои фаъолияти иқтисодӣ соли 2020 нисбат ба соли 2019-ум 0,6 б.ф. ва нисбати соли 2011-ум 6,4 б.ф. шуғл афзоиш ёфтааст.

Нишондиҳандаи маҷмуи дар гурӯҳи дуюми намудҳои фаъолияти иқтисодӣ аз коҳишёбии шуғл хабар медиҳад. Дар давраи солҳои 2011-2020 нишондиҳандаи шуғл дар гурӯҳи болозикр 3,1 б.ф. коҳиш ёфтааст. Дар гурӯҳи сеюми намудҳои фаъолияти иқтисодӣ нишондиҳандаи маҷмуи сатҳи баланди коҳишёбии шуғлро нишон медиҳад. Гарчанде, ки нишондиҳандаи маҷмуи дар гурӯҳи мазкур барои солҳои 2019 ва 2020 бетағйир бошад, соли 2020-ум нисбат ба соли 2011-ум 3,3 б.ф. коҳиш ёфтааст, ки паёмади нек надорад. Аз ин рӯ, зарурият пеш меояд, ки сохтори шуғл аз рӯйи намуди фаъолияти иқтисодӣ мавриди

таҳлили оморӣ қарор дода шуда, динамикаи афзоиш ва коҳишёбии шуғл ошкор гардад, чораҳои зарурӣ дар самти танзими масъалаи мазкур андешида шаванд. Зеро шуғл яке аз нишондиҳандаи асосии калидии иқтисодию иҷтимоӣ буда, беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолӣ аз он вобастагӣ дошта, иқтидори истеҳсолию хизматрасонии мамлакатро нишон медиҳад.

**Ҷадвали 2. Гурӯҳбандии ҳиссаи шумораи аҳолии машғул аз рӯйи намуди фаъолияти иқтисодӣ дар солҳои 2011-2020 бо %**

**Table 2. Grouping of the share of the employed population by type of economic activity in 2011-2020 in %**

| Намуди фаъолияти иқтисодӣ | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| Гурӯҳи якуми намудҳои фаъолияти иқтисодӣ «Тамоюли устувори афзоиши ҳиссаи шумораи аҳолии машғул доранд» | | | | | | | |
| Маориф | 8,4 | 8,8 | 9,2 | 9,6 | 9,7 | 9,8 | 9,9 |
| Тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ | 3,8 | 4,1 | 4,4 | 4,7 | 4,7 | 4,7 | 4,7 |
| Меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо | 0,3 | 0,4 | 0,4 | 0,6 | 0,6 | 0,7 | 0,7 |
| Миёнаравиҳои молиявӣ ва фаъолияти суғуртавӣ | - | - | - | - | - | 0,9 | 1,0 |
| Фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ | - | - | - | - | - | 0,6 | 0,7 |
| Идоракунӣ ва фаъолияти ёрирасон | - | - | - | - | - | 0,2 | 0,3 |
| Санъат, вақтхушӣ ва истироҳат | - | - | - | - | - | 0,5 | 0,6 |
| Дигар фаъолияти хизматрасонӣ | - | - | - | - | - | 0,9 | 1 |
| Дар маҷмуъ | 12,5 | 13,3 | 14 | 14,6 | 14,7 | 18,3 | 18,9 |
| Гурӯҳи дуюми намудҳои фаъолияти иқтисодӣ «Тамоюли устувори афзоиши ҳиссаи шумораи аҳолии машғулро надоранд» | | | | | | | |
| Савдои яклухт ва чакана, таъмири автомобилҳо, мото-сиклҳо, молҳои маишӣ ва маводҳои истифодаи шахсӣ | 5,6 | 6,3 | 6,2 | 7, | 6,5 | 6,2 | 6,3 |
| Сохтмон | 3,3 | 2,8 | 2,8 | 4,2 | 4,2 | 4,1 | 4,1 |
| Кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ | 67,0 | 64,9 | 64,5 | 60,9 | 61,1 | 61,2 | 60,9 |
| Моҳипарварӣ | 0,01 | 0,0 | 0,02 | 0,01 | 0,01 | - | - |
| Саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди конҳо | 0,4 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 0,5 |
| Таъминоти обтозакунӣ, тақсимот ва гирифтани ашёи дуюмдараҷа *** | - | - | - | - | - | 0,5 | 0,5 |
| Нақлиёт, хоҷагии анбор ва алоқа♣ Нақлиёт ва хоҷагии анбор♣♣ | 1,9 | 2,4 | 2,3 | 1,8 | 2,6 | 2,5 | 2,4 |
| Маълумот ва коммуникатсияҳо♣♣♣ | - | - | - | - | - | 0,5 | 0,5 |
| Амалиётҳо бо амволи ғайриманқул, иҷора ва фаъолияти тиҷоратӣ Амалиётҳо бо амволи ғайриманқул | 0,6 | 0,9 | 0,9 | 1,3 | 1,3 | 0,4 | 0,3 |
| Мақомоти давлатӣ ва мудофиа; суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ | 1,6 | 1,5 | 1,5 | 1,9 | 2,0 | 1,8 | 1,8 |
| Дар маҷмуъ | 80,4 | 79,3 | 78,7 | 77,6 | 78,2 | 77,7 | 77,3 |
| Гурӯҳи сеюми намудҳои фаъолияти иқтисодӣ «Намудҳои фаъолияте, ки ҳиссаи шумораи аҳолии машғул устуворона коҳиш меёбанд» | | | | | | | |
| Саноати коркард | 2,8 | 2,5 | 2,5 | 3,6 | 3,5 | 3,4 | 3,4 |
| Неруи барқ, газ ва таъминоти об * Дастрасӣ (таъмин)-и қуваи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво** | 0,8 | 0,8 | 0,7 | 0,7 | 0,8 | 0,6 | 0,6 |
| Фаъолияти молиявӣ | 0,7 | 1,1 | 1,0 | 0,9 | 0,8 | - | - |
| Дигар хизматҳои коммуналӣ, | 2,9 | 2,8 | 2,9 | 1,9 | 1,7 | - | - |

*** маълумотҳои намуди фаъолият тибқи ТУНФИ-2 аз соли 2019 инҷониб ҷамъоварӣ мегардад.
♣то соли 2018 тибқи ТУНФИ-1.алоқа ба ин намуди фаъолияти иқтисодӣ дохил мешуд.
♣♣солҳои 2019-2020 тибқи ТУНФИ-2 алоқа ба таркиби ин намуди фаъолияти иқтисодӣ дохил нашудааст.
♣♣♣ тибқи ТУНФИ-2 солҳои 2019-2020 ба қайд гирифта шудааст.
* то соли 2018 тибқи маълумотҳои ТУНФИ-1 ҷамъоварӣ мегардид.
** солҳои 2019-2020 тибқи маълумотҳои ТУНФИ-2.

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| иҷтимоӣ ва шахсӣ | | | | | | | |
| Дар дигар ташкилотҳои бахши хизматрасонӣ | 0,1 | 0,04 | 0,04 | 0,02 | 0,00 | - | - |
| Дар маҷму | 7,3 | 7,2 | 7,1 | 7,1 | 6,8 | 4 | 4 |

Сарчашма: Ҷадвал дар асоси маълумотҳои маҷмуаи омории Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.– 2021. – С. 142-143 таҳия гардидааст.

## АДАБИЁТ


1. Аҳмадов, Ф.М. Арзёбии омории сатҳи зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография / Қ.Х. Хушвахтзода, Ф.М. Аҳмадов, Ф.М. Ашуров. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – 187 с.
2. Исозода А.З. Омӯзиши омории шуғли аҳолӣ ҳамчун категорияи муҳими иҷтимоӣ-иқтисодӣ / А.З. Исозода, Ф.М. Ахмадов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Илмҳои иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва соҳаи иҷтимоӣ.– №1 (40). – 2022. – С. 166-170.
3. Красильников О.Ю. Структурные сдвиги в экономике: теория и методология / О.Ю. Красильников – Саратов: Научная книга, 1999. –74 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат. ш. Душанбе, 1 августи соли 2012, № 895.
5. Маҷмуаи омории Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.– 2021. – С. 142-143.
6. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 26.01.2021, шаҳри Душанбе.


## АРЗЁБИИ ОМОРИИ СОХТОРИ ШУҒЛИ АҲОЛӢ АЗ РӮИ НАМУДИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Ҳамаи тағйиротҳои сохторӣ, ки дар иқтисодиёти мамлакат мегузаранд, ба воситаи сохтори шуғли аҳолӣ иникос намудан имконпазир аст. Шуғл дар марҳилаҳои гуногуни тағйирёбии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ худро мувофиқ сохта, имкон медиҳад, ки дар кадом марҳилаи рушд ё буҳрон қарор доштани иқтисодиётро мулоҳиза намоем, зеро шумораи шуғл рушди иқтисодиро ҳамроҳӣ менамояд. Аз ин рӯ дар шароити муосир таҳлили сохтори шуғли аҳолӣ аз рӯи намуди фаъолияти иқтисодӣ аҳамияти назариявӣ ва амалиро ба худ касб менамояд. Дар мақолаи мазкур, ҷанбаҳои методӣ барои арзёбии тағйирёбии сохтории шуғл дар заминаи таҳлили тағйирёбии маҷмуии сохторӣ, ки имкони баҳо додани бузургии тағйирёбии сохториро аз рӯйи намудҳои алоҳидаи фаъолият медиҳад, баррасӣ гардидааст. Ҳамзамон, тағйирёбии миқдории дохилии шуғл аз рӯйи намуди фаъолияти иқтисодӣ дар сохтори умумии шуғл, ки динамикаи тағйирёбии шумораи шуғлро дар дигар намуди фаъолият иникос мекунад, мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.



**Калидвожаҳо:** сохтори шуғл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, намуди фаъолияти иқтисодӣ, тағйирёбии сохторӣ, захираҳои меҳнатӣ, сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ, сатҳи касбии кормандон, сатҳи зиндагӣ.


## СТАТИСТИЧЕСКОЙ ОЦЕНКИ СТРУКТУРЫ ЗАНЯТОСТИ НАСЕЛЕНИЯ ПО ВИДАМ ЭКОНОМИЧЕСКИЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


Все структурные изменения, происходящие в экономике страны, можно наглядно представить через структуру занятости населения. Занятость адаптируется к разным стадиям изменений в социально-экономическом развитии и позволяет рассудить о степени развития или кризиса экономики, поскольку численность занятости сопутствует экономическому развитию. Поэтому в современных условиях анализ структуры занятости населения по видам экономической деятельности приобретает теоретическое и практическое значение. В данной статье рассмотрены методические аспекты оценки структурных изменений занятости населения на основе анализа общих структурных изменений, которые позволяют оценить величину структурных изменений по отдельным видам деятельности. Также было изучена внутренняя изменения количество занятости по видам деятельности в общей структуре занятости, которая отражает динамику изменению численности занятых по другим видам деятельности.



**Ключевые слова:** структура занятости в Республике Таджикистан, вид экономической деятельности, структурные изменения, трудовые ресурсы, государственная политика занятости, профессиональный уровень работников, уровень жизни.


## STATISTICAL ANALYSIS OF THE EMPLOYMENT STRUCTURE OF THE POPULATION BY TYPE OF ECONOMIC ACTIVITY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


All structural changes taking place in the country's economy can be visualized through the structure of employment. Employment adapts to different stages of change in socio-economic development and makes it possible to judge the degree of development or crisis of the economy, since the number of employment accompanies economic development. Therefore, in modern conditions, the analysis of the structure of employment of the population by type of economic activity acquires theoretical and practical significance. This article discusses the methodological aspects of assessing structural changes in the employment of the population based on the analysis of general structural changes, which allow us to estimate the magnitude of structural changes in certain types of activities. It was also studied the internal change in the number of employment by type of activity in the overall structure of employment, which reflects the dynamics of changes in the number of employees in other types of activity.

**Keywords:** structure of employment in the Republic of Tajikistan, type of economic activity, structural changes, labor resources, state employment policy, professional level of workers, standard of living.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Исозода Афзалшо Зиёдулло*** **–** Донишгоҳи давлатии Данғара, ассистенти кафедраи банақшагирӣ ва барномасозии компютерӣ дар соҳаҳо. **Суроға**: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Данғара. E-mail: **isozoda19@mail.ru.** Телефон: **(+992) 885556595**
***Аҳмадов Фараҳманд Муфазалович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи омор. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail**: Farahmand@mail.ru.** Телефон**: (+992)901-61-66-33**

**Сведение об авторов:** ***Исозода Афзалшо Зиёдулло*** - Дангаринский государственный университет, ассистент кафедры проектирование и компютерное програмирование в отрасли. **Адрес**:735320 Таджикистан, Дангара центральная улица 25. E-mail: **isozoda19@mail.ru.** Телефон: **(+992) 885556595**
***Ахмадов Фарахманд Муфазалович*** **-** Таджикского национального университет, к.э.н., старший преподователь кафедры статистики. **Адрес**: 734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail**: Farahmand@mail.ru.** Телефон: **(+992)901-61-66-33**

**Information about the author:** ***Isozoda Afzalsho Ziyodullo*** - Dangara State University, assistant of the department of design and computer programming in the industry. **Address:** 735320 Tajikistan, Dangara central street 25. E-mail: **isozoda19@mail.ru.** Phone**: + (992) 885556595**
***Akhmadov Farahmand Mufazalovich*** - Tajik National University, PhD in Economics, Senior Lecturer of the Department of Statistics. **Address:** 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17. E-mail: **Farahmand@mail.ru**. Phone: **(+992)901-61-66-33**

УДК: 336.71

# БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ ВА СОХТОРИ ОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ ИҚТИСОДӢ

*Нуралиева Д.К.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мавриди зикр аст, ки дар шароити муосир бозори меҳнат ва хизматрасонӣ яке аз ҷанбаҳои муҳим дар иқтисодиёти ҳар як кишвари алоҳида ба ҳисоб рафта, такондиҳандаи иқтисоди миллӣ дониста мешаванд. Самти мазкур диққати олимони соҳаро ҳанӯз дар асрҳои XVII-XIX ба худ ҷалб намудааст, ки муҳимияти онро нишон медиҳад. Бозори меҳнат ва хизматрасонӣ дар асарҳои олимони шинохтаи риштаи иқтисод ба монанди К.Маркс, А.Смит, Ҷ.Кейнс, П.Самуэлсон [13; 7; 9] ва ғайра ба таври назаррас таҳқиқ гадидаанд. Бозори хизматрасониҳо дорои сохтори мураккаб буда, дар он бозори хизматрасониҳои молиявӣ – бонкӣ мақоми махсусро ишғол менамояд. Дар воқеъ, имрӯз бо қиёс ба дигар бахшҳои бозори хизматрасониҳо, бозори хизматрасониҳои молиявӣ – бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инкишоф ёфтааст, ки ин гувоҳи рушди бахши молиявии мамлакат дониста мешавад.

Рушди устувори иқтисоди миллӣ аз зиёдшавии амалиёти молиявӣ ва густаришёбии фаъолияти низоми бонкии он вобастагии беандоза дорад. Яке аз вазифаҳои ташкилотҳои қарзӣ дар замони муосир ин пешниҳоди хизматрасониҳо ба муштариён баҳисоб рафта, рушду инкишфи ҳар як ташкилоти қарзии алоҳида аз ташаккулёбии бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва сифати хизматрасониҳои пешниҳодшаванда вобаста аст. Бозори хизматрасониҳо дорои сохтори ба худ хос буда, дар худ бахшҳои гуногунро фарогир мебошад. Хизматрасониҳои бонкӣ дар сохтори бозори хизматрасониҳо мавқеи хосеро ишғол намудаанд ва яке аз қисматҳои асосии он ба ҳисоб меравад. Сохтори бозори хизматрасониҳо дар расми 1 оварда шудааст. Аз расми 2 бармеояд, ки бозори хизматрасониҳо аз зерсохтор иборат буда, дар маҷмуъ онро метавон ба 4 – қисмати асосӣ гурӯҳбандӣ намуд. Тибқи гуруҳбадии расми 1 яке аз бахшҳои муҳими сохтори бозори хизматрасониҳо ин бозори хизматрасониҳои идоракунӣ, танзим ва мубодила ба ҳисоб меравад. Дар зерсохтори бозори мазкур бозори хизматрасониҳои молиявӣ ва бонкӣ ҳамчун яке аз қисматҳои муҳим ва калидӣ амал менамояд.

**Расми 1. Сохтори бозори хизматрасониҳо**
**Figure 1. The structure of the services market**




Таҳияи муаллиф

Дар шароити иқтисоди бозорӣ ҷиҳати фаъолияти муваффақонаи субъектони амалкунанда, донистани амиқи вазъи бозор аҳамияти махсус дорад. Огоҳӣ ва омӯзиши саривақтии ҳолати бозор барои субъектони иқтисодӣ имкониятҳои зиёдеро фароҳам оварда, густаришёбии фаъолияти онҳоро таъмин менамояд. Аз нуктаи назари

институтсионалӣ, бозори хизматрасониҳои бонкӣ соҳаи махсуси муносибатҳои иқтисодие мебошанд, ки раванди хизматрасониҳои бонкиро ба тартиб медарорад ва роҳандозӣ менамояд. Вобаста ба ин, метавон зикр намуд, ки моҳияти иқтисодии хизматрасониҳои бонкӣ, маҳсулотҳои бонкӣ ва тартиби пешниҳоди онҳо аз ҷониби олимони зиёди иқтисодшинос мавриди омӯзиш қарор дода шудааст, ки аз мубрамият ва зарурияти он дарак медиҳад.

Баъд аз гузариш ба низоми иқтисоди бозорӣ ва пайдоиши рақобат, бонкҳо бояд на танҳо ба вазъи дохилии фаъолияти худ аҳамият диҳанд, балки стратегияи дарозмуддатро ҷиҳати пешбурди кор низ таҳия намоянд. Яъне дар шароити муосир вазъи бозори хизматрасониҳои бонкӣ ба таври назаррас тағийр меёбад ва бонкҳо бояд ба ин гуна тағйиротҳо омода бошанд.

Ҳамин тариқ, дар баробари рушди муносибатҳои бозорӣ, ва инкишофёбии номгӯи хизматрасониҳо аз бахши бонкӣ тақозо мегардад, ки барои ҷалби бештари муштариён чи шахсони ҳуқуқӣ ва чи шахсони воқеӣ сифати хизматрасониҳо ва тартиби пешниҳоди онҳоро бознигарӣ намоянд. Зеро имрӯз талаботи муштариён тағйир ёфтааст ва химатрасониҳо бояд тибқи талаботи онҳо пешкаш гарданд. Вобаста ба ин, имрӯз бонкҳои тиҷоратии кишвар бояд аз механизмаҳои маркетингии муосир ба таври комил истифода намоянд. Чунин ба назар мерасад, ки истифодаи принсипҳои маркетинг дар амалияи бонкҳои мо ғайриоқилона аст, зеро талабот ба таври пурра қонеъ нагардида истодааст. Дар ҷумҳурӣ бонкҳои тиҷоратӣ микдоран меафзоянд ва мувофиқан хидматҳои пешниҳодшаванда низ бояд афзоиш ёбанд. Дар баробари ин, бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол наметавонанд зарари имконоти аз дастрафтаро баҳогузорӣ кунанд. Риоя накардани принсипҳои маркетингӣ дар шароити муосир метавонад ба фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ боиси аз даст додани фоида, инчунин коҳишёбии қобилияти пардохтпазирӣ ва устувории молиявӣ гардад. Бо назардошти ин, барои дар бозор рақобатпазир боқӣ мондан ва фаъолияти самаранок дар бозори дохилӣ ва ворид шудан ба бозорҳои сармояи хориҷӣ, бояд аз усулҳои фаъоли мақсадноки маркетингӣ истифода намуд. Вобаста ба ин, бояд дарҷ намуд, ки сохтори фоидаи ташкилотҳои қарзӣ метавонад тағийр ёбад. Дар шароити муосири иқтисодӣ бонкҳоро зарур аст, ки доираи хизматрасониҳоро зиёд намоянд. Зеро, дигар бонкҳо наметавонанд бо пешниҳоди амалиёти анъанавӣ дар бозор даромади баланд гиранд ва рақобатпазирии худро таъмин созанд. Акнун бонкҳоро лозим аст, ки фаъолона роҳҳои нави рушди тиҷоратро пайдо созанд.

Такмили фаъолият дар ин самт аз бонкҳо талаб менамояд, ки дар ҳар як филиал ва шуъба низоми мусоиди хидматрасонӣ ба муштариёнро ташкил намоянд. Гузашта аз ин, имконияти пешниҳоди хизматрасониҳоро тариқи фосилавӣ таҳия созанд. Имрӯз усулҳои муқаррарии пешниҳоди хидматҳо ба муштариён имкон намедиҳанд, ки талаботи муштариён ба пуррагӣ қонеъ гардад. Дар ин самт норасоиҳо зиёданд, ки аз ҳама муҳимтаринаш инкишофи нопурраи инфрасохтори бонкӣ дониста мешавад, ки дар натиҷа муштариён аз бонкҳо қаноатманд намегарданд.

Дар адабиёти ватанӣ аз ҷониби як қатор олимони иқтисодшинос масоили марбут ба бозори хизматрасониҳои бонкӣ баррасӣ шудаанд. Вале ба андешаи мо таҳқиқотҳои гузаронидашуда то ҳол нокифояанд ва бо назардошти муҳимияти самти мазкур пажӯҳишҳо бояд бештар ба анҷом расонида шаванд. Мавриди қайд аст, ки масъалаҳои вобаста ба бозори хизматрасонии бонкӣ ва моҳияти онҳо дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони ватанӣ, ба монанди: Ҳусейнова Д., Ғаниев Р.Ғ., Ятимов Х. ва дигарон қисман мариди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтаанд [2,с.125]. Дар кори диссертатсионии худ Ғаниев Р.Ғ. моҳияти хидматҳои бонкиро ҳамчун натиҷа ё таъсири судманди амалиёти бонкӣ муайян кардааст, ки дар маҷмуъ метавонад талаботи муштариёноро қонеъ созад. Ба гуфтаи Ятимов Х.М. хидматҳои бонкӣ ва сифати пешниҳоди онҳо шарти асосии рушди ташкилотҳои қарзӣ мебошанд [3,с.110]. Ҳамчунин, як қатор олимони рус, аз ҷумла О.С. Рудакова, А.М. Тавасиева, хидматҳои бонкиро ҳамчун як намуди фаъолият маънидод мекунанд, ки ҳадафи он қонеъ намудани аҳолӣ бо маҳсулотҳои бонкӣ мебошад [11,с.29]. Тадқиқоти мо нишон дод, ки дар байни бисёр иқтисодчиён то ҳол дар бораи муайян кардани категорияи хизматрасониҳои бонкӣ, маҳсулоти бонкӣ, амалиёти бонкӣ ва ғайра ақидаи ягона вуҷуд надорад. Дар айни замон, баъзе олимон ба он назаранд, ки хидматҳои

бонкӣ ҷузъи маҳсулоти бонкӣ мебошанд ва амалиёти бонкӣ бошад маҷмуи амалҳои ба ҳам алоқаманди ташкилотҳои қарзӣ ва муштарӣ оид ба ҳалли масъалаҳои мушаххаси иқтисодӣ аст. Дар маҷмуъ, метавон зикр намуд, ки моҳияти хизматрасониҳои бонкӣ дар амалҳои ҳадафмандонаи бонк ҷиҳати қонеъсозии талаботи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ин маҷмуи.

Вале масъалаи хусусиятҳои хизматрасониҳои бонкӣ, сохтори бозори хизматрасониҳои бонкӣ, мушкилиҳои ҷойдошта, таъсири онҳо ба фаъолияти бонкҳо ва рушди минбаъдаи бозори хизматрасониҳои бонкӣ ба таври васеъ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Дар маҷмуъ метавонем зикр намуд, ки хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ин доираи анъанавии фаъолияти соҳибкорӣ буда, сарчашмаи муҳимтарини ҷалби даромади бонкӣ ва қонеъгардонии талаботҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дониста мешавад.

Аз нуқтаи назари институтсионалӣ, бозори хизматрасониҳои бонкӣ як соҳаи муносибатҳои бозорӣ мебошад, ки талабот ва пешниҳодро ба хизматрасониҳои бонкӣ барои қонеъ гардонидани талаботи мизоҷони муассисаҳои бонкӣ таъмин менамояд. Механизми фаъолияти бозори маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ - ин низоми фишангҳои иқтисодии мувозинати талабот ва пешниҳод ба маҳсулоти бонкӣ, барои мубодилаи “пул – маҳсулоти бонкӣ”, гардиши пули нақд ва гардиши маҳсулоти бонкӣ мебошад. Ҳангоми фаъолияти бозори хизматрасониҳои бонкӣ талабот ба хизматрасониҳои бонкӣ аз рӯи хоҳиш ва завқи муштариён – шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ муайян карда мешавад.

**Расми 2. Бозори маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ ва механизми иҷроиши он**
**Figure 2. Market of banking products and services and its implementation mechanism**




Таҳияи муаллиф

Субъектҳои асосии бозори хизматрасониҳои бонкӣ субъектони ба ҳисоб мераванд, ки даромади онҳо дар аксари мавридҳо аз хароҷот ба миқдори пасандозҳо зиёд аст. Тавассути ташкилотҳои қарзӣ даромадҳо ба сармоягузорӣ табдил меёбанд ва норасоии маблағро барои рушди фаъолияти ширкатҳо таъмин менамояд. Дар бозори бонкӣ ҳаракати пайвастаи гардиши пул ва маҳсулоти бонкӣ ба назар мерасад, ки ба сӯи ҳамдигар ҳаракат карда, як гардишро ба вуҷуд меоранд. Кулли намояндаҳои бозори хизматрасониҳои бонкӣ бештар бо пул сарукор доранд [15,с.112]. Ин ба он маъно аст, ки ин бозор барои ба ҳамоварии фурӯшандагон ва харидорони маҳсулоти муайян кӯмак мекунад – яъне ҷиҳати иҷроиши ӯҳдадориҳои молиявӣ ба муштариён ёрӣ мерасонад (пардохти фоизро барои пуле, ки имрӯз гирифта шудааст дар оянда ваъда медиҳад). Дар ин бозор аз як тараф шахсони алоҳида, ширкатҳо, муассисаҳои давлатие фаъолият менамоянд, ки маблағҳои озод доранд ва омодаанд ба корбар (фурӯшанда) пешниҳод намоянд ва аз ҷониби дигар онҳое, ки ба захираҳои молиявӣ эҳтиёҷ доранд (харидорон) ва омодаанд барои истифодаашон фоиз пардохт кунанд. Бозори мазкур дар муътадилгардонии қурби пули миллӣ ва таҳкими иқтисоди миллӣ нақши асосӣ мебозад, зеро иқтисоди бозорӣ муомилоти муътадили пулиро (бо роҳи танзими талабот ва пешниҳоди пул) талаб мекунад.

Бозори хизматрасониҳои бонкӣ ба бахшҳои гуногун тасниф мешавад. Бахшҳои бозори бонкӣ ва самтҳои мақсадноки он дар расми 3 гурӯҳбандӣ шудааст.

Ба андешаи аксари олимони соҳа, яке аз қисматҳои муҳими бозори хизматрасониҳои бонкӣ унсурҳои он мебошад. Махсусан Парусимова Н.И. қайд менамояд, ки бозори хизматрасониҳои бонкӣ дорои унсурҳои зерин мебошад:

**Расми 3. Гурӯҳбандии бахшҳои бозори хизматрасониҳои бонкӣ**
**Figure 3. Grouping of banking services market segments**




Таҳияи муаллиф

- ➢ маҷмуи усулҳои танзими бозорӣ ва давлатии бозори хизматрасонии бонкӣ барои нигоҳ доштани устувории он;
- ➢ танзими муносибатҳои байни субъектҳои бозори хизматрасониҳои бонкӣ бо меъёрҳои ҳуқуқи дохилӣ ва байналмилалӣ;
- ➢ мавҷудияти доираи васеи хизматрасониҳои бонкӣ;
- ➢ шумораи номаҳдуди иштирокчиёни бозор;
- ➢ нархгузории озод ба маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ;

-шаффофияти маълумот дар бораи тамоюлҳои асосии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ, фаъолияти иштирокчиёни он.

Аксари мутахассисони соҳаи бонкӣ пешниҳод мекунанд, ки бозори хизматрасониҳои бонкӣ бояд аз рӯи сохтори маҳсулот, яъне объектҳои бозор, аз рӯи фарогирии ҷуғрофӣ ва намудҳои истеъмолкунандагони (харидорон) маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ гурӯҳбандӣ карда шавад. Махсусан, Никитин А.В., дарҷ менамояд, ки аз нуқтаи назари сохторӣ бозори хизматрасониҳои бонкӣ маҷмуи хизматрасониҳоеро дарбар мегирад, ки барои мутариён пешниҳод мегарданд [8,с.28]. Дар ин самт элементҳои муҳимтарини онро метавонем дар чунин шакл гурӯҳбандӣ намоем:

- бозори хизматрасониҳои қарзӣ-депозитӣ;
- бозори хизматрасониҳои сармоягузорӣ;
- бозори ҳисоббаробаркунӣ – хазинавӣ;
- бозори хизматрасонии машваратӣ ва ғайра.

Бояд тазаккур дод, ки бо гурӯҳбандии бозори хизматрасониҳои бонкӣ аз рӯи маҳсулот ба таври пурра арзёбӣ намудани моҳият ва нақши он ғайриимкон аст. Дар инҷо, ҳар яке аз ин бозорҳо, дар навбати худ, аз бозорҳои хидматрасонии алоҳида ё соҳаҳои алоҳидаи фаъолияти бонк иборат мебошанд. Дар ҳар яке аз бозорҳои интихобшудаи хизматрасонии бонкӣ як қатор соҳаҳоро метавон ҷудо намуд: қарздиҳӣ, қарздиҳии ғайримустақим, кори амонатгузорӣ, миёнаравии сармоягузорӣ, хизматрасонии ҳисоббаробаркунӣ – хазинавӣ, эмиссия ва хизматрасонии кортҳои пластикӣ, хизматрасониҳои асъорӣ, амалиёти трастӣ, хизматрасонии миёнаравӣ, хизматрасонии машваратӣ - иттилоотӣ, нигоҳдорӣ, ҳифз ва интиқоли сарватҳои қиматнок, суғурта, фаъолияти маркетингӣ, хизматрасонии нотариалӣ, рушди технологияҳои бонкӣ ва ғайра.

Аз рӯи фарогирии ҷуғрофӣ бозорҳои маҳаллӣ, минтақавӣ, миллӣ ва байналмилалиро метавон аз ҳамдигар фарқ намуд. Бозори маҳаллии хизматрасониҳои бонкӣ дар дохили шаҳрак ва ё ноҳия ташкил карда мешавад ва фарогири як минтақаи аз нигоҳи ҷуғрофӣ хурд мебошад. Бозорҳои минтақавӣ ҳудуди як ё якчанд минтақаҳои ҳамсояро фарогир мебошанд. Бозори умумимиллии хизматрасониҳои бонкӣ дар доираи иқтисодиёти алоҳидаи миллӣ амал мекунад. Бозорҳои байналмилалии хизматрасонии бонкӣ ҳам бозори ҷаҳонӣ ва ҳам бозорҳои хизматрасониҳои бонкиро дар сатҳи иттиҳодияҳои алоҳидаи байнидавлатӣ намояндагӣ мекунанд.

Барои муштариён низ дар шароити муосир гурӯҳбандии бозори хизматрасониҳои бонкӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро маҳз гурӯҳбандии бонкҳо аз рӯи рейтингҳо ба мизоҷон имкон медиҳад, ки пасандозҳои худро то ҳадди имкон самаранок сармоягузорӣ кунанд ё аз маҳсулот ё хизматрасониҳои бонкӣ истифода баранд. Яъне мавқеи бонк дар низоми бонкӣ, сатҳи даромаднокии он, эътимоднокӣ ва сифати хизматрасониҳои пешниҳодшавандаи бонкӣ метавонад мақоми бонкро муайян созад ва муштариён ин ё он бонкро барои худ интихоб намоянд. Таҷрибаи кишварҳое, ки бахши бонкии пешрафта доранд, нишон медиҳад, ки баҳодиҳии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ аз ҷониби ширкатҳои рейтингӣ ба таври зарурӣ роҳандозӣ гардидааст ва ин омил сабаби рушди ҳамаҷонибаи низоми бонкӣ гардидааст. Бояд дарҷ намоем, ки рейтинги бонкӣ усули баҳодиҳии муқоисавии фаъолияти якчанд бонкҳо буда, дар он раванди фаъолияти бонк дар бозор таҳлил карда мешавад. Рейтинг ба тавсифи умумӣ аз рӯи хусусиятҳои муайян асос ёфтааст ва ин имкон медиҳад, ки бонкҳоро бо пайдарпаии муайян мувофиқи дараҷаи паст шудани ин хусусият гурӯҳбандӣ кард. Имрӯз, даҳҳо агентиҳои рейтингӣ дар ҷаҳон маълуманд, аммо дар бозори байналхалқӣ танҳо чаҳор ширкат, ки ба рейтингҳо тахассус доранд, бартарӣ доранд: се амрикоӣ - Moody's Investors Service, Inc. (Moody's), Standard & Poor's Corporation (S&P), Daff & Phelps Credit Ratings Co (DCR) ва як англо-амрикоӣ - Fitch IBCA (Fitch). Яъне, агентиҳои рейтингӣ пас аз таҳлили нишондиҳандаҳои фаъолияти бонкӣ ба ҳар як муассисаи бонкӣ рейтинги муайян медиҳанд.

Гурӯҳбандӣ аз рӯи рейтинг вақти таҳлили бозори бонкиро хеле кам мекунад ва ба андозаи муайян сифати онро кафолат медиҳад. Ин омил пеш аз ҳама барои муштариён муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро мушатрӣ бо истифода аз натиҷаи таҳлил гузаронидаи агентиҳои рейтингӣ ҷиҳати интихоби бонк хулосаи худро мебарорад ва аз хизматрасониҳои бонки интихобнамудааш истифода менамояд. Гузашта аз ин, ба раванди фаъолияти бозори хизматрасониҳои бонкӣ як қатор омилҳое таъсири манфӣ мерасонанд,

ки ташкилотҳои қарзиро зарур аст бо назардошти онҳо дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ кори худро пеш баранд. Омӯзиши адабиёти соҳавӣ имконият медиҳад, ки маҷмуи омилҳои таъсирбахшро дар чунин шакл гурӯҳбандӣ намоем (расми 4).

**Расми 4. Омилҳои таъсирбахш ба низоми бозори хизматрасониҳои бонкӣ**
Ҳуқуқҳои истисноӣ ба иттилоот, ки сири тиҷоратиро ташкил медиҳад бо роҳи эътирофи қарорҳои беэътиборе, ки сохторҳои дахлдор ва шахсони масъул оид ба махфӣ нигоҳ доштани иттилоот қабул намудаанд, мавриди ҳимоя қарор дорад.

Дорандаи ММД метавонад эътирофи эътибори санадҳои сохторҳои давлатӣ ва сохторҳои маҳаллиро талаб намояд, агар ба андешаи ӯ амалҳои сохторҳои ваколатдор аз доираи ваколаташон берун баромадааст.

Ба тарзҳои асосии ҷавобгарии ҳуқуқии граждани барои вайрон намудани ҳуқуқҳои иттилоотии граждани, ҷуброни зарар, ҷуброни зарари маънавӣ ва ситонидани ҷарима шомил мебошад.

Ҳамин тавр, пешбурди тадқиқи масъалаҳои ҳимояи ҳуқуқҳои иттилоотии граждании саҳҳомон ва ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ба мо имкон медиҳанд, то хулосаҳо ва тавсияҳои хешро тартиб диҳем.

Ҳимояи ҳуқуқи иттилотии граждании саҳҳомон ва ҷамъиятҳои саҳҳомӣ аксаран ба чунин ҳолатҳо оварда мерасонанд:

1) Мамнуъ ва маҳдудияти ҳамаи чизе, ки ба ақидаи субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ дар бахши ҳимояи иттиллоот ба манфиатҳои қонунии иштирокчии табодули корпоративии иттилоот мухолиф аст (моддаи 6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи иттилоот”);

2) Тадбирҳои пешгирии иҷро нагардидани уҳдадориҳои иттилоотӣ ва ё суиистифода намудани он аз ҷониби инсайдерҳо (сархати 17 моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи иттилоот”).

Вобаста ба ин, ба ақидаи мо ҳимояи ҳуқуқҳои итттилотии граждании саҳҳомон ва ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ин имкониятҳои аз тарафи қонун пешбининамоии ҳуқуқҳои хеш ба ҳимоя аз амалҳои ғайриқонунии иштирокчиёни корпоративии табодули иттилоот, инчунин истифодаи тамоми воситаҳои (чораҳои) аз ҷониби қонунгузорӣ пешбинишуда, усулҳо ва шаклҳои ҳимоя ҷиҳати барқарорсозии ҳуқуқҳои вайронгардидаи хеш мебошад. Аз таъриф чунин бармеояд:

Аввалан, ин аз ҷониби меъёрҳои қонунгузорӣ пешбинишудаи имконият, ҷиҳати муроҷиат ба субъектони ваколатдори ҳимояи иттилоот ба талаботҳои ҳимояи ҳуқуқҳои иттилоотии вайроншудаи гражданӣ мебошад. Ҳуқуқи зерин бо вайрон намудани ҳуқуқҳои иттилоотии граждании саҳҳомон ё ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ё дар рафти мубоҳиса бо дигар иштирокчиёни табодули корпоративии иттилоот падид меояд.

Табиатан талабот оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои моддии вайроншуда ё баҳспазир, таркиб ва таъини он, муайян шудааст. Аз ҷиҳати мазмуни моддию ҳуқуқӣ он дар худ: имконияти дорандаи иттиллоот ҷиҳати истифодаи воситаҳои қонунии таъсиррасонӣ ба қонунвайронкунӣ, дифои ҳуқуқҳои ба фаъолияти ӯ мутааллиқи тартиби воқеӣ, имконияти муроҷиати дорандаи иттилоот ба сохторҳои салоҳиятдори давлатӣ, ҷиҳати татбиқи тадбири ҷавобгарии ҳуқуқиро дарбар мегирад.

Дуввум, субъекти ҳуқуқи мазкур дар тадқиқи масъала саҳҳомон ва ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ба шумор меравaнд.

Ҳуқуқҳои иттилоотии граждании саҳҳом ва ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, ҳамчун ҳуқуқи ғайримолумулкии субъективӣ ба ҳисоб меравад, ки он имконияти дастрасӣ ба эҷод, дороӣ, истифодаю паҳн намудани иттилоотро муайян менамояд. Ҳуқуқи зерини субъективӣ ба муносибатҳои саҳҳомдорон зич алоқаманд ва ба рушди табодули корпоративии иттилоот равона гардидааст.

Сеюм, ҳимояи ҳуқуқҳои иттилоотии граждании саҳҳомон ва ҷамъияти саҳҳомӣ дар тартиби қонунгузории пешбинишуда, яъне тавассути татбиқи шаклҳо, меъёрҳо, воситаҳо ва усулҳои ҳимоя амалӣ карда мешавад.

Чорум, муҳимияти ҳуқуқҳои иттилоотии граждании саҳҳомон ва ҷамъиятҳои саҳҳомӣ дар натиҷаи вайроннамоии ҳуқуқҳо ва ё манфиатҳои қонунии онҳо дар табодули корпоративии иттилоот, ба миён меояд.

Субъектони асосӣ, ки амал ё беамалии онҳо метавонад ба вайроннамоии манфиатҳои қонунии саҳҳомон ва ҷамъиятҳои саҳҳомӣ оварда расонад, инсайдерҳо ба шумор мераванд. Инсайдер - шахсе, ки ба сабаби соҳибӣ намудани саҳмияҳои (ҳиссаи иштирок дар сармояи оинномавии) эмитент ё шахси бонуфузи он, бастани шартномаи меҳнатӣ ё шартномаи гражданӣ-ҳуқуқӣ бо эмитент ё бо шахси бонуфузи он, ваколатҳои ба ӯ ҳамчун мансабдори мақоми давлатӣ додашуда, инчунин дар ҳолатҳои дигари қонунгузорӣ муқарраргардида ба маълумоти инсайдерӣ дастрасӣ дорад мебошад (сархати 17, моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бозори қоғазҳои қимматнок").

**Муқарриз: Мирзоев П.З. – н.и.ҳ., дотсенти ТНУ**

**АДАБИЁТ**


1. Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.11.2003 с., таҳти №1175 //АДЛИЯ, тасдиқ шудааст. Бонки марказонидашудаи ҳуқуқии иттилоотии ҶТ. Назарияи 6.01. Вазорати адлияи ҶТ. Душанбе 2014.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» аз 26.07.2014 с. Таҳти №1107 // Адлия: Бонки марказонидашудаи иттилоотии ҳуқуқии ҶТ. Фарзияи 6.0. / Вазорати адлияи ҶТ. Душанбе 2014. 1 фиттаи электронӣ CD-Rom
3. Плоходько В. Что следует знать об инсайдерской информации? //Акционерный вестник. 2013. №10/111. С. 41-42.
4. Солеҳбоева Н.А. Ҳифзи ҳуқуқҳои сармоягузорони бозори коғазҳои қимматнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Деваштич. 2005. С.20.
5. Суханов Е.А. Гражданское право: учебник в 2-х томах/ отв. Ред. Е.А. Суханов. М.: БЕК, 2000. С. 421.
6. Треушникова М.К. Формы защиты прав инвесторов в сфере рынка ценных бумаг/ Под редакцией М.К. Треушникова. М.: Городец, 2000. С.9.
7. Шульга И. Десять лет без права копаться в переписке // Коммерсантъ-1996. 16 апреля. С. 26.


**ҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ ИТТИЛООТӢ-ГРАЖДАНИИ САҲҲОМОН ВА ҶАМЪИЯТҲОИ САҲҲОМӢ**


Дар мақолаи мазкур муаллиф ҳимояи ҳуқуқҳои иттилоотӣ-граждании саҳҳомон ва ҷамъиятҳои саҳҳомиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллиф қайд менамояд, ки ҳар як саҳмдор манфиатдор аст, ки аз ҷамъияти саҳҳомӣ сари вақт маълумоти боэътимод гирад. Ин бешубҳа дуруст аст, зеро рушди иҷтимоию иқтисодӣ бидуни иттилоот ва дониши боэътимод имконнопазир аст. Ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ҳамчун иштирокчии мустақили муомилоти граждании иттилоот вазифадор аст ба ин саҳм гузорад. Ҳуқуқи иттилоотии шаҳрвандии саҳмдор ва уҳдадориҳои иттилоотии ҷамъияти саҳҳомӣ на танҳо аз муносибатҳои корпоративӣ, балки пеш аз ҳама ҳосили муайяни рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Имрӯз хеле муҳим аст, ки ширкат ва саҳмдорони он дар ҳалли мушкилоти корпоративӣ тавассути мубодилаи иттилооти софдилона ҳамкорӣ кунанд. Гап дар сари он аст, ки аксар вақт мушкилоти ҳалнашудаи корпоративӣ боиси вазъиятҳои низоъӣ мегардад. Бинобар ин ба ҳалли ин масъалаҳо дар мақолаи мазкур диққат дода шудааст.



**Калидвожаҳо:** ҷамъияти саҳҳомӣ, ҳуқуқ барои маълумот, кушодани маълумот, махфиятии маълумот, ҳуқуқи тиҷоратӣ, ҳуқуқҳои иттилоотии гражданӣ, ҳуқуқи ғайримолумулкӣ, ҳимояи иттилоот, ҷавобгарии гражданӣ, эътирофи ҳуқуқҳои истисноӣ ба иттилоот.


**ЗАЩИТА ГРАЖДАНСКИХ ИНФОРМАЦИОННЫХ ПРАВ АКЦИОНЕРА И АКЦИОНЕРНОГО ОБЩЕСТВА**


В данной статье автором рассматриваются вопросы защиты гражданских информационных прав акционера и акционерного общества. Автор отмечает, что каждый акционер заинтересован в том, чтобы своевременно получить от акционерного общества достоверную информацию. Это, безусловно, правильно, поскольку социально-экономическое развитие невозможно без достоверных сведений или знаний. Акционерное общество как самостоятельный участник гражданского оборота информации обязано этому способствовать. Гражданское информационное право акционера и информационные обязательства акционерного общества являются продуктом не только корпоративных отношений, но прежде всего определенного уровня развития дееспособного гражданского общества. Сегодня крайне важно, чтобы общество и его акционеры активно сотрудничали в решении корпоративных проблем путем честного информационного обмена. Дело в том, что часто именно нерешенность корпоративных проблем приводит к конфликтным ситуациям. Поэтому на данном статье необходимо сфокусировать внимание на решении этих вопросов.



**Ключевые слова:** акционерное общество, право на информацию, раскрытие информации, конфиденциальная информация, хозяйственное право, гражданское право на информацию, неимущественное

право, защита информации, гражданско-правовая ответственность, признание исключительных прав на информацию.

## PROTECTION OF CIVIL INFORMATION RIGHTS OF A SHAREHOLDER AND A JOINT STOCK COMPANY

In this article, the author considers the issues of protecting the civil information rights of a shareholder and a joint-stock company. The author notes that each shareholder is interested in receiving reliable information from the joint-stock company in a timely manner. This is certainly correct, since socio-economic development is impossible without reliable information or knowledge. A joint-stock company, as an independent participant in the civil circulation of information, is obliged to contribute to this. The civil information right of a shareholder and the information obligations of a joint stock company are the product not only of corporate relations, but above all of a certain level of development of a capable civil society. Today, it is extremely important that the company and its shareholders actively cooperate in solving corporate problems through honest information exchange. The fact is that it is often the unresolved corporate problems that lead to conflict situations. Therefore, this article should focus on addressing these issues.

**Keywords:** joint-stock company, right to information, disclosure of information, confidential information, commercial law, civil right to information, non-property law, protection of information, civil liability, recognition of exclusive rights to information.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қосимов Фаррух Абдулмуминович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, докторант. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: ***kasimovfarrukh1*@gmail.com** Телефон: **(+992) 900-58-73-37.**

**Сведение об авторе:** ***Косимов Фаррух Абдулмуминович*** - Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент, докторант. **Адрес:**734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17. E-mail: ***kasimovfarrukh1*@gmail.com** Телефон: **(+992) 900-58-73-37.**

**Information about the author:** ***Kosimov Farrukh Abdulmuminovich*** **-** Tajik National University, candidate of legal sciences, associate professor, doctoral student. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. E-mail: ***kasimovfarrukh1*@gmail.com** Phone: **(+992) 900-58-73-37.**

УДК 341.30(575.3)

# МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Ҳаитов С.П.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Дар замони муосир иқтисоди рақамӣ натиҷаи рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба шумор рафта, бо тағйир додани равандҳои ҳукумати электронӣ қариб дар тамоми соҳаҳо густариши инноватсияро фароҳам меорад.

Вобаста ба ин масъала дар вохӯрӣ бо аҳли илму маориф доир ба Соли маориф ва фарҳанги техникӣ 23-юми декабри соли 2009 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин ибрози андеша намуда буданд: «Дар замони муосир масъалаи татбиқи дастовардҳои илмиву техникӣ ва технологияҳои муосир ба яке аз омилҳои муҳимми тавсеаи рақобатпазирӣ ва ҳарчи муассир кардани нуфузи кишварҳо дар арсаи ҷаҳон табдил ёфтааст» [11].

Бо дарназардошти суханони зикргардида ва қонунгузории амалкунанда дар мақола масъалаҳои ҳуқуқии иқтисодиёти рақамиро мавриди баррасӣ қарор додаем, ки дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [1] мутобиқ ба муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» [6], ки мақсад аз он фароҳам овардан ва амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои ҳар шаҳрванд ба ҷустуҷӯи озодонаи иттилоот дар шакли хаттӣ, аудиовизуалӣ, акустикӣ, электронӣ, оптикӣ ё дигар восита роҳандозӣ карда мешаванд.

Ҳамзамон, дастрасии иттилооте, ки аз муқаррароти умумии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» [5] бармеояд, ҳамчун фаъолияти иттилоотӣ - маҷмуи амалиётест, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти иттилоотии субъектони муносибатҳои иттилоотӣ равона гардидааст. Муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» [2], маҷмуи муносибатҳоеро, ки вобаста ба мансуб донистани маълумот ба сирри давлатӣ, махфӣ доштан, ошкор кардан ва ҳифзи онҳо ба манфиати таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд, ба танзим медарорад, инчунин, асосҳои ҳуқуқӣ ва системаи ягонаи ҳифзи сирри давлатиро дар тамоми шаклҳои фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият, хусусан, дар самти технологияҳои иттилоотӣ, ки ба манфиати таъмини амнияти миллӣ маҳдуд гардонида шудааст, коркарди маълумотро дар бораи шахс, ашё, факту ҳодисаҳо, зуҳурот, равандҳо ва мулоҳизаҳоро нисбат ба онҳо, сарфи назар аз шаклҳои манзур гардонидаашон ба субъектони муносибатҳои иттилоотӣ имконият медиҳад, то ин ки дар доираи муқаррароти қонун амал намоянд.

Ҳуҷҷати расмии дигари давлатӣ ин Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» [12] мебошад, ки фаъолият дар соҳаи телекоммуникатсияро бояд дар асоси принсипҳои зерин ба роҳ монад:

- баробарии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- риояи манфиатҳои ҳамаи истифодабарандагони системаи телекоммуникатсионӣ;
- инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ ва маҳдуд кардани инҳисор (монополизм) дар шароити мавҷудияти шаклҳои гуногуни моликиятдорӣ дар робита ба шабака ва воситаи алоқа мебошад.

Аз ин бармеояд, ки аҳамияти технологияҳои иттилоотӣ бо назардошти афзоиши суръат, диққат ва фаъолияти ҷузъҳои мухталифи он, ба монанди воситаҳои криптографӣ, дастгоҳӣ ва барномавӣ ба таври рӯшан мушаххас гардидааст. Воқеан, иттилоот ва технологияҳои иттилоотӣ ду неруи муҳимме мебошанд, ки ҳам худ арзиш доранд ва ҳам арзиш ба вуҷуд меоранд.

Мақсади мо таҳқиқи вазъи феълии бозори технологияҳои иттилоотӣ ва нақши он дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодиёти рақамӣ дар кишвар мебошад.

Дар муносибатҳои иқтисодиёти рақамӣ Қонуни ҶТ «Дар бораи имзои электронӣ» [3] мавқеи муайян дорад. Ҳуҷҷатҳои электронӣ тавассути имзои электронии рақамии ҳаммонандшавандаи мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба истисноӣ ҳуҷҷатҳои фаъолияти контрразведка, разведка, оперативию ҷустуҷӯӣ ва истифодаи

тадбирҳои криптографию оперативии ҳифзи сирри давлатӣ), инчунин, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми анҷом додани аҳдҳои ҳуқуқии граждании ва дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории кишвар татбиқ мегарданд.

Мафҳуми имзои электронии рақамӣ дар ҚҶТ «Дар бораи имзои рақамӣ» чунин оварда шудааст: «Реквизити ҳуҷҷати электронӣ, ки барои аз сохтакорӣ ҳифз намудани ҳуҷҷатҳои электронӣ пешбинӣ шуда, дар натиҷаи дигаргунсозии криптографии иттилоот бо истифодаи калиди пӯшидаи имзои электронии рақамӣ ба даст омадааст ва имконият медиҳад, ки имзои соҳиби сертификати калиди имзо ҳаммонанд карда шуда, мавҷуд набудани иттилооти таҳрифшуда дар ҳуҷҷати электронӣ муайян гардад» (б.3. м.2 ҚҶТ №733).

Аз мафҳуми додашуда масъалаҳое бармеоянд, ки бо иқтисодиёти рақамӣ иртибот доранд ва тибқи ҳуҷҷати электронӣ танзим карда мешаванд. Чи тавре аз моҳияти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» [7] бармеояд, ҳуҷҷати электронӣ маълумотҳоеро дар бар мегирад, ки онҳо бояд дар ҳомили мошинӣ сабт шуда бошанд. Чунки гардиши ҳуҷҷати электронӣ (ҳуҷҷате, ки дар он иттилоот дар шакли электронии рақамӣ пешниҳод гардидааст), низоми тартибдиҳӣ, истифода, нигоҳдорӣ ва мубодилаи ҳуҷҷатҳои электронӣ бо истифода аз воситаҳои электронии коммуникатсияи омма бармеоянд.

Дар муносибатҳои иқтисодиёти рақамӣ ҳомили мошинӣ, ки дар он диски магнитӣ, лентаи магнитӣ, диски лазерӣ ва дигар ҳомилҳои моддӣ, ки дар сабту нигоҳдории маълумот бо кумаки техникаи электронию ҳисоббарор истифода мешаванд, баромад мекунанд. Чунки имзои электронии рақамӣ маҷмуи рамзҳое мебошад, ки тавассути имзои электронии рақамӣ ҳосил мешавад ва қисми таркибии ҳуҷҷатҳои электрониро ташкил медиҳад.

Воситаҳои имзои электронии рақамӣ, ки ба воситаи барномаҳои техникӣ, тайёр ва тафтиш намудани имзои электронии рақамиро таъмин менамоянд, бояд дорои сертификати мувофиқ ё шаҳодатнома бошанд.

Калиди шахсии имзо маҷмуи рамзҳое мебошад, ки ба шахси мушаххас тааллуқ дошта, ҳангоми ҳосил кардани имзои электронии рақамӣ истифода мешаванд ва калиди умумии тафтиши имзо мебошад, ки дар он маҷмуи рамзҳои ба ҳамаи шахсони манфиатдор дастрасбуда ҳангоми тафтиши имзои электронии рақамӣ истифода мешавад.

Корти калиди умумии тафтишии имзо бояд тавассути он ҳуҷҷати дар ҳомили қоғазӣ, ки дорои моҳияти калиди умумии тафтиши имзо мебошад ва мансубияти онро ба ин ё он шахси воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ тасдиқ мекунад, дар бар гирад. Чунки дар охир молики система ва шабакаҳои иттилоотӣ - субъекте, ки дорои ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани система ва шабакаҳои иттилоотӣ мебошад, рӯйи кор оварда тавонад (ҚҶТ аз 28.12.12с, №908).

Ҳуҷҷатҳои электронӣ дар кишвар тавассути ҳамаи воситаҳои алоқа, аз ҷумла системаҳо ва шабакаҳои иттилоотӣ додугирифт карда мешаванд.

Мақсад аз таъмини шароити ҳуқуқии истифодаи имзои электронии рақамӣ дар ҳуҷҷатҳои электронӣ аз он иборат аст, ки ҳангоми риояи он имзои электронии рақамӣ дар ҳуҷҷати электронӣ ба имзои дастии дар ҳуҷҷатҳои ҳомили коғазӣ мавҷудбуда баробар эътироф карда мешавад. Амали қонуни зикргардида нисбат ба муносибатҳое, ки ҳангоми истифодаи дигар имзоҳои бо ҳам монанди дастӣ ба миён меоянд, паҳн намегардад, ки ин талабот дар банди 19 моддаи 2-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи имзои электронӣ чунин пешбинӣ гардидааст: «Дар мавриди санҷиш аслӣ будани имзои электронии рақамӣ – амали муттасил, ки ҳангоми он шахсе, ки иттилооти электронии бо имзои электронии рақамӣ имзошуда ва калиди кушодаи шахси имзогузоштаро қабул кардааст, метавонад муайян намояд» [4].

Аҳамияти замонавии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир меёбад, ки ҷомеаи мутамаддинро бе донишҳои технологии ҷадид ва истифодаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Дар ҳоле ки замони муосирро асри информатика ва технологияҳои иттилоотӣ ном мебаранд, пас ҳаёти рӯзмарраи ҷомеа беихтиёр ба ин навъи технологияҳои ҷадиди иттилоотӣ сахт ниёз дорад.

Аз ҳамин назар қонуну санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии кабулгардида бо мақсади гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ пешбинӣ шудаанд. Чунки дарояндаи наздик ҳамчун як низоми

нави ҳуқуқӣ дар татбиқи муносибатҳои ҳуқуқи иқтисодӣ, ҳуқуқи иттилоотӣ, ҳуқуқи молиявӣ, андоз, гумрук, бонкӣ ва ғайра баромад намуда, ин гуна муносибатҳоро танзим менамояд. Тамоми намуди маълумот дар шакли рақамӣ ҳамчун омили ташаккулдиҳии истеҳсолот ва фаъолияти инсоният дар самтҳои муносибатҳои истеҳсолию хизматрасонӣ баромад мекунад ва маҳз ҳамин ҷиҳат мубрамияти мавзуъро ифода мекунад.

Ҳамин тавр, иқтисодиёти рақамиро метавон аз як ҷиҳат ҳамчун низоми муносибатҳои ҳуқуқии иқтисоди рақамӣ арзёбӣ намуд. Чунки дар муносибатҳои ҳуқуқии иқтисодиёти рақамӣ, ё ин ки рақамикунонии иқтисодиёт, танҳо рақамҳо дар шакли виртуалӣ баромад мекунанд, ки мақоми калидиро дар пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ ва хизматрасонӣ, новобаста аз мавқеи ишғолкардаи субъективии худ, доду гирифт, хариду фурӯши миёни тарафҳо ва амалиётҳои бонкӣ ба воситаи кортҳои электронӣ бо ёрии технологияҳои иттилоотии рақамӣ ба роҳ мемонанд. Чунин раванд дар оянда метавонад дар байни олимону мутафаккирон ва коршиносони соҳа мавзуи баҳс оид ба муносибатҳои ҳуқуқие, ки аз ҳисоби муаммоҳои гуногун бармеоянд, қарор гиранд ва ин аз муҳиммияти масъалагузорӣ дарак медиҳад.

Мавриди истифода қарор додани мафҳуми иқтисодиёти рақамӣ аз ҷониби коршиноси амрикоӣ оид ба система ва технологияҳои иттилоотӣ Николос Негропоте дар соли 1995 амалӣ карда шуд. Ӯ дар асари худ «Being Digital» консепсияи иқтисодиёти рақамиро маънидод намуда, асоси гузариши инсониятро дар фаъолияти хоҷагидории худ аз коркарди атом ба коркарди зарра-электронҳо нишон додааст [13].

Танзими ҳуқуқии иқтисодиёти рақамӣ нисбат ба бозори анъанавии кору хизматрасонӣ имконияти бештар ва бемаҳдуд ба бор оварда, шаклҳои гуногуни фаъолиятро ба миён меоварад. Ҳамаи ин амалиётҳо виртуалӣ анҷом меёбанд: пеш аз ҳама, ба субъектони муносибатҳои ҷамъиятӣ ва давлат манфиатовар мебошад. Яъне, бе хароҷати иловагӣ, аз ҷумла маводи конселярӣ ва гардиши он, ки тибқи амалиётҳо анҷом меёбанд. Ҳамин тавр, хароҷоти кам дар робита бо давлатҳои дигар ба миён меоянд ва дар ниҳояти кор, бо суръати баланд анҷом ёфтани амалиётҳоро дар хизматрасонӣ таъмин мегардонанд. Дар ин замина бо истифода аз хизматрасониҳои бонкӣ хароҷотҳои асъорӣ дар шакли виртуалӣ дар бозору мағоза ва ғайра фаврӣ анҷом меёбанд.

Аз таҷриба ва мушоҳидаҳо бармеояд, ки айни замон дар тамоми минтақаҳо, аз ҷумла дар Тоҷикистон, рушди муносибатҳои иқтисоди рақамӣ қаноатмандкунанда набуда, зиёда аз ин, раванд то дараҷае шаффофиятро тақозо дорад. Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки муносибатҳои анъанавӣ хароҷоти молӣ ва заҳматталабию коргузории бештар дошта, аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок нестанд.

Омӯзиш ва таҳқиқи дастовардҳои илмию амалӣ собит месозанд, ки дар доираи қонуниятҳои муайяннамудаи иқтисодиёти рақамӣ ва қонунгузории амалкунандаи соҳавӣ мо бояд таъмини раванди онро тибқи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба қайд гирем. Чунин амал аломатҳои ба эътибор гирифтани талабот ва татбиқи принсипҳои адолати иҷтимоиро дар бар мегирад. Аз ҳамин ҷиҳат, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур омад, ки бо мақсади инкишоф ва рушд додани иқтисодиёти рақамӣ дар кишвар «Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ»-ро [8] қабул намояд ва дар доираи он «Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ»-ро [9] дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 тасдиқ намуда, давра ба давра онро амалӣ гардонад.

Аз ин ҷиҳат самтҳои имконпазирро, ки дар низоми қонунгузории кишвар бо мақсади рушди иқтисодиёти рақамӣ пешбинӣ гардидаанд, дида мебароем. Фаъолияти босамари бозорҳои мавҷуда ба соҳаҳо дар муносибатҳои иқтисодиёти рақамӣ имконият медиҳанд, ки танҳо бо назардошти амал намудани платформаҳои ташаккулёфтаи технологӣ, ки аз ҷиҳати институтсионалӣ ва сохтор мавқеъ доранд, рушд намоянд. Чунки Барномаи зикргардида бо мақсади тезонидани суръати рушди иқтисодиёти кишвар ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ аз ҳисоби истифодаи технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ мебошад. Аз назари мо, ин имконият медиҳад, ки шароити мусоид барои гузариш ба модели нави рушди иқтисоди рақамӣ дар оянда ва дурнамои дарозмуҳлат таҳия гардад. Айни замон дар ин ҷода ба ду самти поёнии иқтисодиёти рақамӣ (платформавӣ, технологӣ ва миёна) ва инкишоф додани панҷ махзани самтҳои зерин равона мегардад:

1) танзими ҳуқуқӣ;

2) таълим ва омодасозии мутахассисон;
3) ташкил кардани тадқиқотҳо бо идоракунӣ ва захираҳои техникӣ;
4) сохтори иттилоотӣ;
5) бехатарии иттилоотӣ.

Аз чунин мавқеъ зарурати танзими ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодиёти рақамӣ ба амал меояд, ки ин раванд бо фарогирии кор ва хизматрасониҳое, ки бо истифода аз иқтисодиёти рақамӣ ба амал меоянд, тамоми субъектҳои ҳуқуқи иқтисодӣ фаъолияташонро дар асоси амалиётҳои виртуалӣ ба роҳ мемонанд. Даромад ва фоидае, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар раванди фаъолияти худ аз ҳисоби хизматрасониҳои электронӣ ба даст меоранд, бидуни иқтисодиёти рақамӣ буда наметавонанд. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки давра ба давра ҷорӣ намудани низоми электронӣ объекти танзимкунанда ба шумор рафта, дар мавриди самаранок ба роҳ мондани он дараҷаи истеҳсолот ва хизматрасонӣ майли рушд пайдо мекунад.

Дар асоси заминаҳои ҷойдошта метавон гуфт, ки назарияи гузариши рақамикунонӣ бояд ба амалияи он суръати нав бахшад ва ин натиҷаи мусбӣ низ медиҳад, вале танҳо он вақт ки ба мушкилоти соҳа аз наздик бархӯрдор бошем ва роҳи ҳалли онро дарёбем. Чунки иқтисодиёти рақамӣ дар тамоми муносибатҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ҳамчун низоми мураккаб дар байни муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва идоракунии он баромад карда, дуруст истифода бурдани он чун фишанги идоракунӣ дар танзими фаъолияти рақамикунонии иқтисодӣ баромад мекунад. Натиҷаи чунин идоракунӣ ба он оварда мерасонад, ки имконияти ба вуҷуд омадани хавфу хатарҳои таҳдидкунанда аз ҷониби кишварҳои номаълум ҷой дорад, ки барои саривақт пешгирӣ ва бартараф карда шуданашон чораҳои ҳалталаб андешида мешаванд.

Сабаби чунин амалҳо дар он аст, ки ба эътибор гирифтани манфиатҳо дар ҳолати зиддияти шадид қарор гирифта, зарурати танзими муносибатҳои байнидавлатиро дар хусуси пешгирии хавфу хатарҳои иттилоотӣ вобаста ба иқтисодиёти рақамӣ ба миён оварда, омодагии кишварро ба муқобили чунин амалҳо тақозо дорад.

Чунки дар мавриди ба фазои ягонаи интернетӣ ворид гардидани иқтисодиёти рақамии кишвар, ки аз ягон намуд таҳдидҳо эмин нест.

Барои мисол, айни замон муносибатҳои одии иқтисодии виртуалиро дар кишвар дар доираи серверҳо ва барномаҳои компютерие ба анҷом мерасонанд, ки онҳо аз ҷониби мутахассисон ва правайдерони ватанӣ нею, аз ҷониби хориҷиён ба роҳ монда мешаванд. Чунин ҳолат хело ташвишовар мебошад, хусусан дар самти ҳифзи сирри иқтисодиёти рақамӣ.

Албатта, муқаррароти моддаи 3-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» муайян мекунад, ки дар соҳаи гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ давлат дар шахси мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, инчунин, давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, субъектҳои муносибати ҳуқуқӣ дониста мешаванд ва чунин шаклҳои муносибати субъектҳо дар соҳаи гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ бо шартномаҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешаванд (ҚҶТ аз 28.12.12с, №908).

Суоле ба миён меояд, ки чӣ тавр метавон аз киберҳамлаҳо, дуздии маълумотҳо, расонидани зарару зиёни моддии техникӣ эмин буд.

Дар банди 3, моддаи 1 ҚҶТ «Дар бораи сирри давлатӣ» чунин оварда шудааст: “Тартиби ба расмият даровардани ҳуқуқи шаҳрвандон ба дастрасӣ ба маълумоти дорои сирри давлатӣ ва корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо (минбаъд - ташкилотҳо), барои гузаронидани корҳо бо истифодаи чунин маълумот, яъне манбаъҳои маълумот, ки дорои сирри давлатӣ мебошанд - аз объектҳои моддӣ, аз ҷумла, майдонҳои физикӣ иборатанд, ки дар онҳо маълумоти дорои сирри давлатӣ дар шакли рамзҳо, нақшҳо, аломатҳо, кашфиёт ва равандҳои техникӣ инъикос мёбанд” [2]. Ҳамин тавр, метавон нисбат ба муқаррароти моддаи мазкур чунин ақидаро манзур кард, ки дилхоҳ нафаре, ки ба серверу платформа ва барномаҳои электронӣ сарукор мегирад, аз маълумотҳои зарурӣ бархӯрдор мегардад. Чунки ин гуна муносибатҳо дар мавриди коркарди маълумотҳо ба воситаи технологияҳои иттилоотии замони муосир, хусусан, дар мавриди авҷгирии иқтисодиёти рақамӣ ба роҳ монда мешаванд.

Дар баробари ин, банди 1, моддаи 1-и Қонуни зикргардида чунин муқаррар мекунад: «Маълумоти аз тарафи давлат ҳифзшаванда, ки паҳн намудани онҳо аз ҷониби давлат бо мақсади амалигардонии фаъолияти самараноки ҳарбӣ, иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ, иқтисодии хориҷӣ, сиёсии хориҷӣ, разведкавӣ, зиддиразведкавӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва дигар фаъолияти ба меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ мухолифатнадошта маҳдуд карда шуда, ифшо ё гум кардани онҳо ба амнияти миллӣ ва иқтидори мудофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарар мерасонад ё расонида метавонад» [2], Аз ин ҷо бармеояд, ки нуктаҳои муҳимми зикршуда сирри давлатиро ташкил медиҳанд, ки дар раванди пурра ворид гардидан ба иқтисодиёти рақамӣ, фазои интернетӣ ин гуна маълумотҳо беихтиёр метавонанд бе ягон мушкилӣ дар истифодаи бадхоҳон қарор бигиранд. Иловатан, бояд муқаррароти моддаи 3-и зикршударо қайд намуд, ки сирри давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳомилҳои маълумоти дорои сирри давлатӣ моликияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Масалан, хизматрасониҳои низоми бонкӣ низ ҳамчун объекти истифодаи сирри иттилоотӣ баромад мекунанд, ба монанди: дар бораи маблағгузорӣ ва (ё) фаъолияти пулию қарзӣ, ки пешакӣ паҳн кардани онҳо метавонад ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон зарар расонад, дар баробари ин, ҳамёнҳои мобилӣ дар интиқоли маблағҳо, пур кардани суратҳисобҳои шахсӣ, пардохтҳои хизматрасониҳои коммуналию барқӣ, андозу гумрукӣ ва ғ., ки дар баъзе ҳолатҳо аз ҷониби ширкатҳои хориҷӣ роҳбаладӣ карда мешаванд метавонанд манфиатҳои миллӣ метавонад зери хатар қарор гирад.

Бинобар ин, суханони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021 чунин таъкид намудаанд: «…мо бояд аз соҳибдавлату соҳибватан буданамон доим шукрона кунем, ҳамеша ҳушёру зирак ва сарҷамъу муттаҳид бошем» [10]. Вобаста ба ин, бояд гуфт, ки дар ҳолати пурра гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ масъалаи мукаммал гардонидани қонунгузории соҳаи мазкур ба миён омадааст. Чунки иқтисодиёти рақамӣ дар кишвар шакли нави идоракунии иқтисодиёт аст ва ин раванд бештар ба ҳолатҳои эҳтимолӣ алоқамандии зич дорад.

Натиҷаи омӯзиш ва хулосаҳои муқоисавӣ моро бо он водор месозад, ки дар робита ба масъалаҳои меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи қонунгузории кишвари тозабунёд, низомҳои нави иқтисодиёти рақамӣ дар соҳаҳои гуногун, рушди кардани муносибатҳои молиявӣ, андозу бонкӣ ва гумрукӣ, умуман, тамоми самтҳои ҳаёти ҷомеаи шаҳрвандӣ тибқи талаботи замони муосир ба роҳ монда шавад. Мақсади асосии самти мазкур, танзими ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодиёти рақамӣ ташкил кардани реҷаи ҳуқуқӣ барои бавуҷудоӣ ва инкишоф додани технологияҳои муосир, ҳамчунин, оид ба роҳ мондани фаъолияти иқтисодӣ мебошад, ки ба истифодабарии иқтисодиёти рақамӣ иртибот дорад. Чунки давлате, ки технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро самаранок истифода мебарад, роҳҳои самараноки идора, муносибат ва равобити хориҷиро пайдо мекунад. Истифодаи рӯзафзуни технологияҳои иттилоотӣ барои шаклгирии транзаксияи электронӣ барои таъмини талабот ба маҳсулот, хизматрасонӣ, қувваи корӣ ва ислоҳоти сиёсӣ мусоидат мекунад.

Бо мақсади дар амал татбиқ гардонидани масъалаҳои ҳуқуқии иқтисодиёти рақамӣ қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии замонавӣ дар доираи се давра пешбинӣ гардидааст. Ҳамаи ин тақозо дорад, ки на танҳо дар баъзе аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, балки пеш аз ҳама, Кодекси гражданӣ, Кодекси мурофиаи гражданӣ, Кодекси меҳнат, Кодекси андоз, Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғ. низ тағйирот ворид карда шавад.

Бо мақсади рушди иқтисодиёти рақамӣ дар тамоми сатҳҳо дар кишвар, сараввал озмуни барномасозони беҳтарин ташкил карда, аз миёни онҳо беҳтарин барномасозони ватаниро интихоб намудан, ба мақсад мувофиқ аст. Сохторҳои масъул барои сохтани барномаҳои ватании рақамигардонӣ, таъмини талаботи ҳукумати электронӣ, таъсиси институтҳои соҳавии тадқиқотӣ ва таълимӣ вазифадор карда шаванд. Дар баробари ин, дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат ихтисоси информатикаи амалӣ дар соҳаи ҳуқуқ роҳандозӣ карда шавад, чунки омодакунии чунин мутахассисон барои идоракунии низоми иқтисодиёти рақамӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

**Муқарриз*: Буризода Э.Б.* – д.и.ҳ., профессори ИНФС ва Ҳ АМИТ**

## АДАБИЁТ

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо тартиби раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. -Душанбе, 2016.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» аз 26 июли соли 2014. - №1095.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои электронӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007, № 7, мод. 682; соли 2010, №7, мод. 560. соли 2011, №3, мод. 166) Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми июни соли 2007, № 708 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007, № 6, моддаи 532) қабул гардидааст. Бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми июли соли 2007, № 391 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007, № 7, моддаи 733).
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои электронӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007, № 7, мод. 682; соли 2010, №7, мод. 560. соли 2011, №3, мод. 166) Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми июни соли 2007, № 708 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007, № 6, моддаи 532) қабул гардидааст. Бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми июли соли 2007, № 391 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007, № 7, моддаи 733).
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот»(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2002, №4, қ- 2, мод. 320; соли 2012,№7, мод.698).
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот»(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008, № 6, мод.469).
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2002, №4, қ- 1, мод. 308; соли 2005, №12, мод. 637) Соли 2012,№12 қ1,мод.1002; соли 2013, №7, мод.523).
8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» декабри соли 2019, таҳти №642.
9. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2021, №460.
10. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.12.2021сол.
11. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вохӯрӣ бо аҳли илму маориф доир ба Соли маориф ва фарҳанги техникӣ 23-юми декабри соли 2009.
12. Фармони Президенти ҶТ аз 5 ноябри соли 2003 таҳти №1174.
13. Negroponte, Nicholas. 1995. Beeing Digital. New York. – 1995. 252p.


## МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Муаллифи мақолаи мазкур масъалаҳои ҳуқуқии иқтисодиёти рақамиро бо назардошти қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор додааст. Дар мақола қайд гардидааст, ки қонуну санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, иқтисодиёти рақамиро ҳамчун як низоми нави ҳуқуқӣ дар татбиқи муносибатҳои ҳуқуқи иқтисодӣ, ҳуқуқи иттилоотӣ, ҳуқуқи молиявӣ, андоз, гумрук, бонкӣ ва ғайра метавон ном бурд, ки давраи навинро дар таърихи инсоният ба вуҷуд овардааст. Муаллиф дар тадқиқоти худ зикр менамояд, ки ҳамаи намуди маълумотҳо дар шакли рақамӣ ҳамчун омили ташаккулдиҳии истеҳсолот ва фаъолияти инсоният дар тамоми самтҳои муносибатҳои истеҳсолию хизматрасонӣ баромад мекунанд ва маҳз ҳамин ҷиҳат мубрамияти мавзуъро ифода мекунад. Аз сабаби он ки мубодилаи ҳуҷҷатҳои электронӣ қисми ҷудонашавандаи иқтисодиёти рақамӣ мебошад, имзои электронӣ баробар бо имзои дастӣ дониста мешавад, ки он вазъи баробарҳуқуқӣ ва эътиборнокии ҳуҷҷатҳоро тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои электронӣ» муайян менамояд. Муаллиф бо мақсади ҳалли мушкилоти мавҷуда омилҳои асосии гузариш ба иқтисодиёти рақамиро муайян намуда, хулоса ва тавсияҳои худро муфассал пешниҳод намудааст.



**Калидвожаҳо:** ҳуқуқ, иқтисодиёти рақамӣ, рақамикунонӣ, имзои электронӣ, иттилоот, киберҳамла.


## ПРАВОВЫЕ ВОПРОСЫ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


Автор данной статьи всестронне исследует правовые вопросы цифровой экономики с учетом действующего законодательства Республики Таджикистан. В статье отмечается, что представленные нормативно-правовые акты, определяющие цифровую экономику как новую правовую систему в реализации экономико-правовых отношений, информационного права, финансового права, налогового, таможенного, банковского и др., можно назвать новым современным условием в истории человечества. В своем исследовании автор отмечает, что любая информация в цифровом виде выступают фактором формирования производства и деятельности человека во всех сферах производственно-сервисных отношений, в этом и заключается актуальность темы. В связи с тем, что обмен электронными документами является неотъемлемой частью цифровой экономики, электронные подписи приравниваются к собственноручным подписям, что определяет статус равенства и действительность документов в соответствии с Законом Республики Таджикистан об электронной подписи. В целях решения существующих проблем автор выделяет основные факторы перехода к цифровой экономике и подробно представляет свои выводы и рекомендации.



**Ключевые слова:** права, цифровая экономика, цифровизация, электронная попись, информация, кибератака.

## LEGAL ISSUES OF THE DIGITAL ECONOMY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The author of this article studies the legal issues of the digital economy, taking into account the current legislation of the Republic of Tajikistan. The article notes that the presented legal acts that define the digital economy as a new legal system in the implementation of economic and legal relations, information law, financial law, tax, customs, banking, etc. can be called new modern conditions in the history of mankind.According to the study, the author notes that any information in digital form is a factor in the formation of production and human activity in all areas of production and service relations, this is the relevance of the topic.Due to the fact that the exchange of electronic documents is an integral part of the digital economy, electronic signatures are equated to handwritten signatures, which determines the status of equality and validity of documents in accordance with the Law of the Republic of Tajikistan on electronic signature.In order to solve existing problems, the author highlights the main factors for the transition to a digital economy and presents his conclusions and recommendations in detail.

**Keywords:** law, digital economy, digitization, electronic signature, information, cyber attack

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Ҳаитов Саидали Порғиевич* -** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Телефон: **901-030-164.** E-mail: **saidali.66@list.ru**

**Сведение об авторе: *Хаитов Саидали Поргиевич* -** Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат юридических наук, доцент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица. Нахимова 64/14. Телефон: **901-030-164.** E-mail: **saidali.66@list.ru**

**Information about author: *Khaitov Saidali Porgievich* -** Tajik State University of Finance and Economics, Candidate of Juridical Sciences, Associate Professor of the Department of Financial, Economic and Anticorruption Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Str., 64/14. Phone**: (+992) 901-03-01-64.** E-mail: **saidali.66@list.ru**

УДК: 34.17.4

# МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ КОРРУПСИЯ ЧУН ЗУҲУРОТИ ИҶТИМОӢ

*Назарализода Икром Назаралӣ*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

“Коррупсия зуҳуроти номатлуб ва барои ҷомеа хатарнок ба ҳисоб рафта, мубориза бар зидди он вазифаи асосии мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як сокини кишвар мебошад” [12].

Коррупсия ин зуҳуроти таърихӣ буда, аз таърихи давлатдорӣ ва системаи давлатдорӣ маълум аст, ки вобаста ба шароитҳои мавҷуда, муносибатҳои нави ҷамъиятӣ пайдо мегардиданд, қонуни нав интишор гардида, иҷроиши онҳо то ҳадди имкон таъмин гардонида мешуд.

Чунончи ба мо маълум аст, аз давраҳои пайдоиши давлат байни шахсони мансабдор ва аҳолӣ дар доираи имкониятҳои мавҷуда оиди истифодаи манфиатҳои шахсӣ фарқияти калоне дида мешуд. Ба монанди меҳнат кардани ғулом ва ба даст овардани ҳосил, ки дар ин маврид ғуломдор кӯшиш мекард, ки фоидаи бисёр гирад, хуқуқҳои ғуломро поймол гардонад ва дар як вақт бо шахсони табақаи болоӣ бо истифода аз ин манфиати бадастовардаи худ мақоми доштаи худро дар ҷамъият нигоҳ дорад.

Оҳиста-оҳиста бо мурури гузаштани вақт, авҷ гирифтани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, баланд гардидани шуурнокии аҳолӣ, иқтисодиёти давлат, муносибатҳои молию пулӣ ва сиёсати давлатдорӣ ба он оварда расонд, ки нормаҳои нави ҳуқуқ аз нав эҷод гардиданд, қонунҳои нав қабул шуда, дар доираи онҳо муносибатҳои ҷамъиятию сиёсии давлатдорӣ ба танзим даровarда мешуданд.

Лекин, дар ҳамаи давраҳои таърихии пайдоиши давлатдорӣ ҳамеша фарқият байни шахсони баландмартаба ва поён ба назар мерасид.

Яъне, системаи давлатдорӣ, сиёсати пешгирифташуда, чунин тарз амалӣ гардид, ки ҳуқуқ, манфиат ва озодиҳои инсонҳо поймол карда мешуд, аммо, дар асл поймол шудани ҳуқуқу озодиҳо танҳо бо вайрон кардани нормаҳои муқарраркардашуда аз ҷониби шахсони мансабдори давлатӣ, яъне кӯшиши ба манфиатҳои шахсӣ кашидани манфиатҳое, ки қонун пешбинӣ кардааст, мебошанд.

Ба муқобили ин гуна қонуншиканиҳо табақаи поёнӣ кӯшишҳои сарнагун кардани чунин давлатдориро мекард. Шӯришҳо хезонида, дигаргуниҳои куллиро дар мақомоти давлатдорӣ ба миён меовард. Муҳаққиқони коррупсия бар он ақидаанд, ки ягон мамлакат, ҳатто давлатҳои дорои таърихи бойи идоракунии ба меъёрҳои демократӣ аосёфта аз коррупсия озод нест.

Аммо зуҳуроти он дар ҳар давлат гуногун буда, дар давлатҳое, ки давраи гузариш аз як низоми идоракунии давлатӣ ва иқтисодӣ ба дигар низом қарор доранд, зоҳиршавии коррупсия хавфи ҷиддеро ба раванди ислоҳоти иқтисодӣ, рушди он ва дигар паҳлуҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба вуҷуд меорад. Решаҳои таърихии коррупсия аз давраҳои қадим сарчашма мегиранд. Тахмин меравад, ки он ҳанӯз аз давраи қабилавӣ пайдо шуда, шахсони алоҳида бо мақсади ба даст овардани мавқеи хосса дар қабила ба сардори он тӯҳфаҳои гуногун пешниҳод менамуданд.

Чунин муносибат дар он давра ҳамчун амали маъмулӣ қабул мегардид. Аммо, пайдоиши нахустин давлатҳо, мураккабшавӣ ва мутамарказонида шудани аппарати давлатӣ нишон дод, ки коррупсия ба рушди бемайлони давлату ҷомеа таъсри манфии худро мерасонад. Як қатор давлатҳо, ба монанди Дания, Сингапур, Зеландияи Нав, Шветсия, Гонконг дар роҳи мубориза бо коррупсия ва паст кардани сатҳи он, ба натиҷаҳои хуб ноил гардидаанд. Аз моҳи июли соли 1973 дар Вазорати молияи Сингапур барномаи махсуси зиддикорупсионӣ ба роҳ монда шудааст. Дар Сингапур хизматчии давлатӣ уҳдадор аст, ки ҳар сол дар бораи қарздор набуданаш эъломия пешниҳод кунад. Агар эъломия бардурӯғ бошад, дарҳол аз вазифаи ишғолкардааш озод карда мешавад. Гузаронидани чунин чорабиниҳо натиҷаи хуб дод ва ҳукуматдорон дар ин самт ба муваффақиятҳо ноил шуданд [11,с.41-42]. Аммо нахустин давлате, ки ба муқобили коррупсия мубориза бурдааст ва дар қонунҳои он ба таври мушаххас инъикос гаштааст, давлати Шумер ба ҳисоб меравад.

Инчунин, аз маълумотҳои сарчашмаҳои таърихӣ маълум мегардад, ки зуҳуроти коррупсия дар ҷомеа давлатҳои қадимаро низ ба ташвиш меандохтааст. Дар таълимоти динҳои пешбари дунё низ ришвахӯрӣ чун падидаи номатлуб маҳкум карда мешаванд. Масалан, дар Инҷил чунин омадааст: «Тухфа нагир, зеро он нобиноро бино карда, ҳақиқатро дигаргун месозад». Дар Қуръони карим чунин омадааст: «Мулки дигаронро бо роҳи ноҳақ нагиред ва барои ба даст даровардани мулке, ки ба каси дигар тааллуқ дорад аз мулки худ ба ҳокимон ришва надиҳед».

Аз нимаи дуюми асри XVIII ҷомеа ба сифати кори аппарати идоркунии давлатӣ таъсири бештари худро мерасонид, ки он барои қабули як қатор қонун ва ҳуҷҷатҳои муҳимми давлатӣ заминаҳои асосӣ гузошт. Аз ҷумла, тибқи муқаррароти Конститутсияи ИМА, ки соли 1787 қабул шудааст, яке аз ду ҷинояте, ки Президент ба импичмент кашида мешавад, ин ришвахӯрӣ мебошад.

Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки аз давраҳои пайдоиши аввалин давлатҳо низои манфиатҳои шахсӣ ва манфиатҳои давлатӣ, боло гузоштани манфиатҳои шахсию гурӯҳӣ аз манофеи ҷамъиятӣ, суиистифода аз ваколатҳои ҳокимиятӣ арзи ҳастӣ дошт. Низои манфиатҳои шахсӣ ва манфиатҳои давлатӣ яке аз асосҳои пайдошавии ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсиониро ташкил медиҳад.

Пас, коррупсия ин зуҳуроти таърихӣ буда, мавҷудияти он дар ҳар давру замон вобаста ба шароити мавҷуда мақомеро доро мегардад [9].

Он чун зуҳуроти иҷтимоӣ ҳамқадами инсоният буда, аз он давроне, ки ҷомеаи инсонӣ ба синфҳои антагонистӣ тақсим гашт, коррупсия низ пайдо гардид.

Коррупсия падидаи бисёрсамта (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва психологию ахлоқӣ) буда, моҳиятан маҳсули ҷамъият мебошад, чунки ин падида арзиши ҷамъиятӣ дошта, аз тарафи аъзоёни ҷамъият пардохта мешавад, ба ҷараёнҳои муҳимтарини ҷомеа таъсири худро мерасонад, решаи чуқури таърихӣ ва аҳамияти глобалӣ касб намуда, ба одати муқаррарӣ ё қоидаи рафтори ҳатмӣ табдил меёбад.

Таърихи башарият мисолҳои зиёдеро медонад, ки сар то ба пой пур аз ришваситонӣ ва фасод аст. Вале таҳқиқи илмии ин падида чун зуҳуроти номатлуби иҷтимоӣ дар охири асри 20 оғоз гардид. Замоне ки муҳаққиқин ин ё он қисмати коррупсияро мавриди таҳқиқ қарор медоданд, андешаи ҷомеа дар атрофи он чун як амали дур аз аҳлок, ки тобиши ҷиноятомез дорад, ташаккул меёфт. Коррупсия яке аз падидаҳои мураккаби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад.

Аз ин ҷост, ки дар дарки амиқи моҳият ва хусусиятҳои он мушкилиҳо пеш меоянд. Ҳангоми таҳқиқи масъалаи мазкур бо монеаҳои гуногун дучор мегардад. Дар бисёр мавридҳо муҳаққиқин маънои этимологии гуногунро аз луғатхо пайдо намуда, онро манбаи раднопазир дониста, андешаҳояшонро тақвият мебахшанд ва дар заминаи он, ҳодиса ё равандро шарҳу эзоҳ медиҳанд. Макон, замон ва ҳолатҳои мушаххаси интишори манбаъ ба эътибор гирифта намешаванд ва муносибати холисонаю объективонаро нисбати он нодида мегиранд. Чунин муносибат, агар хато дониста нашавад ҳам, дар бисёр маврид наметавонад асли мақсадро ошкор созад [5,с.5-6].

Аввалин маротиба мафҳуми коррупсияро Сессияи 34-уми Ассамблеяи Генералии СММ, ки 17 декабри соли 1979 шуда гузашт, чунин шаҳр дода буд: Коррупсия ин ҳаракат ё беҳаракатии шахси мансабдоре мебошад, ки дар фаъолияти худаш ба фоидаи шахси тақдимкунанда дар кадом шакле ки набошад, бо мақсади фоидаи пулӣ ё молӣ гирифтан ё нагирифтан корро ҳал мекунад. Олимони америкоӣ Ролон Перкинс, Бенфилд Ҷонсон проблемаҳои коррупсияро таҳлил намуда, ба хулосае омаданд, ки коррупсия маънои бадахлоқӣ, фосиқӣ, ришвахӯриро дорад [11,с.43].

Истилоҳи «коррупсия» имрӯзҳо ба таври фаровон дар ВАО, радио ва телевизион ва асарҳои илмӣ истифода мегардад. То солҳои 90-уми асри 20 ин истилоҳ барои ҷомеаи Шуравӣ бегона буд ва дар ягон сарчашмаҳо зикр намеёфт, ё агар зикр меёфт, он чун «бо пора харидани шахсони мансабдор ё сиёсатмадорон дар давлатҳои буржуазӣ» ифода мегардид [7,с.328].

Аҳолиро бовар мекунониданд, ки коррупсия хосси давлати буржуазӣ аст, вале баъдан маълум гашт, ки коррупсия на танҳо дар ҷомеа ва давлати Шуравӣ вуҷуд дошт, балки аз замони ба синфҳои антагонистӣ тақсим шудани ҷомеа ва пайдоиши давлат

ҳамқадами инсоният аст. Доир ба масъалаи шарҳи мафҳуми ин падида дар маъхазҳои илмии дахлдор маънидодкунии мухталиф ба назар мерасад.

Маънои этимологии «коррупсия» аз мафҳуми лотинии **«Corruption»** гирифта шуда, маънои «вайронкунӣ (порча-ба русӣ)», «ришвахӯрӣ (подкуп-ба русӣ)» [2] ва «хӯрдашавӣ (коррозия-ба русӣ)»-ро дорад. Аз маънои луғавии ин истилоҳ ба хулосае омадан мумкин аст, ки коррупсия ба вайроншавӣ ва хӯрдашавии давлат тавассути харидани ходимони он оварда мерасонад [1,с.3], вале баръакси ин муҳаққиқ Мишин Г.К. зикр менамояд, ки истилоҳи лотинии **«Corruption»** аз ду калимаи алоҳида: **cor** (дил, руҳ, ҷисм, тан) ва **ruptum** (вайрон кардан, нобуд кардан ё хароб кардан) ба вуҷуд омада, моҳияташро на «хариду фурӯши ходими давлатӣ», балки вайрон кардан, нобуд ё пароканда сохтани ин ё он объект, аз он ҷумла ҳокимияти давлатӣ ташкил мекунад [8,с.14-15].

Дар тарҷумаҳои энсиклопедиявии ҳуқуқии ИМА бошад, коррупсия ба маънои суиистифода аз мансаб ба мақсади ба даст овардани фоидаи муфт аст. Ба ибораи дигар, коррупсия – «ҳаракатҳои ғайриқонунии шахсони мансабдори давлатӣ, кормандони дастгоҳи давлатӣ, банкирҳо ва дигар хизматчиёни воломақом, ки барои манфиати шахсӣ, оилавӣ, гурӯҳӣ, бо мақсади баланд бардоштани нуфузи худашон ё бой шудан содир менамоянд».

Дар ҳуқуқи римӣ ибораи **«Corrumpere»** маънои шикастан, нобуд кардан, зарар расонидан ё пароканда сохтанро дошт. Ин истилоҳ аз калимаи лотинии **«Correi»,** якчанд иштирокчӣ аз як тарафи муносибатҳои уҳдадорӣ оиди як предмет ва **«Rumpere»** шикастан ба вуҷуд омада, фаъолияти гурӯҳеро ифода месохт, ки ба вайрон намудани мурофиаи судӣ ё ҷараёни корҳои ҷамъиятӣ равона шуда буд [4,с.125].

Яке аз мафҳумҳои кутоҳтарини коррупсия дар «Луғати калимаҳои хориҷӣ» зикр шудааст. Мувофиқи он, «коррупсия» ин ришвадиҳӣ ва харидани ходимони давлатӣ, мансабдорон ва умуман саёсатмадорон дар маҷмуъ мебошад. Дар Кодекси рафтори шахсони мансабдори мақомоти тартиботи ҷамъиятиро таъминкунанда (аз тарафи Ассамблеяи Генералии ООН 17 декабри соли 1978 қабул шудааст) қайд гардидааст, ки мафҳуми коррупсияро қонунгузории ҳар як давлати алоҳида муқаррар мекунад [8,с.554]. Дар ҳуҷҷатгузории Созмони Милали Муттаҳид (минбаъд СММ) бошад, мафҳуми коррупсия ба ин маъно омадааст: «Коррупсия – суиистеъмол аз ваколатҳои хизматӣ бо мақсади ба даст овардани фоидаи шахсӣ мебошад» [11,с.42].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар баробари Кодекси ҷиноятӣ, яке аз аввалин қонуни соҳавӣ дар ин самт ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» мебошад, ки 11декабри соли 1999 қабул карда шудааст. Тибқи ин қонун, «дар зери мафҳуми коррупсия ҳаракат (беҳаракатии) шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробар кардашуда, ки истифодаи мақоми худ ва имкониятҳои онро барои ба даст овардани неъматҳои моддӣ ва неъмату имтиёзҳои дигари пешбинӣ накардаи қонунҳо равона мекунанд, инчунин ба онҳо ғайриқонунӣ пешниҳод намудани неъмату имтиёзҳои мазкур аз ҷониби шахсони вокеию ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад» [14].

Аз ин ҷо, ба ивази маблағ ва ё ҳавасманкунии моддии алоҳида шахси мансабдор аз ваколати худ суиистеъмол мекунад. Дар ин ҷо бояд қайд кард, дар коррупсия ду тараф баромад мекунад, яке «мехарад» ва дигаре «мефурӯшад» [3,с.69]. Тибқи талаботи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба категорияи ҷиноятҳои коррупсионӣ ҷиноятҳои гирифтани пора (мод.319), додани пора (мод.320) ва иғвои порадиҳӣ (мод.321) мансуб мебошанд [9].

Дар баробари ин як, қатор ҷиноятҳое мавҷуданд, ки ба категорияи ҷиноятҳои характери коррупсионӣ дошта мансубанд, чунончи, суиистифода аз ваколатҳои мансабӣ (мод.314). Баъдан, 25 июли соли 2005 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» қабул шуд, ки дар он мафҳуми коррупсия мувофиқи талаботи замона пурра карда шуд [15]. Дар он аз ҷумла омадааст:

- мафҳуми коррупсия ба талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ карда шуд;
- шахсони мансабдори давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналхалқӣ ба доираи субъектони ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ дохил карда шудаанд;

-ҷавобгарӣ барои қарорҳои коррупсионии ба таври коллегиалӣ қабулкардашуда ба расмият даровarда шуда муқаррар карда шудааст ва монанди инҳо.

Ба мафҳуми коррупсия бояд аз нуқтаи назари дигар илмҳои ҷамъиятӣ низ баҳогузорӣ намуд, чунки ба ақидаи олими амрикоӣ-Сюзан Роуз-Акерман, коррупсия ҳам проблемаи иқтисодӣ, ҳам проблемаи маънавӣ ва ҳам проблемаи сиёсӣ мебошад. Он на танҳо падидаи ҳуқуқӣ, балки зуҳуроти иҷтимоии дар худи ҷамъият воқеъгашта мебошад [2].

Ба ақидаи сиёсатшиносон, коррупсия ҳамчун тарз ва воситаҳои гуногуне мебошад, ки сохторҳо ва шахсони гуногун тавассути онҳо ба ҳокимияти давлатӣ ё институтҳои алоҳидаи он таъсири назаррас мерасонанд, ба мақомоти сиёсӣ интихоб ё таъин мегарданд ва дар натиҷа ҳокимияти сиёсиро ба манфиати шахсию гурӯҳӣ истифода мекунанд [5,с.13-14].

Ба ақидаи мутахасисони соҳаи идоракунӣ бошад, коррупсия дар суиистифодаи захираҳо (молӣ, пулӣ, зеҳнӣ ва ғ.), ғайримақсаднок истифода бурдани онҳо зоҳир мешавад. Коррупсия дар он ҷое рушд мекунад, ки маоши кормандони соҳаи идоракунӣ паст аст, соҳаи хизматрасонӣ аз тарафи як ё якчанд шахс монополия шудааст ва ба шахсони мансабдор ваколатҳои заёд дода шудаасту назорат аз болои онхо суст аст [6,с.20].

Иқтисодчиён бар он ақидаанд, ки коррупсия ҳамрадифи иқтисодиёти паст ва дар давраи гузариш қарордошта мебошад. Муносибатҳои коррупсионӣ бо сиёсати сармоягузорӣ ва тиҷорати рушд намуда, ба иқтисодиёт зарари калон мерасонанд ва дар бисёр ҳолатҳо ба рушди «иқтисодиёти соягӣ» (теневая экономика) оварда мерасонад.

Ба ақидаи ҳуқуқшиносон, коррупсия дар қатори дигар хатарҳои ҷаҳонӣ ба мисли терроризм, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор, ҷиноятҳои трансмиллӣ ва хатарҳои дигар зарарҳои зиёде ба давлатҳо, ташкилотҳои гуногун, ҷомеаҳои шаҳрвандӣ ва дар ниҳоят ба ҳар як инсон мерасонад Дар баробари ин, коррупсия боварии мардумро ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлат ва ба роҳбарону ташкилоту идораҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ коста мегардонад [3,с.68].

Аз мафҳумҳои дар боло овардашуда ба он хулоса омадан мумкин аст, ки оиди ошкор сохтани мафҳуми коррупсия ва моҳияти ҳуқуқии он дар назария, қонунгузории дохилию хориҷӣ ва санадҳои байналмилалӣ гуногунандешӣ вуҷуд дорад. Ин гуногунандешӣ дар: 1) фаҳми гуногуни моҳияти коррупсия; 2) истифодаи маҳак (критерия)-ҳои гуногун оиди муайян намудани мафҳуми коррупсия ва ошкор намудани нишонаҳои он; 3) кӯшишҳо оиди додани мафҳуми ҳаматарафа (универсалӣ)-и коррупсия чун зуҳуроти иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ ифода мегардад, вале мафҳумҳои додашуда ноқис буда, пурра зуҳуроти коррупсияро ошкор намесозанд.

Мафҳуми коррупсия на танҳо ришвахӯрӣ, балки амалҳои дигари иртиҷоӣ, аз қабили порадиҳӣ, харидани шахсони мансабдор, туҳфаҳо ба роҳбарону ҳокимон, фаворитизм, протексионизм ҳангоми ҳалли масъалаҳо ва пешбарии одамон ба вазифаҳои давлатию ҷамъиятӣ бештар дар заминаи афзалияти аломатҳои (непотизм) хешутаборӣ, табақавию қавмӣ ё ҷонфидоии шахсӣ, иштироки бевоситаи шахсони мансабдор дар тақсими даромадҳо ба манфиати шахсӣ, иштироки ҳокимон дар фаъолияти ғайриқонунӣ ба воситаи шахсони дигар, иттиҳодияҳои дигар ва ғайраҳо фаҳмида мешавад.

**Барои муайян кардани мафҳуми коррупсия бояд ба панҷ маҳаки асосӣ диққат дод:**

1. Муайян намудани соҳаҳое, ки коррупсия дар онҳо рушд намудааст.
2. Ошкор сохтани характер (моҳият)-и кирдорҳое, ки барои ба вуҷуд омадани коррупсия заминагузорӣ мекунанд.
3. Муайян сохтани субъектҳое, ки даст ба коррупсия мезананд (субъектҳои коррупсия).
4. Ангеза ва мақсади содир кардани кирдорҳои коррупсионӣ.
5. Ошкор ва муайян сохтани оқибатҳои кирдорҳои коррупсионӣ.

Моҳияти кирдорҳоро барои ба вуҷуд омадани коррупсия чун зуҳуроти иҷтимоӣ, ғайримақсаднок истифода бурдани ваколатҳо ва имкониятҳои шахсони мансабдор бар хилофи таъиноти онҳо, ҳамчунин пешниҳод намудани ҳар гуна имтиёзҳо ё ваъдаҳо ташкил мекунад.

Субъектҳои ҳокимияти давлатӣ ё ба онҳо баробаркардашуда бо мақсади гирифтани фоидаи шахсӣ ё гурӯҳӣ, ба кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ даст мезананд (кирдорҳои фаъоли коррупсионӣ) ё аз содир намудани ҳаракати қонунӣ худдорӣ мекунанд (кирдорҳои

коррупсионии ғайрифаъол). Субъектҳои кирдорҳои коррупсионӣ шахсони мансабдори давлатӣ, маъмурони сектори хусусӣ дар баъзе ҳолатҳо шахсони воқеӣ (додани пора) шуда метавонанд.

Асоси психологии коррупсияро ҳолате ташкил мекунад, ки шахси мансабдор, бо ғарази муайяни ғайриқонунӣ ваколатҳои расмии худро ба манфиати шахсии худ ё шахси сеюм истифода мекунад. Мақсади кирдорҳои коррупсионӣ вобаста ба ҳолатҳои зоҳиршавиашон гуногун мешавад. Агар дар бисёри ҳолат кирдори коррупсионӣ бо мақсади ғаразнок истифода гардад, дар баъзе ҳолатҳо бе мақсади ғаразнок низ содир мегардад.

Оқибати ба ҷамъият хавфнокии кирдорҳои коррупсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки ин зуҳуроти манфии ҷомеа аз тарафи омма на ҳамчун ҷиноят ё ҳуқуқвайронкунӣ, балки чун қоидаи рафтори қонунӣ ё меъёри нонавиштаи рафтори иҷтимоӣ қабул мегардад. Ҳангоми содир намудани онҳо аҳли ҷомеа ба он диққати асосӣ намедиҳад ва он ба як ҳуқуқвайронкунии латентӣ (рӯйпӯшшуда) табдил меёбад.

Ҳамин тавр, дар асоси гуфтаҳои боло чунин мафҳуми коррупсия ва моҳияти онро пешниҳод намудан мумкин аст: **Коррупсия** ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ, ҳама гуна кирдорҳои коррупсиониро, ки бо истифода аз ваколатҳои мансабӣ бо мақсадҳои гуногун аз тарафи шахсони мансабдор содир мешаванд, ҳамчунин дигар ҳуқуқвайрониҳои коррупсионӣ, ки барои ба вуҷуд омадани коррупсия замина мегузоранд ё онро рӯйпӯш месозанд ва оқибатҳои манфури онро дар бар мегиранд, дар худ ҷой мекунад.

**Моҳияти коррупсия** – дар он ифода мегардад, ки он тартиби муқарраршудаи фаъолияти дастгоҳи давлатиро вайрон месозад, ки дар натиҷа дигаргуншавии (деморматсияи) ҳокимият ба амал меояд.

**Муқарриз*: Назаров А.Қ.* – д.и.х., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абисатов М.Х. Уголовно-правовые и криминологические проблемы борьбы с организованной преступностью в РК. Автореферат… стр. 3.
2. Бахриддинов С.Э. Коррупсия ҳамчун зуҳуроти иҷтимои / С.Э. Баҳриддинов //Паёми ДДМТ. -2005.
3. Бахриддинзода С.Э. Оид ба баъзе масъалаҳои илмӣ – амалии коррупсия дар ҶТ / С.Э. Баҳриддинзода, Н.Б. Хоҷаева // Маҷаллаи илмӣ – таҳлилии «Қонунгузорӣ». - № 4 (32). - 2018. -С.68-71.
4. Дворецкий И.Х. Латинско-руский словарь / И.Х. Дворецкий. - М.,1976. -С. 125.
5. Зокиров Г. Коррупсия / Г.Зокиров. - Душанбе, 2005. -С. 5-6.
6. Коррупция. Политические, экономические, организационные и правовые проблемы. Под. ред. В.В.Лунеева. М.: Юрист, 2001г.-С.20.
7. Криминалогия. Москва., МГУ., Под ред. Проф. Кузнетцова Н.Ф. -М., 2002. -С. 328.
8. Крминология –XX век. Под ред.д.ю.н., проф. В.Н.Бурлакова, д.ю.н., проф. В.С.Сальникова.СПБ.: Издательство «Юридический ценр Пресс»,2000.
9. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]: /http://mmk.tj.
10. Мишин Г.К. Коррупция: понятие, сущность, меры ограничения. -М. 1991. -С. 14-15.
11. Маҷидзода Ҷ.З. Ҷиноятkории муташаккил ва трансмиллӣ / Ҷ.З.Маҷидзода, Н. Назаров. – Душанбе, 2014. -С.43.
12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 26.01.2021, ш.Душанбе. [Манбаи электронӣ]: www.prezidrnt.tj
13. Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир. Маҷаллаи МТС-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. №2(6) 2005 сол.
14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 11 декабри соли 1999. [Манбаи электронӣ]: /http://mmk.tj.
15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25 июни соли 2015. [Манбаи электронӣ]: /http://mmk.tj.


**МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ КОРРУПСИЯ ЧУН ЗУҲУРОТИ ИҶТИМОӢ**


Мақолаи мазкур ба баррасии мафҳум ва моҳияти коррупсия чун зуҳуроти иҷтимоӣ бахшида шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки истилоҳи «коррупсия» имрӯзҳо ба таври фаровон дар ВАО, радио ва телевизион ва асарҳои илмӣ истифода мегардад ва доир ба масъалаи шарҳи мафҳуми ин падида дар маъхазҳои илмии дахлдор маънидодкунии мухталиф ба назар мерасад. Асоси психологии коррупсияро ҳолате ташкил мекунад, ки шахси мансабдор, бо ғарази муайяни ғайриқонунӣ ваколатҳои расмии худро ба манфиати шахсии худ ё шахси сеюм истифода мекунад. Мақсади кирдорҳои коррупсионӣ вобаста ба ҳолатҳои зоҳиршавиашон гуногун мешавад. Агар дар бисёри ҳолат кирдори коррупсионӣ бо мақсади ғаразнок истифода гардад, дар баъзе ҳолатҳо бе мақсади ғаразнок низ содир мегардад. Муаллиф чунин хулосабарорӣ менамояд, ки оқибати ба ҷамъият хавфноки кирдорҳои коррупсионӣ дар он зоҳир мегардад,

ки ин зуҳуроти манфии ҷомеа аз тарафи омма на ҳамчун ҷиноят ё ҳуқуқвайронкунӣ, балки чун қоидаи рафтори қонунӣ ё меъёри нонавиштаи рафтори иҷтимоӣ қабул мегардад. Ҳангоми содир намудани онҳо аҳли ҷомеа ба он диққати асосӣ намедиҳад ва он ба як ҳуқуқвайронкунии латентӣ (рӯйпӯшшуда) табдил меёбад.

**Калидвожаҳо:** коррупсия, мафҳуми коррупсия, моҳияти коррупсия, зуҳурот, зуҳуроти таърихӣ, зуҳуроти иҷтимоӣ, мубориза бо коррупсия, ришвахӯрӣ, пора.

## ЗНАЧЕНИЕ И СУЩНОСТЬ КОРРУПЦИИ КАК СОЦИАЛЬНОГО ПРОЯВЛЕНИЯ

Данная статья посвящена рассмотрению понятия и сущности коррупции как социального явления. Автор отмечает, что сегодня термин «коррупция» широко используется в средствах массовой информации, на радио и телевидении, в научных трудах, а в соответствующих научных источниках встречаются различные толкования понятия этого явления. Психологическую основу коррупции составляет тот факт, что должностное лицо использует свои служебные полномочия в личных интересах или в интересах третьих лиц. Цель коррупционных деяний различается в зависимости от обстоятельств их возникновения. Если во многих случаях коррупционный акт используется в злоумышленных целях, то в некоторых случаях он также совершается без злонамеренных целей. Автор приходит к выводу, что последствия опасных для общества коррупционных действий проявляются в том, что данное негативное проявление общества воспринимается обществом не как преступление или правонарушение, а как правило правового поведения или неписаный стандарт социального поведения. При их совершении общественность не обращает на это особого внимания, и это становится латентным (прикрытым) нарушением.

**Ключевые слова:** коррупция, понятие коррупции, сущность коррупции, появление, исторический облик, социальный облик, борьба с коррупцией, взяточничество, взяточничество.

## SIGNIFICANCE AND ESSENCE OF CORRUPTION AS A SOCIAL MANIFESTATION

This article is devoted to the concept and essence of corruption as a social phenomenon. The author notes that today the term "corruption" is widely used in the media, on radio and television, in scientific works, and in the relevant scientific sources there are various interpretations of the concept of this phenomenon. The psychological basis of corruption is the fact that an official uses his official powers in his personal interests or in the interests of third parties. The purpose of acts of corruption differs depending on the circumstances of their occurrence. While in many cases a corrupt act is used for malicious purposes, in some cases it is also performed without malicious intent. The author comes to the conclusion that the consequences of corrupt actions dangerous for society are manifested in the fact that this negative manifestation of society is perceived by society not as a crime or offense, but as a rule of legal behavior or an unwritten standard of social behavior. When they are committed, the public does not pay much attention to this, and this becomes a latent (disguised) violation.

**Keywords:** corruption, the concept of corruption, the essence of corruption, appearance, historical appearance, social appearance, fight against corruption, bribery, bribery.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Назарализода Икром Назаралӣ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи факултети ҳуқуқшиносӣ, муовини сардори раёсати тафтишотии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17. E-mail**: ikrom-03@mail.ru**

**Сведение об авторе:** ***Назарализода Икром Назарали*** – Таджикский национальный университет, соискатель юридического факультета, заместитель начальника следственного управления Агентства государственного финансового контроля и борьбы с коррупцией Республики Таджикистан. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail**: ikrom-03@mail.ru**

**Information about the author:** ***Nazaralizoda Ikrom Nazarali*** **-** Tajik National University, PhD student of the Faculty of Law, Deputy Head of the Investigation Department of the State Financial Control and Anti-Corruption Agency of the Republic of Tajikistan. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. E-mail: **ikrom-03@mail.ru**

**УДК: 340.8**

# ТАНОСУБИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА МИЛЛӢ

*Камолов Х.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Раванди ҷаҳонишавӣ ва рушди муносибатҳои ҳуқуқии байнидавлатиро ба инобат гирифта, метавон гуфт, ки барои марҳилаи муосири инкишофи ҳуқуқи байналмилалӣ батанзимдарории ҳарчи бештари муносибатҳое хос мебошад, ки аз ибтидо мавзуи танзими ҳуқуқи дохилидавлатиро ташкил медоданд. Ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ муносибатҳои соҳаи танзими мавзуи муштаракро ба танзим даровардa, дар ин самт фаъолона ҳамкорӣ менамоянд ва механизми иртиботи онҳо асосан дар доираи ҳуқуқи миллӣ муайян карда мешавад. Аз ташкили дахлдори ин механизм ноил шудан ба мақсадҳои танзими ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллии муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба объекти ҳар ду низоми ҳуқуқӣ мансуб мебошанд, вобастагӣ дорад. Андешаҳои илмии асоснок дар хусуси табиат ва шаклҳои ҳамкории тартиботи ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ дар бештари маврид асоси муайян намудани воситаҳо ва тарзҳои амалисозии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар ҳудуди давлат, ташаккули механизми ҳуқуқии миллии таъмини амалисозии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро ташкил медиҳанд. Ҳангоми омоданамоии лоиҳаҳои қонунҳои дахлдор маҳз чунин андешаҳои илмии асоснок ба роҳбарӣ гирифта мешаванд.

Татбиқи (имплементатсияи) меъёрҳои ҳуқуқӣ-байналмилалии хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дошта яке аз проблемаҳои мураккаби ҳуқуқи дохилидавлатӣ ба ҳисоб меравад. Шартномаҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии онҳо мебошад, доираи васеи масъалаҳоро ба танзим медароранд – аз муайян кардани доираи юрисдиксияи ҷиноятии давлат то муқаррар кардани ҷиноят ва таҳти ҷазо қарор доштани он. Дар робита ба ин, бояд таносуби меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ муайян карда шавад.

Вобаста ба таносуби ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ ва миллӣ дар илм ду назария мавҷуд аст: монистӣ ва дуалистӣ.

Аз нуқтаи назари монизм ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ низоми ҳуқуқии ягонаро ташкил медиҳад. Вобаста аз он ки кадом принсип асоси ташаккули низоми ҳуқуқии ягонаро ташкил медиҳад – бартарияти ҳуқуқи байналмилалӣ, ё ин ки бартарияти ҳуқуқи дохилидавлатӣ консепсияи монистиро ба назарияи волоияти ҳуқуқи байналмилалӣ ва назарияи волоияти ҳуқуқи дохилидавлатӣ ҷудо менамоянд.

Дар асрҳои XIX-XX назарияи волоияти ҳуқуқи дохилидавлатӣ дар адабиёти ҳуқуқии Олмон инкишоф меёбад. Ҷонибдорони ин консепсияи монистӣ (А. Сорн, А. Ларсон ва диг.) ҳуқуқи байналмилалиро ҳамчун ҷамъи ҳуқуқҳои берунидавлатии давлатҳои мухталиф баррасӣ менамоянд [2,с.328]. Дар заминаи мулоҳизаи онҳо андешаҳои Гегел қарор доштанд. Ӯ чунин қайд намуда буд: «Давлат – ин руҳ дар моддиёти оқилона ва ҳақиқати бевосита, яъне он ҳокимияти мутлақ дар замин мебошад». Давлат дар сиёсати берунӣ бо ҳеҷ чиз маҳдуд нашудааст, чунки «муносибати байни давлатҳо моҳиятан муносибатҳои мутақобилаи байни тарафҳои мустақил мебошад». Баъдан ба хулосае меояд, ки давлат ҳуқуқ дорад бо иродаи худ на танҳо меъёрҳои дохилидавлатӣ, балки «меъёрҳои ҳуқуқи берунии давлат», яъне ҳуқуқи байналмилалиро низ тағйир диҳад [5,с.348-349].

Ҳамин тавр, олимоне, ки ин назарияро ҷонибдорӣ мекунанд, моҳиятан, ҳуқуқи байналмилалиро ба манфиати соҳибихтиёрии давлат инкор менамоянд.

Консепсияи дуюми монистӣ, баръакс, ба манфиати ҳуқуқи байналмилалӣ соҳибихтиёрии давлатро инкор мекунад. Чунончи, ҳуқуқшиноси фаронсавӣ Ж. Сессел чунин мешуморид, ки «худи ғояи соҳибихтиёрӣ бо ғояи низоми ҳуқуқии байналмилалӣ мувофиқат намекунад» [13,с.14]. Ҷонибдорони ин назарияи монистӣ ҳуқуқи байналмилалиро ҳамчун тартиботи ҳуқуқии олие баррасӣ менамоянд, ки «майдони» ҳуқуқии дохилидавлатиро пурра ба худ тобеъ намудааст.

Яке аз асосгузорони назарияи баррасишаванда, Г. Келсен қайд намуда буд, ки тартиботи ҳуқуқии ягона бо иерархияи қатъии дохилӣ мавҷуд аст. Дар он меъёрҳои

ҳуқуқӣ бо тартиби мушаххаскунии мазмуни онҳо ҷойгиранд. Зинаи поёнӣ меъёрҳои инфиродӣ, яъне қарорҳои судӣ ва маъмурӣ аз рӯйи ҳолатҳои алоҳидаи мушаххас мебошанд. Ҳуқуқи байналмилалӣ бинобар сабаби дараҷаи ками мушаххасият дар муқоиса бо ҳуқуқи дохилидавлатӣ, дар ҳама ҳолат нисбат ба охирин бартарӣ дорад. Ҳуқуқи байналмилалӣ аз рӯйи объекти танзимнамоӣ ва соҳаи амал маҳдудият надорад [2,с.72, 81].

Г. Келсен давлатро ҳамчун корпоратсия, яъне гурӯҳи афроде баррасӣ менамояд, ки ба онҳо ҳуқуқ ҳамчун объекти ягона мансуб аст, монанди шахсе, ки дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳое мебошад, ки аз ҳуқуқ ва уҳдадориҳои афроди аъзои корпоратсия фарқ менамоянд. Ба андешаи ӯ, таносуби байни тартиботи ҳуқуқии байналмилалӣ ва давлатӣ ба таносуби тартиботи ҳуқуқии миллӣ ва меъёрҳои дохилии корпоратсия шабеҳ мебошад. Он масъала ки оё давлат соҳибихтиёр аст ё не, бо масъалаи он ки оё ҳуқуқи байналмилалӣ тартиботи ҳуқуқии аз ҳуқуқи миллӣ болотар аст ё не, мувофиқ мебошад. Дар маънои воқеии калима давлат соҳибихтиёр буда метавонад, агар консепсияи бартарияти ҳуқуқи дохилидавлатиро қабул намоем [14,с.719-720].

Ба назари мо, нодурустии чунин нуқтаи назар нисбати таносуби ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ возеҳ аст. Соҳибихтиёрии давлат волоияти давлатро дар дохили кишвар ва мустақилияти онро дар сатҳи байналмилалӣ ифода менамояд [18,с.55]. Он муносибати нигилистӣ-давлатиро нисбати ҳуқуқи байналмилалӣ, итоат накардани меъёрҳои ҳуқуқӣ-байналмилалиро аз тарафи давлат ва инкор кардани ҳуқуқи байналмилалиро дар назар надорад. Баръакс, қайд кардан мумкин аст, ки амали ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳатто худи мавҷудияти он дар намуди муосир бидуни соҳибихтиёрии давлатҳо ғайриимкон мебошад. «Маҳз тавассути фаъолияти давлатҳо, ки дорои соҳибихтиёрӣ мебошанд, бамеъёрдарории муносибатҳои байналмилалӣ ва бавуҷудоии низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ имконпазир мегардад» [16,с.9]. Инкор кардани соҳибихтиёрии давлат, дарвоқеъ, ба инкор кардани ҳуқуқи байналмилалӣ оварда мерасонад.

Бояд қайд намуд, ки монистон аз нигоҳи ягонагии ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ ҳатто масъалаҳои амали бевоситаи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар ҳудуди давлатҳо, шаклҳо ва тарзҳои амалисозии ҳуқуқи байналмилалӣ дар доираи тартиботи ҳуқуқии дохилиро мавриди баррасӣ қарор намедоданд [2, с. 103]. Дар низоми ягона ҳуқуқи байналмилалӣ (дар баробари ҳуқуқи миллӣ) бевосита амал мекунад, чунки таносуби меъёрҳое, ки низоми ягонаро ташкил медиҳанд, ба таври истисно бо иерархияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба он дохилшаванда муайян карда мешавад. Амали бевоситаи ҳуқуқи байналмилалӣ маънои онро дорад, ки қоидаҳои муқаррарнамудаи он барои мутобиқ шудан ба низоми ҳуқуқии дохилидавлатӣ ба тасҳеҳот ниёз надоранд. Механизми амалисозии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар соҳаи дохилидавлатӣ зиёдатӣ мегардад, чунки таъиноти асосии он маҳз дар он аст, ки санадҳои меъёрии байналмилалиро муайян ва ба воқеияти ҳуқуқии давлат мутобиқ намояд.

Инкишофи мантиқии чунин андешаҳо бо назардошти бартарияти ҳуқуқи байналмилалӣ метавонад даъват ба пурра даст кашидан аз ҳуқуқэҷодкунии дохилидавлатӣ аз рӯйи ҳама масъалаҳои бо меъёрҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ танзимшаванда гардад. Худи имконияти чунин «ивазкунӣ» ба ғояи шиоркардаи монистон оиди ягонагии ҳуқуқи дохилӣ ва байналмилалӣ асос меёбад. Агар давлат механизми амалисозии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро дар соҳаи дохилидавлатӣ муайян ва муқаррароти ҳуқуқи байналмилалиро тасҳеҳу мутобиқ карда натавонад, пас зарурат дар меъёрҳои ҳуқуқи миллӣ, ки ин функсияро иҷро менамоянд, аз байн меравад. Масалан, меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ки дар фасли XII КҶ ҶТ мустаҳкам шудаанд, дар маврид меъёрҳои ҳуқуқии зиёдатӣ мебошанд, чунки тамоми таркибҳои ҷинояти дар он пешбинигардида ба ҳуқуқи байналмилалӣ маълуманд. Шахсоне, ки чунин кирдорҳои ҷиноятиро содир мекунанд, мумкин аст дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки мустақиман амал мекунанд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд.

Аммо, на ҳама олимоне, ки консепсияи монистиро ҷонибдорӣ мекунанд, проблемаҳои татбиқи бевоситаи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар ҳудуди давлатҳо, инчунин шаклҳо ва тарзҳои амалисозии ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии давлатиро мадди назар намудаанд. Чунончи, А. Фердрос дар таҷрибаи давлатҳо мавҷудияти низомҳои гуногуни амалисозии дохилидавлатии муқаррароти ҳуқуқи

байналмилалиро эътироф намуда буд ва дар ин маврид қайд карда буд, ки интихоби ин ё он низом дар салоҳдиди давлатҳо қарор дорад [21,с.92].

Ин андешаҳо, албатта, ба назария оид ба ягонагии ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ, ки А. Фердросс низ онро ҷонибдорӣ мекард, мухолифат менамоянд. Назарияи таҳиянамудаи ӯро оиди таносуби ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ муаллиф монизми муътадил номид. Он дар заминаи эътирофи бартарияти меъёрҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ ташаккул ёфтааст. А. Фердросс мазмуни назарияи баррасишавандаро шарҳ дода, қайд намуда буд, ки он тафовути ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатиро нигоҳ медорад, вале ҳамзамон, алоқамандии онҳоро дар низоми ҳуқуқии ягона дар асоси «конститутсияи иттиҳоди ҳуқуқии байналмилалӣ» ишора менамояд. Меъёрҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ асоси чунин низомро ташкил медиҳанд. Онҳо дар маснади сохти иерархии чунин низом қарор доранд. Меъёрҳои ҳуқуқи дохилӣ мумкин аст ба меъёрҳои байналмилалӣ мухолифат намоянд, вале мухолифат доимо хусусияти муваққатӣ дорад, чунки бартарияти ҳуқуқи байналмилалӣ ҳатмӣ мебошад [21,с.90].

Дар ин ҳол, А. Фердросс ғояҳоеро пешниҳод мекунад, ки ба мактаби реалистии ҳуқуқ наздик буда, амалан мавҷудияти ҳокимияти қонунгузор ва судиеро муқаррар менамояд, ки барои тамоми иттиҳоди давлатҳо умумӣ мебошад. Масалан, ӯ қайд менамуд, ки мақомоти салоҳиятдори байналмилалӣ ваколат доранд қонунро (аз ҷумла қонуни конститутсиониро) аз эътибор соқит ё амали онро боздорад, агар он ба ҳуқуқи байналмилалӣ мутобиқ набошад [21,с.91]. Бояд дар назар дошт, ки дар ин ҷо, таҳти ҳуқуқи байналмилалӣ ҳуқуқи байналмилалии «умумӣ» фаҳмида мешавад, ки муқарраროти алоҳидаи он мумкин аст барои ин ё он давлат ҳатмӣ набошад. Ғайр аз ин, ба андешаи муаллиф, бояд ба давлатҳо бинобар талаботи ҳуқуқӣ-байналмилалии онҳо имконияти дохил шудан ба он дода шавад ва амалисозии ҳуқуқҳои онҳо тавассути мурофиаи арбитражӣ ё судӣ, ҳатто бе розигии тарафи муқобил таъмин карда шавад [21,с.98].

Ҳамин тавр, А. Фердросс таҳти назорати байналмилалӣ ҷараён гирифтани меъёрэҷодкунии дохилидавлатиро, ки бо дахолат ба корҳои дохилии давлат наздик мебошад, эълон намуда, соҳибихтиёрии давлат ва принсипи дахлнопазириро инкор менамояд. Ҳамзамон, ӯ қайд менамояд, ки ин принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҷой доранд ва аз тарафи аксарияти давлатҳо эътироф мешаванд [21,с.98], ки мавқеи ӯро боз ҳам ихтилофнок мегардонад.

Дар адабиётҳо қайд мегардад, ки доктринаҳои монистӣ «ба воқеияти ҳуқуқии мавҷудияти давлатҳои соҳибихтиёр ва ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ мутобиқ намебошанд» [8,с.183]. Далели ҳамкории мутақобилаи ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалӣ имкон намедиҳад, ки дар хусуси ягонагии онҳо дар доираи як низоми ҳуқуқӣ хулосабарорӣ намоем. Тибқи андешаи Е.Т. Усенко, алоқамандӣ ва ҳамкории падидаҳои мухталиф фарқияти онҳоро аз байн намебарад ва хусусан онҳоро шабеҳ намегардонад [20,с.139].

Дар танқиди монизм муфассал наистода (аз тарафи олимон алакай далелҳои асоснок муқобили нуқтаи назари монистӣ оварда шудаанд), чунин қайд менамоем. Асоси фалсафии ин консепсия детерменизми навъи хаттӣ мебошад, ки ба механитсизми асри XVIII наздик мебошад. Тавре ба назар мерасад, дар соҳаи ҳуқуқӣ танҳо детерменизми эҳтимолӣ мувофиқ мебошад, алалхусус вақте ки сухан дар хусуси таносуб ва ҳамкории падидаҳои мураккаб меравад, ки аз унсурҳо ва алоқамандиҳои зиёд таркиб ёфтаанд ва бешубҳа, ба инҳо бояд ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ мансуб доништа шаванд. Танҳо чунин муносибат имкон медиҳад, ки омилҳои зиёде, ки ба ташаккули ду низоми ҳуқуқӣ таъсир мерасонанд, ба инобат гирифта шуда, дуруст баҳо дода шаванд, инчунин қонуниятҳои асосӣ ва оқибатҳои иртиботи мутақобилаи онҳо ошкор карда шавад.

Дар робита ба ин, Р.А. Сетов қайд менамояд, ки «ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун низом ҷудо аз дигар падидаҳои сиёсию иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, аз дигар низомҳои ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқии дар баробари он амалкунанда ва ба инкишофи он таъсиррасонанда вуҷуд надорад» [15,с.723]. Монистон бошанд, ё давлат ва низоми ҳуқуқии миллиро ҷудо аз соҳаи ҳуқуқӣ-байналмилалӣ ва робитаҳои берунаи байнидавлатӣ баррасӣ мекунанд, ё ин ки меъёрҳои ҳуқуқиро аз иродаи давлат ва муносибатҳои ҷамъиятӣ ҷудо менамоянд. Дар натиҷа, низоми сунъии идеалистӣ бо иерархияи қатъии муқарраროти меъёрӣ муқаррар карда мешавад, ки имконияти робитаи баръаксро (мутақобиларо) байни унсурҳои

таркибии он истисно менамояд. Бо назардошти озодии давлатҳо дар муайян кардани тарзҳои амалисозии меъёрҳои байналмилалӣ дар қаламрави онҳо ва ба сатҳи инкишофи ҳуқуқи дохилидавлатӣ вобаста будани мазмуни муқаррароти ҳуқуқӣ-байналмилалӣ, инчунин ҳолати муносибатҳои ҷамъиятие, ки барои танзими онҳо пешбинӣ гардидаанд, дуруст ҳисобидани ин нуқтаи назари монистон дар гумон аст.

Тавре Кибалник Л.Г. қайд менамояд, раҳо намудани консепсияи монистӣ аз мухолифатҳои ба он хос ва бо муваффақият инкишоф додани муқаррароти асосии ин консепсия бидуни дахолат ба ҷанбаи мафкуравии он дар хусуси низоми ҳуқуқии ягона ғайриимкон мебошад [8,с.183].

Нисбат ба проблемаи таносуби ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ назарияи дуалистӣ дурандешонатар ба назар мерасад. Танҳо мафҳуми дуалистии мақоми ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун низоми мустақил имконият медиҳад, ки он дар муқоиса бо низомҳои ҳуқуқии миллӣ таҳқиқ карда шавад ва дар маҷмуъ имкон медиҳад дар хусуси мавҷудияти шаклҳо ва тарзҳои амалисозии ҳуқуқи байналмилалӣ дар соҳаи амали ҳуқуқи дохилидавлатӣ ҳарф зада шавад.

Мутобиқи назарияи дуалистӣ ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ низомҳои ҳуқуқии алоҳидаро ташкил медиҳанд. Яке аз ҷонибдорони он, Х. Триппел чунин қайд намуда буд: «Ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ моҳиятан на танҳо соҳаҳои мухталифи ҳуқуқ, балки инчунин тартиботи ҳуқуқии мухталиф мебошанд. Инҳо ду доирае ҳастанд, ки бо ҳам алоқаманд мебошанд, вале ҳеҷ вақт якдигарро истисно намекунанд» [9,с.273]. Барои назарияи дуалистӣ масъалаҳои асосӣ муайян кардани фарқият дар объектҳои танзимнамоӣ, субъектон ва сарчашмаҳои ҳуқуқ мебошад [2,с.52].

Баъзе муаллифон нуқтаҳои назари дуалистонро тавзеҳ дода, иброз медоранд, ки онҳо мустақилияти низомҳои ҳуқуқии баррасишавандаро мутлақ ҳисобида, имконияти ҳамкории ин ду низомро комилан инкор менамоянд.

Чунончи, В.Г. Буткевич қайд менамояд, «дуалистон ба таҳлили хусусиятҳои хосси ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ дода шуда, ба андозае онҳоро аз ҳад калон нишон доданд, ки имконияти ҷой доштани таносуби низомҳои ҳуқуқӣ ва унсурҳои онҳоро эътироф накарданд» [3,с.53]. Д.Б. Левин чунин мешуморад, ки дуалистон ҳарду низомро ҳамчун низомҳои пурра аз якдигар ҷудо таҷассум намуданд [10,с.198]. В.В. Гаврилов низ ҳамин нуқтаи назарро ҷонибдорӣ мекунад. Ӯ таҳаввулоти назарияи дуалистиро таҳқиқ намуда, камбудӣ ва заифии онро дар инкор кардани имконияти ҷой доштани ҳамкорӣ байни ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ қайд менамояд [14,с.43].

Аммо, чунин мулоҳизаҳо пурра ба воқеият мутобиқат намекунанд. Дуалистон, проблемаи алоқамандии ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатиро аз рӯйи самтҳои гуногун баррасӣ намуда, қайд карда буданд, ки ҳуқуқи байналмилалӣ вазифаи худро иҷро карда метавонад, агар доимо барои кумак ба ҳуқуқи дохилӣ муроҷиат намояд [1].

Фаҳмиши дуалистии ҳамкории ҳуқуқи байналмилалӣ бо дохилидавлатӣ таҷассумгари созиши зарурӣ байни соҳибихтиёрии давлат ва ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад, ки ҳангоми он, бартарияти ҳуқуқи байналмилалӣ таъмин шуда метавонад.

Даъво дар хусуси он ки ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ мустақил буда, ҷузъи низоми том намебошанд, имконият намедиҳад, ки дар бораи бартарияти яке аз ин маҷмуаҳои меъёрӣ ҳарф занем. Ҳамчун низомҳои мустақил, ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ ба сифати низомҳои дар як сатҳ қарордошта баромад мекунанд. Бинобар ин, аз нуқтаи назари методологияи низомнокӣ дар мақоми се низом – ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ ва муносибатҳои аз тарафи онҳо танзимшаванда – ҷустуҷӯ кардани низоми аввалин ва дувумин, асосӣ ва дуюминдараҷа аз бисёр ҷиҳат аҳамияти илмӣ надорад. Низомҳои баробарсатҳ на алоқамандии мартаботӣ, балки ҳамоҳангӣ доранд.

В.В. Гаврилов шояд бо такя ба чунин мулоҳизаҳо қайд менамояд, ки дар ин маврид бояд дар хусуси «волоияти параҳуқуқии (параюридикии) ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба дохилидавлатӣ» ҳарф зада шавад [6,с.42]. Муаллиф мазмуни калимаи «параюридикӣ»-ро намекушояд, аммо дар ин маврид ин калима маънои онро дорад, ки бартарияти ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба дохилидавлатӣ дуршавӣ аз ҳуқуқ ё вайронкунии ҳуқуқ мебошад [7,с.445].

Бо чунин нигоҳ ба масъалаи матраҳгардида розӣ шуда наметавонем. Волоияти иерархиявии ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун вайронкунии ҳуқуқ баррасӣ шуда наметавонад.

Аз нуқтаи назари дуалистон, ҳуқуқи байналмилалӣ «дар заминаи худ принсипе дорад, ки иродаи давлат ба он тобеъ мебошад» [1,с.31]. Ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ ба истилоҳ бо иродаи умумии давлатҳо вобаста дониста мешавад, ки дар созишномаи ҳуқуқташкилдиҳанда ифода меёбад. Давлат ба иродаи умумӣ тобеъ мебошад, «аммо ба зиммаи он ба ғайр аз он чизе, ки он ба зиммаи худ гузоштааст, чизи дигар вогузоштан мумкин нест» [1,с.53].

Дар ҳақиқат, ҳам ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳам байналмилалӣ аз иродаи ҳамин давлат ё маҷмуи иродаҳои давлатҳо вобастагӣ доранд. Маҳз давлатҳо ҳуқуқро (аз ҷумла ҳуқуқи байналмилалиро) ба вуҷуд меоранд, на ин ки баръакс. Вақте ки давлат шартномаи байналмилалиеро қабул менамояд, ки барои амалисозии дахлдори муқаррароти он бояд ба қонунгузории дохилии ин давлат тағйирот ворид карда шавад, ин кор бо назардошти талаботи объективии танзими муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ ва зарурати аз тарафи ин давлат эътирофшудаи такмили қонунгузории худ анҷом дода мешавад.

Аз нуқтаи назари дуализм, агар таъсири меъёрҳои ҳуқуқи дохилиро ибтидоӣ ном бурдан мумкин бошад, пас ҳангоми ҷой доштани меъёрҳои ҳуқуқии хусусияти байналмилалидоштаи аллакай амалкунанда, давлат наметавонад аҳамияти бартарияти онҳоро нисбат ба меъёрҳои ҳуқуқи дохилӣ эътироф накунад [8,с.184]. Дар ҷараёни ташаккули меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ давлатҳо принсипҳо ва муқаррароти қонунгузории дохилии худро ба роҳбарӣ гирифта, таҳия гардидани ҳуҷҷатеро, ки ба асосҳои сохти конститутсионии онҳо мухолифат намояд ё ворид кардани тағйироти ҷиддиро ба ҳуқуқи дохилидавлатӣ талаб намояд, намегузоранд [7]. Ба ибораи дигар, давлат уҳдадории байналмилалиро бо назардошти хусусиятҳои хосси танзими муносибатҳои дахлдор дар қонунгузории худ ва имконияти тағйироти минбаъдаи қонунгузории он бо мақсади амалисозии меъёрҳои ҳуқуқӣ-байналмилалии қабулшаванда, ба зиммаи худ мегирад.

Ҳамин тавр, консепсияи муосири дуалистии таносуби ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ бо мавҷудияти ду низоми ҳуқуқии баробараҳамият ва мустақил – байналмилалӣ ва миллӣ – бо сарчашмаҳо, тарзҳои ташаккулёбии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва дигар тавсифоти мухталиф, ҳамкории зичи низомҳои ҳуқуқии зикршуда, бартарияти ҳуқуқи байналмилалӣ дар сурати коллизияи меъёрҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ асоснок карда мешавад [8,с.185].

Назарияи дуалистӣ дар сатҳи қонунгузорӣ дар конститутсияҳои аксарияти давлатҳо ба расмият дароварда шудааст [11]. Ғайр аз ин, чунин фаҳмиши таносуби низомҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ инъикос ёфтааст. Чунончи, м. 27 Конвенсияи Вена оид ба ҳуқуқи шартномаҳои байналмилалӣ с. 1963 муқаррар мекунад, ки «иштирокчӣ ба сифати асоси аз тарафи он иҷро нагардидани шартнома ба муқаррароти ҳуқуқи дохилии худ истинод оварда наметавонад» [17,с.73]. Ҳамзамон бо ин, дар Эъломия оид ба принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки ба муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории байни давлатҳо мутобиқи Оинномаи СММ с. 1970 дахл доранд, принсипи баробарии соҳибихтиёрӣ пешбинӣ шудааст, ки тибқи он, ҳар як давлат низоми ҳуқуқии худро мустақилона ташкил менамояд ва тартиби ҳамкории онро бо ҳуқуқи байналмилалӣ муайян мекунад. Принсипи иҷрои бовиҷдононаи уҳдадории байналмилалӣ, ки бахусус, дар Санади ниҳоии САҲА с. 1975 мустаҳкам шудааст, ҳуқуқи соҳибихтиёрии давлатҳоро дар муқаррар кардани қонунҳои худ мувофиқи уҳдадориҳои байналмилалии ба зиммаи худ қабулкарда пешбинӣ менамояд.

Доктринаи муосири таносуби ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ, ки дар илми ҳуқуқи байналмилалӣ ташаккул ёфтааст, моҳиятан, ҳамчунин дуалистӣ мебошад.

Бо вуҷуди ин, баъзе муаллифон дар мавқеи ягонагии ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ барои он истодагарӣ мекунанд, ки робитаи зичи ин низомҳои меъёриро баён намоянд. Дар асоснокկунии ин нуқтаи назар онҳо ба қ. 3 м. 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон истинод меоваранд, ки дар он чунин қайд гардидааст: «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои

ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд».

Хлестов О.Н. чунин мешуморад, ки «айни замон гузаштан ба назарияи монистӣ бо эътирофи бартарияти ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба дохилидавлатӣ мувофиқи мақсад мебошад», чунки монизм «амалан» аз тарафи қонунгузор дар Конститутсия эътироф шудааст [22,с.55].

Меъёрҳои ҳуқуқӣ-байналмилалиро баъзан қисми ҳуқуқ ё қонунгузории миллӣ ном мебаранд [12], ки албатта, бояд ягонагии ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатиро дар назар дошта бошад.

Аксарияти олимон, бо такя ба меъёри конститутсионии ишорашуда, ба хулосае меоянд, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ сарчашмаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ мебошанд [19]. Ин нуқтаи назар низ дар таносуби ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ мавқеи монистиро инъикос менамояд, чунки ягонагии сарчашмаҳои ҳуқуқро муқаррар карда, эътироф накардани ягонагии низоми меъёрҳои дар онҳо пешбинишуда номумкин мебошад.

Ба андешаи В.А. Вдовин [4,с.28] ва М.Н. Марченко, чунин андешаҳо ба тафсири нодурусти ифодаи конститутсионӣ асос ёфтаанд. Дар хусуси эътирофи назарияи монистӣ замоне ҳарф задан мумкин мебуд, ки агар қ. 4 м. 15 Конститутсияи ФР (ба муқаррароти қ. 3 м. 10 Конститутсияи ҶТ шабеҳ мебошад) мутобиқи муқаррароти дахлдори Конститутсияҳои Испания, ҶФО ва Украина пешбинӣ мегардид, ки дар онҳо махсус қайд карда мешавад, ки меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ қисми ҳуқуқ (ҶФО) ё қонунгузорӣ (Испания, Украина) мебошанд [15,с.735, 739]. Тибқи андешаи ин олимон, муқаррароти Конститутсия оиди «қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил додани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ» маънои ба таркиби ҳуқуқи миллӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ дохил кардани меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалиро надорад. Дар ин меъёрҳо, ки барои дарки таносуби ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ аҳамияти муайянкунанда доранд, сухан дар хусуси амали муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ танҳо дар низоми ҳуқуқии миллӣ меравад.

Мо андешаи олимони номбурдаро қобили қабул намедонем ва қайд менамоем, ки муқаррароти қ. 3 м. 10 Конститутсияи ҶТ маҳз асоси ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардани санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Тоҷикистон баромад мекунад. Ҳамзамон қайд менамоем, ки тибқи моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор мегиранд ва **бевосита амал мекунанд**». Дар меъёри ишорашуда ибораи «бевосита амал мекунанд» маънои онро дорад, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бевосита иштирок намуда, барои татбиқ кардани онҳо зарурати қабул намудани санади иловагии дохилидавлатӣ лозим намебошад. Мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда ҳангоми қабули қарори дахлдор метавонад ҳамчун асос бевосита дар он ба муқаррароти мушаххаси санади ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ишора намояд. Бо назардошти гуфтаҳои боло, мо санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофгардидаро сарчашмаи ҳуқуқи Тоҷикистон мешуморем ва барои ба чунин сифат эътироф кардани онҳо муқаррароти қ. 3 м. 10 Конститутсияи ҶТ ва м. 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»-ро кифоя меҳисобем.

**Муқарриз: Сафарзода Анвар Ислом –д.и.ҳ., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Анцилотти Д. Курс международного права / Д.Анцилотти.– М., 1961. - Т. 1. - С. 31, 42, 72-73; Международное публичное право. Отв. ред. К.А. Бекяшев. – С. 119; Ануфриева Л.П. Соотношение международного публичного и международного частного права: правовые категории / Л.П. Ануфриева. – М., 2002. – С. 326.
2. Блищенко И.П. Международное и внутригосударственное право / И.П. Блищенко. –М., 1960, - С. 46, 52, 53, 72, 81, 103; Ануфриева Л.П. Соотношение международного публичного и международного частного права: правовые категории / Л.П. Ануфриева. - М., 2002. -С. 328.
3. Буткевич В.Г. Соотношение внутригосударственного и международного права / В.Г. Буткевич. -Киев, 1981.— С. 53.

4. Вдовин В.А. Имплементация международно-правовых норм в уголовном нраве Российской Федерации (вопросы Общей части). Дисс…. кан. юрид. наук / В.А. Вдовин. - М., 2006г., -С. 28.
5. Гегель. Сочинения. Т. 7. - М.; Л., 1934, - С. 348-349.
6. Гаврилов В.В. Теории трансформации и имплементации норм международного права в отечественной правовой доктрине / В.В. Гаврилов // Московский журнал международного права. – 2001. - № 2. - С. 42-43.
7. Гаврилов В.В. Международная и национальные правовые системы: понятие и основные направления взаимодействия: Автореф. дисс. ... докт. юрид. наук / В.В. Гаврилов. -Казань, 2006.
8. Кибальник А.Г. Современное международное уголовное право: понятие, задачи и принципы / А.Г Кибальник. - СПб., 2003. -С. 183, 185.
9. Курс международного права. В 7 т. Т. 1. - М., 1989. – С. 273.
10. Левин Д.Б. Актуальные проблемы теории международного права / Д.Б. Левин. - М., 1974. - С. 198.
11. Лукашук И.И. Конституции государств и международное право / И.И. Лукашук. - М., 1993. – С. 12-25; Марченко М.Н. Проблемы теории государства и права: учеб / М.Н. Марченко. – М., 2005. –С. 735.
12. Лукашук И.И. Международное право в судах государств / И.И. Лукашук. - СПб., 1993. – С. 283; Волжсикина В.М. Нормы международного права в российском уголовном процессе / В.М. Волжсикина. - СПб., 2001. – С. 68; Общая теория государства и права. В 2-х т. Т. 2. Под ред. М.Н. Марченко, - М., 2000. - С. 248-249, 747.
13. Мюллерсон Р.А. Соотношение международного и национального права. –М., 1982.- С. 14.
14. Марченко М.Н. Общая теория государства и права. Академический курс в 2-х т. / М.Н. Марченко. - Том 1. Теория государства. Отв. ред. М.Н. Марченко. - М.: Издательство «Зерцало», 2000. - С. 719-720.
15. Марченко М.Н. Проблемы теории государства и права: учеб./ М.Н. Марченко. - М., 2005. - С. 723.
16. Международное право и советское законодательство. Науч. ред. и сост. Г.И. Курдюков. - Казань, 1991. -С. 9.
17. Международное право в документах. 3-е изд., перераб. и доп. – М., 2000. - С. 73.
18. Общая теория государства и права. В 2-х т. Т. I. Отв. ред. М.Н. Марченко. -М., 2000. -С.98; Международное публичное право. Отв. ред. К.А. Бекяшев. -С.101; Международное право. Отв. ред. Г.В. Игнатенко, О.И. Тиунов. -М., 2004. –С.55.
19. Трунцевскнй Ю.В. Нормы международного права как источник российского уголовного права: дисс.... канд. юрид. наук. -Рязань, 1995. -С.45; Уголовно-процессуальное право / Ю.В. Трунцевскнй. Под ред, Г.П, Химичевой, О.В. Химичевой. – М., 2004. - С. 34; Теория государства и права. Под ред. А.Б. Венгерова. - Ч. 1. – М., 1995. - С. 200; Богуш Г.И. Понятие коррупции в международном праве и российском законодательстве / Г.И. Богуш // Вестник Моск, ун-та. Сер. 11. Право. - 2004. -№2. -С. 78; Иванов С.А. Применение Конвенций МОТ в России в переходный период, Некоторые проблемы / С.А. Иванов // Государство и право. - 1994. -№7-8. - С. 72.
20. Усенко Е.Т. Формы регулирования социалистического международного разделения труда / Е.Т. Усенко. -М., 1965. – С. 139.
21. Фердросс А. Международное право / А.Фердросс. - М., 1959. - С. 92.
22. Хлестов О.Н. Международное право и Россия / О.Н. Хлестов // Московский журнал международного права. - 1994. - № 4. –С. 55.

## ТАНОСУБИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА МИЛЛӢ

Раванди ҷаҳонишавӣ ва рушди муносибатҳои ҳуқуқии байнидавлатиро ба инобат гирифта, метавон гуфт, ки барои марҳилаи муосири инкишофи ҳуқуқи байналмилалӣ батанзимдарории ҳарчи бештари муносибатҳое хос мебошад, ки аз ибтидо мавзуи танзими ҳуқуқи дохилидавлатиро ташкил медоданд. Таносуби ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ ва миллӣ дар замони муосир яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Муаллиф дар мақола қайд менамояд, ки шароити муосири рушди ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва давлатҳои хориҷӣ талаб менамояд, ки Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва давлатҳои хориҷӣ ҳамкорӣ намуда, қонунгузории худ, алалхусус қонунгузории ҷиноятии худро ба талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда ва принсипҳои фаъолияти мутақобила бо давлатҳои хориҷӣ мутобиқ намояд. Дар мақолаи мазкур масъалаҳои таносуби ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ ва миллӣ баррасӣ гардида, алоқамандии низомҳои ҳуқуқии мазкур муайян карда шудааст. Бо назардошти гуфтаҳои боло, мо санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофгардидаро сарчашмаи ҳуқуқи Тоҷикистон мешуморем ва барои ба чунин сифат эътироф кардани онҳо муқаррароти қ. 3 м. 10 Конститутсияи ҶТ ва м. 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»-ро кифоя меҳисобем.

**Калидвожаҳо**: татбиқ, меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, қонунгузории миллӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи дохилидавлатӣ, низоми ҳуқуқӣ.

## СООТНОШЕНИЕ МЕЖДУНАРОДНОГО И НАЦИОНАЛЬНОГО УГОЛОВНОГО ПРАВА

Принимая во внимание процесс глобализации и развитие межгосударственных правоотношений, можно сказать, что современный этап развития международного права характеризуется регулированием все большего числа отношений, которые с самого начала были предметом внутриправового регулирования. Соотношение международного и национального уголовного права является одним из важнейших вопросов современности. Автор в статье отмечает, что современные условия развития сотрудничества с международными организациями и зарубежными странами требуют от Таджикистана сотрудничества с международными организациями и зарубежными странами и адаптации своего законодательства, особенно уголовного законодательства, к требованиям признанных международно-правовых документов и принципам взаимодействия с зарубежными странами. В данной статье рассматриваются вопросы соотношения международного и национального уголовного права, а также определяется взаимосвязь данных правовых систем. Учитывая изложенное, источником права

Таджикистана считаем общепризнанные международно-правовые документы, а для признания их в качестве таковых положения части 3 статьи 10 Конституции Республики Таджикистан и считаем достаточной статью 10 Закона Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах».

**Ключевые слова**: имплементация, уголовно-правовые нормы, нормы международного права, национальное законодательство, международное право, внутреннее право, правовая система.

**RETIO BETWEEN INTERNATIONAL AND NATIONAL CRIMINAL LAW**

Taking into account the process of globalization and the development of interstate legal relations, it can be said that the current stage in the development of international law is characterized by the regulation of an increasing number of relations that from the very beginning were the subject of internal legal regulation. The ratio of international and national criminal law is one of the most important issues of our time. The author in the article notes that the current conditions for the development of cooperation with international organizations and foreign countries require Tajikistan to cooperate with international organizations and foreign countries and adapt its legislation, especially criminal legislation, to the requirements of recognized international legal documents and the principles of interaction with foreign countries. This article discusses the relationship between international and national criminal law, and also determines the relationship of these legal systems. Taking into account the above, we consider the generally recognized international legal documents as the source of the law of Tajikistan, and to recognize them as such, the provisions of part 3 of Article 10 of the Constitution of the Republic of Tajikistan and consider Article 10 of the Law of the Republic of Tajikistan "On Normative Legal Acts" to be sufficient..

**Keywords:** implementation, criminal law norms, international law norms, national legislation, international law, domestic law, legal system.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Камолов Хуршедулло Субҳонқулович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **kamolov.kh@icloud.com.** Телефон: **554-45-29-29**

**Сведение об авторе** ***Камолов Хуршедулло Субхонкулович*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры уголовного права и противодействия коррупции. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **kamolov.kh@icloud.com**. Телефон: **(+992) 554-45-29-29**

**Information about the author** ***Kamolov Khurshedullo Subkhonkulovich*** **-** Tajik National University, Assistant of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. E-mail: **kamolov.kh@icloud.com**. Phone: **(+992) 554-45-29-29**

**УДК: 348.15**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТАИ ЗАМИНҲОИ ТАЪИНОТИ КИШОВАРЗӢ

***Фархудинов Ҷ.И.***
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ**

Соҳаи кишоварзӣ ва истфодаи дурусти заминҳои таъиноти кишоварзӣ, чун дигар соҳаҳои хоҷагии халқ дар рушди иқтисодиёти миллӣ ва расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар аҳамияти муҳимро касб кардааст. Зеро муносибатҳои заминдорӣ аз давраи эҳёи ҷомеаи инсонӣ то кунун дар ҳаёт нақш ва мақоми хосса доранд.

Замин, пеш аз ҳама, сарчашмаи бо неъматҳои истеъмолӣ қонеъ гардондани талаботи инсонӣ ҳисоб ёфта, бахри баланд бардоштани дараҷаи иқтисодиёти кишвар аҳамияти калон дорад. Тазаккур бояд дод, ки замин дар ҳамбастагӣ бо дигар соҳаҳо (саноат, нақлиёт, савдо, сохтмон ва ғ.) ба вуқуъ пайваста, батадриҷ ташаккул ва инкишоф ёфта истодааст. Вале андешаҳое вуҷуд доранд, ки соҳаи кишоварзӣ ва истифодабарии замин, гарчанде соҳаи нахуст дар ҳалқаи хоҷагии халқ ба шумор равад ва ҳазорсолаҳо пештар аз саноат эҳё гардида бошад ҳам, аммо нисбатан ба саноат ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ тамоюли ақибмонӣ дорад [8].

Сабабу омилҳои ақибмонии соҳаи кишоварзӣ зиёд ва гуногун мебошанд. Ба андешаи мо, яке аз омилҳои асосии ба таври зарурӣ рушд наёфтани соҳа ва аз ҷониби хоҷагидорон ба даст наовардани ҳосили дилхоҳе, ки дар нақша доранд, ин ба таври зарурӣ истифода нагардидани қитъаҳои заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба шумор меравад. Ҳоло он ки фарҳанги баланди истифодабарии замин пайваста зери таваҷҷуҳи роҳбарияти давлату Ҳукумат қарор дорад.

Бо мақсади баланд бардоштани фарҳанги заминистифодабарӣ аз ҷониби Ҳукумати кишвар стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул ва мавриди амал қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, “Барномаи ислоҳоти аграрии соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020” қабул карда шуд.

Тибқи таҳлилҳо, қисме аз заминҳое, ки қаблан барои кишти зироатҳо истифода мешуданд, ҳоло бинобар сабаби тағйирёбии иқлим, сари вақт киштгардон нашуданд, истифодабарии заминҳо бе риояи талаботҳои агротехникӣ ва як қатор омилҳои дигари манфӣ аз истифодабарии минбаъда бозмондаанд, ки ин ҳолат дар натиҷа ба соҳаи кишоварзӣ ва дар маҷмуъ ба иқтисодиёти кишвар таъсири манфии худро расонида истодааст.

Ҳамаи ин омилҳо асос барои ба вуҷуд омадани муносибатҳои суғуртавиро дар соҳаи кишоварзӣ, бахусус истифодабарии заминҳои таъиноти кишоварзӣ тақозо карда истодааст. Аммо тазаккур бояд дод, ки ҷиҳати роҳандозӣ кардани суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ заминаҳои ҳуқуқӣ ба таври назаррас кофӣ намебошанд. Гузашта аз ин, мушкилоти дигаре, ки ба рушди муносибатҳои ҳуқуқии суғуртавӣ дар соҳаи кишоварзӣ сабаб гаштааст, ин дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ба таври кофӣ ифода наёфтани паҳлуҳои дақиқи илмӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, аграрӣ ва ғайра ҳисоб меёбад.

Танҳо дар илми ҳуқуқ ақидаҳои муҳим дар масъалаи генезиси муносибатҳои ҳуқуқӣ бештар ифода ёфтаанд, ки вобаста ба ин дар байни олимон мавқеъҳои гуногун мавҷуданд. Олимон бар он андешаанд, ки яке аз омилҳои ба вуҷуд омадани муносибатҳои ҳуқуқӣ дар дилхоҳ соҳа ин ба таври ҳатмӣ мавҷуд будани заминаҳои ҳуқуқиро тақозо мекунад. Ҳамзамон, оид ба ин масъала қайд карда мешавад, ки мушкилоти ба миён омадани муносибатҳои ҳуқуқӣ бояд бо назардошти ҳамон мавқее, ки дар ҷараёни иҷрои муносибатҳои ҳуқуқӣ, “агар муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳамчун предмети танзими ҳуқуқӣ гашта бошанд, ин муносибатҳо аз аввал дар шакли ҳуқуқӣ ба миён меоянд” [10], ибрози андеша кардаанд.

Муносибатҳои ҳуқуқии ҷамъиятӣ дорои зина ва марҳилаҳои муайяни ҳуқуқӣ мебошанд, ки байни олимону муҳаққиқон пайваста зери таваҷҷуҳи хосса қарор доранд.

Ин марҳилаҳо аз асосҳои бавуҷудоӣ, тағйирёбӣ ва қатъшавии муносибатҳо иборат мебошанд. Марҳилаи якуми муносибатҳо заминаи ҳуқуқиро барои рушду инкишофи

минбаъдаи ҳамкориҳо гузошта, дигар марҳилаҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ (тағйирёбӣ ва қатъшавии муносибатҳо) аз ин марҳила вобастагии зич доранд.

Агар дар ин марҳила шарту шароити муносибатҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҷонибҳо ва дигар масъалаҳои муҳим ба таври назаррас омодаву таҳия ва ҳамоҳанг нашуда бошанд, пас ин ҳолат таъсири манфии худро ба ду марҳилаи боқимонда гузошта, ин ҳолат метавонад ҳатто ба ташаккул ва рушди минбаъдаи муносибатҳо хотима бахшад. Бинобар ин аз марҳилаи якум, яъне асосҳои бавуҷудоии муносибатҳо рушди минбаъдаи ҳамкориҳо вобастагии зич дорад.

Марҳилаи якуми муносибатҳои ҷамъиятӣ, яъне асосҳои бавуҷудоии муносибатҳо дар асоси принсипи озодии шартнома, ки ифодаи расмии худро дар моддаи 3 КГҶТ ёфтааст, сарчашма мегирад. Мазмуни принсипи мазкур бошад, ифодаи расмии худро дар моддаи 453 КГҶТ ёфтааст, ки тибқи он шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ дар бастани шартнома мустақил мебошанд. Гузашта аз ин, мазмуни принсипи мазкурро мо метавонем дар меъёрҳои дигари қонунгузории граждани̇ барьало мушоҳида намоем. Масалан, мазмуни меъёрҳои боби 28 КГҶТ, ки тағйир ва бекор кардани шартномаро муқаррар кардааст. Ақидае вуҷуд дорад, ки тибқи он зинаҳои муносибатҳои ҳуқуқиро ҳамчун модели назарияи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳисоб намудан зарур аст [2]. Яке аз муҳаққиқони рус А.П. Дудин диалектикаи муносибатҳои ҳуқуқиро чунин муқаррар карда, қайд кардааст, ки “муносибатҳои ҳуқуқӣ ин ҷараёне мебошад, ки ҳар як ҷузъи таркибии он бо дигар ҷузъҳои таркибӣ дар алоқамандии зич қарор дорад ва ин алоқамандӣ, дар маҷмуъ, мунсибатҳои ҳуқуқиро ташкил медиҳанд” [5].

Асосҳои ба миён омадани муносибатҳои ҳуқуқиро муҳаққиқон гуногун ифода намудаанд. Мутобиқи моддаи 8 КГҶТ, яке аз асосҳои ба миён омадани ҳуқуқу уҳдадориҳои гражданӣ аз шартномаҳо ва аҳдҳое, ки хилофи қонунгузорӣ намебошанд, сарчашма гирифта, амал мекунанд. Албатта, ҳама гуна аҳдҳо ва муносибатҳои шартномавие, ки хилофи қонунгузорӣ намебошанд ва аз рӯйи мавзуи онҳо ҷонибҳо ба созиш омадаанд, метавонанд ҳамчун сарчашмаи пайдо шудани муносибатҳои ҳуқуқӣ гарданд. Гузашта аз ин, тибқи назарияи пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқӣ, фактҳои ҳуқуқӣ яке аз асосҳои ба миён омадани муносибатҳои ҳуқуқӣ низ шуда метавонанд. Фактҳои ҳуқуқӣ ин ҳолатҳои воқеии ҳаётӣ мебошанд, ки ба онҳо меъёрҳои ҳуқуқ пайдоиш, тағйир ва қатъи муносибатҳои ҳуқуқиро вобаста мекунанд [12]. Фактҳои ҳуқуқӣ дорои хусусиятҳои ба худ хос буда, аз як тараф, ҳолати ҳаётӣ буда, аз тарафи дигар, дар меъёрҳои ҳуқуқ ба онҳо ишора карда мешавад.

Фактҳои ҳуқуқӣ дар иртибот бо иродаи инсон ба ҳодиса ва амал ҷудо мешавад: ҳодиса ин факти ҳуқуқие мебошад, ки новобаста аз иродаи инсон пайдо мешавад (вафоти инсон, ҳодисаҳои фавқулода, ҳодисаҳои табиӣ ва ғ); амал ин факти ҳуқуқие мебошад, ки ба иродаи инсон вобаста буда, пайдо мешавад. Оқибатҳои ин муносибатҳои ҳуқуқӣ байни иштирокчиён заминаро барои ба вуҷуд овардан, тағйир додан ё қатъ гардонидани муносибатҳо бунёд месозад. Масалан, бастани ақди никоҳ, шартномаи меҳнатӣ ва ғайра.

Муносибатҳои ҳуқуқӣ, чуноне ки маълум шуд, худ аз худ дар фазои хушку холӣ ба вуҷуд намеоянд. Яке аз сабабу омилҳои дигари ба вуҷуд омадани муносибатҳои ҳуқуқиро моликият ташкил медиҳад.

Аммо ин муносибатҳо дар кадом шакле, ки пайдо шудаанд, бояд ҳатман бо меъёрҳои қонун мавриди танзим қарор дода шаванд. Дар ин хусус О.А. Красавчиков қайд мекунад, ки “дар тамоми муносибатҳои ҳуқуқӣ меъёрҳои қонун дида мешаванд ва он, фактҳои алоҳидаро асоси ҳаракати муносибатҳои ҳуқуқӣ эътироф менамояд” [7]. Ю.И. Гревсов қайд мекунад, ки “ҳеҷ як муносибатҳои ҷамъиятиро берун аз субъектҳои он тасаввур кардан ғайриимкон аст, маҳз субъектҳо бо амали худ ба муносибатҳои ҳуқуқӣ ворид гардида, иштирокчии ин муносибатҳо мегарданд. Танҳо аз ҳамин гуна мавқеъҳо хулоса баровардан мумкин аст, ки чӣ гуна муносибатҳои ҳуқуқӣ пайдо мешаванд” [4].

Меъёрҳои қонун дар он маврид мавқеи худро дар дилхоҳ муносибатҳои ҳуқуқӣ мустаҳкам карда метавонанд, ки дар ин муносибатҳо далелҳо мавҷуд бошанд. Далелҳои ҳаётӣ, ки оқибатҳои ҳуқуқиро дар хусуси ба вуҷуд овардан, тағйир додан ё қатъ шудани муносибатҳои дақиқ асос мегузоранд, далелҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб мераванд [4]. Танҳо аз мавқеъ ва далелҳои асоснок метавонем дарк намоем, ки аз куҷо ва чӣ гуна муносибатҳои ҳуқуқӣ пайдо мешаванд, тағйир мeёбанд ва ё қатъ мегарданд.

С.С. Алексеев, қайд кардааст, ки “далели ҳуқуқӣ ин ифодагари ҳаёти аслӣ дар асоси шакли абстрактии меъёри қонун ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсону ташкилотҳо” мебошад [1]. Гузашта аз ин, қайд кардааст, ки дар бештар маврид оқибатҳои ҳуқуқӣ бунёдгари далелҳо ҳастанд ва маҷмуи далелҳо дар натиҷа таркиби ҳуқуқиро ташкил медиҳанд [1].

Қисми дигари олимону муҳаққиқон асоси ба вуҷуд омадани муносибатҳои ҳуқуқиро дар ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҷонибҳои шартнома медонанд. Мутобиқи моддаи 328 КГҶТ аз рӯйи уҳдадорӣ як шахс (қарздор) бояд ба фоидаи шахси дигар (кредитор) амали муайянеро анҷом диҳад. Масалан, молу мулкашро ба ӯ диҳад, корро иҷро кунад, пул супорад ва ғайра ё аз иҷрои ягон амал худдорӣ намояд. Кредитор бошад, ҳақ дорад аз қарздор иҷрои уҳдадориҳояшро талаб намояд. Уҳдадориҳо бояд ба таври дахлдор мутобиқи шартҳои ӯҳдадорӣ ва талаботи қонун ва дигар санади ҳуқуқӣ иҷро карда шаванд ва ҳангоми набудани чунин шарт ва талабот мутобиқи анъанаҳои муомилоти корӣ ё талаботи муқаррарии пешниҳодгардида анҷом дода шаванд (м. 330 КГҶТ).

Радди яктарафаи иҷрои уҳдадорӣ ва яктарафа тағйир додани шартҳои он, ба ғайр аз ҳолатҳои пешбинӣ намудаи қонун ё шартнома иҷозат дода намешавад. Радди яктарафаи иҷрои уҳдадорӣ, ки ба амал баровардани фаъолияти соҳибкории тарафҳо алоқаманд аст, инчунин яктарафа тағйир додани шартҳои чунин уҳдадорӣ танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи шартнома, агар дар қонун ё моҳияти уҳдадорӣ тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, иҷозат дода мешавад. Олимону муҳаққиқон дар самти тағйирёбии муносибатҳои шартномавӣ фикру андешаҳои гуногун доранд.

Масалан, Е.Е. Миронес тағйирот дар шартномаро амали ихтиёрии шахсони ваколатдор меномад. Ӯ қайд мекунад, ки ин шахсон метавонанд (бевосита ё бавосита) барои дар оянда ё аз лаҳзае, ки шартнома ба имзо расидааст, дар бандҳои муайяни шартнома ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҷонибҳоро дар хусуси ворид намудани тағйирот ё ивази яке аз тарафҳо дар шартнома дарҷ намоянд [9]. Бекор кардан ё тағйир додани шартнома танҳо дар мавриди ба миён омадани уҳдадорӣ пайдо мешавад. Агар маълум карда шавад, ки шартнома ҳоло баста нашудааст ё аз ҷониби мақомотҳои дахлдор беъэтибор дониста шудааст, пас мақомоти салоҳиятдорро зарурият ба миён меояд, ки аз қонеъ гардонидани даъво дар хусуси ворид намудани тағйиру иловаҳо ё бекор кардани шартнома худдорӣ намояд. Зеро дар ин маврид ҷонибҳои шартнома ба муносибатҳое, ки аз мазмуни шартнома ҳосил шудааст ва ҳамчун объекти шартнома маҳсуб меёбад, вуҷуд надорад.

Марҳилаи дуюми муносибатҳои ҳуқуқиро, чуноне ки дар боло қайд карда шуд, тағйирёбии муносибатҳо дар шартнома ташкил медиҳад, ки аҳамияти муҳим дорад. Зеро дар ин марҳила ҷонибҳои шартнома кӯшиш менамоянд, ки аз ҳуқуқу манфиатҳои худ, ки аз мазмуну моҳияти шартнома ҳосил шудааст, истифода намоянд. Асоси тағйирёбии муносибатҳои шартномавӣ гуногун шуда метавонанд, ки қисми зиёди ин ҳолатҳоро қонунгузорӣ аллакай муқаррар кардааст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ба тағйир ёфтани муносибатҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла муносибатҳои ҳуқуқи суғуртавӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда нашудааст, ҳол он ки тағйирёбӣ мисли бавуҷудоӣ ва қатъшавии муносибатҳо яке аз марҳилаҳои муҳим дар рушди муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳисоб меёбад.

Л.А. Бабалян зери мафҳуми шартнома “созиши шахсонеро дар назар дорад, ки ҷиҳати муқарраркунӣ, танзимкунӣ ва қатъшавии муносибатҳо, ки ба таъиноти аслии иҷтимоии ҷомеа таъсир намерасонаду ба таъмини ташкили шаҳрвандон равона шудааст” [2], ба қалам додааст.

С.Ф. Кечекян бошад, фактҳои ҳуқуқиро ҳамчун сабаби ба миён омадан ва тағйир ёфтани муносибатҳои ҳуқуқӣ тавсиф кардааст [6].

Дар муносибатҳои суғуртавӣ бошад иваз шудани фоидагиранда яке аз сабаби тағйир ёфтани шартнома ва муносибатҳое, ки аз мазмуни шартнома ҳосил шудааст, фаҳмида мешавад.

Дар адабиёт ақидаҳое вуҷуд доранд, ки муносибатҳои шартномавиро мо набояд, ҳатман аз ин се марҳила (бавуҷудоӣ, тағйирёбӣ ва қатъшавӣ) иборат шуморем. Зеро қисме аз муносибатҳо ба вуҷуд меоянду қатъ мегарданд, яъне ба марҳилаи тағйирёбӣ намерасанд. Ин ҳолатҳо, ҳатто дар шартномаҳое, ки мазмунан ва ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ ва имзо шудаанд, дида мешаванд.

Вале ба андешаи мо, ин ҳолатҳоро дар муносибатҳои ҳуқуқии суғуртавӣ қайд кардану татбиқ намудан чандон қобили қабул шуморида намешавад, бахусус дар мавриди

рушди муносибатҳои суғуртавӣ дар истифодабарии заминҳои таъиноти кишоварзӣ. Зеро имрӯзҳо яке аз масъалаҳои актуалӣ ин мушкилоти омода намудани шартномаҳои аз лиҳози ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ устувор дар самти суғуртаи замин ва истифодаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба назар мерасад. Агар шартномаҳо ҳамаҷониба омода карда нашаванд, дар дилхоҳ маврид иҷрои бандҳои шартнома аз тарафи яке аз ҷонибҳои шартнома метавонад иҷро карда нашавад. Ин ҳолат таъсири манфии худро на танҳо ба ҷонибҳои шартнома, балки метавонад ба истифодаи самароноки замин, таъмини бехатарии он ва дар маҷмуъ ба иқтисодиёти кишвар оварда расонад.

Бинобар ин, яке аз ҳолатҳое, ки барои расидан ба натиҷаи ниҳоӣ дар муносибатҳои шартномавӣ асос мегузорад, омӯзиши меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва иқтисодиёт ба шумор меравад. Муқаррар кардан лозим аст, ки чӣ гуна тағйиротҳо дар муносибатҳои суғуртавӣ ба миён меоянд, ба мо зарур аст, ки таҳлилҳоро пеш аз бастани шартнома ва оғози муносибатҳои нав омода намоем. Чунин тағйиротҳо метавонанд дар мавриди мавҷудияти муносибатҳои ҳуқуқии ин ё он тағйиротҳо дар мазмуну мундариҷаи объектҳо ё худи субъектҳо ба миён оянд. Ҳатто дар баъзе мавридҳо муносибатҳои ҳуқуқии бавуҷудомада метавонанд тағйир ёбанд. Зарурият ба миён меояд, ки чӣ гуна ин тағйирот метавонад, дар рушди муносибатҳои ҳуқуқӣ баҳогузорӣ карда шаванд.

Чуноне ки Б.Б. Черепахин қайд мекунад, “ҳангоми дар амамлия татбиқ шудани муносибатҳои ҳуқуқӣ, эҳтимолияти тағйиротҳо дар таркиби муносибатҳои субъектҳо ба миён ояд ва хусусиятҳои худро нигоҳ дорад ва фаъолнокии минбаъдаи худро дар таҳрири нав (шакли нав) идома медиҳад” [14].

Агар ҷонибҳои шартнома дар хусуси ворид намудани тағйирот дар бандҳои шартнома ба созиш наоянд, пас дар ин маврид марҳилаи сеюми муносибатҳои ҳуқуқӣ, яъне қатъ ё бекоркунии муносибатҳои шартномавӣ оғоз мегардад. Бекор кардани шартнома, дар ҳолатҳое ки дар қонунгузорӣ муқаррар шудааст ва аз мазмуну моҳияти шартнома бармеояд, ҳосил мешавад. Тибқи КГҶТ, шартнома, пеш аз ҳама, бо созиши тарафҳо тағйир ё бекор карда мешавад, агар дар КГҶТ, қонунҳои дигар ё шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад (м.482 КГҶТ). М.И. Брагинский ва В.В. Витрянский дар яке аз асарҳои худ қайд мекунанд, ки “чуноне ки дар марҳилаи бастани шартнома ҷонибҳои он озод буданд, дар мавриди тағйир додан ва бекор кардани шартнома низ онҳо озод мебошанд” [3]. А.Н. Танага қайд мекунад, ки “ҳангоми ворид намудани тағйрот ва бекор кардани шартнома мо танҳо бояд дар хусуси баробарии ҷонибҳо ҷиҳати ноил шудан ба созишҳо ҳаракат намоем” [13]. Ба андешаи мо, якҷониба худдорӣ кардан аз иҷрои бандҳои шартнома ин бекоркунии шартнома ҳисоб меёбад. О.Н. Садиков “якҷониба бекор кардани шартномаро, ки дар асоси қонунгузорӣ ва созиши шартнома ҳосил шудааст, ҳамчун чораи амали оперативӣ ба ҷониби дигари муносибатҳои шартномавӣ ба қалам додааст” [11].

Умуман, тағйир ва бекоркунии шартнома дар бештар маврид дар натиҷаи риоя накардани уҳдадориҳо аз ҷониби яке аз тарафҳои шартнома ё ҳолатҳое, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст, ба миён меояд.

Аз мазмуни қисми 2 моддаи 482 КГҶТ бармеояд, ки шартнома бо талаби яке аз тарафҳои он, танҳо дар ҳолатҳои зерин аз ҷониби мақомоти судӣ тағйир ё бекор карда мешавад: а) ҳангоми шартномаро ба таври назаррас вайрон кардани тарафи дигар; б) дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи КГҶТ, қонунҳои дигар ё шартнома. Риоя накардани шартнома дар он ифода меёбад, ки ба ҷониби дигари шартнома зиён расидааст ва умеди ӯро аз гирифтани фоидаи зиёде маҳрум сохтааст, ки ӯ ҳангоми бастани шартнома ба даст овардани ин фоидаро дар назар дошт. Ҳангоми яктарафа рад намудани иҷрои пурра ё қисмани шартнома, агар чунин радро қонун ё созишномаи тарафҳо иҷозат диҳад, шартнома мувофиқан бекор ё тағйирдодашуда ба ҳисоб меравад.

Сабабҳое, ки ҷонибҳоро ба ин ҳолат вогузор намудааст, гуногун мебошанд. Вале ҷонибҳо ҳангоми ворид намудани тағйирот ва ё қатъ кардани шартнома бояд ба таври ҳатмӣ хусусиятҳои муҳимми шарномаро ба инобат гиранд. Масалан, дар мавриди зиёд кардани хавфҳои суғуртавӣ, ки уҳдадориҳои базиммагирифташударо суғуртакунанда иҷро карда наметавонад ё номатлуб ба анҷом мерасонад, ки ин ҳолат сабаби воридкунии тағйирот ё қатъкунии шартномаро тақозо мекунад.

Мавриди дигаре, ки ба тағйир додан ва бекор кардани шартнома оварда мерасонад ин ба таври назаррас тағйир ёфтани ҳолат ба шумор меравад. Агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад ва ё аз моҳияти он тартиби дигаре барнаояд, тағйир ёфтани ҳолат, ки тарафҳо ҳангоми бастани шартнома онро ба инобат гирифта буданд, барои тағйир додан ё бекор кардани он асос шуда метавонад. Тағйир ёфтани ҳолат ҳангоме ба таври назаррас эътироф карда мешавад, ки агар тарафҳо чунин тағйир ёфтани ҳолатро оқилона пешбинӣ карда буданд, умуман шартнома намебастанд ё бо он шартҳое ба имзо мерасониданд, ки аз иҷрои он баромада метавонистанд.

Агар тарафҳо ба таври назаррас ба тағйир ёфтани бандҳои шартнома розӣ нашаванд, пас дар ин маврид, мутобиқи қисми 4 моддаи 483 КГҶТ, бекор мекунад ё метавонад тибқи талаби тарафи манфиатдор бо шартҳои зайл онро тағйир диҳад: а) агар дар лаҳзаи бастани шартнома тарафҳо онро ба асос гирифта бошанд, ки чунин тағйир ёфтани ҳолат ба миён намеояд; б) агар ҳолат бо сабабҳое тағйир ёфта бошад, ки тарафи манфиатдор пас аз рух доданаш онро ба ҳадди ғамхорӣ ва эҳтиёткорие, ки аз талаби шартнома ва шарти аҳдҳо бармеоянд бартараф карда наметавонист; в) агар иҷрои шартнома бидуни тағйир додани шарт таносуби ба шартнома мувофиқи манфиати молумулкии байни тарафҳоро то андозае вайрон кунад ва ба тарафи манфиатдор он қадар зиёне расонад, ки аз манфиати калоне, ки ҳақ дошт, ҳангоми бастани шартнома ба он умед бандад, маҳрум шуда метавонист; г) агар аз анъанаҳои аҳдҳои корӣ ё моҳияти шартнома барнаояд, ки таваккали тағйир ёфтани ҳолат ба зиммаи тарафи манфиатдор аст.

Ҳангоми бекор кардани шартнома бинобар ҷиддан тағйир ёфтани ҳолат, суд бо талаби ҳар кадоме аз тарафҳо оқибати бекор кардани шартномаро бо назардошти тақсими одилонаи хароҷоти иҷрои ин шартнома масраф шудааст, муайян мекунад. Бекор кардани шартнома аз сабаби ба таври назаррас тағйир ёфтани ҳолат танҳо бо қарори суд ва дар ҳолатҳои истисно, ҳангоме бекор карда мешавад, ки ба манфиатҳои ҷамъиятӣ мухолиф аст ё ба тарафҳои шартнома зиёни калоне ворид мекунад.

Моддаи 486 КГҶТ як қатор ҳолатҳои тағйир додан ва бекор кардани шартномаро мутобиқи аризаи яке аз тарафҳо муқаррар кардааст: а) агар иҷрои шартнома имконнопазир бошад (моддаи 448 КГҶТ); б) аз ҷониби тарафи дигар вайрон кардани шартҳои пешбининамудаи қонунҳо ё шартнома дар мавриди сифат, муҳлати иҷро ва дигар шартҳо; в) агар тарафи дигар тибқи тартиби муқаррааргардида муфлис эътироф шуда бошад; г) агар санади мақомоти давлатӣ, ки дар асоси он шартнома баста шуда буд, тағйир дода ё бекор карда шуда бошад; ғ) дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонунҳо ё шартнома.

Дар сурати яктарафа тағйир додан ё бекор кардани шартнома як тараф бояд тарафи дигарро на дертар аз як моҳ пешакӣ огоҳ созад. Тазаккур бояд дод, ки ба сифати ташаббускори бекоркунии шартнома мақомотҳои ваколатдори давлатӣ низ баромад карда метавонанд.

Ворид намудани тағйирот ба шартнома ё қатъ гардидани шартнома дар маҷмуъ, чуноне ки дар боло ишора карда шуд, аз ҳисоби хавфҳои суғуртавӣ, ки мазмуни аслии шартномаро ташкил медиҳад, оғоз меёбад. Ҳамин тавр, ба ҳолатҳои суғуртавии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ инҳо дохил мешаванд: а) сӯхтор (сӯхторе, ки назорату танзимаш ғайриимкон аст ва мустақилона аланга гирифта, паҳн мегардад), раъду барқ, таркиши газ, риоя накардани қоидаҳои зидди сӯхтор, риоя накардани нигаҳдории ашёҳои оташангез ва ғ; б) садамаи қубурҳои об, канализатсия, системаи гармидиҳӣ, аз кор мондани шабакаҳои ирригатсионӣ ва насосҳои обтаъминкунӣ; в) ҳолатҳои фавкулода (заминларза, фаромадани ярч, боришоти пайдарпай ва беист, фаромадани сангу шағал, омадани сел, обхезӣ, шамолу тундбод, ҳарорати баланди гармӣ ва ғ; г) садамаҳое, ки оқибатҳои ногуворро ба замин ва қабати ҳосилноки хок расонидааст; ғ) амали ғайриқонунии шахсони сеюм (дуздӣ ё расонидани таъсири манфӣ ба қабати ҳосилноки хок ва замин, заҳролуд кардани қабати ҳосилноки хок, истифода аз тухмиҳои пастсифате, ки ба иқлими минтақа ҷавобгӯй нест ва ғ.

Агар хавфҳои номбурда ҳамчун хавфҳои суғуртавӣ тибқи шартнома ҳисоб ёбанд ва дар ҳолати ба миён омаданашон суғуртакунанда уҳдадор аст, ки сари вақт онҳоро бартараф намояд, ё пардохтҳои суғуртавиро ба анҷом расонад. Дар мавриди бартараф нашудан ё амалӣ нашудани пардохтҳои суғуртавӣ ҷониби дигари шартнома, яъне

суғурташаванда барои бекор кардани шартнома ва қатъ кардани он ҳуқуқ пайдо мекунад. Ҳамзамон, агар суғурташаванда аз марҳилаҳои ба миён омадани ҳолатҳои суғуртавӣ бохабар буда, суғуртакунандаро ба таври хаттӣ огоҳ накарда бошад, дар ин маврид суғуртакунанда ҳуқуқ пайдо мекунад, ки аз пардохтҳои суғуртавӣ саркашӣ намояд. Гузашта аз ин, агар суғурташаванда аз тағйир ёфтани хавфи суғуртавӣ огоҳ буда, суғуртакунандаро огоҳ накунад, пас дар ин маврид суғуртакунанда ҳуқуқ пайдо мекунад, ки аз пардохтҳои суғуртавӣ даст кашад.

Ҳолати дигаре, ки боиси қатъ гардидани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ мегардад, аз байн рафтани хавфи суғуртавӣ мебошад. Хавф ки аз байн рафт, зарурияти суғуртакунӣ низ моҳияти аслии худро гум мекунад. Агар дар ин маврид шартнома ба имзо расонида шуда бошаду хавфи суғуртавӣ аз байн рафта бошад, пас дар ин маврид суғуртакунанда уҳдадор аст, ки фарқияти маблағи боқимондаро ба суғурташаванда пурра баргардонад.

Тазаккур бояд дод, ки танзими муносибатҳои суғуртавӣ дар якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи расмии худро ёфтаанд. Аммо санадҳои меъёрии ҳуқуқии мазкур паҳлуҳои дақиқу нозуки масъалаи мазкурро наметавонанд ба пуррагӣ фаро гиранд. Аз ин лиҳоз қабули санади меъёрии ҳуқуқии махсусро зарур мешуморем. Зеро, агар чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии махсус қабул карда мешуданд, байни суғуртакунандаҳо ва суғурташавандаҳо (хоҷагидорон) ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо муайяну дақиқ мешуд, ҳатто тағйирёбиву қатъшавии муносибатҳои суғуртавӣ дар самти истифодабарии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ифодаи дақиқи худро пайдо мекард. Чуноне ки олимону муҳаққиқон қайд мекунанд, асоси ба вуҷуд омадани муносибатҳои ҳуқуқиро ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳо ташкил медиҳанд [15].

Гузашта аз ин зарур аст, ки дар заминаи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти махсусе, ки фаъолияташ бевосита ба суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ равона шудааст, бунёд ёбад. Ин мақомот муваззаф гардад, ки сиёсати ягонаи суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзиро дар миқёси ҷумҳурӣ амалӣ намояд. Дар дигар кишварҳо чунин мақомотҳо аллакай фаъоляит намуда истодаанд. Аз ҷумла дар сохтори Вазорати кишоварзии Федератсияи Русия Агентии суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ мавҷуд аст, ки сиёсати ягонаи соҳаро мавриди танзим ва назорат қарор медиҳад.

Заминистифодабарандагон дар асоси шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ҳамчун суғурташаванда баромад карда, мақсади ягона ва ниҳоии онҳо ҳифз намудани замин аз ҳама гуна омилҳои манфӣ, аз қабили офтаҳои табиӣ, пешгирии касалиҳои зараррасон, шӯршавӣ ва деградатсияи замин ва дигар омилҳои манфӣ мебошад. Пас аз он ки заминистифодабаранда ба муносибатҳои суғуртавӣ ворид мегардаду мақоми суғурташавандаро соҳиб мегардад, тибқи қонунгузорӣ ва шартномаи суғурта дорои як қатор уҳдадорӣ мегардад, ки иҷроиши саривақтии онҳо аҳамияти калон дорад. Қайд карда мешавад, ки зери мафҳуми уҳдадориҳои субъективӣ мо чораҳои рафтори шахси уҳдадорро дар муносибатҳои ҳуқуқи суғуртавӣ, ки дар қонунгузорӣ ё шартномаи суғурта қайд шудааст, мефаҳмем. Ҳаҷм ва хусусиятҳои уҳдадориҳои муносибатҳои суғуртавӣ аз якчанд омилҳо вобаста мебошанд.

Якум, уҳдадорӣ оид ба иҷро намудани амали муайян. Тибқи талаботи моддаи 1047 КГҶТ суғурташаванда вазифадор аст, ки дар сурати ба ӯ маълум гардидани фаворасии ҳодисаи суғурта, суғуртакунандаро огоҳ намояд. Пас аз ба миён омадани ҳодисаи суғуртавӣ, суғуртакунанда вазифадор аст зарари бамиёномадаро тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ рафъ намояд. Дуюм, меъёри рафторро бояд ҳамчун уҳдадорӣ, яъне худдорӣ намудан аз иҷрои амали муайян қабул намояд.

**Муқарриз: Қурбонов Қ.Ш. - д.и.ҳ., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Алексеев С.С. Государство и право. -М.: Юрид. лит., 1996. -С.99.
2. Бабалян Л.Л. Договор как основание возникновения обязательств между государственными организациями. – Ереван, 1973. -С.61.
3. Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Книга первая: Общие положения. -М., 2000. -434 с.
4. Гревцов Ю.И. Проблемы теории правовых отношений. -Л., 1981. -С.52.
5. Дудин А.П. Диалектика правоотношений. –Саратов, 1983. -112 с.

6. Кечекьян С.Ф. Правоотношения в социалистическом обществе. -М., 1958.
7. Красавчиков ОА. Юридические факты в советском гражданском праве. -М., 1958. -С.27.
8. Қодирзода Д.Б., Собирзода Н.М. Арзёбии иқтисодии рушди хоҷагиҳои қишлоқ дар Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. -№1. -С.22.
9. Миронец Е.Е. Изменение и расторжения договора по гражданскому законодательству РФ: дисс…канд…юрид…наук. –Краснодар, 2002. -С.9.
10. Сабо И. Основы теории права. -М: Прогресс, 1994; Кечекьян С.Ф. Правоотношения в социалистическом обществе. -Т., 1958.
11. Садиков О.Н. Гражданское право России. Общая часть: курс лекций / О.Н. Садиков. -М., 2001. -762 с.
12. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. –Душанбе: Сино, 2018. -785 с.
13. Танага А.И. Принцип свободы договора в гражданском праве России. -СПб, 2003. -С.38.
14. Черепахин Б.Б. Правопреемство по советскому гражданскому праву. -М., 1962. -С.5.
15. Шахов В.В. Поспешай медленно // Финансы. – 1995. -№9; Страхование для вузов. -М.: Страховой полис, ЮНИТИ, 1997. -311 с.

## ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТАИ ЗАМИНҲОИ ТАЪИНОТИ КИШОВАРЗӢ

Дар мақолаи мазкур асосҳои бавуҷудоӣ, тағйирёбӣ ва қатъ гардидани муносибатҳое, ки аз шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ҳосил шудааст, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф ҳангоми таҳлили масъалаи мазкур ба хулосае омадааст, ки ҷонибҳои шартнома пеш аз омода намудани шартнома ба марҳилаи якум, яъне ба асосҳои бавуҷудоии шартнома, бахусус ба шарту шароити муносибатҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҷонибҳо, муҳлати амали шартнома, шартҳои пардохт намудани маблағҳои суғуртавӣ, ҳолатҳое, ки ҳамчун ҳодисаи суғуртавӣ ҳисоб мёбанд, ба таври назаррас омода, таҳия ва ҳамоҳанг нашудани ҳамаи бандҳои шартнома диққати махсус диҳанд. Зеро аз марҳилаи якуми муносибатҳо, ҳамкории минбаъдаи ҷонибҳои шартнома ва мукаммалии он вобастагии калон дорад. Ҳамзамон, муаллиф ҳангоми таҳлили масъалаи мазкур ба хулосае омадааст, ки аз байн рафтани хавф яке аз сабабҳои қатъ гаштани муносибатҳои суғуртавии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ҳисоб мёбад.

**Калидвожаҳо:** қонунгузорӣ, заминҳои таъиноти кишоварзӣ, суғурта, пардохтҳои суғуртавӣ, хавф, шартнома, офатҳои табиӣ, ҳифзи муҳити зист, қабати ҳосилноки хок.

## ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ДОГОВОРА СТРАХОВАНИЯ ЗЕМЕЛЬ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОГО НАЗНАЧЕНИЯ

В данной статье рассматриваются и анализируются основания возникновения и прекрашения отношений, которые возникают из договора страхования земель сельскохозяйственного назначения. При анализе данного вопроса автор пришел к выводу, что стороны договора до подготовке и заключения договора первому этапу отношений должны уделять особое внимание. В частности, условиям правоотношений сторон, правам и обязанностям сторон, срокам действия договора, условиям оплаты, которые рассматриваются как страховой случай, разработке и согласованию всех пунктов договора. Так как от первого этапа взаимоотношений зависит дальнейшее сторудничество сторон договора и его содержание. В то же время автор при анализе данного вопроса пришел к выводам, что одним из оснований расторжения договора страхования земель сельскохозяйственного назначения является устранение риска.

**Ключевые слова:** законодательство, земли сельскохозяйственного назначения, страхование, страховые выплаты, риск, договор, стихийные бедствия, защита окружающей среди, плодороный слой почвы

## LEGAL REGULATION OF THE AGRICULRURAL LAND INSURANCE CONTRACT

This article discusses and analyzes the basis, occurrence and termination of relations that arise from the insurance contract for agricultural land. When analyzing this issue, the authors came to the conclusion that parties to the contract, before preparing and concluding the contract, should pay special attention to the first stage of relations. In practicular, the conditions of legal relegation between the parties, the term of the contract, the terms of payment for which is considered as an insured event, the development and coordination of all clauses of the contract. Since the further cooperation of the parties to the contarct and its content depends on the first stage of the relationship. At the some time, the authors, when analyzing this issue, came to the conclusion that one of the gronds forterminating the insurance contract for agricultural land is to eliminate the risk.

**Keywords:** legislation, agricultural land, insurance,insurance payments, risk, contract, natural disasters, environmental prodaction, fertile soil layer.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Фархудинов Ҷамшед Исроилович*** **-** Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, унвонҷӯ. **Суроға:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. E-mail: **farkhudinzoda-86@mail.ru.** Телефон: **918-69-68-10**

**Сведение об авторе:** ***Фархудинов Джамшед Исроилович*** - Институт философии, политологии и права Национальной академии наук Таджикистана, соискатель. **Адрес:** 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе проспект, Рудаки, 33. E-mail: **farkhudinzoda-86@mail.ru**. Телефон: **918-69-68-10**

**Information about the author:** ***Farkhudinov Jamshed*** **–** Institute of Philosophy, Political Science and Law of the National Academy of Scinces of Tajikistan, Applicant. **Addres:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. E-mail: **farkhudinzoda-86@mail.ru**. Phone: **918-69-68-10**

УДК: 34.17.10

# ТАФТИШИ ҶИНОЯТИ АВБОШӢ

*Ашуралиева М.Д.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ислоҳоти ҳуқуқие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оғози асри 21 гузаронида шуд, барои ташкили механизмҳои боэътимоди мубориза бо зуҳуроти гуногуни зиддиҷамъиятӣ нигаронида шудааст.

Дар айни замон авбошӣ яке аз ҷиноятҳои маъмултарини ҷиноятӣ буда, сеюмин ҷузъи ҷиноятҳои содиршуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Таҳлили омори судӣ дар солҳои охир нишон медиҳад, ки сарфи назар аз паст шудани нишондиҳандаҳои динамикӣ ҳиссаи ҷиноятҳои авбошӣ дар шумораи умумии ҷиноятҳо мунтазам баланд боқӣ мемонад.

Вазъияти зикршуда дар бораи хавфи ҷиддии ин кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок шаҳодат медиҳад.

Кирдорҳои ҷинояткоронаи авбошон торафт хавфноктар шуда, бештар бо латукӯби сахти ҷабрдидагон, тамасхури онҳо, несту нобуд кардани молу мулк мушоҳида мешаванд, ки хусусияти ошкорои харобиовар ва ҳатто вайронкунӣ доранд. Дар айни замон тамоюли баланд шудани дараҷаи хавфи ҷамъиятии авбошии гурӯҳии ҷавонон ба мушоҳида мерасад, ки он бо сатҳи хеле баланди муттаҳидӣ ва муташаккилии ҷинояткорон, ки аксар вақт ҳатто бо низоъҳои сиёсӣ ва байналмилалӣ оварда мерасонад, алоқаманд аст.

Авбошӣ яке аз ҷиноятҳои маъмултаринест, ки тартиботи ҷамъиятиро вайрон мекунад.

Тафтиши категорияи ин ҷиноятҳоро муфаттишони мақомоти таҳқиқ ва тафтишот пеш мебаранд. Хусусияти ошкор ва тафтиши авбошӣ бо тарзи содир шудани ҷиноят ва шахсияти авбошон муайян карда мешавад. Вазифаи муфаттиш ва таҳқиқбаранда аз он иборат аст, ки ҳамаи иштирокчиёни ҷиноятро ошкор намоянд, онҳоро зуд дастгир кунанд, нақши ҳар яки онҳоро муайян кунанд, олоти ҷиноятро пайдо кунанд ва сабабҳои кирдори авбоширо муайян кунанд [1].

Илми ҳуқуқи муосир муносибатҳоро дар ташаккули мафҳуми авбошӣ ба майдаавбошӣ, авбошӣ ва авбошии бадқасдона ҷудо мекунанд.

Майдавбошӣ, яъне вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ, ифодаи беэҳтиромии ошкоро нисбат ба ҷомеа, бо суханони қабеҳ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, таъқиби таҳқиромезонаи шаҳрвандон, инчунин нобуд кардан ё вайрон кардани молу мулки дигарон мебошад.

Авбошии бадқасдона ҳамчун ҷиноятe муайян карда мешавад, ки бо таҳқири истисноӣ, бо муқовимат ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бо истифода аз ашёи ба сифати силоҳ истифодашуда содир шудааст. Авбошӣ, аз ҷумла, метавонад унсурҳои зӯроварии ҷисмонӣ, вандализм, вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ (масалан, ғавғо, рафтори таҳқиромез ба дигарон) дошта бошад [2].

Авбошӣ ҷинояти хеле маъмул буда, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, бештар аз ҷониби ҷавонон, дар ҳолати мастӣ ё нашъамандӣ, нисбати шахсони бегона ва тасодуфӣ содир мешавад.

Авбошӣ бо ангезаи кинаю адовати сиёсӣ, идеологӣ, нажодӣ, миллӣ ва динӣ ва ё кинаю адоват нисбат ба ягон гурӯҳи иҷтимоӣ низ ҷой дорад. Ин ангезаҳо аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфноктарин мебошанд, зеро онҳо аз тарафи гурӯҳҳои таҷовузкор содир мешаванд. Унсурҳои асосии тавсифи судии авбошӣ, ки дар асоси хусумати миллӣ ва нажодӣ ё кинаю адоват содир шудаанд, усули содир намудани ҷиноят, инчунин олоти ҷиноят, вақт ва ҷойи содир кардани он, шахсияти ҷинояткорро дар бар мегиранд.

Сабаби оғози парвандаи ҷиноятӣ дастгир намудани авбош дар ҷойи ҷиноят, арзи ҷабрдидагон ё шаҳрвандоне, ки дар рафъи кирдори авбошӣ иштирок кардаанд, шуда метавонад.

Вазифаи асосии марҳилаи ибтидоии тафтиши авбошӣ ҷамъ кардани маълумот дар бораи характери воқеа мебошад. Барои муайян кардани шахсияти ҷинояткор, аниқ

намудани ҳолатҳои авбошӣ, ошкор намудани ҷабрдидагон ва шоҳидони ҷиноят, ҷустуҷӯ ва ошкор кардани далелҳои таҳқир чораҳо андешида мешаванд.

Яке аз чораҳои таъхирнопазири тафтишотӣ оид ба парвандаҳои ин тоифа боздошти авбош (авбошон) мебошад. Дар аксари мавридҳо авбошон дар ҳолати мастӣ, ба ҳаяҷон омада, метавонанд бо худ силоҳҳои сард ё силоҳи оташфишон дошта бошанд. Аз ин рӯ, амали гурӯҳи оперативӣ бояд ба талаботи бехатарии шахсони гирду атроф ва иштирокчиёни боздошт ҷавобгӯ бошад.

Дарҳол пас аз дастгир кардан кофтукови шахсӣ гузаронида мешавад. Авбошон, чун қоида, олоти ҷиноятро мепартоянд, бинобар ин шумо бояд ҷойи боздошт, роҳи таъқиби ҷинояткорро аз назар гузаронед. Агар гумонбаршуда дар хонаи истиқоматӣ дастгир карда шавад, тавсия дода мешавад, ки биноҳо кофтуков карда шаванд, то асбобҳо ва ашёҳои дар содир кардани авбошӣ истифодашударо пайдо кунанд.

Азназаргузаронии ҷойи ҳодиса бояд фавран пас аз гирифтани хабар дар бораи ҷиноят гузаронида шавад, зеро осорҳоро дар ҷойҳои ҷамъиятӣ нест кардан мумкин аст. Ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса олоти ҷиноят, пораҳои либос, кулоҳҳо, осори хун, пойафзол, ангуштон дар асбобҳои ҷиноят пайдо мешаванд. Муҳити умумӣ, ашёи пароканда, ашёи вайроншуда, тирезаҳои шикаста, витринаҳо, асбобҳои рӯшноидиҳанда ва ғайраро тасвир карда, сурат мегиранд [3].

Ин навъи ҳодисаро метавон дар камераҳои видеоии назорати берунӣ ё дохилӣ, сабти видеоии мошинҳо, камераҳои телефони мобилӣ, видеокамераҳо сабт кард. Ҳолатҳое низ дар амалия вомехӯранд, ки худи ҷинояткорон амалҳои ҷиноии худро бо истифода аз телефонҳои мобилӣ ба навор мегиранд.

Пурсиши ҷабрдидагон ва шоҳидон. Дар вақти пурсиши ҷабрдида чунин нуктаро муайян кардан лозим: оё вай бо гумонбаршуда шинос аст, муносибаташ бо ӯ; ҷой ва вақти ҷиноят; сабабҳое, ки боиси содир кардани кирдори авбошона гардидаанд; шумораи ҷинояткорон; онҳо силоҳи сард ё оташфишон доштанд; ҷабрдида ба авбош муқобилият нишон додааст ё не, агар ин тавр бошад, дар либос ва бадани гумонбаршуда ва дар ҷойи содир кардани ҷиноят чӣ нишона боқӣ монда метавонад; намуди зоҳирии ҳамлагар ва либоси онҳо чӣ гуна буд; нақши ҳар як ҳамлагарон; ба ҷабрдида чӣ гуна зарари ҷисмонӣ ва моддӣ расонда шудааст ва ғайра.

Пурсиши шоҳидон. Шоҳидон метавонанд дар бораи ангезаҳои ҷиноят, нақши иштирокчиёни он гузориш диҳанд. Ба шоҳидон ва шахсоне, ки дар фурӯ нишондани кирдори авбошӣ, дастгир кардани авбош иштирок кардаанд, диққати махсус додан лозим аст. Кормандони таҳқиқ ва тафтиш, ки дар рафъи кирдорҳои авбошӣ иштирок кардаанд, низ метавонанд ба сифати шоҳид бозпурсӣ шаванд. Кормандони муассисаҳои тиббӣ низ метавонанд ба сифати шоҳид дар бораи осеби ҷисмонии расонидашуда, дар бораи дар кадом ҳолат пайдо кардани ҷабрдида маълумот диҳанд. Маълумот дар бораи шахсоне, ки ба марказҳои травматология муроҷиат кардаанд ва ба беморхона бистарӣ шудаанд, имкон медиҳад, ки авбоши гурехта, ки ҷароҳат бардоштааст, муайян карда шавад ё ҷабрдидае, ки ба милитсия муроҷиат накардааст, пайдо шавад.

Дар вақти пурсиши шоҳидон саволҳои зеринро аниқ кардан лозим аст: вақт ва ҷойи содир кардани кирдорҳои авбошӣ; сабаби авбошӣ чӣ буд; нақши ҳар як иштирокчӣ; аломатҳои онҳо; мавҷудияти силоҳ; оё кирдори авбошӣ аз тарафи худи ҷабрдида содир карда шуда бошад; оё шоҳид шахсонеро, ки авбоширо содир кардаанд, муайян карда метавонад, агар зарур бошад, портрети лафзӣ тартиб диҳад ва ғайра. Шаҳодати иштирокчиёни ҳодисаро дар маҳалли ҷиноят санҷидан мумкин аст.

Пурсиши гумонбаршуда фавран пас аз дастгир кардан гузаронида мешаванд, ба истиснои ҳолатҳое, ки ӯ дар ҳолати мастӣ ё маводи мухаддир қарор дорад. Дар пурсишҳои аввалӣ ҳолатҳои боздошти гумонбаршуда ва кирдорҳои содиркардаи ӯ баррасӣ мешавад. Дар вақти пурсиши гумонбаршуда ба ғайр аз саволҳои маъмулӣ бояд ҳолатҳои зерин маълум карда шаванд: муносибат бо ҷабрдидагон, ангезаҳои муноқиша, чӣ гуна асбобу ашё истифода шудааст, гумонбаршуда дар кадом ҳолат буд, ба кирдори худ чӣ гуна баҳо медиҳад. Шахсони гумонбаршуда аксар вақт аз додани нишондод саркашӣ мекунанд, гуноҳро ба гардани ҷабрдида бор мекунанд ва изҳор мекунанд, ки аз сабаби мастӣ чизе дар хотир надоранд. Тактикаи пурсиш вобаста ба мавқеи гумонбаршуда сохта мешавад,

усулҳои тактикии таъсиррасонии равонӣ, боваркунонӣ, пешниҳоди далелҳо, гузоштани саволҳои назоратӣ ва муфассал истифода мешаванд [4].

Тафтишоти минбаъда. Фаъолияти муфаттиш дар ин марҳила ба таҳлил ва арзёбии далелҳои ҷамъшуда, ҷустуҷӯи далелҳои иловагӣ, рафъи зиддиятҳо нигаронида шудааст.

Тактикаи пурсиши айбдоршаванда ба бозпурсии гумонбаршуда монанд аст. Пурсиши айбдоршавандае, ки нишондоди ҳақиқӣ намедиҳад, бояд аз рӯйи қоидаҳои тактикаи пурсиш гузаронида шавад, нишондодҳо муфассал қайд карда шаванд, саволҳои назоратӣ дода, далелҳо пешниҳод карда шаванд.

Омӯзиши пурра ва ҳаматарафаи хислатҳои шахсияти ҷинояткор, портрети психологии ӯ, маълумот дар бораи намуди фаъолият, узвият дар ин ё он ташкилот, ангезаи миллатчигӣ ё динии авбоширо муайян мекунад.

Бо мақсади санҷидани имконияти содир намудани кирдори мушаххас, дидан дар шароити муайян бо айбдоршаванда, ҷабрдида ё шоҳид эксперименти тафтишотӣ гузаронида мешавад.

Сари вақт кофтуков дар ҷойи истиқомати гумонбаршуда натиҷаи мусбат медиҳад. Либоси гумонбаршуда, ки ҳангоми содир кардани ҷиноят дар тан дошт, воситаҳои ҷиноят ва дигар олотҳоеро, ки бевосита дар содир намудани ҷиноят истифода шудаанд, бояд пайдо намуд.

Ҳангоми азназаргузаронӣ ашёҳое ёфтан мумкин аст, ки аз содир намудани ҷиноятҳои дигар (дуздӣ, ғоратгарӣ), аз ҷумла, маҷмуи калидҳо, ломҳо, ниқобҳо, молу мулки тахти ҷустуҷӯ қарордошта, моводи мухаддир, моводи тарканда, аломатҳои миллатгароӣ; либоси ҷинояткорон (ё қисмҳои он)-ро ёфтан мумкин аст, ки намуди хосси намояндагони гурӯҳҳои миллатгаро мебошанд.

Таъин намудани экспертизаҳои судӣ. Дар вақти тафтиши авбошӣ бештар ин навъи экспертизаҳо таъин карда мешаванд: экспертизаи судии тиббӣ, экспертизаи судии трасологӣ, экспертизаи судии баллистикӣ, экспертизаи молшиносӣ ва ғайра.

Экспертизаи судии тиббӣ хусусият ва вазнинии осеби ҷисмонии ба ҷабрдида ё гумонбаршуда расонидашударо муқаррар мекунад. Экспертизаи судию тиббии далелҳои шайъӣ имкон медиҳад, ки мансубияти гурӯҳи хун, мӯйҳои рӯйи либос, пойафзол, кундаи сигор ва асбобҳои ҷинояткор (корд, калтак ва ғайра) муайян карда шавад [5].

Муоинаи трасологӣ ва дактилоскопӣ ҳангоми мавҷуд будани пайҳои ангуштон, пайҳои пой, пойафзол ва ашёҳои партофтаи ҷинояткор гузаронида мешавад. Дараҷаи ҳозираи инкишофи илми криминалистӣ имкон медиҳад, ки моддаҳои гуногун, микрозаррачаҳо, наххои дар либоси гумонбаршуда ва ҷабрдида ёфтшуда аз назар гузаронида шаванд.

Дар асоси сабти видео ва аксҳои гирифташуда метавонад экспертизаи судии портретӣ таъин карда шавад, ки он масъалаи муайян кардани шахсияти шахсони дар сабти видео ва акс тасвиршударо ҳал мекунад.

Ҳангоми содир кардани авбошӣ аз рӯйи далелҳои миллӣ ё динӣ метавон ташхиси забоншиносӣ гузаронд, ки дар он шаклҳои гуфтори лафзӣ ва самти сабту матнҳои ақидаҳои миллатгароӣ ва динӣ баррасӣ карда мешаванд. Мавзуи он аз ҷониби коршинос муайян кардани мундариҷаи матн бо мақсади баҳодиҳии рафтори авбошон, хосиятҳо ва кирдорҳои онҳо, ки дар акт ё варақаи нутқ сабт мешаванд, мебошад [6].

Ҷинояти авбошӣ хусусияти ошкоркунии мураккаб дошта, аз ҷониби мақомотҳои дахлдор, бо усулҳои махсус ошкор карда мешавад. Яке аз ин усулҳо ин истифодаи усулҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷуӣ мебошад.

Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ (минбаъд ФОҶ) яке аз намудҳои фаъолияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Он ошкоро ва ғайриошкоро аз тарафи мақомоти давлатӣ ва ҷузъу томҳои оперативии ваколатдор дар доираи салоҳияти онҳо бо роҳи гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ бо истифодаи қувва, восита ва усулҳои махсус ба мақсади ҳимояи ҳаёт, саломатӣ, моликият, ҳуқуқу озодиҳои шахсият, амнияти ҷамъият ва давлат аз суиқасдҳои ҷиноятӣ амалӣ мегардад.

Аз таърифи додашуда маълум мегардад, ки ҳуқуқи ба ин фаъолият машғул шудан ба доираи маҳдуди мақомоти давлатӣ, ки махсус бо қонун ваколатдор шудаанд, дода мешавад. Муассисаҳои ғайридавлатӣ дорои чунин ҳуқуқҳо нестанд. Ҳарчанд қонунгузор муқаррар кардааст, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ метавонад ошкоро ва

ғайриошкоро амалӣ гардад, хусусияти ғайриошкорои он маъмулист. Шакли ошкорои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ танҳо дар он ҳолатҳое истифода мешавад, ки ҳалли вазифаҳои гузошташуда бо усулҳои ошкоро (кушода) имконпазир бошад.

Дар ҳар як марҳалаи тафтиш маълумоти аҳамияти криминалистӣ дошта, ки дар рафти ФОҶ ворид мегардад, зарурати истеҳсолоти амалҳои мушаххаси тафтиширо талаб мекунад. Дар навбати худ, далелҳои аз тарафи муфаттиш аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ ҷамъоваришуда метавонанд гузаронидани ин ва ё он чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯйиро пешбинӣ намоянд.

Ҳамкорӣ бояд хусусияти мақсаднок дошта бошад. Он шарти ҳатмӣ ва зарурии фаъолияти нисбатан натиҷаноки муфаттиш, коршинос-криминалист ва мақомоти тадқиқи ибтидоӣ (мақомоти тафтиши пешакӣ) оид ба ошкор кардани ҷиноятҳои мушаххас маҳсуб мешавад.

Дастур ва нишондодҳои муфаттиш нисбати мақомоти тадқиқи ибтидоӣ ҳамчун расмӣ ва ҳатмӣ баррасӣ карда мешаванд.

Аломатҳои ҷиноятро ошкор карда, мақомоти тадқиқи ибтидоӣ бояд парвандаи ҷиноятиро оғоз намуда, барои аз даст надодани пайҳои ҷиноят амалҳои таъхирнопазири тафтишӣ (азназаргузаронӣ, кофтуков, боздошт, пурсиши гумонбаршудагон, ҷабрдидагон ва шоҳидон)-ро гузаронад [7].

Аз лаҳзаи қабули парванда ба истеҳсолоти худ муфаттиш барои натиҷаҳо ва муҳлати тафтиш, қонуният ва асоснокии тамоми қарорҳои мурофиавӣ ва тактикии аз рӯйи он қабулшуда ҷавобгарии пурраро ба зимма мегирад. Маҳз ба муфаттиш дар ҳамкорӣ бо мақомоти тадқиқи ибтидоӣ нақши ташкилотчигӣ тааллуқ дорад.

Ҳамкорӣ бояд дар асоси нақша ба роҳ монда шавад. Мақомоти тафтишӣ ва оперативӣ, одатан, кори худро новобаста аз якдигар ба нақша мегиранд. Вале ҳангоми ошкор кардани ҷинояти мушаххас онҳо нақшаи ҳамоҳангшударо коркард мекунанд, ки ба ҳаллу фасли вазифаҳои умумӣ равона шуда, тақсими уҳдадориҳоро дар фаъолияти якҷоя пешбинӣ менамояд.

Аз рӯйи парвандае, ки муфаттиш онро ба истеҳсолоти худ қабул кардааст, шахси гунаҳкор метавонад маълум ё номаълум бошад. Дар ҳолати аввал мақомоти тадқиқи ибтидоӣ барои гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва чорабиниҳои ҷустуҷӯйӣ танҳо бо супориши муфаттиш ҳуқуқ дорад. Дар ҳолати дуюм, вақте ки ҷиноят дар лаҳзаи қабули парванда аз тарафи муфаттиш кушода нашуда монад, қонун мақомоти тадқиқи ибтидоиро барои муқаррар намудани гунаҳкор вазифадор менамояд [7]. Дар баробари ҳатмӣ будани иҷрои дастуру нишондодҳои муфаттиш, мақомоти тафтиши пешакӣ аз рӯйи ин парванда бояд чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯйиро идома дода, дар бораи натиҷаҳои онҳо сари вақт огоҳ намояд. Дар асоси ин муфаттиш барои ҳамоҳангсозии амалҳои мақомоти тадқиқи ибтидоӣ бо амалҳои худ дар мутобиқати нисбатан самаранок имконияти воқеиро ба даст меорад.

Барои ошкор кардани ҷинояти авбошӣ гурӯҳҳои тафтишӣ-оперативӣ (минбаъд ГТО) ташкил карда мешаванд. Принсипҳои асосии ташаккули гурӯҳҳои тафтишӣ-оперативӣ:

1) ташкили саривақтӣ;
2) хусусияти байниидоравии ташкилёбӣ;
3) тақсимоти дақиқ ва нисбатан мақсадноки минтақаҳои корӣ;
4) тафтиши на танҳо парвандаи мушаххас, балки пешгирӣ намудани ҷиноятҳои монанд.

Мувофиқи моддаҳои 169-170 КМҶ ҶТ, муфаттиш гурӯҳро роҳбарӣ карда, ҳамоҳангии умумии кори онро таъмин намуда, стратегия ва тактикаи тафтишро муайян сохта, иҷрои нақшаи умумии тафтиш ва нақшаи инфиродии муфаттишони ба гурӯҳ дохилбударо тартиб ва ҳамоҳанг менамояд. Вай бо таъмини техникӣ ва иттилоотӣ машғул шуда, чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯйиро ҳамоҳанг карда, таъини экспертиза, ревизия ва тафтишро ташкил, ҳуҷҷатҳои асосии тафтиширо тартиб дода, қарорҳои мурофиавӣ қабул намуда, шахсан амалҳои мураккаби тафтиширо пеш мебарад.

Муфаттишони аъзои гурӯҳ ва ваколатдорони оперативӣ барои самтҳои алоҳида ё лаҳзаҳои тафтиш ҷавобгар мебошанд. Дар чунин ҳолат нақшаи хаттии кор барои як рӯз ё якчанд рӯз тартиб дода мешавад. Ин нақша метавонад чӣ ягона ва чӣ алоҳида барои тамоми иҷрокунандагон бошад. Нақшаҳои алоҳида дар ҳолатҳое зарур мебошанд, ки

тафсили (детализатсия) чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ талаб карда мешавад, ки инъикоси он дар нақшаи умумӣ мувофиқи мақсад дониста намешавад.

Роҳбари гурӯҳ, одатан, наметавонад бевосита дар гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ иштирок намуда, андоза ва воситаҳоро муайян кунад, ки ба ҳайати оперативӣ барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда лозим мебошанд. Вай супориши хаттиро ба роҳбари мақомот ё ҷузъу томи дахлдори оперативӣ мефиристад. Супориш аз се фасл иборат мебошад:

1) тавсифи пешгуфтори (фабула)-и парвандаи тафтишшаванда;
2) тавзеҳи маълумотҳои ҳангоми тафтиш гирифташуда;
3) номгӯйи саволҳои мушаххасе, ки ба онҳо бояд бо роҳи оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ ҷавоб гирифтан лозим аст.

Эҳтимоли ҳолатҳое мавҷуд аст, ки дар рафти татбиқи супориши муфаттиш дар бораи кофтуков ба истеҳсолоти бетаъхири амалҳои тафтишӣ, масалан, кофтуков бо мусодираи олоти ҷустуҷӯшавандаи ҷиноят, ки ҷойгиршавии он бо роҳи оперативӣ муқаррар карда шудааст, зарурат ба миён меояд.

Дар марҳалаи аввалини тафтишӣ аз ҳисоби аъзои гурӯҳ зергурӯҳҳои махсусгардонидашуда таъсис дода мешаванд:

1) зергурӯҳи оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ, ки ба кофтуков, ошкор кардан, нигоҳдории объектҳое, ки метавонистанд далелҳои шайъӣ (таъқиби ҷинояткорон «аз рӯйи пайҳои гарм», кофтукови маҳал, камингирӣ (засада), назорат дар маҳалҳои имконпазири фурӯши амволе, ки бо роҳи ҷинояткорона ба даст оварда шудаанд ва ғайра) гарданд;

2) зергурӯҳи оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ оид ба ошкор кардани шарикони ҷиноят, ҷамъоварии маълумотҳо оид ба шахсияти ҷинояткорон ва ғайра;

3) зергурӯҳ оид ба амалисозии азназаргузарониҳо, кофтуковҳо, ҳабси амвол ва дигар амалҳои тафтишӣ;

4) зергурӯҳи таҳлили бастаи ҷамъоваришудаи иттилоот барои таъмини фаъолияти ГТО дар маҷмуъ, омодакунии дархостҳо ва маълумотҳои объективӣ, ки ба формулаи айбдоркунӣ, назорат аз болои коркарди тамоми ҳуҷҷатҳо, тартибдиҳӣ ва коркарди нақшаи корҳо ворид карда мешаванд;

5) зергурӯҳи таъминоти махсус: мутахассисон-криминалистҳо, видеооператорҳо, ашхоси огоҳ, ҳайати шахсии ёрирасон (котибон, ронандагон, кормандон);

6) зергурӯҳи ҳимояи ҷисмонӣ ва зеҳнии аъзои ГОТ, оилаи онҳо, инчунин маводи парванда, истифодаи иттилооти компютерӣ, далелҳои шайъӣ ва ғайра.

Шаклҳои ҳамкорӣ. Дар гурӯҳи тафтишӣ-оперативӣ чи муфаттиш ва чи кормандони оперативӣ ба таври доимӣ бо коршиносон ҳамкорӣ менамоянд. Хусусияти хосси чунин ҳамкорӣ бо сатҳи рушду пешрафти илмӣ-техникӣ, ботаҷрибагии коршинос, ҳолатҳои парвандаи мушаххаси тафтишшаванда ва мавҷуд будани вазъи оперативӣ муайян карда мешавад [8].

Авбошӣ як ҷинояти хеле маъмул боқӣ мемонад. Масъулияти асосии пешгирӣ, ошкор ва тафтиши ин намуди ҷиноят ба зиммаи мақомоти милитсия гузошта шудааст. Самаранокии фош кардани авбошӣ аз самаранокӣ ва сифати чорабиниҳои ибтидоии оперативӣ-ҷустуҷуӣ ва амалиёти тафтишотӣ вобаста аст. Дар пешгирии кирдорҳои авбошӣ, бояд ба боздошти ташаббускорон ва иштирокчиёни авбошӣ фавран пурсуҷӯ кардани ҳамаи шахсони иштирокчии ҳодисаи тафтишшаванда, ошкор ва мусодираи олоти ҷиноятӣ, равшан кардани ангезаҳои аслии содир намудани ҷиноят диққати махсус дода шавад.

Авбошӣ дар байни ҷиноятҳои зидди бехатарии ҷамъиятӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ хеле маъмул аст. Ҳоло авбошон қариб чоряки ҳамаи шахсонеро, ки ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд, ташкил медиҳанд. Аломати нотакрор будани ин ҷиноятро метавон бисёрҷониба будани он донист, зеро он ба бисёр объектҳои аз ҷониби қонун ҳифзшаванда таҷовуз мекунад, аксар вақт ба ҷиноятҳои дигари вазнинтар табдил меёбад, ки ба он сифати махсус медиҳад.

**Муқарриз: Назаров А.Қ.- д.и.ҳ., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**

1. Батюкова В.Е. Признаки основных и квалифицированных составов хулиганства: определение объекта преступного посягательства / В.Е. Батюкова // «Образование и право» 7 июль 2012 г.

2. Борисов С.В. Квалификация массовых беспорядков, хулиганства и преступлений экстремистской направленности:теория и практика / С.В.Борисов, А.П.Дмитренко, В.А.Осипов, Е.А. Русскевич. Отв. ред. д.ю.н., проф. Н.Г. Кадников. -М.: ИД Юриспруденция, 2012 г.
3. Гришанин, П.Ф. Юридическая квалификация хулиганских действий: Лекция / П.Ф. Гришанин. – М.: Научно-исследовательский и редакционно-издательский отдел. – 2015. – 123 с
Часть 8 ст. 57 УКРТ нуждается в редакции: «Имущество, необходимое осужденному и находящимся на его иждивении лицам, в соответствии перечню, предусмотренному в Кодексе исполнения уголовных наказаний Республики Таджикистан, не конфискуется (или не подлежит конфискации)» [3,с.29]. Возникает вопрос, что включает в себя категория «лиц, находящихся на его иждивении»? Разве лицо, осужденное приговором суда и находящееся в тюрьме, может иметь на своем иждивении кого-либо? Это в то время, когда сам осужденный находится на обеспечение жены и детей, и они вынуждены в течение 10 или 20 лет снабжать осужденного провизией и одеждой. Кроме того, фраза «не конфискуется» полностью не отражает роль суда. По нашему мнению, норма должна иметь следующую редакцию:

«Конфискация того имущества, которое необходимо осужденному и находящимся на его иждивении лицам до периода вступления приговора в силу, в соответствии перечня, приведенного в Кодексе исполнения уголовных наказаний Республики Таджикистан, запрещена».Поскольку глагол «запрещено» использован в части 4 статьи 20 Конституции Республики Таджикистан: «Полная конфискация имущества осужденного запрещена» [10,с.109–116].

Для совершенствования законодательства РТ считаем необходимым внести следующие дополнения и изменения:

1. Часть 1 ст.57 УК РТ должна иметь следующую редакцию: «Конфискация имущества – это принудительное и безвозмездное изъятие имущества, накопленного осужденным преступным путем, в пользу государства». Предлагается заменить фразу «ценности» словом «ценные вещи» в пунктах «а», «б» и «в» ч.1 ст.57 УК РТ, ибо слово «ценности» имеет более широкий смысловой оттенок, может использоваться, в силу своей многозначности, как по

отношению к человеку, так и по отношению к его социальному статусу, авторитету, честности, здоровью и т. п., но при этом может не иметь никакой связи с имуществом. Вопреки этому слова «ценные вещи» имеют конкретный смысл, который имеет логическую связь с имуществом и предметом. Следует отметить, что денежные средства, ценные вещи, банковские счета, дивиденды и акции компаний, движимое и недвижимое имущество, которые наряду с финансированием терроризма могут быть использованы или предназначены для поддержки экстремизма, захвата власти, изменения основ конституционного строя и территориальной целостности страны, должны быть подвергнуты конфискации со стороны соответствующих органов. Применение и внесение такой поправки, несомненно, дополняет и регулирует правовую основу пунктов «б», «в» ч.1 ст.57 УК РТ. Кроме того, следует исключить пункт «г» из ч. 1 ст. 57 УК РТ, так как изъятие орудий и средств совершения преступления является не уголовной, а процессуальной мерой.

2. Было бы уместно заменить в ч.5 ст.57 УК РТ термин «возместить ущерб» на «компенсировать ущерб». Слово «компенсация» имеет более понятный смысловой оттенок и чаще используется. Также предлагаем заменить слово «возмещение» в ч.6 ст.57 УК РТ словом «компенсация».

3. Предлагается исключить ч.7 ст.57 УК РТ, ибо данная правовая норма противоречит Конституции РТ. Часть 4 ст.20 УК РТ гласит: «Полная конфискация имущества осужденного запрещается». В случае несоответствия текущих правовых норм и положений, в том числе УК РТ, положениям Конституции РТ, приоритетным правом обладает Конституция РТ.

4. Изложить ч.8 ст.57 УК РТ в следующей формулировке: «Конфискация имущества, необходимого для осужденного, а также лиц, находящихся у него на иждивении в период вынесения судебного приговора, согласно перечню, предусмотренному уголовно-исполнительным законодательством РТ, запрещается». В ч.4. ст.20 Конституции РТ использован глагол «запрещать»: «Полная конфискация имущества, принадлежащего осужденному, запрещается». Следует отметить, что термины, свойственные законодательной сфере, должны иметь единую форму употребления, ибо отсутствие в употреблении единой лексической формы создаёт определенные трудности при дефиниции законодательных и правовых текстов.

Таким образом, следует заключить, что уголовное законодательство Российской Федерации и Республики Таджикистан в части регламентации института конфискации имущества нуждается в совершенствовании.

**Рецензент: Муминзода Н.И. – к.ю.н., доцент ТНУ**

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Веселов, Е.Г. Системные свойства конфискации имущества в уголовном праве / Е.Г. Веселов // Актуальные проблемы Российского права. – 2008. – № 1. – С. 227–233.
2. Дворецкий, М.Ю. Направления законодательного совершенствования конфискации имущества как оптимального вида уголовной ответственности в качестве эффективного противодействия отечественной и транснациональной организованной преступности, и коррупции / М. Ю. Дворецкий // Весник ТГУ. –2009.–№ 2 (70).–С. 213–216.
3. Зокирзода, З.Х. Конфискация имущества как вид уголовного наказания: автореф. дис. ...канд. юрид. наук: 12.00.08. – Душанбе, 2020. – 29 с. (на тадж. яз.).
4. Зокирзода, З.Х. Конфискация имущества как вид уголовного наказания [Текст]: дис. ...канд. юрид. наук: 12.00.08. – Душанбе, 2020. – 176 с. (на тадж. яз.).
5. Зокирзода, З.Х. Проблемы регулирования уголовного законодательства о конфискации имущества в Республике Таджикистан. Монография. Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Т.Ш. Шарипова. – Душанбе, 2021. – 196 с. (на тадж. яз.).
6. Кодекс Российской Федерации об административных правонарушениях от 30 декабря 2001 г. № 195-ФЗ // Собрание законодательства Российской Федерации. -2002 г. -№1. -Ст. 1.
7. Концепция правовой политики Республики Таджикистан на 2018-2028 годы утверждена указом президента РТ от 6 февраля 2018 года, № 1005 // Централизованный банк правовой информации РТ «Адлия». Версия 7.0. [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: http://www.adlia.tj(дата обращения: 11.02.2021).
8. Коробеев, А.И. Конфискация имущества (§8 гл.26) // Полный курс уголовного права: В 5 т. Под ред. д-ра юрид. наук, проф. А.И. Коробеева. Т.1: Преступление и наказание. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2008. – С. 1119.
9. Незнамова, З.А. Конфискация имущества (гл. 22) // Уголовное право. Общая часть. Отв. ред. И.Я. Козаченко. – М.: Норма: ИНФРА-М. 2013. – С. 581–582.

10. Носиров, Д.К. О вопросе конфискации имущества в Конституции и Уголовном кодексе Республики Таджикистан / Д.К. Носиров, З.Х. Зокиров // Законодателъство (научный журнал).– 2019. – № 1 (33). – С. 109–116 (на тадж. яз.).
11. Постановление Пленума Верховного Суда РФ от 18 октября 2012 г. № 21 «О применении судами законодательства об ответственности за нарушения в области охраны окружающей среды и природопользования»// Бюллетень Верховного Суда Российской Федерации, декабрь 2012 г. №12.
12. Рарог, А.И. Институт конфискации имущества нуждается в совершенствовании // Институт конфискации имущества в законодательстве государств-членов Совета Европы и в российском законодательстве: материалы Международного семинара / А.И. Рарог // отв. ред. С. В. Землюков. Барнаул: Изд-во Алт. ун-та, 2008. – С. 57.
13. Степашин, В.М. Проблемы назначения мер уголовно-правового характера (гл. 10) // Проблемы назначения наказания / Т. В. Непомнящая, В. М. Степашин. – М.: ФОРУМ, 2014. –С. 474–475.
14. Уголовно-процессуальный кодекс Российской Федерации от 18 декабря 2001 г. № 174-ФЗ // Собрание законодательства Российской Федерации. -2001 г. -№52. -Ст. 4921.
15. Уголовный кодекс Российской Федерации от 13 июня 1996 г. № 63-ФЗ // Собрание законодательства Российской Федерации. 1996 г. №25. Ст. 2954.

## ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ВА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА МУСОДИРАИ МОЛУ МУЛК

Дар мақолаи мазкур дар бораи такмили қонунгузории ҷиноятии Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мусодираи молу мулк сухан меравад. Ба андешаи муаллифон, бо ин равиш (он дар шакли боз ҳам номукаммалтар дар Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад), комилан норавшан аст, ки худи ҷазо аз чӣ иборат аст, зеро мусодираи арзишҳои ғайриқонунӣ бадастомада чизе беш аз татбиқи институти даъвои граждании дар мурофиаи ҷиноятӣ нест. Аз ин рӯ, муаллифон қайд менамоянд, ки дар шароити пешгирии густариши иқтисодӣ ва фасод дар Тоҷикистон ва Россия, баргардонидани мусодираи пурра ва қисмани молу мулк, новобаста аз сарчашмаҳои исботшудаи ба даст овардани он, мувофиқи мақсад аст. Мусодира наметавонад чораи ҷуброни зарари моддие гардад, ки айбдоршаванда ба ҷабрдида расонидааст. Барқарорсозии зарари моддӣ дар ҳолати баргардонидани молу мулк ба ҷабрдида сурат мегирад, асос ва тартиби онро қонунгузории граждани ба танзим медароранд. Муаллифон пешниҳод менамоянд, ки дар бандҳои «а», «б» ва «в», қ. 1, м. 57 КҶ ҶТ ибораи «арзишҳо» ба «чизҳои қиматбаҳо» иваз карда шавад. Зеро арзишҳо маънои васеъ дошта, ҳаёти инсон, қадру қимат, номус, саломатӣ ва ғайраро ифода менамояд ва ҳеҷ иртибот ба молу мулк надорад. «Чизҳои қиматбаҳо» бошад, маънои мушаххас дорад ва ба молу мулк рабт дорад. Мавриди зикр аст, ки маблағҳои пулӣ, чизҳои қиматбаҳо, суратҳисобҳои бонкӣ, саҳмияҳои ширкатҳо, амволи манқул ва ғайриманқул ва дигар молу мулке, ки барои маблағгузории на танҳо терроризм, балки барои экстремизм, ғасби ҳокимият, тағйир додани асосҳои сохтори конститутсионӣ, тамомияти марзӣ истифода мешаванд ё пешбинӣ шудаанд, мавриди мусодира бояд қарор дода шаванд.

**Калидвожаҳо:** ҷазо, мусодираи молу мулк, терроризм, экстремизм, инсон, ҳуқуқ, давлат, ғасби ҳокимият, маҳкумшуда, моликият.

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ УГОЛОВНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ И РЕСПУБЛИКИТАДЖИКИСТАН О КОНФИСКАЦИИ ИМУЩЕСТВА

В статье рассматривается возможность совершенствования уголовного законодательства Российской Федерации и Республики Таджикистан о конфискации имущества. По мнению авторов, при таком подходе (он реализован еще в более противоречивом виде в УК РФ и УК РТ) совершенно неясно, в чем же заключается само наказание, ибо изъятие неправомерно приобретенных ценностей есть не что иное, как реализация института гражданского иска в уголовном процессе. Поэтому авторы предлагают в условиях разгула экономического хищничества и коррупции в Таджикистане и России вернуть полную и частичную конфискацию имущества вне зависимости от доказанности источников его приобретения. Конфискация не может стать мерой возмещения материального ущерба, нанесенного содеянным преступлением потерпевшему. Восстановление материального ущерба происходит в режиме возвращения потерпевшему имущества (реституция), основания и порядок которого регулируется гражданским законодательством.Авторы предлагают заменить фразу «ценности» словом «ценные вещи» в пунктах «а», «б» и «в» ч.1 ст.57 УК РТ, т.к. слово «ценности» имеет более широкий смысловой оттенок, может использоваться, в силу своей многозначности, как по отношению к человеку, так и по отношению к его социальному статусу, авторитету, честности, здоровью и т. п., но при этом может не иметь никакой связи с имуществом. Вопреки этому слова «ценные вещи» имеют конкретный смысл, который имеет логическую связь с имуществом и предметом. Следует отметить, что денежные средства, ценные вещи, банковские счета, дивиденды и акции компаний, движимое и недвижимое имущество, которые наряду с финансированием терроризма могут быть использованы или предназначены для поддержки экстремизма, захвата власти, изменения основ конституционного строя и территориальной целостности страны, должны быть подвергнуты конфискации со стороны соответствующих органов.

**Ключевые слова**: наказание, конфискация имущества, терроризм, экстремизм, человек, права, государство, узурпация власти, осужденный, имущество.

**IMPROVEMENT OF THE CRIMINAL LEGISLATION OF THE RUSSIAN FEDERATION AND THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN ON CONFISCATION OF PROPERTY**

The article discusses the improvement of the criminal legislation of the Russian Federation and the Republic of Tajikistan on the confiscation of property.According to the authors, with this approach (it is implemented even in a more flawed form in the Criminal Code of the Russian Federation and the Criminal Code of the Republic of Tajikistan), it is completely unclear what the punishment itself is, because the seizure of illegally acquired valuables is nothing more than the implementation of the institution of a civil claim in the criminal process.Therefore, the authors suggest, in the conditions of rampant economic predation and corruption in Tajikistan and Russia, it is advisable to return the full and partial confiscation of property, regardless of the proven sources of its acquisition. Confiscation cannot become a measure of compensation for material damage caused by the crime committed by the accused to the victim. The restoration of material damage occurs in the mode of returning property to the victim (restitution), its basis and procedure are regulated by civil law.The authors propose to replace the phrase “values” with the word “valuable things” in paragraphs “a”, “b” and “c” of part 1 of article 57 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan, since the word “values” has a wider semantic connotation, can be used, due to its ambiguity, both in relation to a person and in relation to his social status, authority, honesty, health, etc., but at the same time may not have no connection to the property. Despite this, the words "valuable things" have a specific meaning that has a logical connection with property and an object.It should be noted that funds, valuables, bank accounts, dividends and shares of companies, movable and immovable property, which, along with the financing of terrorism, can be used or intended to support extremism, seize power, change the foundations of the constitutional order and the territorial integrity of the country, must be subject to confiscation by the relevant authorities.

**Keywords:** punishment, confiscation of property, terrorism, extremism, person, rights, state, usurpation of power, convict, property.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Мелюханова Евгения Евгеневна*** – Донишгоши давлатии ҳуқуқшиносии Урал, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ. Суроға: 620137, Федератсияи Россия, ш. Екатеринбург, к. Комсомол, 21. Телефон: **(+7) 961-775-55-29**. E-mail: **melyukhanova@list.ru**
***Зокирзода Зафар Хайрулло*** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва методикаи таълими он. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Ғарм, кӯчаи. Э.Муҳиддин, 63. Телефон**: (+992) 918-53-59-14**. E-mail: **zafar.khayrullozoda@mail.ru**

**Сведение об авторах:** ***Мелюханова Евгения Евгеньевна*** – Уральский государственный юридический университет, кандидат юридических наук, доцент кафедры уголовного права. **Адрес:** 620137, Россия. Екатеринбург, ул. Комсомольская, 21 Телефон**: (+7) 961-775-55-29.** E-mail: **melyukhanova@list.ru**
***Зокирзода Зафар Хайрулло*** – Педагогический институт Таджикистана в Раштском районе, кандидат юридических наук, доцент кафедры права и методики его преподавания. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддина 63, Телефон: **(+992) 918-53-59-14**. E-mail: **zafar.khayrullozoda@mail.ru**

**Information about authors:** ***Melyukhanova Evgenia Evgenievna*** – Ural State Law University, PhD in Law, Associate Professor of the Department of Criminal Law. Address: 620137, Russia. Yekaterinburg, st. Komsomolskaya, 21 Phone**: (+7) 961-775-55-29.** E-mail: **melyukhanova@list.ru**
***Zokirzoda Zafar Khairullo*** - Pedagogical Institute of Tajikistan in Rasht region, candidate of legal sciences, associate professor of the department of law and methods of teaching it. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin-63, Phone: **(+992) 918-53-59-14**. E-mail**: zafar.khayrullozoda@mail.ru**

УДК: 321.007

# СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ КАДРҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МУШКИЛОТ, МОНЕАҲО ВА ПЕШОМАДИ ИНКИШОФИ ОН

*Нуриддин П.Р.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Барои баланд бардоштани самаранокии идораи сиёсии ҷомеа ва давлат бояд фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад. Барои ин бояд баъзе вазифаҳои муҳимми стратегиро ҳал кард:

–бояд чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва сиёсии маъмурӣ таҳия ва қабул шаванд, ки тавонанд кадрҳоро ба таҳкими ҳокимияти нав ва низоми ташаккулёфтаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳидоят намоянд;

–ба элитаи ҳукмрон ҷалб кардани кадрҳое, ки бо нишондоди субъектҳои ҳокимият ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии идораи ҷомеа фаъолият намоянд;

–тағйир додани воситаи тайёр кардани кадрҳо ҷиҳати мутобиқат намудани онҳо бо воқеияти нав ва талаботи фаъолияти хизматчиёни давлатӣ;

–баланд бардоштани нақши низоми ҷалби кадрҳои идоракунанда ба воситаи ҷорисозии низоми кушодаи воридкунии идораи давлатӣ.

Усулҳои нави созмондиҳии идораи давлатӣ, зарурати тарҳрезии сиёсати нави давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро собит менамояд.

Дар марҳалаҳои такмили сиёсати давлатии кадрҳо иҷрои вазифаҳои зерин муҳимманд:

–ҳамоҳангии манфиатҳои сиёсии гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа, ки дар талаботи онҳо нисбат ба иштирокчиёни сиёсати давлатии кадрҳо ифода меёбад;

–тақсими мақомҳои сиёсӣ (интихоби сиёсии номзадҳо, ки сифатҳои зарурии касбӣ, сиёсӣ ва шахсӣ доранд);

–таҳкими ҳокимияти сиёсӣ дар шакли ворид ва хориҷ намудани кадрҳо ба ҳайати (ва аз ҳайати) элитаи ҳукмрон ба асоси дараҷаи эътимоди шаҳрвандон ба онҳо;

–иҷтимоъсозии сиёсии дубораи кадрҳои элитаи сиёсӣ ва маъмурӣ бо роҳи ҳимояи талаботи давлат ва ҷомеа, таъмини ҳатмии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ҳифзи ваҳдати давлат, суботи сохти давлатӣ, самаранокии фаъолияти сиёсии ҷомеа, эҳтиром ба анъанаҳои миллӣ ва фарҳангӣ;

–ҳамкории сиёсии судманд бо роҳи ҷамъоварӣ ва мубодилаи иттилоот дар бораи сифатҳои сиёсӣ, касбӣ ва шахсии намояндагони элитаи сиёсӣ ва маъмурии давлат.

Вазифаи сиёсати давлатии кадрҳо бояд ба афзоиши самаранокии фаъолияти ҳокимияти давлатӣ ва идораи ҷомеаи Тоҷикистон, таҳкими эътимод байни ҳокимият ва шаҳрвандон, таъмини рушди ҷомеа, фаъолияти самараноки шаҳрвандон чун иштирокчиёни идораи иҷтимоӣ ва сиёсӣ мусоидат намояд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёрҳоеро муқаррар менамояд, ки ба шаҳрвадони ҷумҳурӣ ҳуқуқ ва дастрасии баробар ба хидмати давлатиро медиҳад [3,с.11]. Бо тақвияти усулҳои муҳимми конститутсионӣ, дар таърихи Тоҷикистон ниҳоди мустақили ҳуқуқӣ – хизмати давлатӣ ба вуҷуд меояд.

Бояд хотиррасон намуд, ки низоми амалкунандаи ватании хизмати давлатӣ баъд аз шикасти низоми советӣ, яъне дар охири асри XX ташаккул ёфтааст. Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1994) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» (соли 1998) [9] муносибат ба ин мафҳумро хеле тағйир дод, бисёр нуктаҳои муҳимми усулӣ муқаррар шуданд ва дар айни замон, як қисмати дониши пешина доир ба масъалаи мазкур ба назарияи муосири идораи давлатӣ ворид шуд.

Аз мавқеи қонунгузории муосир, хизмати давлатӣ фаъолияти касбии хизматчиёни давлатӣ мебошад, ки ба иҷрои ваколатҳои кадрҳои ишғолкардаи вазифаҳои давлатӣ ва амалисозии салоҳияти мақомоти давлатӣ равона шудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» нахустин таваҷҷуҳи ҷиддии давлат ба ин навъи фаъолияти касбӣ ва яке аз муҳимтарин воситаи мусоидат ба рушди миллӣ буда, чорчӯбаи қонунгузориро барои ташаккули хизмати давлатӣ дар

ҷумҳурӣ муқаррар намуд. Ин қонун ҳудуд байни муносибатҳои меҳнатӣ ва хизматиро муайян намуд, ки ба асоси он имкон пайдо шуд, ки хизматчии давлатӣ аз корманди соҳаи иқтисоди миллӣ ҷудо карда шавад.

Қонуни мазкурро ба инобат гирифта, ба мақсади фаъолияти самараноки хизмати давлатӣ санадҳои зерини асосии меъёрии ҳуқуқӣ қабул шуданд, ки фаъолияти хизматчиёни давлатиро танзим менамоянд:

–муқарраротдар бораи баҳисобгирии собиқаи кории хизмати давлатӣ (соли 1999);

–феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2002);

–муқаррарот дар бораи тартибот ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ;

–муқаррарот дар бораи роҳандозии озмунҳо барои ишғоли мансаби холӣ дар мансаби давлатии хизмати давлатӣ (соли 2004) ва ғайраҳо.

Яқин буд, ки қонун «Дар бораи хизмати давлатӣ» наметавонист тамоми масъалаҳои соҳаи мазкурро ҳамаҷониба танзим намояд, бинобар ин, замина барои қабули қонуни нав ба вуҷуд омад, ки дар соли 2007 қабул шуд ва баъдан, ба асоси он санадҳои асосии меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи тамоми фаъолияти соҳаи хизмати давлатӣ қабул шуданд [10].

Ин қонун аз рӯйи мазмун аз қонуни пешина ба сурати куллӣ фарқ мекунад. Қонун мафҳумҳо ва истилоҳоти асосӣ, усули тақсими хизматчиёни давлатӣ ба маъмурӣ ва сиёсиро муайян менамояд. Он савганди хизматчиёни давлатӣ, феҳристи хизматчиёни давлатӣ, уҳдадориҳои иловагии хизматчии давлатӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Ташкили Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қадами аввалин дар роҳи суръатбахшӣ ба раванди рушди хизмати давлатӣ гардид. Пешбурди минбаъдаи ин раванд ба таҳия ва татбиқи санадҳои асосӣ оид ба такмили хизмати давлатӣ – Консепсия ва Барномаи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон алоқаманд аст, ки ҳадафи онҳо замонасозии хизмати давлатӣ ва баланд бардоштани самаранокии мақомоти мушаххаси давлатӣ мебошад.

Муҳимтарин вазифаи ислоҳоти хизмати давлатӣ тарҳрезӣ ва татбиқи усулҳои муосири идора мебошад, ки бо талаботи иқтисоди бозорӣ мутобиқ буда, асоснокии худро дар амалия дар давлатҳои рушдёфта исбот намудааст. Ислоҳот ба дастрасӣ ба натиҷаи ниҳоӣ равона шуда, ба баҳодиҳии арзиши хизматрасонӣ ба истифодабарандагон, сатҳи рушди муносибатҳои шартномавӣ байни мақомоти давлатӣ асос меёбад.

Дар марҳалаи ислоҳот таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, ки дар онҳо низоми хизмати давлатӣ самаранокии худро исбот намудааст, метавонад фоиданок бошад. Албатта, таъсири хусусиятҳои инкишофи таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ-равонӣ ва дигар омилҳо ба рушди хизмати давлатӣ дар ҳар кишвари ҷаҳонро бояд ба назар гирифт. Дар ин робита барои ташаккули хизмати давлатии муосир бояд таҷрибаи ҷаҳонӣ дақиқан таҳлил карда шавад ва унсурҳои муносиб (дар он ҷое, ки ин ба мақсад мувофиқ аст) гирифта шаванд.

Таҳқиқи таҳияи қонунҳо дар бораи хизмати давлатӣ дар кишварҳое, ки дар ин ҷода ба муваффақиятҳои назаррас ноил шудаанд, нишон медиҳад, ки яке аз шартҳои муҳимтарини танзими ҳуқуқии самаранок шаклбандии аниқи консепсия/намунаи низоми идораи давлатӣ ва хизмати давлатӣ будааст. Консепсия/намунаи мазкур бояд нуктаҳои зеринро дар бар гирад:

–таҳлили равишҳои гуногуни мавҷуд дар ҷаҳон;

–ҳадафҳо, вазифаҳо ва афзалиятҳои давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ;

–асосноккунии интихоби намуна ё мувофиқати онҳо чун ҷавобгӯйи эҳтиёҷоти кишвар ва баназаргирандаи хусусиятҳои он;

–самтҳои асосии рушди низом дар оянда.

Қонун «Дар бораи хизмати давлатӣ» бояд консепсияи қабулшударо инъикос намояд, таҷрибаи таърихию фарҳанги идоракунӣ ва менталитети шаклгирифтаро ба назар гирад. Дар чунин равиш тавозун намудани имкониятҳои намунаи анъанавии хизмати давлатӣ зарур аст.

Низоми пешрафти хизмати давлатӣ ба тақсимбандии кормандон асос ёфтааст. Хизматчиён мутобиқи дараҷаи маълумоти онҳо тақсимбандӣ мешаванд. Хизматчии

давлатӣ дараҷаи худро, ҳатто дар сурати ихтисори вазифа ҳифз мекунад. Барои сатҳи якхелаи тахассус музди меҳнат якхела мебошад.

Музди меҳнат вобаста аз мазмуни кор муқаррар карда мешавад ва аз тахассуси корманд вобаста нест.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»-и соли 2007 давомдиҳандаи сиёсати кадрҳо мебошад, ки дар он метавон тавозуни робитаҳои ҳуқуқии байни иштирокчиёни хизмати давлатиро пайдо кард [10].

Метавон нуқсонҳои Қонуни пешинаро номбар кард:

1) ба талаботи замон ҷавоб намедод;

2) воситаҳои интихоби озмунии номзадон ба хизмати давлатиро пешбинӣ намекард;

3) низоми хизмати давлатӣ дар ҷумҳуриро муайян намекард;

4) масъалаҳои аттестатсия ва баҳодиҳӣ ба фаъолияти хизматчиёни давлатиро танзим намекард;

5) тақсими хизматчиёни давлатӣ ба сиёсӣ ва маъмуриро муайян намекард.

Қонуни нави қабулшуда дар ҳалли масъалаҳое, ки қонуни пешина дар бар нагирифта буд, то андозае мунтазамии мантиқиро дорад. Дар қонуни нав масъалаҳои номбаршуда ҳалли худро ёфтаанд. Ин қонун барои танзими муносибатҳои ҳуқуқии давлатӣ-хизматӣ асосии ҳуқуқӣ гардида, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои амалӣ намудани онҳо қабул шуда, ба чор гурӯҳи асосӣ тақсим мешаванд:

Ба гурӯҳи аввал санадҳои меъёрии ҳуқуқие дохил мешаванд, ки аз рӯйи аҳамияти ҳуқуқии худ аз тарафи парламенти ҷумҳурӣ қабул мешаванд. Ин қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» [11], «Дар бораи хизмати дипломатӣ» [12], «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» [8], «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ» [4], «Дар бораи милитсия» [7], «Дар бораи қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [5], «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[6] ва ғайра мебошанд.

Ба гурӯҳи дуюм санадҳои тасдиқкардаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд. Инҳо «Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ», Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани «Озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ», «Низомномаи намунавӣ дар бораи хадамоти кадрии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Тартиби нигоҳ доштани музди меҳнат, мансаби ишғолнамуда ё мансаби ба он баробар ҳангоми таҳсил ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ» ва ғайра мебошанд.

Ба гурӯҳи сеюм санадҳои меъёрии ҳуқуқии тасдиқкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд. Инҳо қарорҳо «Дар бораи беҳтар намудани шароити манзилии хизматчиёни давлатӣ», «Дар бораи Қоидаҳои додани қарзи бефоиз ба хизматчиёни давлатӣ барои харидан, сохтмони манзил ва беҳтар намудани шароити манзилӣ», «Дар бораи Номгӯйи мансабҳои хизматчиёни граждании (ҳайати техникӣ ва хизматрасони) мақомоти давлатӣ», «Тартиби намунавии ташаккули воҳидҳои сохтории дастгоҳ ва воҳидҳои тобеи мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ», «Дар бораи Таснифоти давлатии касбҳои коргарӣ, вазифаҳои хизматчиён ва дараҷаҳои тарифӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи пардохти хароҷоти сафарҳои хизматии хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ба кишварҳои хориҷӣ, инчунин дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи суғуртаи ҳатмии давлатии хизматчиёни давлатӣ», «Дар бораи шакли намунавии шартномаи (қарордоди) меҳнатии қабул ба хизмати давлатӣ», «Тартиби санҷиши маълумоти пешниҳоднамудаи шаҳрванд ҳангоми таъин намудан ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ», «Дар бораи эъломия оид ба вазъи молумулкӣ» ва ғайра мебошанд.

Гурӯҳи чорум фармону фармоишҳои якҷояи директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад. Ба он «Оид ба тасдиқи Қоидаҳои тартиби ба идоракунии эътимоднок додани ҳиссаи (маҷмуи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчиёни давлатӣ», «Дар бораи тасдиқи Дастурамали тартиби пур кардани Эъломия оид ба андоз аз даромад ва Дастурамали тартиби пур кардани Эъломия оид ба вазъи амволии хизматчии

давлатӣ», «Дар бораи тартиби савганд ёд кардани хизматчии давлатӣ», «Дастурамали талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Қоидаҳои пешбурди Феҳристи хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои пешбурди делои шахсии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои таҳияи дастурамалҳои мансабии хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра дохил мешаванд.

Тавре ки зикр гардид, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амал мекунад, ки муносибатҳои ҳуқуқии давлатӣ-хизматиро танзим менамоянд. Яке аз онҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» мебошад, ки монанди ҳар гуна қонун аз баъзе нуқсонҳо холӣ нест.

Бояд ёдовар шуд, ки дар кишварҳои Ғарб хизматчиёни давлатии сиёсӣ аъзои ҳизби ҳоким/эътилоф мебошанд ва барои таъмини кафолати амалисозии барномаҳо ва супоришҳои ҳизби худ дар сатҳи вазорат/агентии мушаххас ба вазифа таъин карда мешаванд. Хизматчиёни давлатии сиёсӣ то вақте ки мӯҳлати идоракунӣ/ваколати ҳизби онҳо ба охир нарасидааст, ба иҷрои вазифаи худ идома медиҳанд.

*Якум,* дар қонун баъзе масъалаҳои муҳим, масалан, тартиби аз мансаби давлатӣ озод намудани хизматчии давлатӣ аз тарафи роҳбари мақоми давлатӣ ва ҳимояи ӯ дар сурати ғайриқонунӣ озод шудан аз мансаб инъикос наёфтааст. Ба ақидаи мо, соҳаи амали қонуни мазкур ва Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми танзими муносибатҳои меҳнатии хизматчиёни давлатӣ ба ҷудокунии аниқтар эҳтиёҷ доранд.

*Дуюм,* ба мақсад мувофиқ мебуд, ки нуктаҳои алоҳидаи Қонун дар сатҳи санадҳои зерқонун танзим шаванд. Ба таври мисол, масъала дар бораи салоҳияти мақоми хизмати давлатӣ (моддаи 8-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»)-ро метавон дар Низомномаи ин мақом танзим кард.

*Сеюм,* масъалаҳои алоҳидаи калидӣ бояд дар сатҳи Қонун танзим шуда, мазмуни онҳо муфассалтар ошкор шавад. Бо дарназардошти таҷрибаи танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи хизмати давлатӣ, тавсия мешавад, ки дар Қонун масъалаҳои қабул ба хизмати давлатӣ ба асоси озмун, гузаронидани аттестатсия/арзёбии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ; ҳамчунин масъулияти интизомӣ дар сурати ҳуқуқвайронкунӣ аз ҷониби хизматчии давлатӣ, аз кор озод кардани хизматчии давлатӣ ва ҳалли муноқиша дар соҳаи хизмати давлатӣ баррасӣ карда шаванд.

Хуб мешуд, ки шумораи моддаҳои Қонун кам карда шавад. Ин имкон медиҳад, ки масъалаҳои ҷузъӣ ва мушаххас ба воситаи фармонҳо, қарорҳо ва амр танзим шуда, зарурати ҳар дафъа иштирок кардани мақоми қонунгузорӣ дар ҳалли ин масъалаҳо аз байн меравад.

Ба ақидаи мо, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» як навъ талош барои пайванди равишҳо ва намунаҳои гуногуни баъзан бо якдигар зид мебошад. Дар натиҷаи ин, дар Қонуни мазкур нобаробарии қарорҳои ҳуқуқӣ ба мушоҳида мерасад.

Масъалаи бунёдӣ, ки инъикоси ҳатмии худро дар Қонун талаб менамояд, мафҳуми «идораи захираҳои инсонӣ» мебошад. Он васеътар аз мафҳумҳои «кор бо кадрҳо» ва «хизмати кадрӣ» буда, имрӯз ба талаботи хизмати давлатӣ пурратар ҷавоб медиҳад. Ба ақидаи мо, дар Қонун бояд на танҳо фақат мафҳуми мазкур, балки чор категория, ки ба онҳо хизмати намунавии идораи захираҳои инсонӣ асос ёфтааст, ворид карда шаванд:

–интихоб ва болоравии хизматчии давлатии маъмурӣ аз рӯйи зинаҳои хизмат бояд ба хизмати мушаххас ва озмуни кушода асос ёбад;

–низоми арзёбии иҷрои уҳдадориҳои хизматчиёни давлатӣ бояд мунтазам бошад ва воситаҳои робитаи баръакс бо хизматчиёни давлатӣ вориди амал шаванд;

–тартиботи интизомӣ нисбат ба хизматчии давлатӣ бояд ба усулҳои шаффофият асос ёбанд, ҳамзамон, бояд асоси институтсионалӣ барои таъмини ҳимояи хизматчии давлатӣ аз имкони шикоят кардан аз амали ғайриқонунӣ вуҷуд дошта бошад;

–бояд фарҳанги дохилии хизмати давлатӣ, ҳамчунин воситаи ҳавасмандгардонии хизматчиёни давлатӣ ба иҷрои самараноки вазифаҳои худ вуҷуд дошта бошанд.

Яке аз нишондиҳандаҳои низоми муассири хизмати давлатӣ амалисозии усули «баҳодиҳӣ ба асоси хизмати шоиста» гардидааст. Истифодаи он имкон медиҳад, ки ба воситаи қоидаҳои сода ва ба таври яксон тафсиршаванда ва тартиби интихоб ва пешрафти кадрҳо, беҳтарин мутахассисон ба ҳар гуна мансаби давлатии маъмурӣ таъин карда

шаванд. Усули «баҳодиҳӣ ба асоси хизмати шоиста» муқобили низоми ҳимоятгарӣ ва ошнобозӣ мебошад, ки аксар вақт ба идораи захираҳои инсонӣ дар кишварҳое, ки дар марҳалаи гузариш қарор доранд, монеа эҷод мекунанд.

Тамоми кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо усули «баҳодиҳӣ ба асоси хизмати шоиста»–ро ба сифати усули асосӣ дар низоми хизмати давлатии худ эътироф карда, ин дар қонунҳои онҳо инъикос ёфтааст.

Ҳамчунин, дар ҳар як кишвар бояд интихоби усулӣ байни низоми «мутамарказ» ва «ғайримутамарказ»-и идораи захираҳои инсонӣ ва шакли ташкилот/муассисаи масъули фаъолияти амалии ин низом, инчунин назорат барои дар ҳаёт татбиқ намудани меъёрҳои рафтори хизматчиёни давлатӣ ва сиёсатмадорон ҷой дошта бошад.

Идораи захираҳои инсонӣ метавонад соҳаи масъулияти як агентии марказӣ бошад ё ба ҳар як агентӣ/раёсат, ки дар он ҷо хизматчиёни давлатӣ кор мекунанд, вогузор гардад. Дар ҳар ду намуна ҳам ҷанбаҳои мусбат ва ҳам камбудиҳо вуҷуд доранд, аммо дар ҳар гуна интихоб бояд вазифаҳо аниқ ҷудо карда шаванд, бояд муайян карда шавад, ки кӣ масъули тарҳрезии сиёсат дар соҳаи хизмати давлатӣ мебошад (банақшагирӣ, назорат ҳангоми интихоби кормандон, мониторинг ва баҳисобгирӣ, сиёсати музди меҳнат, тайёр кардани хизматчиёни давлатӣ) ва кӣ масъули амалисозии ин вазифаҳо дар амал мебошад. Маъмулан, амалисозии сиёсат бояд кам ё беш ғайримутамарказ бошад. Дар моддаи 8-и Қонуни мазкур ба мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ масъулият барои бисёр ҷанбаҳои идораи хизмати давлатӣ вогузор гардидааст, аммо дар айни замон, вазифаҳои мазкур ба таври аниқ ҷудо карда намешаванд. Мутобиқи Қонун, ба хадамоти кадрӣ асосан «кори коғазӣ» вогузор гардидааст, вале дар айни замон, комилан равшан нест, ки кӣ мушаххасан масъули интихоби номзадон ба хизмати давлатӣ ва арзёбии иҷрои ухдадориҳои мансабӣ мебошад. Маҳз ҳамин масъалаҳо дар амали идораи захираҳои инсонӣ дар авлавият қарор доранд.

Ҳамчунин, бояд ба яке аз усулитарин масъалаи хизмати давлатӣ – тартиби аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ, ки дар моддаи 20-и Қонун пешбинӣ шудааст, таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Маълум нест, ки чаро хизматчиёни давлатие, ки мансаби сиёсии хизмати давлатӣ ва мансаби маъмурии хизмати давлатии категорияи олиро ишғол мекунанд, аз ин тартибот озоданд. Охир, маҳз онҳо масъули асосии қабули қарорҳои усулӣ доир ба истифодаи захираҳои молиявӣ, табиӣ, инсонӣ ва ғайраи давлат мебошанд. Ин қарорҳо амалан барои тамоми табақаҳои ҷомеа пайомади азим доранд. Ба ҳамин сабаб, сатҳи истифодаи малакаи идоракунӣ ва қобилияти самарабахш иҷро кардани ухдадориҳои мансабии маҳз ҳамин категорияи хизматчиёни давлатӣ бояд дар навбати аввал ҳангоми аттестатсия ба назар гирифта шаванд ва зимнан, барои ин метавон усулҳои гуногуни баҳодиҳиро, ки дар кишварҳои рушдёфта бомуваффақият будааст, истифода бурд.

Барои такмили пояи қонунгузории хизмати давлатӣ ба ҳамин моддаи Қонун бояд ислоҳ ворид шуда, масъалаи аттестатсияи хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва маъмурии категорияи олӣ дар он дохил карда шавад.

Бояд қайд кард, ки боз як нуктаи муҳим – масъалаи талаботи тахассусӣ нисбати довталабони мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ мебошад. Дар моддаи 11-и Қонун «Дар бораи хизмати давлатӣ» ба сифати чунин талабот таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи касбӣ бо дарназардошти ихтисос ва категорияи мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ, собиқаи умумӣ ва таҷрибаи кор аз рӯйи ихтисос, собиқаи хизмати давлатӣ ва донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд. Аммо ин феҳрист чунин талаботи муҳим, монанди малакаи идоракунӣ, дониши махсуси мансабӣ, ҳамзамон қобилияти чун давлат фикр кардан, мавқеъ гирифтану амал кардан ва дигар дониши зарурӣ барои кори муваффақонаро дар бар нагирифтааст. Ҳамчунин, бояд таъкид кард, ки талабот ба хизматчии давлатӣ аз кори мушаххасе, ки ӯ иҷро мекунад, вобаста аст ва ин талабот бояд барои гурӯҳ ва сатҳи мушаххас таҳия гарданд. Ғайр аз ин, дар кишварҳое, ки дар марҳалаи таҳаввулот қарор доранд, талаботи тахассусӣ тағйир меёбанд ва бояд ҳам тағйир ёбанд, ҳамзамон бояд воситае таҳия гардад, ки имкон диҳад талаботи тахассусӣ ба хизматчиёни давлатӣ таҷдид ва бозбинӣ шавад.

Хизмати давлатӣ ва сиёсати давлатии кадрҳо на танҳо усулҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро инъикос менамояд, балки усулҳои ахлоқиро низ фаро мегирад. Хизмати давлатӣ одамонро

ба риояи меъёрҳои қабулшудаи ахлоқӣ ҳидоят менамояд. Сифатҳои ахлоқии хизматчиёни давлатӣ, устувории ахлоқии онҳо кафили субот ва эътимоднокии хизмати давлатӣ ва умуман, фаъолияти муваффақонаи сохторҳои давлатӣ мебошад.

Таъкид менамоем, ки ҳадаф, афзалиятҳо ва усулҳои сиёсати кадрҳо ба андозаи зиёд ҷанба ва самти замонасозии сиёсати давлатии кадрҳоро муайян менамояд. Ҷанбаи ахлоқии сиёсати кадрҳо барои ташаккули воҳиди хизмати давлатӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Дар фаъолияти кадрӣ ҳама вақт роҳҳои таъсири шахсӣ ба раванди қабули қарор ҷой дорад, он ба андозаи зиёд субъективӣ мебошад, бинобар ин, ҳангоми созмондиҳии фаъолияти кадрӣ на танҳо омилҳои ҳуқуқӣ, балки омилҳои ахлоқиро низ бояд дар назар гирифт.

Натиҷаи ислоҳоти анҷомёфта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси тағйирёбии талаботи ахлоқӣ нисбат ба хизмати давлатӣ гардид. Имрӯз нисбат ба роҳбарони мақомоти давлатӣ ва тамоми хизматчиёни давлатӣ дар масъалаи рафтори хизматӣ ва сатҳи ахлоқӣ талабот баландтар аст. Дар баҳодиҳӣ ба фаъолияти касбии хизматчиёни давлатӣ чунин сифатҳо, монанди усулият, масъулият барои амали худ, садоқат, хизмат ба нафъи давлат ва ҷомеа, поквиҷдонӣ ва ватанпарастӣ аҳамияти ҳалкунанда доранд.

Ҳамзамон, мувофиқи мақсад мебошад, ки сиёсати давлатии кадрҳо ба асоси лоиқӣ ва истеъдоднокӣ бештар такя кунад ва ҳамзамон фарогир бошад. Лоиқӣ ва истеъдоднокӣ ба маънои маҳз аз рӯйи сазовор будан ва истеъдод доштан ба кор ҷалб шудани хизматчиёни давлатӣ ва инчунин ба раванди идоракунии давлатӣ ҷалб шудани намояндагони тамоми минтақаҳои кишвар мебошад.

Асоси ҳуқуқии хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро Конститутсия, Қонун «Дар бораи хизмати давлатӣ», дигар санадҳои қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти гурӯҳҳои алоҳидаи хизматчиёни давлатӣ ташкил медиҳанд.

Ба мақсади татбиқи муассири иродаи давлатӣ дар ҷомеа хизмати давлатӣ бояд ба заминаи устувори маънавию ахлоқӣ асос ёбад. Талаботи ҷамъиятӣ нисбат ба иҷрокунандагон бо дарназардошти асосҳои сиёсати давлатӣ ташаккул меёбад.

Ҳар гуна ибтикори нек ва хайри мақомоти давлатӣ метавонад бо амали пасти як мансабдори масъул беэътибор шавад. Нуфуз ва эътибори хизматчии давлатӣ дар афкори ҷамъиятӣ барҳақ бо поквиҷдонӣ ва адолати онҳо алоқаманд карда мешавад.

«Кодекси одоби хизматчии давлатӣ» ба ташаккули дараҷаи муайяни ахлоқи хизматчиёни давлатӣ мусоидат мекунад. Дар Британияи Кабир, Ҷумҳурии Франсия ва дигар кишварҳо чунин кодексҳо қабул шудаанд. Кумитаи вазирони Шурои Европа дар иҷлосияи 106 Кумитаи вазирон аз 11 майи соли 2000, Тавсияи №R (2000) 10-и Кумитаи вазирони Шурои Европа «Дар бораи Кодекси рафтор барои хизматчиёни давлатӣ»-ро қабул кард. Дар замима ба санади мазкур «Кодекси намунавии рафтор барои хизматчиёни давлатӣ» нашр гардид. Дар баъзе кишварҳо чунин санад акнун таҳия мегардад. Лоиҳаи «Кодекси ахлоқи хизматчии давлатии Федератсияи Россия», ки аз тарафи гурӯҳи мутахассисони Академияи хизмати давлатии назди Президенти Федератсияи Россия ва Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов таҳия гардид, дар нашрияи Академия аз соли 1997 нашр шуд [2].

Хизматчиёни давлатӣ симои давлат ва миллат мебошанд, бинобар ин, сифатҳои ахлоқии онҳо кафили фаъолияти муваффақонаи давлат мебошад. Дар созмондиҳии хизмати давлатӣ меъёрҳои муқарраршуда дар сатҳи қонунгузорӣ, барои муайян намудани сифате, ки ба ақидаи мо, хизматчии давлатӣ бояд ҳатман дошта бошад, нақши ҳалкунанда доранд.

Талаботи ахлоқӣ нисбат ба хизматчиёни давлатиро, ба ақидаи мо, метавон шартан ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо кард: умумиинсонӣ, рафтори дохилидастгоҳӣ (дохили мақоми давлатӣ) ва меъёри ҳалли ихтилофоти хизматӣ.

Ба меъёрҳои дорои ҷанбаи умумиинсонӣ, ки тамоми ҷиҳатҳои робитаҳои хизматиро танзим менамоянд, воқеъбинӣ, садоқат, хайрхоҳӣ, таҳаммулпазирӣ, назокат, фурӯтанӣ, доштани қобилияти на танҳо гӯш кардан, балки шунидани мусоҳиб дохил мешаванд. Ин меъёрҳо чун эҳтиром ба шахсияти алоҳида зоҳир шуда, дар танзими муносибат байни дастгоҳи давлатӣ ва шаҳрвандон, давлат ва умуман ҷомеа махсусан муҳимманд.

Ба меъёрҳои рафтори дохилидастгоҳӣ (дар муносибатҳои байни хизматчиёни давлатӣ ва дастгоҳи давлатӣ, якчанд хизматчиёни давлатӣ) касбият, муоширатӣ будан,

интизомнокӣ, бодиққат будан, нигоҳ доштани ҳифзи сирри давлатӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Дар қабули қарорҳо ва амалисозии онҳо меъёрҳои ҳалли ихтилофоти хизматӣ – тавони ёфтани созиш ва ғайра кумак мерасонанд. Хизматчии давлатӣ бояд аз баҳодиҳии беинсофона ба кори ӯ, аз муносибати ғайривоқеъбинона аз тарафи роҳбар ва ҳамкорон эмин бошад. Таъмини вазъияти муносиби равонӣ дар кор самти нав дар танзими ҳуқуқии меҳнат мебошад. Қисми ҷудонопазири илми муосири идораи кормандон методикаи беҳбуди фазои равонӣ дар созмондиҳӣ, башарисозии муносибатҳои корӣ, баланд бардоштани фарҳанги муошират дар коллектив мебошад. Ин усулҳои созмондиҳии кор дар кишварҳои рушдёфта дар навтарин қонунҳо, санадҳо ва дастурҳои меъёрӣ дарҷ мегарданд. Дар санадҳои танзимкунандаи фаъолияти хизматчиёни давлатӣ маҷмуи талабот нисбат ба хизматчии давлатӣ муайян карда мешавад.

Вобаста ба ин, қайд намудан зарур аст, ки як қишри идории ҷомеа дар амалияи худ таҳлилҳои касбӣ ва тахассусии мутахассисони воқеӣ ва коршиносонро чандон ба назар намегирад. Ин мушкилот ҳам дар фазои идоракунии иҷтимоию иқтисодӣ, ҳам дар фазои идоракунии сиёсӣ ва ҳам дар фазои таъмини суботу амнияти давлат қобили мушоҳида мебошад. Гоҳо мушоҳида мешавад, ки одитарин кормандони идоравӣ назари худро болотар аз ҳама гуна таҳлилу баррасии коршиносони касбӣ ва ботаҷрибаи соҳавӣ мегузоранд ва гоҳо ба назарҳои илмию таҳлилӣ на танҳо нописандона, балки ҳатто бо диди манфӣ менигаранд. Яъне, гоҳо як таҳлилгар аз сабаби он ки ба соҳаи мо ва ба кори мо «даховлат» кардааст, дар назари мо чун рақиб ва чун мухолиф менамояд. Ин вазъият боис мегардад, ки дар аксари мавридҳо неруи зеҳнӣ ва неруи идории ҷомеа дар пайвастагӣ бо ҳам кор намекунанд ва дар ду фазои ҷудо аз ҳам амал мекунанд.

Вале дар як ҷомеаи донишбунёд бояд таҳқиқу омӯзиш ва таҳлилу баррасии коршиносона пояи аслӣ ва муқаддимаи ҳар як амал ва ҳар як барномаи идорию иҷроӣ бошад. Дар ҷомеаи донишбунёд ҳеҷ як амал ва барнома бе таҳқиқи пешакии илмию таҳлилӣ рӯйи даст гирифта намешавад. Аз ин рӯ, бисёр зарур аст, ки дар назди ниҳодҳои масъули давлатӣ марказҳои ҷиддии таҳлилӣ амал кунанд ва ниҳодҳои идорӣ бо марказҳои илмии берунӣ, донишгоҳу кафедраҳои соҳавӣ ва мутахассисони баландихтисоси соҳавӣ ҳамкории наздик дошта бошанд.

Ба таври мисол, ба ҳамагон маълум аст, ки дар Иёлоти Муттаҳидаи Америка вазорату идораҳои соҳавии давлатӣ собиқаи тулонии ҳамкорӣ бо донишгоҳҳо, марказҳои таҳқиқотӣ, ташхисиву таҳлилӣ («фабрикаи андешаҳо» *(Think Tanks)*, Институти Брукинс (Brookings Institution), РЭНД Корпорэйшн (RAND Corporation), Фонди Карнеги барои сулҳи байналмилалӣ (Carnegie Endowment for International Peace), Шуро оид ба сиёсати хориҷӣ (Council on Foreign Relations) ва Маркази таҳқиқоти стратегӣ ва байналмилалӣ (Center for Strategic and International Studies) ва коршиносони соҳавӣ дошта, бо онҳо қарордодҳои расмии ҳамкорӣ мебанданд. Ҳатто ҳангоми таҳияи консепсияҳои сиёсати хориҷии Иёлоти Муттаҳидаи Америка, тарҳҳои таъмини амнияти миллии Америка, муайян намудани мавқеи ин давлат дар ин ё он буҳрон ё ҳодисаи ҷаҳонӣ ва ғайра аз марказҳои илмӣ ва мутахассисони таҷрибадори соҳа таҳлилҳо дархост шуда, пешниҳодҳои мушаххас ва хулосаҳои таҳлилии онҳо омӯхта ва ба эътибор гирифта мешаванд. Илова бар ин, дар чунин ҷомеаҳои донишбунёд муносибат бо коршиносу мутахассисон хеле муҳтарамона буда, меҳнати онҳо ҳам аз назари маънавӣ ва ҳам аз назари моддӣ бисёр баланд қадрдонӣ мешавад.

Дар чунин муҳит, коршиносон низ худро бахше аз фазои миллӣ, саҳмгузори рушди ҷомеа ва иштирокчии раванди таъмини манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ медонанд. Ин ҳолат барои онҳо ҳам ифтихори бузург ва ҳам масъулияти азимро дорад. Ва тибқи бисёр таҳлилҳо, яке аз розҳои асосии қудрати давлатдории Иёлоти Муттаҳидаи Америка маҳз дар ҳамин пайванди дониши таҳлилӣ ва таҷрибаи идорӣ, пайванди доираҳои илмӣ ва мақомоти сиёсӣ ва дар як самт ҷамъ омадани неруи зеҳнӣ ва неруи идории ҷомеа мебошад.

Вобаста ба ин, феҳристи кишварҳое, ки дорои миқдори зиёди «марказҳои зеҳнӣ» мебошанд [22]:

| Ҷой дар раддабандӣ | Кишвар | Миқдори «марказҳои зеҳнӣ» |
|---|---|---|
| 1. | Иёлоти Муттаҳидаи Америка | 2 203 |
| 2. | Ҷумҳурии Халқии Хитой | 1 413 |
| 3. | Ҷумҳурии Ҳиндустон | 612 |
| 4. | Британияи Кабир | 515 |
| 5. | Кореяи Ҷанубӣ | 412 |
| 6. | Ҷумҳурии Франсия | 275 |
| 7. | Ҷумҳурии Федеративии Германия | 266 |
| 8. | Ҷумҳурии Аргентина | 262 |
| 9. | Ҷумҳурии Федеративии Бразилия | 190 |
| 10. | Ҷумҳурии Сотсиалистии Ветнам | 180 |
| 11. | Ҷумҳурии Италия | 153 |
| 12. | Федератсияи Россия | 143 |
| 13. | Япония | 137 |

Ҳамин тавр, набудани фарҳанги истифода аз таҳлилҳои илмию коршиносӣ, набудани фарҳанги ҳамкории босамар бо коршиносону таҳлилгарон ва дар натиҷа, ҷудо мондани фазои коршиносию таҳлилӣ аз фазои идорию тасмимгирӣ, яке аз масъалаҳои ҷиддии фазои фикрӣ ва сиёсии давлат, ки низ бояд огоҳона пушти сар гардад. Маҳз рафъи ин вазъ имкон медиҳад, ки неруи зеҳнӣ ва неруи идории ҷомеаи мо дар як самт омезиш ёбанд ва дар натиҷа, неруи миллии мо ду ё якчанд баробар афзун гардад [14, с. 53-54].

Муносибати шаҳрвандон нисбат ба баҳодиҳӣ ба кори мақомоти давлатӣ ва идора аксаран бо сифатҳои ахлоқии намояндагони хизмати давлатӣ муайян карда мешавад. Нуқсонҳои мушоҳидашаванда дар рафтор ва фаъолияти хизматчиёнро метавон зимниислоҳи нуқсонҳои таъмини меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ ва дар меъёрҳои қонунгузорӣ дарҷ кардани меъёрҳои ахлоқӣ бартараф кард.

Қонунгузорӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ бояд нуқта дар бораи ҳимояи хизмати давлатӣ аз мудохилаи сиёсӣ ва ғайраро дар бар гирад. Ҳамчунин муҳим аст, ки нуқта дар бораи баланд бардоштани сифати кори хизматчиёни давлатӣ, ки ба онҳо амали Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» эътибор пайдо мекунад, дохил карда шавад. Ба мақсади таъсири мусоид ба шароити мушаххаси қабул ба хизмати давлатӣ, номзадон бояд ба талаботи муайян нисбат ба сатҳи сифат ва маҳсулнокии меҳнати онҳо мутобиқат дошта бошанд.

Ба ин тартиб, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» бояд тавозун байни уҳдадориҳо ва ҳисоботдиҳӣ ба мақомоти давлатӣ ва ҳуқуқи хизматчиёни давлатии таъминкунандаи бутунии касбияти онҳо ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои мансабии худ риоя намояд.

Ба ақидаи мо, Қонун «Дар бораи хизмати давлатӣ» бояд якчанд вазифаҳоро иҷро намояд:

– баланд бардоштани касбияти хизматчиёни давлатӣ барои иҷрои муваффақтари уҳдадориҳои мансабӣ, вогузор намудани сатҳи муайяни мустақилият ба хизматчиёни давлатӣ, ки ваколати ҳокимиятиро ба мақсади пешгирии ҳодисаҳои суиистифода аз мансаб доранд, ҳамчунин рушди меъёрҳои дахлдори ахлоқ дар идораи давлатӣ;

– ба давлат додани имкон ҷиҳати мутобиқ намудани дастгоҳ ба талаботи тағйирёфтаистода, масалан, таҷдиди сохторҳои алоҳидаи давлатӣ, коҳиши хароҷот ё азнавтақсимкунии кадрҳо;

– шаҳрвандон ва гурӯҳи хизматчиёни давлатиро муътақид кардан бар ин ки тавсифномаи асосёфта ба хизмати давлатии касбӣ (дар сурати ҳифзи тавозун байни талаботи босифат ва уҳдадориҳо аз як тараф ва ҳуқуқ ва имтиёзҳо аз ҷониби дигар)-ро қабул намоянд;

–таъмин намудани ҷаззобияти пешрафти мансабӣ аз рӯйи зинаҳои хизмати давлатӣ.

Дар ин росто бояд таъкид намуд, ки вазифаҳои Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вазифаҳои қонунгузорӣ дар бораи хизмати давлатӣ фарқ мекунанд. Кодекси меҳнат мақсади таъмини шароити аз нигоҳи сиёсӣ одилона ва баробар барои тамоми кормандон ва дар айни замон, муайян намудани уҳдадориҳои умумии онҳоро дорад. Яъне, Кодекси меҳнат бояд ба ҳуқуқи расмии кормандон тамаркуз ёбад ва камтар ба талабот нисбат ба сатҳи сифати меҳнат ва алоқамандии корфармоён дар амали

меъёрҳои ҳуқуқӣ равона карда шавад. Барои баррасӣ ва муайян намудани сатҳи сифати фаъолияти корфармоёни хусусӣ бояд дигар нишондиҳандаҳо, масалан, анъанаҳои бахш, рақобати бозорӣ ва саҳми иттифоқи касаба ба назар гирифта шаванд. Масъалаҳои сатҳи фаъолияти хизматчиёни давлатӣ бояд дар санадҳои махсуси меъёрӣ дар бораи хизмати давлатӣ муайян карда шаванд.

